Тақиюддин Набҳонӣ

# НИЗОМИ ИЧТИМОӢ

Нашрияи

Ҳизби-Таҳрир

Китоб соли 1424 ҳиҷрӣ мутобиқи соли 2003 милодӣ аз тарафи муассисаи табъу нашри "Дорулуммат" (сандуқи почтаи муассиса 135190) дар Байрути Лубнон ба забони арабӣ чоп шудааст, ки он чопи чаҳорум ва чопи мўътамад ба ҳисоб меравад.

Тарҷумаи китоб ба забони тоҷикӣ соли 1431 ҳиҷрӣ мутобиқи соли 2010 милодӣ дар асоси чопи мўътамад аз нав таҳия гардид.

# *МУНДАРИЧА*

Оёти ифтитоҳ....4
Муқаддимаи низоми иҷтимоӣ....6
Зан ва мард....16
Таъсири нигоҳ ба алоқаҳои зану мард....23
Танзими алоқаҳои зану мард....30
Ҳаёти хос....39
Воҷибияти аз ҳам ҷудо будани занону мардон дар ҳаёти исломӣ....45
Ба зан назар кардан....49
Пинҳон кардани рӯй ба зани мусулмон воҷиб нест....76
Зан ва мард дар назди таклифҳои шаръӣ....102
Корҳои зан....116
Ҷамоати исломӣ....132
Издивоҷ....147
Занони маҳрам....169
Серзанӣ....177
Издивоҷи Расулуллоҳ (с)....190
Ҳаёти заношӯӣ....205
Азл....215
Талоқ....225
Насаб....239
Лион....243
Валигии падар....248
Кафолати тифл....250
Силаи раҳим....257

بِسۡمِ ٱللَّهِ ٱلرَّحۡمَٰنِ ٱلرَّحِيمِ

يَٰٓأَيُّهَا ٱلنَّاسُ ٱتَّقُواْ رَبَّكُمُ ٱلَّذِي خَلَقَكُم مِّن نَّفۡسٖ
وَٰحِدَةٖ وَخَلَقَ مِنۡهَا زَوۡجَهَا وَبَثَّ مِنۡهُمَا رِجَالٗا كَثِيرٗا
وَنِسَآءٗۚ وَٱتَّقُواْ ٱللَّهَ ٱلَّذِي تَسَآءَلُونَ بِهِۦ وَٱلۡأَرۡحَامَۚ إِنَّ ٱللَّهَ
كَانَ عَلَيۡكُمۡ رَقِيبٗا ١ وَءَاتُواْ ٱلۡيَتَٰمَىٰٓ أَمۡوَٰلَهُمۡۖ وَلَا تَتَبَدَّلُواْ
ٱلۡخَبِيثَ بِٱلطَّيِّبِۖ وَلَا تَأۡكُلُوٓاْ أَمۡوَٰلَهُمۡ إِلَىٰٓ أَمۡوَٰلِكُمۡۚ إِنَّهُۥ
كَانَ حُوبٗا كَبِيرٗا ٢ وَإِنۡ خِفۡتُمۡ أَلَّا تُقۡسِطُواْ فِي ٱلۡيَتَٰمَىٰ
فَٱنكِحُواْ مَا طَابَ لَكُم مِّنَ ٱلنِّسَآءِ مَثۡنَىٰ وَثُلَٰثَ
وَرُبَٰعَۖ فَإِنۡ خِفۡتُمۡ أَلَّا تَعۡدِلُواْ فَوَٰحِدَةً أَوۡ مَا مَلَكَتۡ
أَيۡمَٰنُكُمۡۚ ذَٰلِكَ أَدۡنَىٰٓ أَلَّا تَعُولُواْ ٣ وَءَاتُواْ ٱلنِّسَآءَ صَدُقَٰتِهِنَّ
نِحۡلَةٗۚ فَإِن طِبۡنَ لَكُمۡ عَن شَيۡءٖ مِّنۡهُ نَفۡسٗا فَكُلُوهُ هَنِيٓـٔٗا
مَّرِيٓـٔٗا ٤ وَلَا تُؤۡتُواْ ٱلسُّفَهَآءَ أَمۡوَٰلَكُمُ ٱلَّتِي جَعَلَ ٱللَّهُ
لَكُمۡ قِيَٰمٗا وَٱرۡزُقُوهُمۡ فِيهَا وَٱكۡسُوهُمۡ وَقُولُواْ لَهُمۡ قَوۡلٗا
مَّعۡرُوفٗا ٥ وَٱبۡتَلُواْ ٱلۡيَتَٰمَىٰ حَتَّىٰٓ إِذَا بَلَغُواْ ٱلنِّكَاحَ فَإِنۡ
ءَانَسۡتُم مِّنۡهُمۡ رُشۡدٗا فَٱدۡفَعُوٓاْ إِلَيۡهِمۡ أَمۡوَٰلَهُمۡۖ وَلَا تَأۡكُلُوهَآ
إِسۡرَافٗا وَبِدَارًا أَن يَكۡبَرُواْۚ وَمَن كَانَ غَنِيّٗا فَلۡيَسۡتَعۡفِفۡۖ
وَمَن كَانَ فَقِيرٗا فَلۡيَأۡكُلۡ بِٱلۡمَعۡرُوفِۚ فَإِذَا دَفَعۡتُمۡ
إِلَيۡهِمۡ أَمۡوَٰلَهُمۡ فَأَشۡهِدُواْ عَلَيۡهِمۡۚ وَكَفَىٰ بِٱللَّهِ حَسِيبٗا ٦

**بسـم الله الرحمن الرحيم**

Эй мардум, битарсед аз Парвардигоратон, он, ки шуморо аз як тан биёфарид ва аз он як тан ҳамсари ӯро ва аз он ду мардону занони бисёр падид овард. Ва битарсед аз он Худое, ки бо савганд ба номи Ӯ аз якдигар чизе мехоҳед ва зинҳор аз хешовандон мабуред. Албатта Худо назораткукандаи шумост! Моли ятимонро ба ятимон диҳед ва ҳаромро бо ҳалол иваз накунед. Ва молҳои онҳоро ҳамроҳ бо молҳои хеш махӯред, ки ин гуноҳе бузург аст! Агар шуморо бими он аст, ки дар кори ятимон адолат накунед, аз
занон ҳар чӣ шуморо писанд афтад, ду-ду ва се-се ва чаҳор-чаҳор ба никоҳ, дароваред. Ва агар бими он доред, ки ба адолат рафтор накунед, танҳо як зан бигиред ё ҳар чӣ молики он шавед. Ин роҳе беҳтар аст то ки зулму ситам накунед. Маҳри занонро ба тиби (майли) хотир ба онҳо бидиҳед. Ва агар баъзе аз онро ба ризоят ба шумо бахшиданд, бигиред, ки ҳалолу покизаатон хоҳад буд. Молҳоятонро, ки Худо сабаби зиндагии шумо сохтааст, ба дасти беақлҳо мадиҳед, вале аз он хӯроку либосашон диҳед ва бо онон сухан ба некӣ гӯед. Ятимонро биёзмоед, то он гоҳ, ки ба синни заношӯӣ расанд, пас агар дар онон рушде ёфтед, молҳояшонро ба худашон бисупоред, Ва аз бими он, ки мабодо ба синни рушд расанд, молҳояшонро ба ноҳақ ва шитоб мехӯред. Ҳар кӣ тавонгар аст, бипарҳезад ва ҳар кӣ бенавост, ба он миқдор, ки урф тасдиқ кунад, бихӯрад. Ва чун амволашонро таслимашон кардед, касонеро бар онон ба шоҳидӣ гиред ва Худо барои ҳисоб кардан кофист.

[4:1-6]

# *МУҚАДДИМАИ НИЗОМИ ИҶТИМОӢ*

Бештари мардум бо суханпардозӣ ба ҳама низомҳои ҳаёт ибораи "низоми иҷтимоӣ"-ро истифода мебаранд, ки ин истифодаи хатост, зеро низомҳои ҳаёт аслан низомҳои ҷомеа ба ҳисоб мераванд ва истифодаи ибораи "низомҳои ҷомеа" ба онҳо муносиб аст. Низомҳои ҳаёт алоқаҳои мардумеро, ки дар ҷомеаи муайян умр ба сар мебаранд, чи дар ҳоли ҷамъшавӣ ва чи дар ҳоли алоҳидагӣ ба танзим медароранд. Дар низомҳои ҳаёт на ба ҷамъшавӣ, балки танҳо ба алоқаҳо таваҷҷӯҳ карда мешавад. Бинобар ин, низомҳои ҳаёт аз рӯи теъдод ва гуногунии алоқаҳо сершумор ва мухталиф мебошанд, ки иқтисод, ҳукм, сиёсат, таълим, уқубот, муомилот, баййинот ва ғайраро дар бар мегиранд. Пас истифодаи ибораи "низоми иҷтимоӣ" ба онҳо беасос ва номувофиқ аст. Илова бар ин, калимаи "иҷтимоӣ" сифати низом аст ва ин низом бояд муаммоҳо ё алоқаҳоеро, ки аз ҷамъшавӣ ба вуҷуд меоянд, ба танзим дарорад. Ҷамъшавии мард бо мард ва зан бо зан ба низом мӯҳтоҷ нест, зеро аз ин ҷамъшавӣ муаммоҳо пайдо намешаванд ва алоқаҳое, ки ба низом мӯҳтоҷанд, ба вуҷуд намеоянд. Танҳо танзими манфиатҳо дар байни онҳо ба

низом мўҳтоҷ аст, зеро онҳо, гарчи ҷамъ нашаванд ҳам, дар як кишвар зиндагӣ мекунанд. Аммо аз ҷамъшавии мард бо зан ва зан бо мард муаммоҳо ва алоқаҳое пайдо мешаванд, ки барои танзим ба низоме мўҳтоҷанд. Пас истифодаи иборai "низоми иҷтимоӣ" ба ин ҷамъшавӣ муносиб аст, зеро ин низом дар ҳақиқат ҷамъшавии зану мард ва алоқаҳоеро, ки аз ин ҷамъшавӣ ба вуҷуд меоянд, ба танзим медарорад.

Аз ин рў, низоми иҷтимоӣ ба низоме маҳдуд мешавад, ки танзими ҷамъшавии зан бо мард ва мард бо зан, танзими алоқаи зан бо мард ва мард бо зан, ки на аз манфиатҳои ҳар ду дар ҷомеа, балки танҳо аз ҷамъшавии ҳар ду пайдо мешаванд ва танзими корҳоеро, ки аз ин алоқаҳо сар мезананд, баён мекунад. Пас тиҷорати зан бо мард ва мард бо зан на аз низоми иҷтимоӣ, балки аз низомҳои ҷомеа ба ҳисоб меравад. Зеро ин кор ба низоми иқтисодӣ дохил мешавад. Аммо манъи хилвати зану мард, ё ҳолате, ки зан ба талоқ кардани худ ҳақ дорад, ё ҳолате, ки зан ба маконидани тифл ҳақ дорад – ин ҳама аз низоми иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, таърифи низоми иҷтимоӣ чунин аст: Низоми иҷтимоӣ низомест, ки ҷамъшавии зан бо мард ва мард бо зан, алоқаҳое, ки аз ҷамъшавии ҳар ду дар байни онҳо пайдо мешаванд ва корҳоеро, ки аз ин алоқаҳо сар мезананд, ба танзим медарорад.

Дар ҳақиқат фаҳмиши мардум, хусусан мусулмонон дар бораи низоми иҷтимоӣ дар Ислом басо гуногун ва норавшан гашт. Онҳо бо сабаби дур шудан аз афкору аҳкоми Ислом дар ин фаҳмиш аз ҳақиқати Ислом дур шуданд. Баъзеи онҳо ба саҳлангорӣ роҳ доданд ва пиндоштанд, ки зан ҳақ дорад бо мард ба таври дилхоҳ дар хилват монад ва бе сатри аврат бо либоси дилхоҳ аз хона барояд. Баъзеи дигар ба ифрот роҳ доданд ва пиндоштанд, ки зан мутлақо ҳақ надорад бо

тиҷорат ё зироат шуғл варзад ё бо мардон ҷамъ шавад, тамоми бадан, аз ҷумла рӯй ва кафҳои зан низ аврат мебошад. Бо сабаби ин саҳлангорӣ ва ифрот ахлоқ коҳиш ёфт ва фикрронӣ карахт шуд. Дар натиҷа ҷиҳати иҷтимоӣ халалдор, оилаи исломӣ ноором ва рӯҳияи эътирозу нафрат бар аъзоёни оила ҳукмрон гардид, ки низоъву нифоқ дар байни фардҳои оила афзуд. Ҳисси эҳтиёҷ ба муттаҳид кардани оила ва кафолати саодати оила дили тамоми мусулмононро фаро гирифта, ба ҷустуҷӯи ҳалли ин муаммои хатарнок, ки аксариятро нороҳат месохт, шурӯъ намуданд. Кӯшишҳои мухталиф оғоз ёфтанд, ки якчанд навъи ҳалро пешниҳод карданд. Асарҳое таълиф дода шуданд, ки ҳалли иҷтимоиро баён мекунанд, ба маҳкамаҳои шаръӣ ва қонунҳои интихобот тағйирот даровардa шуд. Бештари мардум кӯшиш ба харҷ доданд, ки ба оилаи худ: занон, хоҳарон ва духтарони худ, раъйҳои худро татбиқ намоянд. Ба низомҳои мадрасаҳо аз ҷиҳати омехтани мардон бо занон тағйирот даровардa шуд. Хуллас, кӯшишҳо дар ҳамин шаклҳо намоён гаштанд. Аммо ҳеҷ кадоми онҳо ба ҳалли муаммо муваффақ нашуд, ба низоме роҳ наёфт ва ягон роҳи ислоҳро, ки ҷустуҷӯ карда мешуд, ёфта натавонист. Зеро моҳияти алоқаи ин ду ҷинс – зану мард ба аксари мусулмонон норавшан буд. Онҳо тариқати ҳамкории ин ду ҷинсро, ки боиси ислоҳи уммат мегардад, намедонистанд. Дар ҳақиқат афкору аҳкоми Исломро, ки ба ҷамъшавии зану мард тааллуқ доранд, тамоман намедонистанд. Бинобар ин, дар бораи чизҳои берун аз тариқати ҳал ба баҳсу мунозира пардохта, аз омӯзиши ҳақиқати ин тариқат дур монданд. Бо сабаби кӯшишҳои мазкур ноорoмӣ ва изтироб дучанд гардид. Дар ҷомеа чоҳи басо чуқур падид омад, ки ба вуҷуди Уммати Ислом бо эътибори уммати дорои хусусиятҳои беҳтарин таҳдид мекард. Ба хонаводаи исломӣ аз даст додани табиати Ислом

ва ба оилаи исломӣ аз даст додани нури афкори Ислом, дур шудан аз эҳтироми аҳкому раъйҳои Ислом таҳдид мекард.

Сабаби ин изтироби фикрӣ ва хато дар фаҳмиш ҳуҷуми харобкоронаи ҳазорати Ғарб бар зидди мо мебошад. Ин ҳазорат бар фикрронӣ ва завқи мо батамом ҳукмрон гашта, пиндорҳои моро дар бораи ҳаёт, миқёсҳои моро дар бораи ашё, қаноатҳои моро, монанди ғайрат ба Ислом ва эҳтирому бузургдошти муқаддасот, ки дар умқи қалби мо ҷой гирифта буд, тағйир дод. Ҳукмронии ҳазорати Ғарб бар мо тамоми соҳаҳои ҳаёт, аз ҷумла ҷиҳати иҷтимоиро низ фаро гирифт.

Зеро ҳазорати Ғарб, вақте ки ба кишварҳои Ислом роҳ ёфт, шаклҳои маданӣ ва тараққиёти моддии худро намоиш дода, аксариятро ба шигифт овард. Мардум кӯшиш намуданд, ки ба ин шаклҳои маданӣ тақлид кунанд ва ин ҳазоратро бипазиранд. Зеро ин шаклҳои маданиро, ки ба пешрафт далолат мекард, аҳли ин ҳазорат ва касоне, ки ба ин ҳазорат фаро мехонданд, ба вуҷуд оварда буданд. Бинобар ин, мардум ба ҳазорати Ғарб тақлид намуданд, вале надонистанд, ки дар байни ҳазорати Ғарб ва шаклҳои маданӣ фарқ вуҷуд дорад, дарк накарданд, ки ин ҳазорат маҷмӯи пиндорҳо дар бораи ҳаёт ва тариқати муайяни зиндагӣ мебошад. Аммо маданият шаклҳои мадании ҳисшаванда аст, ки новобаста ба пиндорҳои ҳаёт ва тариқати зиндагӣ ҳамчун воситаҳо ва асбобҳо дар зиндагӣ истеъмол карда мешавад. Илова бар ин, мардум дарк накарданд, ки ҳазорати Ғарб бар асосе бунёд мегардад, ки аз асоси ҳазорати исломӣ фарқ мекунад ва дар тасвири ҳаёт ва мафҳуми саодат, ки инсон барои ба даст овардани он саъю кӯшиш мекунад, ба ҳазорати исломӣ мухолиф аст. Инчунин надонистанд, ки қабули ҳазорати Ғарб аз тарафи Уммати Ислом имконнопазир аст ва ҳеҷ мумкин нест, ки ҷамоате аз Уммати Ислом дар кишваре ин ҳазоратро

бипазирад ва дар як вақт ҳамчун ҷузъи Уммати Ислом ё ҳамчун ҷамоати исломӣ боқӣ монад.

Дарк накардани ихтилофи ҷавҳарӣ дар байни ҳазорати Ислом ва ҳазорати Ғарб боиси нусхагирӣ ва тақлид гардид. Аксари мусулмонон бе фаҳмишу андеша ба нусхагирии ҳазорати Ғарб пардохтанд. Баъзеи онҳо бо пазируфтани пиндорҳо ва миқёсҳои ҳазорати Ғарб тақлид намуда, дар бораи сабабу натиҷаҳои ин пиндору миқёсҳо андешае накарданд. Дар ҳақиқат мусулмонон диданд, ки дар ҷомеаи Ғарб зан бо мард дар мақом баробар мебошад, ба фарқи зану мард ва натиҷаҳои ин баробарӣ эътибор дода намешавад. Бо дидани он ки шаклҳои маданӣ дар зани ғарбӣ намоён мешавад ва зани ғарбӣ низ шаклҳои маданиро намоиш медиҳад, ба зани ғарбӣ тақлид намуданд ё ба тақлид кардан кӯшиданд. Аммо дарк накарданд, ки ин шаклҳо ба ҳазорати Ғарб, пиндорҳои ин ҳазорат дар бораи ҳаёт ва тасвири ҳаёт дар назди ин ҳазорат мувофиқ аст, вале ба ҳазорати Ислом, пиндорҳои ин ҳазорат дар бораи ҳаёт ва тасвири ҳаёт дар назди ин ҳазорат асло мувофиқ нест. Ба натиҷаҳои шаклҳое, ки дар зани ғарбӣ намоён мешавад ва зани ғарбӣ намоиш медиҳад, ҳеҷ гуна эътибор надоданд. Оре, бо дидани ин гуна ҳолатҳо ба қароре омаданд, ки зани мусулмон низ новобаста ба натиҷаҳо бояд дар ҷомеа ва ҷамъшавӣ бо мард дар як саф истад. Пиндоштанд, ки новобаста ба сар задани муаммоҳо шаклҳои мадании ғарбӣ бояд дар зани мусулмон намоён бошад ва худи зани мусулмон шаклҳои мадании ғарбиро намоиш диҳад. Бинобар ин, ба кафолати озодии шахсии зани мусулмон ва ҳуқуқи зани мусулмон дар анҷоми кори дилхоҳ даъват карданд. Пас ба омезиши зану мард бе ягон эҳтиёҷ, ба тарки сатри аврат, ба намоиш додани зинатҳо ва ба иштироки зан дар ҳокимият даъват намуда, ин корҳоро бедоршавӣ ва тараққиёт пиндоштанд.

Ин нусхагирону тақлидкунандагон дар масъалаи озодии шахсӣ худро батамом беҷилав гузоштанд, ки дар натиҷа аҳвол боз ҳам ногувортар гардид. Пас зан бо мард, гарчи дар ҷомеа ба омехта шудани зану мард ягон эҳтиёҷ набошад ҳам ва эҳтиёҷе мулоқоти зану мардро тақозо накунад ҳам, танҳо барои баҳрабарӣ аз озодии шахсӣ бевосита мулоқот ороcт. Бо сабаби ин гуна мулоқоти ду ҷинс, ки танҳо барои мулоқот ва танҳо барои баҳрабарӣ аз озодии шахсӣ буд, дар табақаҳое, ки бе фаҳмишу андеша аз пайи нусхагирӣ ва тақлидкунӣ аз раъйҳои мазкур буданд, асари зишт ба вуҷуд омад, ҳатто алоқаи зан бо мард танҳо ба алоқаи мардӣ ва занӣ маҳдуд гашт. Асари зишт аз ин табақа ба табақаҳои дигари ҷомеа гузашт. Ин алоқа дар майдони ҳаёт дар байни зану мард ягон ҳамкориро ба вуҷуд наовард, балки боиси фурӯравии ахлоқӣ гардид ва зан худро ороста, ба бегонагон, ки ҳамсар ё маҳрам нестанд, зинату зебоиҳояшро намоиш дод. Дар натиҷа мусулмонон дар фикрронӣ аз роҳи рост берун шуда, ба завқ, боварӣ ва миқёсҳои мусулмонон халал расид. Ҷиҳати иҷтимоии Ғарб ба намунаи маҳбубтарин ва ҷомеаи Ғарб ба миқёс табдил ёфт. Вале ба эътибор гирифта нашуд, ки ҷомеаи Ғарб алоқаҳои мардӣ ва заниро кори беаҳамият меҳисобад ва дар ин алоқаҳо нисбат ба тарзи зиндагии ибратовар ягон беҳаёгӣ, фасодкорӣ ё зиддиятро, инчунин нисбат ба ахлоқ ягон зарар ё хатарро намебинад, аммо нуқтаи назари ҷомеаи Ислом дар ин бора аз нуқтаи назари Ғарб куллан фарқ мекунад ва батамом ба нуқтаи назари Ғарб зид мебошад. Зеро ҷомеаи Ислом алоқаҳои мардӣ ва заниро гуноҳи бузург медонад, ки ҷазои сахт, монанди дарразанӣ ё сангсоркунӣ, таъин карда шудааст. Анҷомдиҳандагони ин гуна фасодкориро пасткашоне меҳисобад, ки аз онҳо ҳазар мекунанд ва ба онҳо бо нафрат менигаранд. Воҷибияти ҳифзи номусро ҳақиқати оддӣ медонад, ки ягон чиз дар ин кор

монеъ шуда наметавонад. Мепиндорад, ки дар роҳи ҳифзи номус бояд аз таҳти дил кӯшиш ва молу ҷонро фидо кард. Дар саркашӣ аз ин кор ҳеҷ гуна узру баҳонаро намепазирад.

Оре, ин нусхагирон ва тақлидкунандагон фарқро дар байни ду ҷомеа ва тафовутро дар байни ду ҳолат мулоҳиза накарданд, инчунин корҳоеро, ки ҳаёти исломӣ ва аҳкоми шаръӣ аз онҳо талаб мекунад, мулоҳиза накарданд. Бо нусхагирӣ ва тақлид чунон саргарм шуданд, ки билохир ба даъвати "бедорсозии занон" батамом ҷомаи озодиро пӯшонида, нисбат ба мавсуфият бо хулқи зишт бепарво шуданд. Ин нусхагирон ва тақлидкунандагон дар зери ниқоби "бедорсозии зан" ва "кӯшиш ба бедорсозии уммат" ба ин тарз вайрон кардани ҷиҳати иҷтимоии мусулмононро идома доданд. Ин гуна ашхос дар оғоз ақаллиятро ташкил медоданд. Уммат сараввал ба даъвати онҳо асло розӣ нашуд. Вале вақте ки дар кишварҳои исломӣ ба татбиқи низоми капиталистӣ пардохтанд ва кофирони мустамликадор, баъдан гумоштагони онҳо ва ҳокимоне, ки дар ин корвон бо нишондодҳои кофирон амал мекунанд, ба ҳукмронӣ шурӯъ намуданд, ин ақаллият муваффақ шуданд, ки аксари аҳолии шаҳр ва як қисми аҳолии деҳаро ба роҳи худ, яъне ба нусхагирӣ ва тақлидкунӣ аз ҳазорати Ғарб моил гардонанд. Оқибат дар маҳаллаҳои зиёди шаҳрҳои исломӣ қиёфаи исломӣ аз байн рафт. Дар ин бобат Истамбул, Қоҳира, Тунис, Димишқ, Карочӣ, Бағдод, Қудс ва Байрут аз ҳам фарқ намекарданд. Ҳама ба роҳи нусхагирӣ ва тақлидкунӣ аз ҳазорати Ғарб пайравӣ намуданд.

Бархостани як гурӯҳ мусулмонон барои мубориза бар зидди ин афкор табиӣ буд. Ба по хестани оммаю хосса барои мубориза бар зидди ин раъйҳо дар кишварҳои исломӣ аниқ буд. Дар ҳақиқат натанҳо як гурӯҳ, балки якчанд гурӯҳ ба

воҷибияти ҳифзи зани мусулмон ва посдории фазилатҳои ҷомеа даъват намуданд. Лекин онҳо низомҳои Исломро равшан намефаҳмиданд ва аҳкоми шаръиро аниқ намедонистанд. Дарк накарданд, ки ақидаи исломӣ асос ва аҳкоми шаръӣ миқёс мебошад. Аз ин сабаб, манфиатеро, ки дуруст пиндоштанд, асоси баҳс, миқёси раъй ва ашё донистанд, ба посдории одату анъанаҳо ва риояи ахлоқ даъват карданд. Таассуби кӯркӯрона дар пинҳон кардани зан бо ҳиҷоб то он ҷо расид, ки дар бораи зан ба ифрот роҳ дода, аз хона баромадан, қонеъ гардонидани эҳтиёҷот ва анҷоми корҳои худро ба зан манъ намуданд. Дар давраҳои охир фақеҳон барои зан панҷ навъи авратро муқаррар карданд: аврат дар намоз, аврат дар ҳузури мардони маҳрам, аврат дар ҳузури мардони номаҳрам, аврат дар ҳузури занони мусулмон, аврат дар ҳузури кофирзанон. Аз ин рӯ, ба пӯшидани ҳиҷоби яклухт, ки занро аз дидани каси дигар ва каси дигарро аз дидани зан манъ мекунад, даъват намуданд. Ба манъи зан аз анҷоми бевоситаи корҳои ҳаёт, маҳрум кардани зан аз ҳуқуқи иштирок дар интихобот, аз пешниҳоди раъй дар хусуси сиёсат, ҳукм, иқтисод ва иҷтимоъ даъват намуданд. Дар байни зан ва ҳаёт сад гузошта, баъзе оятҳои Аллоҳро танҳо ба мардон хос гардониданд. Ҳадисҳоро дар бораи даст додани Расул (с) бо занон ҳангоми байъат ва дар бораи аврати зан на аз рӯи тақозои ҳукми шаръӣ, балки аз рӯи қолабе, ки онҳо нисбат ба зан мехостанд, таъвил карданд. Ин даъват ва кӯшиши онҳо мардумро аз аҳкоми шаръӣ дур ва ҷиҳати иҷтимоиро барои мусулмонон норавшан сохт. Бинобар ин, раъйҳои онҳо дар рӯбарӯи фикрҳои истилогар аз истодагарӣ ва манъи ҷараёни шадид оҷиз монд. Дар байни мусулмонон ба бедор кардани ҷиҳати иҷтимоӣ таъсире нарасонид. Ҳол он ки дар байни уммат олимоне буданд, ки дар донишмандӣ аз муҷтаҳидони пешина ва соҳибони мазҳаб

камӣ надоштанд. Мусулмонон боигарии фикрӣ ва ташреӣ доштанд, ки боигарии ягон уммат ба он баробар шуда наметавонад. Китобхонаҳои умумӣ ва хусусии мусулмонон пур аз китобу асарҳои бебаҳо буданд. Оре, ин ҳама дар манъи нусхагирону тақлидкунандагон аз гумроҳшавӣ ва қонеъ гардонидани ин гуна ашхос ба раъйи исломӣ, ки муҷтаҳид дуруст иҷтиҳод кардааст, барои он ки ин раъй ба қолаби хостаи онҳо дар хусуси зан мувофиқ набуд, фоида надод. Зеро ин нусхагирон, тақлидкунандагон, карахтшудагон, олимон ва омӯзандагон сифати муфаккириро гум карда буданд. Аз ин рӯ, воқеъ ё ҳукми Аллоҳро дарк карда наметавонистанд ё аҳкоми шаръиро бо воситаи татбиқи айнии ин аҳком ба воқеъ, ба тарзе ки мувофиқати пурраро ба вуҷуд орад, фикран намепазируфтанд. Дар натиҷа ҷомеаи кишварҳои исломӣ дар рӯбарӯи ду фикр қарор гирифт: карахтшавӣ ва тақлидкунӣ. Ҷиҳати иҷтимоӣ беқарор гашта, зани мусулмон лолу ҳайрон монд. Акнун ӯ дар назди дуроҳа қарор дошт: ё зани безобитаву беқарор бошад, ки ба ҳазорати Ғарб бе фаҳмишу андеша ва дар ҳоли надонистани зиддияти ин ҳазорат бо ҳазорати Ислом тақлид мекунад, ё зани карахту шахшуда, ки ҳатто ба худ ягон фоида намеорад ва аз меҳнати ӯ ба мусулмонон низ нафъе намерасад. Сабаби ин ҳама фикран наомӯхтани Ислом ва нафаҳмидани низоми иҷтимоӣ дар Ислом буд.

Бинобар ин, низоми иҷтимоиро дар Ислом мукаммал, муфассал ва дақиқ омӯхтан зарур аст, то дарк карда шавад, ки муаммо дар ҷамъшавии зану мард, дар алоқае, ки аз ин ҷамъшавӣ пайдо мешавад ва дар корҳоест, ки аз ин алоқа ба вуҷуд меоянд. Он гоҳ аён мегардад, ки муолиҷаи ҳамин ҷамъшавӣ, алоқае, ки аз ин ҷамъшавӣ пайдо мешавад ва корҳое, ки аз ин алоқа ба вуҷуд меоянд, талаб карда мешавад. Ин муолиҷаро ақл нишон дода наметавонад, балки шариат

нишон медиҳад. Вазифаи ақл фаҳмидани ин муоличҷа мебошад. Ин муоличҷа ҳаллест барои зани мусулмон ва марди мусулмон, ки мувофиқи тарзи ҳаёти муайян умр ба сар мебаранд, ки Ислом ба он фармудааст. Зани мусулмон ва марди мусулмон бояд дар асоси ҳамин тарзи ҳаёт, ки Аллоҳ дар Қуръону суннат фармудааст, умр ба сар баранд ва ба зиддияти ин тарзи ҳаёт ба тарзи ҳаёти Ғарб ва ба одату анъанаҳои гузаштагон эътибор надиҳанд.

# ЗАН ВА МАРД

Аллоҳ Таоло мегӯяд:

يَا أَيُّهَا النَّاسُ إِنَّا خَلَقْنَاكُم مِّن ذَكَرٍ وَأُنثَى وَجَعَلْنَاكُمْ شُعُوبًا وَقَبَائِلَ لِتَعَارَفُوا

"***Эй мардум, мо шуморо аз нареву модае биёфаридем. Ва шуморо ҷамоатҳо ва қабилаҳо кардем, то якдигарро бишиносед***" [49:13],

يَا أَيُّهَا الْإِنسَانُ مَا غَرَّكَ بِرَبِّكَ الْكَرِيمِ

"***Эй одамӣ, чӣ чиз туро ба Парвардигори каримат мағрур кардааст?***" [82:6],

قُتِلَ الْإِنسَانُ مَا أَكْفَرَهُ

"***Марг бар одамӣ бод, ки чӣ носипос аст! Ӯро аз чӣ офаридааст? Аз нутфае офарид ва ба андоза падид овард***" [80:17-19].

Аллоҳ ба инсон бо таклифҳо хитоб намудааст. Инсонро мавзеи хитоб ва таклиф қарор додааст. Шариатҳоро барои инсон нозил кардааст. Аллоҳ инсонро аз нав зинда мегардонад ва муҳосаба мекунад. Ҳам ба ҷаннат ва ҳам ба дӯзах инсонро дохил мекунад. Бинобар ин, на мард ё зан, балки маҳз инсонро мавзеи таклифҳо қарор дод.

Аллоҳ инсонро бо фитрате, ки аз ҳайвон фарқ мекунад, зан ё мард офарид. Ҳам зан ва ҳам мард инсон аст. Ҳар ду дар инсон будан аз якдигар фарқ намекунанд. Аллоҳ Таоло ҳар дуро бо эътибори инсон барои зиндагӣ дар майдони ҳаёт омода сохт, ки дар ҷомеаи ягона якҷоя умр ба сар баранд. Давом ёфтани навъи инсонро ба ҷамъшавии ҳар ду ва мавҷудияти ҳар яки онҳо вобаста гардонид. Бинобар ин, ба ҳар яки онҳо бо эътибори инсон, ки аз тамоми хусусиятҳои инсонӣ ва асосҳои ҳаёт баҳра мебарад, мебояд баробар назар кард. Аллоҳ дар ҳар ду нерӯи ҳаётиро офарид. Ин нерӯ дар ҳар ду яксон аст. Дар ҳар яки онҳо эҳтиёҷоти узвиро, монанди гуруснагӣ, ташнагӣ, қазои ҳоҷат ва ғайра, ғаризаҳоеро, монанди бақо, навъ ва тадайюн, офарид. Ба ҳар яки онҳо як хел қувваи фикрронӣ ва ақл ато намуд. Зеро Аллоҳ ақлро на барои мард ё зан, балки барои инсон офаридааст.

Гарчи ғаризаи навъро бо марди дигар, ё бо ҳайвон, ё бо роҳи дигар қонеъ гардонидани мард ва бо зани дигар, ё бо ҳайвон, ё бо роҳи дигар қонеъ гардонидани зан мумкин бошад ҳам, мақсаде, ки аз офариниши ин ғариза дар инсон ирода карда шудааст, танҳо дар як ҳолат, яъне бо зан қонеъ карда шудани

ин ғариза аз тарафи мард ва бо мард қонеъ карда шудани ин ғариза аз тарафи зан амалӣ мегардад. Бинобар ин, алоқаи ҷинсӣ ва ҷиҳати ғаризӣ дар байни марду зан ва зану мард алоқаи табиист, ки ҷои тааҷҷуб нест. Он алоқаи аслист ва мақсаде, ки аз офариниши ғаризаи мазкур, яъне ғаризаи нигаҳдошти навъи инсон ирода карда шудааст, танҳо бо ҳамин алоқа амалӣ мегардад. Агар ин алоқаи ҳар ду дар шакли ҷамъшавии ҷинсӣ рух диҳад, ин кори табииву оддист ва ҷои тааҷҷуб нест. Ин алоқа барои нигаҳ доштани навъи инсон зарур аст. Вале озод вогузоштани ин ғариза ҳам ба инсон ва ҳам ба ҳаёти иҷтимоии ӯ зарар мерасонад. Мақсад аз вуҷуди ин ғариза насл гузоштан мебошад, то ки навъи инсон идома ёбад. Бинобар ин, нигоҳи инсон ба ин ғариза бояд ба мақсаде, ки аз офариниши ғаризаи мазкур ирода карда шудааст, яъне ба идома ёфтани навъ нигаронида шавад. Ин ҷо дар байни марду зан фарқ вуҷуд надорад. Лаззату ҳаловате, ки аз қонеъ кардани эҳтиёҷ пайдо мешавад, хоҳ инсон онро дар назар дорад ва хоҳ на, дар равиши табиӣ ҳосил мешавад. Бинобар ин, наметавон гуфт, ки дар назар доштани лаззату ҳаловатро аз ғаризаи навъ бояд дур кард. Зеро лаззату ҳаловат корест, ки дар равиши табиӣ ва муқаррарӣ ба вуҷуд меояд, на дар натиҷаи назардошт. Азбаски дур кардани дар назар доштан амри маҳол аст, дур кардани он имконнопазир аст, балки дар назар доштан аз пиндори инсон дар бораи ин қонеъгардонӣ ва мақсади ғаризаи навъ пайдо мешавад. Аз ин рӯ, дар инсон бояд пиндореро дар бораи мақсади ғаризаи навъ ва офариниши ин ғариза дар инсон ба вуҷуд овард. Ин пиндор дар инсон нисбат ба ғаризаи навъ, ки Аллоҳ Таоло дар ӯ офаридааст, нигоҳи хосро ташаккул медиҳад ва ин нигоҳро ба алоқаи мард бо зан ва зан бо мард маҳдуд месозад. Инчунин дар инсон нисбат ба алоқаҳои мардӣ ва занӣ дар байни марду зан ё бо иборан

дигар, нисбат ба алоқаҳои ҷинсӣ нигоҳи хосро ташаккул медиҳад ва ин алоқаҳо ба мақсади офариниши ғаризаи навъ, яъне ба идома ёфтани навъ нигаронида мешавад. Бо ин гуна нигоҳ ғариза қонеъ гашта, мақсаде, ки аз мавҷудияти ин ғариза ирода карда шудааст, амалӣ мегардад. Дар ҷамоате, ки ин пиндорро мепазирад ва дорои нигоҳи хоси худ мебошад, осудагӣ ба вуҷуд меояд. Нигоҳи ҳар гуна ҷамоати инсониро нисбат ба алоқаҳои мардӣ ва занӣ дар байни марду зан ё бо ибораи дигар, нисбат ба алоқаҳои ҷинсӣ аз нигоҳе, ки бар он лаззату ҳаловат ҳукмрон аст, ба нигоҳе, ки лаззату ҳаловатро кори табиӣ ва муқаррарии қонеъшавии ғариза медонад, табдил додан зарур аст. Нигоҳро бояд ба мақсаде, ки аз ин ғариза ирода карда шудааст, нигаронид. Ин гуна нигоҳ ғаризаи навъро ҳифз менамояд ва ба самти дуруст, ки барои он офарида шудааст, равона месозад. Инчунин барои инсон майдони васеъ фароҳам меорад, то ки инсон тамоми корҳояшро анҷом дода тавонад ва ба тамоми корҳое, ки ӯро хушбахт мегардонад, вақти кофӣ дошта бошад.

Бинобар ин, дар инсон бояд пиндоре дар бораи қонеъгардонии ғаризаи навъ ва ғояе, ки аз офариниши он ирода карда шудааст, вуҷуд дошта бошад. Ба ҷамоати инсонӣ низоме лозим аст, ки ҳукмронии фикрати алоқаи ҷинсӣ ва ба ин алоқа нигаронидани тамоми эътиборро дар қалбҳо барҳам диҳад ва дар байни марду зан алоқаҳои ҳамкориро ба вуҷуд орад. Зеро танҳо бо ҳамкории марду зан бо эътибори бародароне, ки нисбат ба якдигар муҳаббату раҳматро таъмин мекунанд, ҷамоат ислоҳ мегардад. Бинобар ин, бори дигар бояд таъкид кард, ки тағйир додани нигоҳи ҷамоат ба алоқаҳои марду зан зарур аст, ин тағйирдиҳӣ ҳукмронии мафҳумҳои ҷамъшавии ҷинсиро барҳам зада, ба кори табиӣ ва муқаррарии қонеъгардонии эҳтиёҷи ҷинсӣ табдил медиҳад. Ба маҳдуд сохтани алоқаи мазкур танҳо ба лаззату

ҳаловат барҳам зада, ин алоқаро на ба нигоҳ ба сифатҳои мардӣ ва занӣ, балки ба нигоҳе, ки манфиати ҷамоатро ирода мекунад, табдил медиҳад. Он ба нигоҳе табдил меёбад, ки бар он на дӯстдории лаззату шаҳват, балки тарс аз Аллоҳ ҳукмрон аст. Ин нигоҳ баҳрабарии инсонро аз лаззати ҷинсӣ инкор намекунад, балки ба баҳрабарии шаръӣ табдил медиҳад, ки идома ёфтани навъро амалӣ мегардонад ва ба орзуи олии мусулмон – ба даст даровардани ризои Аллоҳ Таоло мувофиқ аст.

Оятҳои Қуръон ба мақсаде, ки аз ҷиҳати заношӯӣ, яъне офариниши ғаризаи навъ ирода карда шудааст, эътибор нигаронидааст. Оятҳо баён мекунанд, ки ин ғариза дар асл барои заношӯӣ, яъне барои идома ёфтани навъ офарида шудааст. Дар оятҳо бо услуб ва маъноҳои гуногун баён карда шудааст, ки ғаризаи навъ барои заношӯӣ офарида шудааст, то нигоҳи ҷамоат ба алоқаҳои зану мард на ба нигоҳе, ки ба алоқаи ҷинсӣ нигаронида шудааст, балки ба нигоҳе, ки ба заношӯӣ нигаронида шудааст, табдил ёбад:

**يَا أَيُّهَا النَّاسُ اتَّقُواْ رَبَّكُمُ الَّذِي خَلَقَكُم مِّن نَّفْسٍ وَاحِدَةٍ وَخَلَقَ مِنْهَا زَوْجَهَا وَبَثَّ مِنْهُمَا رِجَالاً كَثِيراً وَنِسَاء**

"***Эй мардум, битарсед аз Парвардигоратон, он, ки шуморо аз як тан биёфарид ва аз он як тан ҳамсари ӯро ва аз он ду мардону занони бисёр падид овард!***" [4:1],

**هُوَ الَّذِي خَلَقَكُم مِّن نَّفْسٍ وَاحِدَةٍ وَجَعَلَ مِنْهَا زَوْجَهَا لِيَسْكُنَ إِلَيْهَا فَلَمَّا تَغَشَّاهَا حَمَلَتْ حَمْلاً خَفِيفًا فَمَرَّتْ بِهِ فَلَمَّا أَثْقَلَت دَّعَوَا اللّهَ رَبَّهُمَا لَئِنْ آتَيْتَنَا صَالِحاً لَّنَكُونَنَّ مِنَ الشَّاكِرِينَ**

"***Ӯст, ки ҳамаи шуморо аз як тан биёфарид. Ва аз он як тан занашро низ биёфарид то ба ӯ оромиш ёбад. Чун бо ӯ***

*даромехт, ба боре сабук борвар шуд ва муддате бо он сар кард. Ва чун бор сангин гардид, он ду Аллоҳ – парвардигори хешро бихонданд, ки агар моро фарзанде солеҳ диҳӣ, аз сипосгузорон хоҳем буд!*" [7:189],

وَلَقَدْ أَرْسَلْنَا رُسُلاً مِّن قَبْلِكَ وَجَعَلْنَا لَهُمْ أَزْوَاجًا وَذُرِّيَّةً

"*Ба таҳқиқ пеш аз ту пайғамбароне фиристодаем ва барояшон ҳамсарону фарзандон қарор додаем*" [13:38],

وَاللّهُ جَعَلَ لَكُم مِّنْ أَنفُسِكُمْ أَزْوَاجًا وَجَعَلَ لَكُم مِّنْ أَزْوَاجِكُم بَنِينَ

"*Аллоҳ барои шумо аз миёни худатон ҳамсароне қарор дод ва аз ҳамсаронатон фарзандон ва фарзандзодагон падид овард*" [16:72],

وَمِنْ آيَاتِهِ أَنْ خَلَقَ لَكُم مِّنْ أَنفُسِكُمْ أَزْوَاجًا لِّتَسْكُنُوا إِلَيْهَا وَجَعَلَ بَيْنَكُم مَّوَدَّةً وَرَحْمَةً

"*Ва аз нишонаҳои қудрати Ӯст, ки бароятон аз ҷинси худатон ҳамсароне офарид, то ба эшон оромиш ёбед ва миёни шумо дӯстиву меҳрубонӣ ниҳод*" [30:21],

فَاطِرُ السَّمَاوَاتِ وَالْأَرْضِ جَعَلَ لَكُم مِّنْ أَنفُسِكُمْ أَزْوَاجًا

"*Офаридгори осмонҳову замин аст. Барои шумо ҳам аз шумо ҳамсароне биёфарид*" [42:11],

وَأَنَّهُ خَلَقَ الزَّوْجَيْنِ الذَّكَرَ وَالْأُنثَىمِن نُّطْفَةٍ إِذَا تُمْنَى

"*Ва Ӯст, ки ҷуфтҳои нару модаро офаридааст, аз нутфа, он гоҳ ки дар раҳм рехта мешавад*" [53:45-46],

وَخَلَقْنَاكُمْ أَزْوَاجًا

"*Ва шуморо ҷуфт-ҷуфт офаридем*" [78:8].

Тавре ки аз ин оятҳо аён мегардад, оятҳо борҳо такрор мекунанд, ки Аллоҳ дар офариниши марду зан ҷиҳати заношӯиро устувор гардонидааст, то нигоҳ ба алоқаҳои зану мард ба заношӯӣ, яъне ба наслгузорӣ барои идома ёфтани навъ нигаронида шавад.

# *ТАЪСИРИ НИГОҲ БА АЛОҚАҲОИ ЗАНУ МАРД*

Ғариза, агар барангезад, қонеъгардониро талаб мекунад ва агар барнаангезад, қонеъгардониро талаб намекунад. Вақте ки ғариза бармеангезад, инсонро ба қонеъгардонӣ такон медиҳад. Агар инсон ин корро анҷом надиҳад, то ором шудани барангезиши ғариза безобита мегардад. Вақте ки ғариза ором мешавад, безобитагӣ низ аз байн меравад. Қонеъ нагардонидан боиси марг ё озори ҷасадӣ, ақлӣ ва рӯҳӣ намегардад. Озор танҳо ба ранҷу нооромӣ маҳдуд мегардад. Пас шарт нест, ки ғариза монанди эҳтиёҷи узвӣ бечуначаро

қонеъ гардонида шавад, балки ғариза барои пайдо кардани осоишу оромӣ қонеъ гардонида мешавад.

Ғаризаро ду омил бармеангезад: якум – воқеи моддӣ ва дуюм – фикр, ки бо ҳам пайвастани маъноҳо бо ёдрас кардани якдигар низ ба омили дуюм дохил мешавад. Агар ҳеҷ яки ин ду омил мавҷуд набошад, ғариза барнамеангезад. Ғариза монанди эҳтиёҷоти узвӣ бо ангезаи дохилӣ барнамеангезад, балки танҳо бо ангезаи хориҷӣ, яъне воқеи моддӣ ва фикр бармеангезад. Ҳолат дар тамоми ғаризаҳо: бақо, тадайюн ва навъ ҳамин тавр аст ва дар байни ғаризаҳо аз ин ҷиҳат фарқ вуҷуд надорад.

Ғаризаи навъ низ монанди ғаризаҳои дигар, агар барангезад, қонеъгардониро талаб мекунад. Ин ғариза низ бо сабаби воқеи моддӣ ё фикр бармеангезад. Бинобар ин, қонеъгардониро талаб кардани ғаризаи навъ корест, ки инсон метавонад ин қонеъгардониро ба самте равона созад, ҳатто пайдо кунад ё танҳо ба идома ёфтани навъ нигаронад ва аз равонашавӣ ба самтҳои дигар боздорад. Аз ин рӯ, дидани занон ё воқеъе, ки ба ғаризаи навъ вобаста аст, ғаризаро бармеангезад ва ғариза қонеъгардониро талаб мекунад. Мутолиаи қиссаҳо оид ба ҷинс ва шунидани фикрҳо оид ба ҷинс ғаризаи навъро бармеангезад. Дурӣ аз занон, умуман аз чизҳои вобаста ба ғаризаи навъ ва фикрҳои оид ба ҷинс барангезиши ғаризаи навъро пешгирӣ мекунад. Зеро ғаризаи навъ танҳо ҳангоми пайдо шудани воқеи моддӣ ё фикр дар бораи ҷинс барангехта метавонад.

Агар ҷамоат ба алоқаҳои зану мард монанди ҷомеаи Ғарб бо эътибори алоқаи мардӣ ва занӣ, яъне бо эътибори алоқаи ҷинсӣ нигарад, барои барангехтани ғариза пайдо кардани воқеи моддӣ ё фикр дар бораи ҷинс, ки дар марду зан ғаризаро бармеангезад, ба кори зарурӣ табдил меёбад. Он гоҳ

ғариза қонеъ гардониданро талаб мекунад ва қонеъгардонии ғариза содир мешавад, то ки алоқаи мазкур амалӣ гашта, бо воситаи қонеъгардонӣ осоиш ба вуҷудояд. Агар ҷамоат ба алоқаҳои марду зан дар асоси мақсади офариниши ин ғариза, яъне дар асоси идома ёфтани навъ нигарад, дур кардани воқеи моддӣ ва фикр оид ба ҷинс дар ҳаёти умумӣ ба кори зарурӣ табдил меёбад. Он гоҳ ғариза на бармеангезад, на қонеъгардонии берун аз имконро талаб мекунад ва на бо сабаби ҳосил нашудани мурод дучори ранҷу ноороми мегардад. Воқеи моддиро, ки ғаризаро бармеангезад, ба ҳолати заношӯӣ маҳдуд сохтан зарур аст. Зеро идома ёфтани навъ бо ҳамин роҳ амалӣ мегардад ва вақте ки ғариза қонеъгардониро талаб мекунад, дар амалигардонии ин қонеъгардонӣ осоишу оромӣ ҳосил мешавад. Аз ин ҷо андозаи таъсири нигоҳи ҷамоат ба алоқаҳои марду зан дар равона сохтани ҳаёти умумии ҷомеа ва ҷамоат ба самти муайян аён мегардад. Ғарбиҳое, ки ба мабдаи капитализм эътиқод мекунанд ва шарқиҳое, ки ба коммунизм эътиқод мекунанд, ба алоқаҳои марду зан на аз ҷиҳати идома ёфтани навъ, балки аз ҷиҳати ҷинсӣ менигаранд. Бинобар ин, бо мақсади қонеъ гардонидани ғаризаи навъ кӯшиш мекунанд, ки воқеи моддӣ ва фикрҳои оид ба ҷинсро қасдан дар ҳузури марду зан ба вуҷуд биёранд, то ин ғариза барангехта шавад. Онҳо мепиндоранд, ки қонеъ накардани ғаризаи навъ шикастеро ба вуҷуд меорад, ки боиси зарарҳои ҷасадӣ, ақлӣ ва рӯҳӣ мегардад. Бинобар ин, ҳам дар ҷамоати ғарбӣ ва ҳам дар ҷамоати шарқӣ фикрҳои оид ба ҷинс дар қиссаҳо, шеърҳо, асарҳо ва ғайра фаровон ба назар мерасад. Мебинем, ки дар хонаҳо, боғҳо, кӯчаҳо, канорҳои дарёву баҳр ва ҷойҳои дигар бе вуҷуди ягон эҳтиёҷ зану мард омехта мегарданд. Зеро онҳо инро кори зарурӣ дониста, барои пайдо кардани ин сахт

кӯшиш мекунанд. Ин ҳолат як қисми низоми ҳаёт ва ҷузъи ҷудонопазири тарзи зиндагии онҳо ба ҳисоб меравад.

Мусулмонон, ки Исломро пазируфтаанд ва ба ақоиду аҳкоми Ислом эътиқод мекунанд, бо ибораи дигар, Ислом ба алоқаҳои марду зан на аз ҷиҳати ҷинсӣ, балки аз ҷиҳати идома ёфтани навъ менигарад. Аммо ҷиҳати ҷинсиро кори муқаррарӣ дар қонеъгардонӣ медонад, вале мепиндорад, ки ин ҷиҳат набояд қонеъгардониро ба самте равона созад. Бинобар ин, Ислом мавҷудияти фикрҳои оид ба ҷинсро дар байни ҷамоат кори зараровар ва воқеи моддиро, ки ғаризаи навъро бармеангезад, ангезандаи фасод меҳисобад. Аз ин рӯ, марду занро аз хилват, занро аз табарруҷ ва намоиш додани зинатҳои худ ба бегонагон, ҳам мард ва ҳам занро аз нигоҳи ҷинсӣ нисбат ба якдигар боздоштааст. Дар ҳаёти умумӣ кайфияти ҳамкории марду занро муқаррар намудааст. Алоқаи ҷинсии марду занро танҳо ба ду ҳолат: издивоҷ ва каниз маҳдуд сохтааст.

Ислом кӯшиш мекунад, ки дар ҳаёти умумӣ дар байни ғаризаи навъ ва ангезаҳои ин ғариза монеа гузорад ва алоқаи ҷинсиро ба корҳои муайян маҳдуд созад. Аммо дар капитализм ва коммунизм барои қонеъгардонии ғаризаи навъ ва озод будани ин ғариза дар ҳама чиз ба пайдо кардани ангезаҳои ин ғариза кӯшиш мекунанд. Ислом ба алоқаҳои марду зан аз ҷиҳати идома ёфтани навъ менигарад, аммо капитализм ва коммунизм ба ин алоқаҳо аз ҷиҳати мардӣ ва занӣ, яъне аз ҷиҳати ҷинсӣ менигаранд. Дар байни Ислом ва ду мабдаи мазкур аз ҷиҳати нигоҳ ва кӯшиш ҳамин гуна фарқи бузург вуҷуд дорад. Ҳамин тавр, аён мегардад, ки нигоҳи Ислом нигоҳи покӣ, фазилат ва иффат, нигоҳи осоиши инсон ва идома ёфтани навъ мебошад.

Гуфтаи ғарбиҳо ва коммунистҳо, ки аз рӯи ин гуфта, фишор додани ғаризаи ҷинсии марду зан боиси бемориҳои ҷасадӣ, ақлӣ ва рӯҳӣ дар инсон мегардад, нодуруст ва хилофи ҳақиқат аст. Зеро аз ҷиҳати қонеъгардонии ҳатмӣ дар байни ғариза ва эҳтиёҷи узвӣ фарқ вуҷуд дорад. Эҳтиёҷҳои узвиро, монанди хӯрдан, нӯшидан, қазои ҳоҷат ва ғайра, ҳатман қонеъ гардонидан лозим аст. Агар ин эҳтиёҷот қонеъ гардонида нашаванд, дар аксар ҳолат боиси зарарҳои марговар мегардад. Аммо ғаризаҳоро, монанди бақо, навъ ва тадайюн, ҳатман қонеъ гардонидан лозим нест. Агар ин ғаризаҳо қонеъ гардонида нашаванд, ҳеҷ гуна зарари ҷасадӣ, ақлӣ ё рӯҳӣ ба вуҷуд намеояд, танҳо ранҷу нооромӣ ҳосил мешавад. Далел ин аст, ки метавон шахсе тамоми умрашро бе қонеъ гардонидани баъзе ғаризаҳояш паси сар намояд, бо вуҷуди ин, дар ӯ ягон зараре ба вуҷуд наояд. Агар инсон ғаризаи навъро қонеъ нагардонад, дар ӯ бо эътибори инсон бемориҳои ҷасадӣ, ақлӣ ва рӯҳӣ, ки онҳо мегӯянд, пайдо намешавад. Мумкин аст танҳо дар баъзе шахсҳо пайдо шавад. Ин нишон медиҳад, ки бемориҳои мазкур дар натиҷаи қонеъ нагардонидан дар равиши табиӣ ва фитрӣ ҳосил намешаванд, балки дар вазъиятҳои дигар, ки ба фишори ғариза тааллуқ надоранд, ҳосил мешаванд. Агар ин бемориҳо аз фишори ғариза ҳосил мешуданд, дар тамоми ҳолатҳое, ки ҳолати фишор ба вуқӯъ меояд, дар равиши табиӣ ва фитрӣ ҳосил мешуд. Ҳол он ки мутлақо ин тавр нест. Худи онҳо низ эътироф мекунанд, ки беморӣ дар инсон дар натиҷаи фишор дар равиши фитрӣ пайдо намешавад. Пас беморие, ки дар баъзе ашхос рух медиҳанд, мутлақо бо сабаби вазъиятҳои дигар пайдо мешавад.

Ин аз як ҷиҳат буд. Аз ҷиҳати дигар, эҳтиёҷи узвӣ ба ангезаи хориҷӣ мӯҳтоҷ намешавад ва бо ангезаи дохилӣ дар равиши табиӣ қонеъгардониро талаб мекунад, гарчи ҳангоми

қонеъгардониро талаб кардани эҳтиёҷи узвӣ ангезаи хориҷӣ низ онро барангехта тавонад ҳам. Дар ғариза акси ин рух медиҳад, агар ангезаи хориҷӣ мавҷуд набошад, бо ангезаи дохилӣ дар равиши табиӣ қонеъгардониро талаб намекунад. Танҳо дар ҳолате бармеангезад, ки воқеи моддии ангезанда ё фикри ангезанда дар бораи ҷинс, аз ҷумла бо ҳам пайвастани маъноҳои ангезанда бо ёдрас кардани якдигар мавҷуд бошад. Агар ин гуна ангезаи хориҷии таъсиркунанда мавҷуд набошад, барангезиш низ ба вуҷуд намеояд. Ҳолат дар тамоми ғаризаҳо: тадайюн, бақо ва навъ, инчунин дар тамоми зуҳуроти ин ғаризаҳо ҳамин тавр аст. Агар дар назди шахс ягон омили ангезандаи ғариза мавҷуд бошад, ӯ ба ҷунбиш меояд ва ғариза қонеъгардониро талаб мекунад. Агар чиз ё ҳолате, ки ғаризаро ба ҷунбиш меорад, аз инсон дур карда шавад ё инсон бо кори аз ин ғариза муҳимтар машғул гардад, талаби қонеъгардонӣ аз байн меравад ва нафси инсон ором мешавад. Вақте ки эҳтиёҷи узвӣ бармеангезад, бар хилофи ғариза талаби қонеъгардонӣ мутлақо аз байн намеравад, балки талаб то қонеъ гардонида шудан идома меёбад. Аз ин аён мегардад, ки аз қонеъ нагардонидани ғаризаи навъ ҳаргиз бемории ҷасадӣ, ақлӣ ё рӯҳӣ пайдо намешавад. Зеро он на эҳтиёҷи узвӣ, балки ғариза аст. Гап дар он аст, ки агар дар назди шахс воқеи моддӣ ё фикр оид ба ҷинс мавҷуд бошад, ки ғаризаро бармеангезад, мумкин аст ғариза ба ҷунбиш омада, қонеъгардониро талаб кунад. Агар ин талаб қонеъ карда нашавад, аз ин ҷунбиш ҳамагӣ ноороми ба вуҷуд меояд ва шахсро фаро мегирад. Дар натиҷаи такрорёбии ин ноороми инсон меранҷад. Агар ҳолате, ки ғаризаро ба ҷунбиш меорад, аз ӯ дур карда шавад ё ӯ бо кори муҳимтар, ки бар ин ғариза ғолиб меояд, машғул гардад, ноороми барҳам мехӯрад. Бинобар ин, ҳангоми барангезиши ғаризаи ҷинсӣ аз фишори ин ғариза танҳо ранҷу ноороми пайдо мешавад. Агар ғаризаи

ҷинсӣ аз чизҳое, ки онро бармеангезад, барнаангезад, на ранҷ ва на нооромӣ ҳосил мешавад. Пас, вақте ки қонеъ гардонидани ғариза имконнопазир мегардад, бо пешгирии ангезаҳои ин ғариза ва пешгирии ангезиш муолиҷа карда мешавад.

Аз мулоҳизаҳои боло аён мегардад, ки нигоҳи ғарбӣ ва коммунистӣ, ки нигоҳро ба алоқаҳои марду зан танҳо ба алоқаҳои мардӣ ва занӣ маҳдуд месозад, хато мебошад. Дар равиши табиӣ хато будани муолиҷа бо пайдо кардани воситаҳои гуногуни ангезандаи ғаризаи марду зан, яъне ҳолатҳои омехташавӣ, рақсу бозӣ, қисса ва ғайра, ки ин нигоҳ пешниҳод мекунад, аён мегардад. Инчунин аён мегардад, ки нигоҳи Ислом, ки нигоҳро ба алоқаҳои марду зан ба мақсади офариниши ин ғариза, яъне ба идома ёфтани навъ нигаронидааст, дуруст мебошад. Бинобар ин, аён мегардад, ки муолиҷа бо дур кардани воқеи моддӣ ва фикри ангезанда оид ба ҷинс аз инсон ҳангоми имконнопазир будани қонеъ гардонидани ғариза бо роҳи шаръӣ: издивоҷ ва каниз, ки ин нигоҳ тақдим мекунад, дуруст мебошад. Пас танҳо Ислом фасодеро, ки ғаризаи навъ дар мардум ва ҷомеа пайдо мекунад, дар шакли самарабахш муолиҷа мекунад ва ғаризаи мазкур бо ин муолиҷа дар ҷомеа ва мардум некӣ ва сарбаландиро ба вуҷуд меорад.

# ТАНЗИМИ АЛОҚАҲОИ ЗАНУ МАРД

Зан дар мард ва мард дар зан ғаризаи навъро бармеангезад. Вале ин далолат намекунад, ки ҳар гоҳ ҳангоми ҷамъ шудани мард бо зан ё зан бо мард барангезиш дар шакли муқаррарӣ содир мешавад. Танҳо маънои онро дорад, ки ҳангоми ҷамъ шудани ҳар ду барангехтани ғаризаи мазкур чизи аслӣ мебошад. Бинобар ин, дар ҷое, ки ин гуна барангезиш мавҷуд аст, алоқаи ҷинсӣ дар байни ҳар ду низ ба вуҷуд меояд. Гоҳо марду зан ҷамъ мешаванд, вале ин ғариза барнамеангезад. Масалан, ҷамъшавӣ дар мубодилаи тиҷорӣ, ё ҷарроҳии бемор, ё дар дарсхонӣ ва дигар корҳои монанди ин. Лекин дар ин гуна ҳолатҳо қобилияти барангезиши ғаризаи ҷинсӣ мавҷуд аст. Мавҷудияти қобилият маънои онро надорад, ки барангезиш ҳатман ба вуҷуд меояд. Танҳо вақте ки марду зан ба якдигар на аз нигоҳи идома ёфтани навъ, балки аз нигоҳи

мардӣ ва занӣ менигаранд, барангезиш ҳосил мешавад. Бинобар ин, мумкин нест, ки барангезиши ғаризаи навъ аз тарафи зан дар мард ва аз тарафи мард дар зан барои тамоман ҷудо кардани зан аз мард сабаб карда шавад, яъне мавҷудияти қобилияти барангезиши ғаризаи марду зан набояд ба монеаи ҷамъшавӣ ва ҳамкории мардону занон дар ҳаёти умумӣ табдил дода шавад. Баръакс марду зан бояд дар ҳаёти умумӣ ҷамъ шаванд ва ҳамкорӣ намоянд. Зеро ин гуна ҷамъшавӣ ва ҳамкорӣ барои ҷомеа ва ҳаёти умумӣ басо зарур аст. Вале ин ҳамкорӣ дар асоси низоме, ки алоқаи ҷинсии ду ҷониб ва алоқаҳои зану мардро ба танзим медарорад, ба роҳ монда шавад. Ин низом бояд аз нигоҳи "алоқаҳои марду зан барои идома ёфтани навъ аст" сарчашма гирад. Бо ин гуна низом ҷамъшавӣ ва ҳамкории зану мард дар ҳаёти умумӣ бе ягон монеа имконпазир мегардад.

Низоми ягона, ки беҳбудӣ, фаровонӣ, осудагӣ ва хушҳолии ҳаётро таъмин мекунад ва алоқаҳои зану мардро дар равиши табиӣ ба танзим медарорад, низомест, ки дар он ҷиҳати рӯҳӣ асос ва аҳкоми шаръӣ, аз ҷумла аҳкоми ҳосилкунандаи арзиши хулқӣ, миқёс мебошад ва ин низоми иҷтимоӣ дар Ислом аст. Зеро Ислом ба инсон хоҳ мард бошад, хоҳ зан бо эътибори инсон менигарад, ки ӯ ғариза, ҳис, майл ва ақл дорад. Ба инсон рухсат медиҳад, ки аз лаззатҳои ҳаёт баҳра барад ва дар баҳрабарӣ аз ин лаззатҳо монеа намешавад. Лекин ба тарзе рухсат дод, ки ба инсон дар пешрафт имконият фароҳам меорад, то аз ин лаззатҳо хушҳолии инсон ба вуҷуд омада, муҳофизати ҷамоат ва ҷомеа таъмин гардад. Агар фарзия равад, ки дар ҷаҳон низомҳои иҷтимоии гуногун вуҷуд дорад, танҳо низоми Ислом дурусттарин низоми иҷтимоӣ мебошад. Зеро аз рӯи нигоҳи ин низом ғаризаи навъ барои идома ёфтани навъи инсон офарида шудааст. Ин низом алоқаҳои мардӣ ва заниро дар байни марду зан дар шакли

мукаммал ба танзим медарорад, ки ғаризаи мазкур бо роҳи табиии худ қонеъ гашта, ба мақсаде мерасонад, ки Аллоҳ онро дар офариниши ин ғариза ирода кардааст. Дар айни вақт алоқаҳои марду занро ба танзим дароварда, танзими алоқаи мардӣ ва заниро ба як қисми танзими тамоми алоқаҳои ҳар ду табдил медиҳад. Ин танзим таъмин мекунад, ки ҳамкорие, ки аз ҷамъшавии марду зан ба вуҷуд меояд, ҳамкории ба ҷамоат, ҷомеа ва шахс некиовар бошад. Дар айни вақт таъмин мекунад, ки ин ҳамкорӣ арзиши хулқиро ба вуҷуд биёрад ва ғояи олӣ – ризои Аллоҳ идоракунандаи ин ҳамкорӣ бошад. Танҳо ҳамон вақт покӣ ва тақво дар ҳаёт тариқати алоқаҳои ин ду ҷинсро муайян мекунад ва дар ягон ҳолат ба зид омадани ин тариқат бо услубу воситаҳои ҳаёт роҳ намедиҳад.

Ислом алоқаи ҷинсҳо, яъне алоқаҳои мардӣ ва заниро дар байни марду зан ба издивоҷ ва каниз маҳдуд сохтааст. Ҳар гуна алоқаро, ки аз ин ҳад мегузарад, ҷинояте медонад, ки ба он сахттарин навъи ҷазо таъин карда мешавад. Ба зуҳуроти дигари ғаризаи навъ ҷуз ҷамъшавии ҷинсӣ, монанди падарӣ, модарӣ, писарӣ, бародарӣ, амакӣ, тағогӣ ва ғайра, рухсат додааст ва онҳоро хешовандони маҳрам таъин кардааст. Ба зан низ монанди мард рухсат додааст, ки бо корҳое, монанди тиҷорат, зироат, саноат ва ғайра, машғул шавад, дар дарс ва намозҳо иштирок кунад, даъватро расонад ва корҳои дигарро анҷом диҳад.

Ислом ҳамкории зану мардро дар корҳои ҳаёт ва алоқаҳои мардум ба кори доимӣ дар тамоми муомилот табдил дод. Ҳама бандагони Аллоҳ дар корҳои хайр, тақво аз Аллоҳ ва парастиши Аллоҳ кафили якдигаранд. Оятҳо дар хусуси даъват ба Ислом ба инсон хоҳ мард бошад, хоҳ зан хитоб мекунанд. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

قُلْ يَا أَيُّهَا النَّاسُ إِنِّي رَسُولُ اللّهِ إِلَيْكُمْ جَمِيعًا

"***Бигӯ: "Эй мардум, ман фиристодаи Аллоҳ бар ҳамаи шумо ҳастам***"" [7:158],

يَا أَيُّهَا النَّاسُ اتَّقُواْ رَبَّكُمُ

"***Эй мардум, битарсед аз Парвардигоратон***" [4:1].

Оятҳо мӯъминонро ба амал бо аҳкоми Ислом даъват мекунанд. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُواْ اسْتَجِيبُواْ لِلّهِ وَلِلرَّسُولِ إِذَا دَعَاكُم لِمَا يُحْيِيكُمْ

"***Эй касоне, ки имон овардаед, чун Аллоҳу пайғамбараш шуморо ба чизе фаро хонанд, ки зиндагиятон мебахшад, даъваташонро иҷобат кунед***" [8:24].

Оятҳо марду занро дар бар гирифта, дар шакли умумӣ омадаанд:

كُتِبَ عَلَيْكُمُ الصِّيَامُ

"***Рӯза доштан бар шумо муқаррар шуд***" [2:183],

وَأَقِيمُواْ الصَّلاَةَ

"***Ва намозро барпой доред***" [2:43],

خُذْ مِنْ أَمْوَالِهِمْ صَدَقَةً

"***Аз дороиҳояшон садақа биситон***" [9:103],

إِنَّمَا الصَّدَقَاتُ لِلْفُقَرَاء وَالْمَسَاكِينِ

"***Садақот барои фақирон асту мискинон***" [9:60],

وَلاَ يُنفِقُونَهَا فِي سَبِيلِ اللّهِ فَبَشِّرْهُم بِعَذَابٍ أَلِيم

"***Ва касонеро, ки зару сим меандӯзанд ва дар роҳи Аллоҳ инфоқаш намекунанд, ба азобе дардовар башорат деҳ***" [9:34],

قَاتِلُواْ الَّذِينَ لاَ يُؤْمِنُونَ بِاللّهِ وَلاَ بِالْيَوْمِ الآخِرِ

"***Бо касоне, ки ба Аллоҳ ва рӯзи қиёмат имон намеоваранд, ҷанг кунед***" [9:29],

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُواْ لاَ تَتَّخِذُواْ آبَاءكُمْ وَإِخْوَانَكُمْ أَوْلِيَاء إَنِ اسْتَحَبُّواْ الْكُفْرَ عَلَى الإِيمَانِ وَمَن يَتَوَلَّهُم مِّنكُمْ

"***Эй касоне, ки имон овардаед, агар падарону бародаронатон дӯст доранд, ки куфрро ба ҷои имон баргузинанд, онҳоро ба дӯстӣ магиред***" [9:23].

Ин гуна оятҳо ба зану мард умумӣ мебошанд ва дар анҷоми ин амалҳо, ҳатто дар анҷоми амалҳое, монанди намоз, ки дар ҳоли танҳогӣ адо карда мешавад, ҷамъшавии марду зан ба вуҷуд омада метавонад. Ин нишон медиҳад, ки Ислом ба ҷамъшавии марду зан рухсат додааст, то аҳком ва амалҳои лозимиро анҷом дода тавонанд.

Вале Ислом дар ин кор чораҳои эҳтиётиро андешида, ҳар гуна кореро, ки боиси алоқаи ҷинсии ношаръӣ мегардад ва мард ё занро аз танзими хоси алоқаи ҷинсӣ ба тарафи дигар ҷалб мекунад, манъ намуд. Ин наҳйро тақвият бахшида, иффатро воҷиб гардонид. Истифода бурдани тамоми тариқат, услуб ва воситаҳоро, ки боиси посдории фазилатҳо ва ахлоқ мегардад, воҷиб гардонид. Зеро ҳар коре, ки воҷиб бе он

амалӣ намегардад, воҷиб мебошад. Бинобар ин, аҳкоми шаръии муайянро муқаррар намуд. Ин гуна аҳком зиёданд ва баъзеи онҳоро дар поён зикр мекунем:

1. Ҳам мард ва ҳам зан ба поён афкандани чашм фармуда шуданд. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

قُل لِّلْمُؤْمِنِينَ يَغُضُّوا مِنْ أَبْصَارِهِمْ وَيَحْفَظُوا فُرُوجَهُمْ ذَلِكَ أَزْكَى لَهُمْ إِنَّ اللَّهَ خَبِيرٌ بِمَا يَصْنَعُونَ وَقُل لِّلْمُؤْمِنَاتِ يَغْضُضْنَ مِنْ أَبْصَارِهِنَّ وَيَحْفَظْنَ فُرُوجَهُنَّ

"***Ба мардони мӯъмин бигӯ, ки чашмони хеш фурӯ гиранд ва шармгоҳи худ нигаҳ доранд. Ин барояшон покизатар аст. Зеро Аллоҳ ба корҳое, ки мекунанд, огоҳ аст! Ва ба занони мӯъмин бигӯ, ки чашмони хеш фурӯ гиранд ва шармгоҳи худ нигаҳ доранд***" [24:30-31].

2. Ба занон фармуда шуд, ки либоси комили шарму ҳаёро пӯшанд, то тамоми мавзеъҳои зинатро ҷуз баъзе мавзеъҳои намоёни зинат пинҳон кунанд. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَلَا يُبْدِينَ زِينَتَهُنَّ إِلَّا مَا ظَهَرَ مِنْهَا وَلْيَضْرِبْنَ بِخُمُرِهِنَّ عَلَى جُيُوبِهِنَّ

"***Ва зинатҳои худро ҷуз он миқдор, ки пайдост, ошкор накунанд ва миқнааҳои худро то гиребон фурӯ гузоранд***" [24:31],

يَا أَيُّهَا النَّبِيُّ قُل لِّأَزْوَاجِكَ وَبَنَاتِكَ وَنِسَاء الْمُؤْمِنِينَ يُدْنِينَ عَلَيْهِنَّ مِن جَلَابِيبِهِنَّ

"***Эй пайғамбар, ба занону духтарони худ ва занони мӯъминон бигӯ, ки чодари худро бар худ фурӯ пӯшанд***" [33:59], яъне мавзеъҳои зинатро ҷуз баъзе мавзеъҳои намоёни зинат, яъне ҷуз рӯй ва кафҳо, нишон надиҳанд.– сарпӯш ва–гиребони курта, яъне мавзеъе, ки ҳангоми курта пӯшидан аз гардан то қафаси сина кушода мемонад, бо

ибораи дигар, бо химор гардан ва қафаси синаи худро пинҳон кунанд. Поин фуровардани ҷилбоб кашолу дароз кардани курта то поён мебошад.

3. Ба зан сафар ба масофаи якшабонарӯза бе ҳамроҳии маҳрам манъ карда шуд. Муслим ривоят кардааст, ки Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"***Ба зане, ки ба Аллоҳ ва рӯзи охират имон овардааст, сафар ба масофаи якшабонарӯза бе ҳамроҳии маҳрам ҳалол нест***".

4. Хилвати мард бо зане, ки маҳрамаш ҳамроҳи ӯ нест, манъ карда шуд. Бухорӣ ривоят кардааст, ки Пайғамбар ( гуфтаанд:

"Ҳаргиз марде бо зане, ки маҳрамаш ҳамроҳи ӯ нест, дар хилват намонад". Муслим аз Ибн Аббос ривоят кардааст, ки Пайғамбар (с) зимни хутба гуфтаанд:

"***Ҳаргиз марде бо зане, ки маҳрамаш ҳамроҳи ӯ нест, дар хилват намонад. Ҳеҷ зан бе ҳамроҳии маҳрам сафар накунад". Он гоҳ марде бархост ва гуфт: "Ё Расулаллоҳ, занам ба сафари ҳаҷ рафтааст, аммо ман ба фалон-фалон ғазот номнавис шудаам". Пайғамбар (с) гуфтанд: "Бирав ва ҳамроҳи занат ҳаҷ бикун***".

5. Ба зан аз хона баромадан бе изни шавҳар манъ карда шуд. Зеро шавҳар дар болои зан ҳақ дорад. Бинобар ин, зан метавонад танҳо бо изни шавҳар аз хона барояд. Агар бе изни шавҳар аз хона барояд, гунаҳкор мешавад ва зани нофармоне ба ҳисоб меравад, ки ба нафақа гирифтан ҳақ надорад. Ибни Батта дар китоби "Аҳкомуннисо" аз Анас ривоят мекунад:

"***Марде ба сафар баромад ва ба занаш аз хона хориҷ шуданро манъ кард. Сипас падари зан бемор шуд ва ӯ аз Расулуллоҳ (с) барои аёдати падараш изн пурсид.***

***Расулуллоҳ (с) гуфтанд: "Аз Аллоҳ битарс ва ба шавҳарат нофармонӣ накун". Сипас падари зан вафот кард ва зан барои иштирок дар ҷаноза аз Расулуллоҳ (с) изн пурсид. Расулуллоҳ (с) гуфтанд: "Аз Аллоҳ битарс ва ба шавҳарат нофармонӣ накун". Он гоҳ Аллоҳ ба Расул (с) ваҳй кард: "Бо сабаби фармонбардорӣ ба шавҳар ӯро мағфират намудам***"".

6. Ислом ҳарис шуд, ки ҷамоаи занон дар ҳаёти хос, масҷид, мадраса ва дигар ҷойҳои монанди ин аз ҷамоаи мардон ҷудо бошад. Муқаррар кард, ки зан дар давраи занон ва мард дар давраи мардон зиндагӣ кунад ва сафи занон дар намоз баъд аз сафи мардон бошад. Занонро водошт, ки дар роҳ ва бозорҳо бо мардон зич нашаванд ва муқаррар кард, ки занон дар ҳаёти хос бо занон ё бо маҳрамон умр ба сар баранд. Аз ин рӯ, зан баъд аз анҷоми корҳои умумӣ, монанди харидуфурӯш ва ғайра, ба давраи занон ё маҳрамон бармегардад.

7. Ислом ҳарис шуд, ки алоқаи ҳамкории марду зан на алоқаи хусусӣ, монанди рафтуомад ва сайругашти якҷояи мардону занони ба ҳам бегона, балки алоқаи умумӣ бошад, ки дар муомилот рух медиҳад. Зеро мақсад аз ҳамкории мазкур ин аст, ки зан ҳуқуқ, манфиат ва воҷиботи худро бевосита амалӣ ва адо карда тавонад.

Ислом бо воситаи ин гуна аҳком чораҳои эҳтиётӣ андешид, то ки ҷамъшавии марду зан танҳо ҷамъшавии ҳамкорӣ дар амалисозии манфиатҳо ва анҷоми корҳо бошад ва ба ҷамъшавии ҷинсӣ табдил наёбад. Ҳамин тавр, алоқаҳоеро, ки аз манфиатҳои шахсон хоҳ мардон бошанд, хоҳ занон ҳангоми ҷамъшавии мардону занон пайдо мешаванд, муолиҷа намуд. Алоқаҳои дигарро, ки аз ҷамъшавии мардону занон пайдо мешаванд, монанди нафақа, писарӣ, издивоҷ ва ғайра, чунон муолиҷа кард, ки ҷамъшавиро ба алоқаи дорои мақсади

муайян маҳдуд сохт ва аз табдил ёфтан танҳо ба алоқаи ҷамъшавии ҷинсӣ дур кард.

## *ҲАЁТИ ХОС*

Инсон аз рӯи табиати зиндагӣ дар байни фардҳои ҷомеа дар қабила, ё деҳа, ё шаҳр "ҳаёти умумӣ" ба сар мебарад, инчунин бо аъзоёни оилаи худ дар хона "ҳаёти хос" ба сар мебарад. Ислом барои ин ҳаёти хос аҳкоми муайянро муқаррар сохта, бо ин аҳком муаммоҳоеро, ки дар ҳаёти хос бо инсон хоҳ мард бошад, хоҳ зан рух медиҳанд, ҳал намуд. Назаррастарини аҳкоми мазкур ин аст, ки ҳаёти хос дар хона танҳо ба тасарруфи инсон супорида шуд ва ба хонаи ӯ даромадан бе изни ӯ ба дигарон манъ карда шуд. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا لَا تَدْخُلُوا بُيُوتًا غَيْرَ بُيُوتِكُمْ حَتَّى تَسْتَأْنِسُوا وَتُسَلِّمُوا عَلَى أَهْلِهَا ذَلِكُمْ خَيْرٌ لَّكُمْ لَعَلَّكُمْ تَذَكَّرُونَ

"***Эй касоне, ки имон овардаед, ба хонае ғайр аз хонаи худ, бе он ки иҷозат талабида ва бар сокинонаш салом карда бошед, дохил машавед. Ин барои шумо беҳтар аст, бошад, ки панд гиред***" [24:27].

Аллоҳ ба хона даромаданро бе изни соҳибхона ба мардум манъ намуд. Изн надоданро бегона гирифтан ва изн доданро наздик гирифтан эътибор кард. Қавли Аллоҳ киноя аз изнпурсӣ мебошад. Зеро танҳо бо изнпурсӣ ба соҳибхона наздик мешаванд, яъне дар оят гуфта шудааст: "то аз соҳибхона изн напурсед". Табаронӣ ривоят мекунад, ки Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"***Ҳар кас бе изни соҳибхона ба хона назар кунад, пас ин хонаро вайрон кардааст***". Абӯдовуд ривоят мекунад:

"***Марде аз Набӣ (с) пурсид: "Оё аз модарам низ изн пурсам?" Набӣ (с) гуфтанд: "Бале". Он мард гуфт: "Модарам ҷуз ман ходиме надорад. Оё дар ҳар дохил шудан аз ӯ изн пурсам?" Набӣ (с) гуфтанд: "Оё меҳоҳӣ, ки ӯро урён бинӣ?" Он мард гуфт: "На". Набӣ (с) гуфтанд: "Пас, изн бипурс***"". Аз ин мебарояд, ки ба ҳар як инсон ба хонаҳо даромадан бе изни соҳибхона ҷуз хонаи хеш манъ аст. Ин ҷо фарқ надорад, ки соҳибхона мусулмон бошад ё на. Зеро хитоб, гарчи ба мусулмонон нигаронида шуда бошад ҳам, нисбат ба изнпурсанда гуфта шудааст. Дар оят калимаи "хонаҳо" бе ягон қайд мутлақ ва бе хоскунӣ ба ягон аломат бо лафзи умумӣ омадааст. Бинобар ин, ҳар гуна хонаро дар бар мегирад. Ин баёни равшан дар таъини дахлнопазирии хонаҳо ва хос гардонидани ҳаёти хос бо аҳкоми хос мебошад. Яке аз ин аҳком изнпурсӣ ҳангоми хостани ба хона даромадан мебошад. Агар изнпурсанда дар хона касеро пайдо накунад, то изн дода нашавад, ба хона намедарояд. Агар яке аз

соҳибхонаҳо ба ӯ "баргард" бигӯяд, бояд дарҳол баргардад, ҳаргиз ба хона даромадан мумкин нест. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

فَإِن لَّمْ تَجِدُوا فِيهَا أَحَدًا فَلَا تَدْخُلُوهَا حَتَّى يُؤْذَنَ لَكُمْ وَإِن قِيلَ لَكُمُ ارْجِعُوا فَارْجِعُوا هُوَ أَزْكَى لَكُمْ وَاللَّهُ بِمَا تَعْمَلُونَ عَلِيمٌ

"***Ва агар дар хона касеро наёфтед, дохил машавед то шуморо рухсат диҳанд. Ва агар гӯянд: "Бозгардед", бозгардед, ин бароятон покизатар аст. Ва Аллоҳ ба ҳар коре, ки мекунед, огоҳ аст***" [24:28],

яъне ҷоиз нест, ки дар изнпурсӣ исрор намоед, бо якравӣ бардоштани пардаро талаб кунед ва дар назди дарҳо интизор шавед. Ин аҳком дар бораи хонаҳое буд, ки барои мардум маскан ба ҳисоб меравaнд. Дар бораи хонаҳое, ки маскани касе ба ҳисоб намеравaнд, нигоҳ карда мешавад. Касе, ки ба ин хонаҳо даромадан мехоҳад, метавонад танҳо бо қасди истифодабарӣ бе изнпурсӣ ба ин хонаҳо дарояд. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

لَّيْسَ عَلَيْكُمْ جُنَاحٌ أَن تَدْخُلُوا بُيُوتًا غَيْرَ مَسْكُونَةٍ فِيهَا مَتَاعٌ لَّكُمْ وَاللَّهُ يَعْلَمُ مَا تُبْدُونَ وَمَا تَكْتُمُونَ

"***Бар шумо гуноҳе нест, агар ба хонаҳои ғайримаскун, ки матоъе дар он доред, дохил шавед. Ҳар чиро ошкор созед, ё пинҳон доред, Аллоҳ ба он огоҳ аст!***" [24:29].

Аз рӯи мафҳуми мухолафа, ба ин хонаҳо, агар аз онҳо истифода набаред, надароед. Пас истисно ба хонаҳое хос мегардад, ки хоҳишмандон аз онҳо истифода мебаранд ва маскани касе нестанд. Бо ин гуна аҳкоми изнпурсӣ ҳаёти хос аз безобита кардани касоне, ки дар вақтҳои гуногун даъват мекунанд, ҳифз карда мешавад ва соҳибхонаҳо аз тамоми касоне, ки дар берунанд, осуда мегарданд.

Ин аҳкоми изнпурсӣ нисбат ба касоне ҷуз ғуломон ва тифлон мебошад. Ғуломон ва тифлони ноболиғ ҷуз се ҳолат: пеш аз намози бомдод, дар вақти пешин ва баъд аз намози хуфтан, бе изнпурсӣ ба хонаҳо даромада метавонанд. Вале шарт аст, ки дар се ҳолати мазкур онҳо низ изн пурсанд. Зеро ин се ҳангом ҳолатҳои авратанд ва инсон барои хоб кардан ё ҳангоми аз хоб хестан либосашро иваз мекунад. Ин ҳолатҳо вақтҳои аврат мебошанд. Ҳангоми пеш аз намози бомдод вақти бедор шудан мебошад ва дар ин вақт либоси шабона ба либоси дигар иваз карда мешавад. Инчунин ҳангоми пешин, ки вақти хоб ва истироҳати рӯзона мебошад, либос иваз карда мешавад. Ҳангоми баъд аз намози хуфтан низ вақти хоб аст ва дар ин вақт инсон либоси рӯзонаро кашида, либоси шабонаро мепӯшад. Дар ин вақтҳое, ки аврат ба ҳисоб мераванд, ғуломон ва тифлони ноболиғ барои дохил шудан бояд изн пурсанд. Дар вақтҳои дигар ин ду тоифа дар вақти дилхоҳ бе изнпурсӣ дохили хона шуда метавонанд. Вақте ки кӯдакон ба балоғат мерасанд, ба дохил шудан бе изнпурсӣ ҳақ надоранд. Акнун ин кӯдакон низ монанди дигарон баъд аз изн пурсидан дохили хона мегарданд. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

**يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا لِيَسْتَأْذِنكُمُ الَّذِينَ مَلَكَتْ أَيْمَانُكُمْ وَالَّذِينَ لَمْ يَبْلُغُوا الْحُلُمَ مِنكُمْ ثَلَاثَ مَرَّاتٍ مِن قَبْلِ صَلَاةِ الْفَجْرِ وَحِينَ تَضَعُونَ ثِيَابَكُم مِّنَ الظَّهِيرَةِ وَمِن بَعْدِ صَلَاةِ الْعِشَاء ثَلَاثُ عَوْرَاتٍ لَّكُمْ لَيْسَ عَلَيْكُمْ وَلَا عَلَيْهِمْ جُنَاحٌ بَعْدَهُنَّ طَوَّافُونَ عَلَيْكُم بَعْضُكُمْ عَلَى بَعْضٍ كَذَلِكَ يُبَيِّنُ اللَّهُ لَكُمُ الْآيَاتِ وَاللَّهُ عَلِيمٌ حَكِيم وَإِذَا بَلَغَ الْأَطْفَالُ مِنكُمُ الْحُلُمَ فَلْيَسْتَأْذِنُوا كَمَا اسْتَأْذَنَ الَّذِينَ مِن قَبْلِهِمْ كَذَلِكَ يُبَيِّنُ اللَّهُ لَكُمْ آيَاتِهِ وَاللَّهُ عَلِيمٌ حَكِيمٌ**

"***Эй касоне, ки имон овардаед, бояд бандагони шумо ва онҳо, ки ҳанӯз ба ҳадди булуғ нарасидаанд, дар се ҳангом аз шумо барои ворид шудан ба хона рухсат талабанд: пеш***

***аз намози субҳ ва ҳангоми зуҳр, ки либос аз тан берун мекунед ва баъд аз намози ашо. Ин се вақт вақти хилвати шумост. Дар ғайри он се ҳангом шумо ва онҳо гуноҳе муртакиб нашудаед, агар бар якдигар бигзаред. Аллоҳ оётро инчунин барои шумо баён мекунад. Ва Аллоҳ донову ҳаким аст! Ва чун атфоли шумо ба ҳадди булуғ расиданд, бояд ҳамонанди касоне, ки зикрашон гузашт, рухсат талабанд. Аллоҳ оётро инчунин барои шумо баён мекунад. Ва Аллоҳ донову ҳаким аст!***" [24:58-59].

Аҳкоми мазкур ҳаёти хоси хонаро аз касон, хоҳ бегона бошанд, хоҳ маҳрами наздик ва хоҳ хеш, ки барои ба хона даромадан меоянд, ҳифз мекунанд. Аммо аҳкоме, ки ба ҳаёти хоси дохили хона тааллуқ дорад, чунин аст, ки зан дар ин ҳаёт бо занон ё маҳрамони худ зиндагӣ мекунад, зеро дар назди ин ашхос ба зан нишон додани баъзе мавзеи зинат, ки дар ҳаёти хоси хона намоён будани онҳо ногузир мебошад, ҷоиз аст. Ҷоиз нест, ки занон бо касони номаҳрам зиндагӣ кунанд. Зеро ба зан ҷоиз нест, ки ҳангоми анҷом додани корҳои хона мавзеъҳои зинати худро ҷуз рӯй ва кафҳо ба ин ашхос нишон диҳад. Пас ҳаёти хос танҳо ба занон ва маҳрамон маҳдуд аст. Ин ҷо фарқ надорад, ки зан мусулмон аст ё на. Зеро ҳамаи онҳо занонанд. Наҳйи зан аз намоиш додани мавзеъҳои зинат ба бегонагон ва рухсат ба нишон додани ин мавзеъҳо ба маҳрамон далели равшан аст, ки ҳаёти хос танҳо ба маҳрамон маҳдуд аст. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَقُل لِّلْمُؤْمِنَاتِ يَغْضُضْنَ مِنْ أَبْصَارِهِنَّ وَيَحْفَظْنَ فُرُوجَهُنَّ وَلَا يُبْدِينَ زِينَتَهُنَّ إِلَّا مَا ظَهَرَ مِنْهَا وَلْيَضْرِبْنَ بِخُمُرِهِنَّ عَلَى جُيُوبِهِنَّ وَلَا يُبْدِينَ زِينَتَهُنَّ إِلَّا لِبُعُولَتِهِنَّ أَوْ آبَائِهِنَّ أَوْ آبَاء بُعُولَتِهِنَّ أَوْ أَبْنَائِهِنَّ أَوْ أَبْنَاء بُعُولَتِهِنَّ أَوْ إِخْوَانِهِنَّ أَوْ بَنِي إِخْوَانِهِنَّ أَوْ بَنِي أَخَوَاتِهِنَّ أَوْ نِسَائِهِنَّ أَوْ مَا مَلَكَتْ أَيْمَانُهُنَّ أَوِ التَّابِعِينَ غَيْرِ أُوْلِي الْإِرْبَةِ مِنَ الرِّجَالِ أَوِ الطِّفْلِ الَّذِينَ لَمْ يَظْهَرُوا عَلَى

عَوْرَاتِ النِّسَاء وَلَا يَضْرِبْنَ بِأَرْجُلِهِنَّ لِيُعْلَمَ مَا يُخْفِينَ مِن زِينَتِهِنَّ وَتُوبُوا إِلَى اللَّهِ جَمِيعًا أَيُّهَا الْمُؤْمِنُونَ لَعَلَّكُمْ تُفْلِحُونَ

"***Ва ба занони мўъмин бигў, ки чашмони хеш фурў гиранд ва шармгоҳи худ нигаҳ доранд ва зинатҳои худро ҷуз он миқдор, ки пайдост, ошкор накунанд ва миқнааҳои худро то гиребон фурў гузоранд ва зинатҳои худро ошкор накунанд, ҷуз барои шавҳари худ ё писари шавҳари худ ё бародари худ ё писари бародари худ ё писари хоҳари худ ё занони ҳамкеши худ ё бандагони худ ё мардони хидматгузори худ, ки рағбат ба зан надоранд, ё кўдаконе, ки аз шармгоҳи занон бехабаранд***" [24:31].

Ғуломон ва касоне, ки ба занон шаҳват надоранд, монанди мўйсафедони солхўрда, ноқисулақлон, хасиёну маҷбубон (мардони ахта) ва касони монанди ин, ки ба занон ҳоҷат надоранд, ба қатори маҳрамон дохил карда шудаанд. Ба ин гуна ашхос ҷоиз аст, дар ҳаёти хос ҳузур дошта бошанд. Ба мардони дигар ҷуз ин ашхос, гарчи аз хешовандони номаҳрам бошанд ҳам, ҳаргиз ҷоиз нест, ки дар ҳаёти хос ҳузур дошта бошанд. Зеро ба зан ҷоиз нест, ки мавзеъҳои зинатро, ки одатан дар хона намоён мешаванд, ба онҳо нишон диҳад.

Пас дар ҳаёти хос бо занон ҷамъ шудани мардони бегона мутлақ ҳаром аст. Танҳо дар ҳолатҳое, ки шариат истисно кардааст, монанди хўрокхўрии якҷоя, рафтуомад бо хешовандон ва ғайра, агар зан ҳамроҳи маҳрамаш ва тамоми авратҳояш пўшида бошад, метавонанд ҷамъ шаванд.

# ***ВОҶИБИЯТИ АЗ ҲАМ ҶУДО БУДАНИ МАРДОНУ ЗАНОН ДАР ҲАЁТИ ИСЛОМӢ***

Ҳаёти исломӣ зуҳуроти зиндагии мусулмонон дар ҳама ҳолатҳо мебошад. Аз рӯи ифодаи нусуси шаръӣ, ки дар Қуръону суннат дар ин бора ворид шудаанд, дар ҳаёти исломӣ, яъне ҳам дар ҳаёти хос, монанди хонаҳо ва ҳам дар ҳаёти умумӣ, монанди кӯчаву бозорҳо, мардону занон аз ҳам ҷудо карда мешаванд. Илова бар ин, ҷудокунии мазкур ҳам дар маҷмӯи аҳкоми шаръӣ, хоҳ оид ба мардон бошад, хоҳ оид ба занон ва хоҳ оид ба ҳар ду, ҳам дар хитоби Қуръон ба занон бо эътибори занон ва ба мардон бо эътибори мардон собит аст. Масалан, Аллоҳ Таоло мегӯяд:

إِنَّ الْمُسْلِمِينَ وَالْمُسْلِمَاتِ وَالْمُؤْمِنِينَ وَالْمُؤْمِنَاتِ وَالْقَانِتِينَ وَالْقَانِتَاتِ وَالصَّادِقِينَ وَالصَّادِقَاتِ وَالصَّابِرِينَ وَالصَّابِرَاتِ وَالْخَاشِعِينَ وَالْخَاشِعَاتِ وَالْمُتَصَدِّقِينَ وَالْمُتَصَدِّقَاتِ وَالصَّائِمِينَ وَالصَّائِمَاتِ وَالْحَافِظِينَ فُرُوجَهُمْ وَالْحَافِظَاتِ وَالذَّاكِرِينَ اللَّهَ كَثِيراً وَالذَّاكِرَاتِ أَعَدَّ اللَّهُ لَهُم مَّغْفِرَةً وَأَجْرًا عَظِيمًا

"***Аллоҳ барои мардони садақадиҳандаву занони садақадиҳанда ва мардони рӯзадору занони рӯзадор ва мардоне, ки шармгоҳи худ ҳифз мекунанд ва заноне, ки шармгоҳи худ ҳифз мекунанд ва мардоне, ки Аллоҳро фаровон ёд мекунанд ва заноне, ки Аллоҳро фаровон ёд мекунанд, омурзиш ва музде бузург омода кардааст***" [33:35].

Инчунин ривоят карда шудааст, ки аз давраи Расулуллоҳ (с) дар тӯли тамоми асрҳои Ислом аз ҳам ҷудо кардани мардону занон дар шакли амалӣ ва дар шакли ҷамоӣ татбиқ карда шудааст.

Аз омӯзиши дақиқи маҷмӯи далелҳо аён мегардад, ки Шореъ занро ҳангоми хостани аз хона баромадан ба ҷилбоб пӯшидан фармуд. Тамоми бадани занро ҷуз рӯй ва кафҳо аврат муқаррар кард ва ба номаҳрамон намоиш додани зинатҳоро ҳаром гардонид. Назаркуниро ба аврат, ҳатто ба мӯйи зан барои мард ҳаром гардонид. Сафаркуниро, гарчи сафари ҳаҷ бошад ҳам, бе ҳамроҳии маҳрам ба зан манъ кард. Ба хона даромаданро бе изни соҳибхона ҳаром гардонид. Намози ҷамоӣ, намози ҷумъа ва ҷиҳодро ба мард фарз гардонид, вале ба зан фарз нагардонид. Касбу корро ба мард воҷиб гардонид, вале ба зан воҷиб нагардонид. Илова бар ин, Расулуллоҳ (с) мардону занонро аз ҳам ҷудо карда, дар масҷид ва намоз сафи занонро баъд аз сафи мардон гузоштаанд. Тавре ки дар

ҳадиси Бухорӣ аз Анас ибни Молик ривоят карда мешавад, модаркалони ӯ Малика таом пухта, Расулуллоҳ (с)-ро ба таом таклиф кардааст. Расулуллоҳ (с) баъд аз тановули таом гуфтаанд: "Бархезед, ман ба шумо намоз мегузорам". Анас ҳадисро то ҷойи зерин ривоят мекунад: "Сипас Расулуллоҳ (с) бархостанд ва дар қафои он кас ман ва ятимбачае саф кашидем, вале модаркалонам дар қафои мо саф кашид". Расулуллоҳ (с) фармудаанд, ки аз масҷид аввал занон, баъд мардон хориҷ шаванд, то ки мардону занон аз ҳам ҷудо бошанд. Тавре ки дар ҳадиси Бухорӣ Ҳинд бинти Ҳорис ривоят мекунад, ба ӯ завҷаи Пайғамбар (с) Уммусалама гуфта будааст: "Дар замони Расулуллоҳ (с) занон ҳангоми салом додан дар охири фарз хориҷ мешуданд. Мардон бо Расулуллоҳ (с) дар масҷид мемонданд ва ҳар қадар ки Аллоҳ мехост, намоз мехонданд. Вақте ки Расулуллоҳ (с) бармехестанд, мардон низ бархоста, пароканда мешуданд". Занон дар хусуси дарсҳои Пайғамбар (с), ки дар масҷид баргузор мешуд, гуфтаанд: "Ё Расулаллоҳ, ба мардон нисбат ба мо бештар дарс мегӯед. Хоҳиш мекунем, ки барои мо низ рӯзе таъин кунед". Ин ҳадисро Бухорӣ аз тариқи Абӯсаиди Худрӣ ривоят кардааст. Маҷмӯи ин гуна аҳком ва ҳолатҳо ҷараёни ҳаёти исломиро нишон медиҳад, ки дар ин ҳаёт мардону занон аз ҳам ҷудо карда мешаванд ва ин ҷудокунӣ умумист: ҳам ҳаёти хос ва ҳам ҳаёти умумиро дар бар мегирад. Дар давраи Расулуллоҳ (с) дар ҳаёти исломӣ, яъне ҳам дар ҳаёти хос ва ҳам дар ҳаёти умумӣ мардону занон куллан аз ҳам ҷудо карда шудаанд. Аммо ҷамъшавие, ки дар ҳаёти хос ё дар ҳаёти умумӣ Шореъ рухсат додааст, аз ин мустасност. Шореъ ба зан ҳаҷ карданро воҷиб гардонида, ба харидуфурӯш, додугирифт, иштирок дар намози ҷамоӣ, ҷиҳод бар зидди кофирон, соҳиби молу мулк шудан, зиёд кардани молу мулк ва корҳои дигар рухсат дод. Дар корҳое, ки Шореъ

ба зан воҷиб гардонидааст ё рухсат додааст, нигоҳ карда мешавад. Агар ин кор ҷамъ шуданро бо мард тақозо кунад, танҳо дар доираи аҳкоми шариат ва дар доираи коре, ки зан ба анҷоми он рухсат дода шудааст, мумкин мебошад. Харидуфурӯш, иҷора, таълиму тарбия, табобат, парастории бемор, кишоварзӣ, касбу ҳунар ва корҳои дигар ба ин мисол шуда метавонад. Зеро далеле, ки ин корҳоро воҷиб гардонидааст ё ба ин корҳо рухсат додааст, рухсати ҷамъшавиро бо сабаби ин корҳо дар бар мегирад. Агар корҳо ҷамъ шуданро бо мард тақозо накунад, ҷамъшавии зан бо мард мумкин нест. Ҳаракат дар роҳ, сайругашт, хӯрдану нӯшидан ва корҳои дигари монанди ин ҳангоми ба масҷид, бозор ё зиёрати хешовандон рафтан ба ин мисол шуда метавонанд. Зеро далели аз ҳам ҷудо будани мардону занон умумист ва барои иҷрои ин гуна корҳо дар бораи ҷоизии ҷамъшавии марду зан далел ворид нашудааст. Илова бар ин, корҳои мазкур аз тақозои корҳое, ки шариат ба зан анҷом додани онҳоро иҷозат додааст, ба ҳисоб намераванд. Бинобар ин, ҷамъшавӣ барои анҷоми ин гуна корҳо, гарчи дар ҳаёти умумӣ бошад ҳам, гуноҳ мебошад. Аз ин рӯ, дар ҳаёти исломӣ аз ҳам ҷудо карда шудани мардону занон фарз мебошад. Аз ҳам ҷудо кардани мардону занон дар ҳаёти хос ҷуз ҳолатҳое, ки шариат истисно кардааст, ҷудокунии комил мебошад. Аммо дар ҳаёти умумӣ аз ҳам ҷудо карда шудани мардону занон ҳолати асл аст ва дар ин ҳаёт ҷамъшавии мардону занон мумкин нест. Агар корҳое, ки шариат ба зан воҷиб ё мубоҳ ё мандуб гардонидааст, ҷамъшавиро тақозо кунад, танҳо ҳамин вақт ҷамъ шудан мумкин аст. Ин ҷамъшавӣ метавонад дар ҳоли ҷудо будан, монанди ҳолати масҷид ё дар ҳоли омехта будан, монанди амалҳои ҳаҷ ва харидуфурӯш рух диҳад.

# *НАЗАРКУНӢ БА ЗАН*

Марде, ки бо зане издивоҷ кардан мехоҳад, метавонад ба ин зан назар кунад, вале набояд бо ӯ дар хилват монад. Ҷобир ривоят кардааст:

"Расулуллоҳ (с) гуфтанд: "***Нафаре аз шумо, агар ба зане хостгорӣ кунад ва ба дидани он чӣ, ки ба издивоҷ кардан бо ин зан ташвиқ мекунад, қодир бошад, пас ин корро анҷом диҳад***". Ҷобир гуфтааст:

"***Ман ба зане хостгорӣ кардам. Сипас аз ӯ пинҳон шуда, он чиро, ки ба издивоҷ кардан бо ӯ ташвиқ мекард, дидам ва бо ӯ издивоҷ кардам***". Инро Ҳоким ривоят карда, бинобар шарти Муслим саҳеҳ гуфтааст. Пас, марде, агар ба хостгории зане азм кунад, метавонад ба ин зан нигоҳ кунад. Ин мард, агар қодир бошад, метавонад ба ҷуз рӯй ва кафҳо низ нигоҳ кунад. Ин кор ба ӯ ҳаром нест. Вале зан набояд инро донад. Чунон ки дар ҳадис омадааст, Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

"***Нафаре аз шумо, агар ба зане хостгорӣ кунад ва ба дидани он чӣ, ки ба издивоҷ кардан бо ин зан ташвиқ мекунад, қодир бошад, пас ин корро анҷом диҳад***". Ин ҳадисро Абӯдовуд ривоят кардааст ва Ибни Ҳаҷар ҳасан гуфтааст. Ровии ҳадис Ҷобир гуфтааст:

"***Ман ба зане хостгорӣ кардам. Сипас аз ӯ пинҳон шуда, он чиро, ки ба издивоҷ кардан бо ӯ ташвиқ мекард, дидам ва бо ӯ издивоҷ кардам***". Инро Ҳоким ривоят карда, бинобар шарти Муслим саҳеҳ гуфтааст. Дар мантуқи ҳадис омадааст:– "***агар ба дидан қодир бошад***". Ин далолат мекунад, ки назаркунӣ ин ҷо ба мавзеъҳои ғайримубоҳ (яъне ҷуз рӯй ва кафҳо) мебошад, зеро мавзеъҳои мубоҳ ҳам ба хостгорикунанда, ҳам ба дигарон кушода аст ва лафзи–"агар қодир бошад" ба мавзеъҳои мубоҳ муносиб нест. Илова бар ин, Ҷобир (с) гуфтааст: – "***сипас аз ӯ пинҳон шуда***". Ин далолат мекунад, ки он чӣ, ки ба он назар карда мешавад, мавзеъҳои ғайримубоҳи зан аст. Дар айни вақт далолати ду лафз:ва шарҳи саҳобӣ бо қавли:далолат мекунад, ки назаркунӣ ба он чӣ, ки аз рӯй ва кафҳо меафзояд, бояд бе донистани зан бошад.

Аммо масъалаи назаркунӣ бо донистани зан, яъне бо изни зан ё бо изни валиаш чунин аст, ки танҳо нишон додани мавзеъҳои мубоҳ дар пеши хостгорикунанда ҷоиз мебошад, яъне нишон додани рӯй ва кафҳо, зеро нусус дар бораи сатри аврат нисбат ба зан ба касони дигар ҷуз хостгорикунанда хос нест. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَلَا يُبْدِينَ زِينَتَهُنَّ إِلَّا مَا ظَهَرَ مِنْهَا وَلْيَضْرِبْنَ بِخُمُرِهِنَّ عَلَى جُيُوبِهِنَّ

"***Ва зинатҳои худро ҷуз он миқдор, ки пайдост, ошкор накунанд ва миқнааҳои худро то гиребон фурӯ гузоранд***

***ва зинатҳои худро ошкор накунанд, ҷуз барои шавҳари худ***" [24:31].

Чунон ки Ибни Аббос гуфтааст ба маънои рӯй ва кафҳост. Расул (с) низ гуфтаанд:

"***Агар духтар ба синни ҳайз расад, дуруст нест, ки тани ӯ ҷуз рӯй ва дастҳояш то буғуми каф намоён шавад***". Нассе наомадааст, ки нусуси болоро ба касони дигар ҷуз хостгорикунанда хос гардонад. Бинобар ин, зан авраташро дар пеши ҳар гуна марди бегона: чи хостгорикунанда ва чи каси дигар, сатр мекунад.

Аммо масъалаи нусусе, ки ҳаром будани назари мардро ба аврати зан ба касони дигар ҷуз хостгорикунанда хос мегардонад, чунин аст. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

قُل لِّلْمُؤْمِنِينَ يَغُضُّوا مِنْ أَبْصَارِهِمْ

"***Ба мардони мӯъмин бигӯ, ки чашмони хеш фурӯ гиранд***" [24:30].

Дар ҳадисе, ки Муслим ривоят кардааст, омадааст:

"***Аз Расулуллоҳ (с) дар бораи назари ногаҳонӣ пурсидам. Маро фармуданд, ки чашмамро ба тарафи дигар нигаронам", яъне агар вохӯрад ва нигоҳ тасодуфан ба аврат афтад, ӯ бояд чашмашро ба тарафи дигар тобад***". Дар ҳадисе, ки Бухорӣ ривоят кардааст, омадааст:

"***Фазл ва Расулуллоҳ (с) дар як маркаб савор буданд, ки як зани хасъамӣ омад. Фазл ба ӯ ва ӯ ба Фазл назар кард. Он гоҳ Расулуллоҳ (с) рӯйи Фазлро ба тарафи дигар нигарониданд***". Дар ривояти Насоӣ омадааст:

"***Фазл ибни Аббос ба ин зан нигоҳ кард. Ӯ зани зебо буд. Он гоҳ Расулуллоҳ (с) рӯи Фазлро ба тарафи дигар***

***тофтанд***", яъне Расул (с) Фазлро аз назаркунӣ ба рӯйи зан манъ карданд, зеро он назари бошаҳват буд. Тамоми ин ҳадисҳо, модом ки ҳадиси Ҷобир ба хостгорикунанда нигаристанро ба рӯй, кафҳо ва ҷуз рӯй ва кафҳо – он чӣ, ки ба издивоҷ кардан ташвиқ мекунад, иҷозат диҳад, ба касони дигар ҷуз хостгорикунанда хос аст.

Аз гуфтаҳои боло аён мегардад, ки нассе наомадааст, ки ба зан нишон додани ягон ҷузъи авраташро ба хостгорикунанда ҷоиз гардонад. Бинобар ин, хостгорикунанда аз нусус дар бораи ҳаром будани нишон додани аврати зан ба мардони бегона мустасно нест. Он чӣ, ки истисно шудааст, ҷоизии назаркунии хостгорикунанда ба ягон ҷузъи аврати занест, ки ба ӯ хостгорӣ кардан мехоҳад. Ин дар ҳолати қодир будани хостгорикунанда аст, монанди ҳолати пинҳон шудан аз зан, яъне бе донистани зан. Бинобар ин, агар хостгорикунанда ба дидани мавзеъҳои ғайримубоҳ аз аврати зан бе донистани ин зан қодир бошад, метавонад ин корро анҷом диҳад. Вале ба зан нишон додани ҷуз рӯй ва кафҳо: хоҳ бо мувофиқати падараш бошад, хоҳ на, ҷоиз нест.

Пас, ба хостгорикунанда дидани мавзеъҳои мубоҳи зане, ки ба ӯ хостгорӣ кардан мехоҳад, ҷоиз аст, яъне дидани рӯй ва кафҳо. Ин метавонад бе изни зан рух диҳад. Масалан, занро дар кӯча бинад. Инчунин метавонад бо изни зан ва бо изни валиаш рух диҳад. Масалан, барои хостгории зан ба хонааш меравад ва аз валиаш талаб мекунад, ки занро нишон диҳад. Валӣ метавонад бо ин зан дар ҳузури хостгорикунанда ҳозир шавад. Масалан, зан дар меҳмондорӣ ҳозир мешавад ва менишинад. Дар ин вақт хостгорикунанда ба рӯй ва кафҳои ӯ назар мекунад. Бо ибораи дигар, хостгорикунанда метавонад ба мавзеъҳои мубоҳ (яъне рӯй ва кафҳо) бо донистани зан ва бе донистани зан, яъне бо изни зан ва бе изни зан назар

кунад. Аммо дуруст нест, ки назаркунии хостгорикунанда ба мавзеъҳои дигар ҷуз рӯй ва кафҳо бо изни зан ё бо изни валиаш рух диҳад. Нишон додани аврат: чи ба хостгорикунанда ва чи ба каси дигар ба зан ҳаром аст. Вале ба хостгорикунанда дидани мавзеъҳои дигар ҷуз рӯй ва кафҳо, агар ба ин кор қодир бошад, яъне бе донистану изни зан ҷоиз аст. Масалан, дар ҳоли пинҳон шудан аз зан, чунон ки дар ҳадис омадааст.

Тамоми ин гуфтаҳо дар бораи назаркунӣ барои хостгорикунанда мустасно аст. Вале дигар аҳкоми шаръӣ, масалан ҳаром будани хилват, мустасно нест, балки ба ҳар гуна бегона: чи хостгорикунанда бошад, чи каси дигар ҳаром аст. Зеро Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"***Ҳаргиз марде бо зане, ки маҳрамаш ҳамроҳи ӯ нест, дар хилват намонад, зеро сеюмини онҳо шайтон мебошад***". Ин ҳадисро Муслим аз тариқи Ибни Аббос ривоят кардааст. Ин ҳукм умумист ва гарчи дар хусуси назар кардани марди хостгорикунанда истисно омадааст, дар хусуси дар хилват мондан ҳеҷ гуна истисно вуҷуд надорад. Марде, ки издивоҷ кардан мехоҳад, метавонад ба рӯй, кафҳо ва аъзоҳои дигари зане, ки бо ӯ издивоҷ кардан мехоҳад, назар кунад. Зеро назар кардан ба рӯй ва кафҳо умумист ва ҳам марди хостгорикунанда, ҳам дигаронро дар бар мегирад. Дар хос гардонидани назаркунӣ ба рӯй ва кафҳо танҳо ба марди хостгорикунанда ҳеҷ гуна маъно нест. Пас, истисно кардани марди хостгорикунанда дар ин ҳадис далолат мекунад, ки ӯ метавонад ҷуз рӯй ва кафҳо ба аъзоҳои дигар низ назар кунад, зеро Расулуллоҳ (с) гуфтаанд: "***агар ба дидан қодир бошад***". Ин ҳукм умумист ва рӯй, кафҳо ва аъзоҳои дигарро низ дар бар мегирад. Агар марде занеро ба никоҳи худ даровардан хоҳад, пеш аз хостгорӣ кардан барои донистан ба

аъзоҳои зарурии ин зан танҳо бо мақсади донистан назар карда метавонад.

Илова бар ин, Аллоҳ мўъминонро ба поён афкандани чашм фармудааст. Поён афкандани чашм тақозо мекунад, ки мард ба зан ва зан ба мард бардавом назар накунад. Аммо ҳадиси Ҷобир рухсат додааст, ки марди хостгорикунанда ба зан бардавом назар кунад. Пас марди хостгорикунанда аз ҳукми поён афкандани чашм мустасност, яъне ба мўъминон поён афкандани чашм воҷиб аст, танҳо мардони хостгорикунанда метавонанд чашм поён наафкананд, то ба заноне, ки бо онҳо издивоҷ кардан мехоҳанд, назар кунанд.

Ба зану шавҳар назар кардан ба тамоми бадани якдигар мубоҳ аст. Бахз ибни Ҳаким аз падараш, падараш аз бобояш ривоят мекунад, ки бобояш гуфтааст:

"***Пурсидам: "Ё Расулаллоҳ, аврате, ки ба мо рухсат аст ва аврате, ки тарк кардан лозим аст, чист?" Он кас дар ҷавоб гуфтанд: "Аврати худро ҷуз зан ва канизон нигаҳ дор!***"

Мард хоҳ мусулмон бошанд, хоҳ на ба аъзоёни занони маҳрами худ беш аз рўй ва каф, ки мавзеъҳои зинат ба ҳисоб меравенд, бе маҳдуд шудан ба мавзеи муайян назар карда метавонад. Зеро дар ин хусус нусусе омадааст, ки мутлақ мебошад. Аллоҳ Таоло мегўяд:

**وَقُل لِّلْمُؤْمِنَاتِ يَغْضُضْنَ مِنْ أَبْصَارِهِنَّ وَيَحْفَظْنَ فُرُوجَهُنَّ وَلَا يُبْدِينَ زِينَتَهُنَّ إِلَّا مَا ظَهَرَ مِنْهَا وَلْيَضْرِبْنَ بِخُمُرِهِنَّ عَلَى جُيُوبِهِنَّ وَلَا يُبْدِينَ زِينَتَهُنَّ إِلَّا لِبُعُولَتِهِنَّ أَوْ آبَائِهِنَّ أَوْ آبَاء بُعُولَتِهِنَّ أَوْ أَبْنَائِهِنَّ أَوْ أَبْنَاء بُعُولَتِهِنَّ أَوْ إِخْوَانِهِنَّ أَوْ بَنِي إِخْوَانِهِنَّ أَوْ بَنِي أَخَوَاتِهِنَّ أَوْ نِسَائِهِنَّ أَوْ مَا مَلَكَتْ أَيْمَانُهُنَّ أَوِ التَّابِعِينَ غَيْرِ أُوْلِي الْإِرْبَةِ مِنَ الرِّجَالِ أَوِ الطِّفْلِ الَّذِينَ لَمْ يَظْهَرُوا عَلَى**

عَوْرَاتِ النِّسَاء وَلَا يَضْرِبْنَ بِأَرْجُلِهِنَّ لِيُعْلَمَ مَا يُخْفِينَ مِن زِينَتِهِنَّ وَتُوبُوا إِلَى اللَّهِ جَمِيعًا أَيُّهَا الْمُؤْمِنُونَ لَعَلَّكُمْ تُفْلِحُونَ

"***Ва зинатҳои худро ҷуз он миқдор, ки пайдост, ошкор накунанд ва миқнааҳои худро то гиребон фурӯ гузоранд ва зинатҳои худро ошкор накунанд, ҷуз барои шавҳари худ ё писари шавҳари худ ё бародари худ ё писари бародари худ ё писари хоҳари худ ё занони ҳамкеши худ ё бандагони худ ё мардони хидматгузори худ, ки рағбат ба зан надоранд, ё кӯдаконе, ки аз шармгоҳи занон бехабаранд***" [24:31].

Ҳама касоне, ки дар оят зикр гардиданд, ба мӯй, гардан, мавзеи бозубанд, мавзеи буҷулбанд, мавзеи марҷонбанд ва мавзеъҳои дигари зинат назар карда метавонанд. Зеро Аллоҳ Таоло гуфтааст:

وَلَا يُبْدِينَ زِينَتَهُنَّ

"***Ва зинатҳои худро ошкор накунанд***" [24:31], яъне занон набояд мавзеъҳои зинати худро ба дигарон ҷуз касони мазкур нишон диҳанд. Пас касони мазкур ба мавзеъҳои зинати зан, ки дар либоси хонагӣ намоён мешавад, назар карда метавонанд. Имом Шофеӣ дар китоби "Муснад" ривоят мекунад, ки Зайнаб бинти Абӯсалама гуфтааст: "***Зани Зубайр Асмо маро маконида буд. Ман Зубайрро ҳамчун падар медонистам. Ӯ ҳангоми шона кардани мӯям ба наздам медаромад. Аз мӯйи бофтаам медошт ва "Ба ман бингар" мегуфт***". Аз ин рӯ, вақте ки Абӯсуфён барои таҷдиди аҳди Ҳудайбия ба Мадина омад, ба хонаи духтараш Уммуҳабиба, ки ҳамсари Расулуллоҳ буд, даромад. Духтараш бистари Расулуллоҳро ҷамъ кард, то ки Абӯсуфён ба он нанишинад, вале дар назди Абӯсуфён ҳиҷоб напӯшид. Сипас ин воқеаро ба Расулуллоҳ нақл кард. Расулуллоҳ кори ӯро маъқул

донистанд ва гарчи Абӯсуфён мушрик бошад ҳам, барои маҳрам будан ба ҳиҷоб пӯшидан нафармуданд.

Аммо нисбат ба мардони хосткорикунанда ё мардоне ҷуз шавҳар нигоҳ карда мешавад. Хоҳ мард ба зан назар кунад, хоҳ зан ба мард, агар ба назар кардан эҳтиёҷ бошад, танҳо ба аъзое, ки ба назар кардан эҳтиёҷ пайдо шудааст, назар кардан мубоҳ аст. Мард ҷуз рӯй ва кафҳо ба аъзоёни дигари зан назар намекунад. Касоне, ки шариат ба онҳо ҳангоми пайдо шудани эҳтиёҷ ба аъзои бадан назар карданро рухсат додааст, касоне, монанди табиб, парастори бемор, коршинос мебошанд, ки ба назар кардани онҳо ба аврат ва аъзоҳои дигар эҳтиёҷ пайдо шудааст. Ҳоким ва Ибни Ҳиббон аз тариқи Атияи Қурзӣ ривоят кардаанд:

"Пайғамбар (с), вақте ки Саъдро ба Банӣ-Қурайза довар таъин карданд, Саъд эзори мардони қабиларо кушода дид". Байҳақӣ ривоят кардааст: "***Усмон, вақте ки ба назди ӯ duздбачаеро овардaнд, гуфтааст: "Эзорашро кушода бинед". Вақте диданд, ки дар болои пешобдони бача пашм насабзидааст, дасти бачаро набуриданд***". Нафаре аз саҳобагон ин кори Усмонро, гарчи дар пеши чашми онҳо рух дода бошад ҳам, инкор накард.

Агар эҳтиёҷ мавҷуд ва аз тоифаи мардони номаҳрам набошад, ки аз занон беҳоҷатанд, ба рӯй ва кафҳои зан назар кардан мубоҳ аст. Ҷуз ин ду ба ҷойи дигар назар кардан ҳаром аст. Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"***Агар духтар ба синни ҳайз расад, дуруст нест, ки тани ӯ ҷуз рӯй ва  дастҳояш то буғуми каф намоён шавад***". Ин ҳадисро Абӯдовуд ривоят кардааст. Аллоҳ, вақте ки аз намоиш додани мавзеъҳои зинат боздошт, рӯй ва кафро истисно кард. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَلَا يُبْدِينَ زِينَتَهُنَّ إِلَّا مَا ظَهَرَ مِنْهَا

"***Ва зинатҳои худро ҷуз он миқдор, ки пайдост, ошкор накунанд***" [24:31].

Ибни Аббос дар тафсири ин оят "***рӯй ва кафҳо***" гуфтааст. Манъи зан аз намоиши зинатҳо манъ аз намоиши аврат мебошад. Аммо ин манъ далолат мекунад, ки назар кардан ба мавзеъҳое, ки зан аз намоиши онҳо боздошта шудааст, манъ карда шудааст. Истисно кардани мавзеъҳои намоёни зинат аз мавзеъҳое, ки намоиш додани зан боздошта шудааст, истисно кардани назар кардан ба ин мавзеъҳо мебошад. Ин далолат мекунад, ки ба ин мавзеъҳо назар кардан ҷоиз аст. Пас марди бегона метавонад ба рӯй ва кафҳои зани бегона назар кунад, то андозае ки шинохтани ин зан имконпазир гардад. Вақте ки гувоҳӣ лозим мегардад, дар хусуси ин зан гувоҳӣ дода тавонад, агар дар хусуси байъ ва иҷора бо ӯ муомила карда бошад, ба ӯ аз нав муроҷиат карда тавонад, агар ба ин зан қарз диҳад ё қарзашро баргардонад ё ба зани дигар монанд бошад, шахсияти ин занро муайян карда тавонад ва ҳоказо. Ҳамин тавр, зан низ ба аъзоҳои мард, ки аврат нестанд, назар карда метавонад. Дар ҳадиси муттафақун алайҳ Оиша (р) ривоят кардааст:

"***Ба ҳабашҳое, ки дар масҷид бозӣ мекарданд, назар мекардам ва Расулуллоҳ (с) бо ридои худ маро пинҳон мекарданд***". Бухорӣ аз тариқи Ҷобир ривоят кардааст:

"***Рӯзе Расулуллоҳ, баъд аз он ки аз хутбаи ид фориғ шуданд, ба назди занон рафтанд ва ба онҳо зикр карданд. Билол ҳамроҳи он кас буд. Сипас Расулуллоҳ (с) ба занон фармуданд, ки садақа диҳанд***". Ин ҳадис далели равшан аст, ки Расулуллоҳ (с) ба мардон назар кардани занонро маъқул донистаанд. Назаркунӣ ба аъзоҳое, ки аврат ба ҳисоб

намераванд, далолат мекунад, ки Оиша ба аъзоҳои ғайриаврати ҳабашҳои бозикунанда назар кардааст. Тавре ки Амр ибни Шуайб аз падараш ва падараш аз бобояш ривоят мекунад, Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

"***Нафаре аз шумо, агар ғулом ё муздури худро хонадор кунад, ба мавзеъе ки дар байни ноф ва зону аст, назар накунад, зеро он аврат мебошад***". Ин ҳадисро Абӯдовуд ривоят кардааст. Аз ин фаҳмида мешавад, ки ба аъзоҳои дигар назар кардан мубоҳ мебошад. Аммо аз Ҷарир ибни Абдуллоҳ ривоят карда шудааст:

"***Аз Расулуллоҳ (с) дар бораи назари ногаҳонӣ пурсидам. Маро фармуданд, ки чашмамро ба тарафи дигар нигаронам***". Ин ҳадисро Муслим ривоят кардааст. Инчунин аз Алӣ (р) ривоят карда шудааст, ки Расулуллоҳ (с) ба ӯ гуфтаанд:

"***Назарро бо назар идома надеҳ, зеро назари аввал ба фоидаи туст, вале назари дигар ба фоида ту нест***". Ин ҳадисро Аҳмад аз тариқи Бурайда ривоят кардааст. Ду ҳадиси мазкур на дар хусуси назар кардани зан ба мард, балки дар хусуси назар кардани мард ба зан мебошад. Мурод аз ҳадиси якум аз рӯи далели мубоҳ будани назар кардан ба рӯй ва кафҳо назар кардан ба мавзеъҳо ҷуз рӯй ва кафҳо мебошад. Мурод аз ҳадиси дуюм на наҳй аз назари оддӣ, балки наҳй аз назари такрорист, ки боиси шаҳват мегардад.

Аллоҳ Таоло мегӯяд:

قُل لِّلْمُؤْمِنِينَ يَغُضُّوا مِنْ أَبْصَارِهِمْ

"***Ба мардони мӯъмин бигӯ, ки чашмони хеш фурӯ гиранд***" [24:30].

Мурод аз ин оят на мутлақо поён афкандани чашм, балки поён афкандани чашм аз аъзоҳое, ки ба онҳо назар кардан ҳаром аст ва муқайяд шудан бо назар кардан ба аъзоҳоест, ки ба онҳо назар кардан ҳалол аст. Далел ин аст, ки маҳрамон, аз рӯи баёни Шореъ, метавонанд ба мӯй, гардан, мавзеъе, ки марҷон мебанданд, мавзеъе, ки бозубанд мебанданд ва қадами занон назар кунанд. Зеро нигоҳ доштани чашм поён афкандани чашм мебошад. Тавре ки дар "Қомус" омадааст бо каср ва бо фатҳ ба маънои – "***нигоҳашро поин кард***" мебошад. Аз фикрҳои боло аён мегардад, ки марду зан ба аъзоҳои ғайриаврати якдигар бе қасди лаззат ва шаҳват назар карда метавонанд. Аврати мард байни нофу зону ва аврати зан тамоми бадан ҷуз рӯй ва кафҳо мебошад. Гардан ва мӯй, гарчи як тола бошад ҳам, инчунин тамоми қисми сари зан аврат аст. Пас ҷуз рӯй ва кафҳо аъзоёни дигари зан аврат ба ҳисоб рафта, пинҳон кардани онҳо воҷиб мегардад. Далели ин ояти зерини Аллоҳ мебошад:

وَلَا يُبْدِينَ زِينَتَهُنَّ إِلَّا مَا ظَهَرَ مِنْهَا

"***Ва зинатҳои худро ҷуз он миқдор, ки пайдост, ошкор накунанд***" [24:31].

Баъзе зинатҳои намоён рӯй ва кафҳо мебошад. Зеро дар ҳузури Пайғамбар (с) ин ду мавзеи зинати занони мусулмон намоён буд ва Пайғамбар (с) ба ин сукут кардаанд. Ин ду мавзеи зинат дар ибодат, яъне ҳаҷ ва намоз намоён мебошад. Дар давраи Расулуллоҳ, яъне дар даврае, ки оят нозил мешуд, ин ду мавзеъ намоён буд. Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

"***Зан аврат аст***". Ин ҳадисро Ибни Ҳиббон дар "Саҳеҳ"-и худ аз тариқи Ибни Масъуд ривоят кардааст. Ҳадиси мазкур низ далел аст, ки тамоми бадани зан ҷуз рӯй ва кафҳо аврат ба ҳисоб меравад. Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

"***Агар духтар ба синни ҳайз расад, дуруст нест, ки тани ӯ ҷуз рӯй ва ду дасташ то буғуми каф намоён шавад***". Ин ҳадисро Абӯдовуд ривоят кардааст. Ин далелҳо ошкоро баён мекунанд, ки тамоми бадани зан ҷуз рӯй ва кафҳо аврат ва ба зан пинҳон кардани тамоми бадан ҷуз рӯй ва кафҳо воҷиб аст.

Авратро бо чӣ пинҳон мекунанд? Шариат барои пинҳон кардани аврат либоси муайянро муқаррар накард, балки озод вогузошта, танҳо бо насси намоён набудани аврат: – "***ошкор накунанд***" ва – "***дуруст нест, ки тани ӯ намоён шавад***" муқайяд шудааст. Пас ҳар гуна либосе, ки тамоми аъзоҳои бадани занро ҷуз рӯй ва кафҳо пинҳон мекунад, новобаста ба шакл пинҳонкунандаи аврат ба ҳисоб меравад. Масалан, куртаи дароз, шим, юбка (пероҳан), пайпоқ аз ҷумлаи либоси пинҳонкунандаи аврат (либоси авратпӯш) мебошанд. Шореъ шакл ва навъи либосро аниқ таъин накардааст. Аз ин рӯ, новобаста ба шакл, навъ ва шумора (порча) ҳар гуна либосе, ки авратро пинҳон мекунад, яъне бо он аврат намоён намешавад, шаръан либоси авратпӯш ба ҳисоб меравад.

Аммо Шореъ шарт кардааст, ки либос пӯсти баданро пинҳон кунад. Дар ҳақиқат воҷиб гардонид, ки аврат бо либосе, ки пӯст ва ранги пӯст: сафед, сурх, сабзина, сиёҳ ё дигар будани пӯстро пинҳон мекунад, пинҳон карда шавад. Бо ибораи дигар, либоси авратпӯш то андозае бошад, ки пӯст ва ранги пӯст: сафед, сурх ё сабзина будани пӯст маълум нашавад. Агар либос дорои ин гуна сифат набошад, либоси авратпӯш ба ҳисоб намеравад. Агар курта шаффоф бошаду аз таги он ранги пӯст: сурх ё сафед ё сабзина будани пӯст маълуму намоён шавад, ин гуна курта ба авратпӯшӣ шоиста нест ва дар ин ҳолат аврат нопӯшида ва намоёншуда ба ҳисоб меравад. Зеро аврат шаръан бо пинҳон кардани пӯст ва ранги пӯст пӯшида мешавад. Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

"***Дуруст нест, ки тани ӯ намоён шавад***". Ҳадиси мазкур далел аст, ки Шореъ пӯшидани пӯсти баданро, то андозае ки ранги пӯст маълум набошад, воҷиб гардонидааст. Ин ҳадис далели ошкорост, ки Шореъ дар авратпӯшӣ шарт кардааст, ки либоси авратпӯш пӯстро пинҳон кунад ва ранги пӯстро нишон надиҳад. Пас ба зан воҷиб аст, ки либоси авратпӯши ӯ либоси шаффоф набошад, яъне он чиро, ки дар таги он аст, маълум накунад ва нишон надиҳад.

Ин мавзӯи авратро пӯшидан ва пинҳон кардан буд. Мавзӯи мазкурро набояд бо мавзӯи либоси зан дар ҳаёти умумӣ ва бо мавзӯи табарруҷ (1) бо баъзе либосҳо даромехт. Мавҷудияти либоси авратпӯш маънои онро надорад, ки зан ин либосро берун аз хона дар ҳаёти умумӣ пӯшида метавонад. Зеро Шореъ барои кӯчаи умумӣ (ҳаёти умумӣ) либоси муайянеро муқаррар намудааст, ки танҳо авратро пӯшидани зан кифоя намекунад. Масалан, шим пӯшидан, гарчи авратро пинҳон кунад ҳам, дар ҳаёти умумӣ, яъне берун аз хона мумкин нест. Зеро либосе мавҷуд аст, ки Шореъ онро дар кӯчаи умумӣ пӯшиданро воҷиб гардонидааст. Агар зан бар хилофи фармони Шореъ либосеро ҷуз либосе, ки Шореъ муқаррар намудааст, пӯшад, гунаҳкор мешавад, зеро ӯ фарзеро тарк кард. Бинобар ин, мавзӯи авратпӯширо бо мавзӯи либоспӯшии зан дар ҳаёти умумӣ набояд даромехт. Инчунин мавзӯи авратпӯширо бо мавзӯи табарруҷ ва намоиш додани зинату зебоиҳои худ набояд даромехт. Аз ин рӯ, авратро пӯшидани шими ғафсу ношаффоф маънои онро надорад, ки дар ҳузури мардони бегона онро пӯшидан мумкин бошад. Зеро зан бо шим пӯшидан зинату зебоиҳои худро намоиш медиҳад. Дар ин ҳолат зан, гарчиаврати худро пӯшида бошад ҳам, бо табарруҷ зинату зебоиҳои худро ба мардони бегона намоиш медиҳад. Ҳол он ки Шореъ занро, гарчи авраташро пӯшида бошад ҳам, аз табарруҷ ва намоиш додани зинату

зебоиҳои худ ба мардони бегона боздоштааст. Авратро пӯшидани зан маънои онро надорад, ки ин зан бо либоси авратпӯш аз ҷумлаи худородиҳандагон ба ҳисоб наравад. Аз ин рӯ, мавзӯи авратпӯшӣ ва мавзӯи намоиш додани зинату зебоиҳои худ бо табарруҷ мавзӯъҳои ҷудогона мебошанд ва набояд ин мавзӯъҳоро даромехт.

Аммо либосе, ки зан онро дар ҳаёти умумӣ, яъне дар бозору кӯчаи умумӣ мепӯшад, чунин аст: Шореъ ба зан воҷиб гардонидааст, ки дар бозорҳо ё кӯчаи умумӣ либоси дигар дошта бошад, ки аз болои либос бипӯшад. Бинобар ин, воҷиб гардонидааст, ки либосе дошта бошад, ки аз болои либосаш пӯшад ва то пойҳояш дароз бошад. Агар зан ин гуна либос надошта бошад, либоси ҳамсоя, ё дугона, ё хешовандашро ба орият (муваққатан) мегирад. Агар ба ин кор қодир набошад ё ҳеҷ кас ба орият надиҳад, бе ин гуна либос ба кӯча баромадан мумкин нест. Агар бе либосе, ки аз болои либосаш мепӯшад, ба кӯча барояд, гунаҳкор мешавад. Зеро дар ин ҳолат зан амалеро, ки Аллоҳ ба ӯ фарз гардонидааст, тарк мекунад. Ин ҳукмҳо ба танпӯши зан тааллуқ дорад. Аммо дар хусуси сарпӯш таваққуф намоем, зан бояд рӯмол ё монанди ин либосе дошта бошад, ки ҷогузини рӯмол шуда тавонад ва тамоми сар, ҳама тарафи гардан ва мавзеъҳои кушоди куртаро дар болои қафаси сина пинҳон кунад. Илова бар ин, либоси мазкур бояд барои ба кӯча баромадан ё сайругашт дар кӯчаи умумӣ омода гардида бошад, яъне либосе бошад, ки аз болои либос пӯшида мешавад ва барои ҳаёти умумӣ тайёр карда шудааст. Зан, агар ҳамин ду либос: сарпӯшу танпӯшро дошта бошад, метавонад аз хона барояд, ба бозорҳо равад ё дар кӯчаи умумӣ сайругашт кунад, яъне ба ҳаёти умумӣ барояд. Дар акси ҳол дар ҳеҷ гуна ҳолат аз хона баромадани ӯ мумкин нест. Зеро фармон ба пӯшидани ин ду либос умумист

ва мутлақо ҳукме наомадааст, ки онро хос гардонад. Аз ин рӯ, фармони мазкур дар ҳама ҳолатҳо умумӣ мебошад.

Ба воҷибияти зарурати ин ду либос барои ҳаёти умумӣ оятҳои зерин далел мешаванд. Аллоҳ Таоло дар бораи сарпӯши зан мегӯяд:

وَلَا يُبْدِينَ زِينَتَهُنَّ إِلَّا مَا ظَهَرَ مِنْهَا وَلْيَضْرِبْنَ بِخُمُرِهِنَّ عَلَى جُيُوبِهِنَّ

"***Ва зинатҳои худро ҷуз он миқдор, ки пайдост, ошкор накунанд ва миқнааҳои худро то гиребон фурӯ гузоранд***" [24:31].

Аллоҳ Таоло дар хусуси танпӯши зан мегӯяд:

يَا أَيُّهَا النَّبِيُّ قُل لِّأَزْوَاجِكَ وَبَنَاتِكَ وَنِسَاء الْمُؤْمِنِينَ يُدْنِينَ عَلَيْهِنَّ مِن جَلَابِيبِهِنَّ

"***Эй пайғамбар, ба занону духтарони худ ва занони мӯъминон бигӯ, ки чодари худро бар худ фурӯ пӯшанд***" [33:59].

Уммуатия ривоят мекунад:

"***Расулуллоҳ (с) моро фармуданд, ки духтарони ҷавон, духтарони ҳайздида ва духтарони болиғро ба Фитр ва Азҳо барорем. Духтарони ҳайздида, гарчи аз намоз дур истанд ҳам, гувоҳи некӣ ва дуои мусулмонон мегарданд". Гуфтам: "Агар яке аз мо ҷилбоб надошта бошад". Гуфтанд: "Хоҳараш ба ӯ ҷилбоби худро диҳад***". Ин ҳадисро Муслим ривоят кардааст. Далелҳои мазкур либоси занро дар ҳаёти умумӣ ошкоро баён мекунанд. Аллоҳ Таоло дар ин ду оят либосеро, ки ба зан дар ҳаёти умумӣ пӯшидан воҷиб гардонида шудааст, дақиқан ва комилан тавсиф додааст.

Аллоҳ Таоло дар хусуси сарпӯши зан мегӯяд:

وَلْيَضْرِبْنَ بِخُمُرِهِنَّ

"***Миқнааҳои худро то гиребон фурӯ гузоранд***" [24:31],

яъне бо сарандоз гардану қафаси синаи худро печонанд, гардан ва қафаси синаи худро, ки аз гиребони курта ва либос намоён мешавад, пинҳон кунанд. Аллоҳ Таоло дар бораи танпӯши зан мегӯяд:

يُدْنِينَ عَلَيْهِنَّ مِن جَلَابِيبِهِنَّ

"***Чодари худро бар худ фурӯ пӯшанд***" [33:59],

яъне ҷилбоб ва плашеро, ки барои ба кӯча баромадан аз болои либосҳои худ мепӯшанд, то поён фурӯ гузоранд, дароз кунанд. Аллоҳ дар хусуси намуди умумии ин либос мегӯяд:

وَلَا يُبْدِينَ زِينَتَهُنَّ إِلَّا مَا ظَهَرَ مِنْهَا

"***Ва зинатҳои худро ҷуз он миқдор, ки пайдост, ошкор накунанд***" [24:31],

яъне мавзеъҳои зинати худро, монанди гӯш, бозу ва соқ, нишон надиҳанд. Баъзе мавзеъҳои зинат, ки дар даври нозил шудани ояти мазкур, яъне дар даври Расулуллоҳ (с) дар ҳаёти умумӣ намоён буданд, яъне рӯй ва кафҳо аз ин мустасност. Аз ин тавсифи дақиқ аён мегардад, ки чӣ гуна намуд ва шакли либоси зан дар ҳаёти умумӣ воҷиб аст. Ҳадиси Уммуатия ошкор баён кардааст, ки танпӯши зан, ки ҳангоми ба кӯча баромадан мепӯшад, бояд дар чӣ гуна намуд ва шакл бошад. Ӯ аз Расулуллоҳ (с) пурсид:

"***Агар яке аз мо ҷилбоб надошта бошад***". Расулуллоҳ (с) дар ҷавоб гуфтанд:

"***Хоҳараш ба ӯ ҷилбоби худро диҳад***", яъне ӯ аз Расулуллоҳ (с) пурсид: "***Агар ӯ барои ба кӯча баромадан танпӯше, ки***

***аз болои либосаш мепӯшад, надошта бошад***". Расулуллоҳ (с) ба ӯ амр карданд, ки хоҳараш ба ӯ танпӯши худро диҳад. Ин далолат мекунад, ки агар ҳеҷ кас ин гуна либосро ба орият надиҳад, ба кӯча баромадани зан мумкин нест. Ин ишора ба фарзияти фармони ҳадис мебошад, яъне агар зан ба кӯча баромадан хоҳад, ба ӯ аз болои либосаш ҷилбоб пӯшидан фарз аст, агар напӯшад, ба кӯча намебарояд.

Ҷилбоб бояд то андозае поён фурӯ ояд, ки қадами занро низ пӯшонад. Зеро Аллоҳ дар оят мегӯяд:

**يُدْنِينَ عَلَيْهِنَّ مِن جَلَابِيبِهِنَّ**

"***Чодари худро бар худ фурӯ пӯшанд***" [33:59],

яъне ҷилбоби худро дароз кунанд. Зеро (مِنْ) ин ҷо на ба маънои "баъзе", балки ба маънои баён омадааст, яъне ҷилбоб ё плашро то поён дароз кунанд. Зеро Ибни Умар ривоят кардааст, ки Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

"***Ҳар кас бо такаббур домани худ дар замин кашол кунад, рӯзи қиёмат Аллоҳ ба ӯ нанигарад". Уммусалама пурсид: "Занон бо домани худ чӣ мекунанд?" Расул (с) гуфтанд: "Як ваҷаб дароз кунанд". Уммусалама гуфт: "Магар қадами занон кушода мемонад?" Расул (с) гуфтанд: "Як зироъ дароз кунанд ва аз он зиёд накунанд***". Ин ҳадисро Тирмизӣ ривоят кардааст. Ин ошкоро далолат мекунад, ки танпӯши зан, ки аз болои либосаш мепӯшад, яъне ҷилбоби зан бояд то андозае дароз бошад, ки қадамашро пӯшонад. Агарчи қадамаш бо пайпоқ ё махсӣ пӯшонида шуда бошад, ин ҷогузини шакле, ки ба дароз кардани ҷилбоб далолат мекунад, шуда наметавонад. Дар ин ҳолат ба печонидани қадам, азбаски пинҳон мебошад, зарурат нест. Лекин дар ин ҳолат низ ҷилбоб бояд дароз карда шавад, то ошкоро намоён шавад, ки либоси мазкур либосест, ки дар ҳаёти умумӣ

пӯшидани зан воҷиб аст ва риояи қавли Аллоҳ: (يُدْنِينَ) комил гардад.

Аз ин аён мегардад, ки зан бояд либосе дошта бошад, ки барои ба кӯча баромадан аз болои либосҳояш мепӯшад. Агар ба кӯча баромадан хоҳад, вале ин гуна либос надошта бошад, хоҳаре, яъне зани мусулмоне бояд либоси худро, ки аз болои либосҳояш мепӯшад, ба орият диҳад. Агар занеро, ки ба орият медиҳад, пайдо накунад, то пайдо кардани либосе, ки аз болои либосҳояш мепӯшад, ба кӯча намебарояд. Агар бе пӯшидани либоси васеъ ва то поён дароз аз болои либосҳояш ба кӯча барояд, гарчи тамоми авратҳояш пинҳон бошад ҳам, гунаҳкор мешавад. Зеро либоси васеъ ва то қадам дароз фарз аст. Пас ӯ бар хилофи фарз рафтор мекунад. Бинобар ин, дар назди Аллоҳ гунаҳкор мешавад ва аз тарафи давлат бо ҷазои таъзир ҷазо дода мешавад.

Акнун ду масъалае боқӣ монд, ки аз масъалаҳои назар кардани зан ба мард ва назар кардани мард ба зан мебошад. Масъалаи якум – ҳузури мардони бегона дар хонаҳо бо изни соҳибхона, назар кардани ин мардон ба занони бо либоси рӯзмарраи хонагӣ ва афтидани назари онҳо ба мавзеъҳои зинати зан ҷуз рӯй ва кафҳо. Масъалаи дуюм – сайругашти занони ғайримусулмон, ҳатто баъзе занони мусулмон дар кӯчаҳои шаҳр бо намоиши мавзеъҳои зинати худ беш аз рӯй ва кафҳо. Ду масъалаи мазкур амалан дар ҳаёт мавҷуданд ва касофати онҳо ба тамоми мусулмонон мерасад. Дар хусуси ду масъалаи мазкур ҳукми Аллоҳро баён кардан зарур аст.

Масъалаи якум чунин аст: Баъзан бародарон ё хешовандон дар як манзил якҷоя истиқомат мекунанд. Занони онҳо дар либоси рӯзмарраи хонагӣ ба назари дигарон меафтанд. Дар либоси рӯзмарраи хонагӣ мӯй, гардан, бозувон, соқҳо ва дигар аъзоёни зан намоён мешавад. Оқибат назари

бародарон ва хешовандони шавҳараш, ки ба ин зан номаҳрам мебошанд, ба ин аъзоёни зан меафтад, чунон ки назари маҳрамони ӯ: бародараш, падараш ва ғайра, ба ин аъзоёни зан меафтад. Ҳол он ки бародарони шавҳараш монанди бегонагони дигар ба ин зан номаҳраманд. Инчунин хешовандон, монанди амакбачаҳо, тоғабачаҳо, ки ба зан номаҳраманд ва мардони ғайрихеш ба зиёрат меоянд. Ин зиёраткунандагон бо занон дар либоси рӯзмарраи хонагӣ салом мекунанд ва якҷоя менишинанд. Аз аъзоёни зан ҷуз рӯй ва кафҳо мӯй, гардан, бозу, соқ ва ҷойҳои дигар намоён мешавад. Зиёраткунандагон бо занон монанди маҳрамон муомила мекунанд. Ин ҳолат басо густариш ёфтааст, ки аксари мусулмонон, махсусан шаҳриҳо ба он мубтало гаштаанд. Бинобар ин, аксарият ҳолати мазкурро мубоҳ мепиндорад. Аслан ба маҳрамон ва ғуломони пешхидмат, ки беҳоҷат аз занон (бо сабаби пирӣ ё девонагӣ) ба ҳисоб мераванд, назар кардан мубоҳ аст. Аммо дар ҳузури ғайри номбурдагон намоён шудани аъзоёни зан ҷуз рӯй ва кафҳо ҳаром аст. Ҳукми масъалаи мазкур ин аст, ки Аллоҳ ҳам ба зан назар кардан ва ҳам аз зан лаззат бурданро мутлақ ҳаром гардонидааст. Сипас лаззат бурданро танҳо ба шавҳараш хос гардонидааст. Ба зан, яъне ба зинати ӯ назар карданро ба дувоздаҳ шахс, ки амакҳо ва тоғаҳо низ ба ҷумлаи онҳо шомил мешаванд, рухсат додааст. Тамоми мардонро ба назар кардан ба рӯй ва кафҳои зан рухсат додааст. Бо лаззат бурдан, яъне бо шаҳват назар карданро ҷуз шавҳараш ба дигарон мутлақ ҳаром гардонидааст. Назари оддӣ (яъне назари бешаҳват) ба рӯй ва кафҳо мутлақ мубоҳ аст. Назар кардан ба аъзоёни зан ҷуз рӯй ва каф ба тамоми мардон ҷуз маҳрамони зан ва касони ҳамонанди онҳо, ки Аллоҳ зикр кардааст, мутлақо ҳаром аст.

Аз рӯи нусус, ҳукми шариат дар хусуси ҳаёти умумӣ ҳамин аст. Аммо дар ҳаёти хос Шореъ занро ба нишон додани мавзеъҳое ҷуз рӯй ва кафҳо, ки дар аснои корубори хона намоён мешаванд, рухсат додааст. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا لِيَسْتَأْذِنكُمُ الَّذِينَ مَلَكَتْ أَيْمَانُكُمْ وَالَّذِينَ لَمْ يَبْلُغُوا الْحُلُمَ مِنكُمْ ثَلَاثَ مَرَّاتٍ مِن قَبْلِ صَلَاةِ الْفَجْرِ وَحِينَ تَضَعُونَ ثِيَابَكُم مِّنَ الظَّهِيرَةِ وَمِن بَعْدِ صَلَاةِ الْعِشَاءِ

"***Эй касоне, ки имон овардаед, бояд бандагони шумо ва онҳо, ки ҳанӯз ба ҳадди булуғ нарасидаанд, дар се ҳангом аз шумо барои ворид шудан ба хона рухсат талабанд: пеш аз намози субҳ ва ҳангоми зуҳр, ки либос аз тан берун мекунед ва баъд аз намози ашо***" [24:58].

Аллоҳ Таоло ба ноболиғон ва ғуломон фармуд, ки дар ҳамин се ҳангом ба ҳузури зан дохил нашаванд. Сипас дар ояти зерин маълум сохт, ки ҷуз ин се ҳангом дар вақтҳои дигар ба даромадан рухсат додааст:

ثَلَاثُ عَوْرَاتٍ لَّكُمْ لَيْسَ عَلَيْكُمْ وَلَا عَلَيْهِمْ جُنَاحٌ بَعْدَهُنَّ طَوَّافُونَ عَلَيْكُم بَعْضُكُمْ عَلَى بَعْض

"***Ин се вақт вақти хилвати шумост. Дар ғайри он се ҳангом шумо ва онҳо гуноҳе муртакиб нашудаед, агар бар якдигар бигзаред***" [24:58].

Дар ин оят ошкоро аён мегардад, ки ҷуз се ҳолати мазкур дар вақтҳои дигар, дар ҳоле ки занон дар либоси хонагӣ кушода (бесатри аврат) мебошанд, ноболиғон ва ғуломон бе изн дохил мешаванд. Аз ин фаҳмидан мумкин аст, ки зан метавонад дар хона бо либоси корӣ умр ба сар барад ва дар ин либос ба назари ноболиғон ва ғуломон афтад. Аз ин рӯ, зан бе шакку шубҳа метавонад дар хона бо либоси корӣ умр ба

сар барад ва барои ин кор гунаҳкор намешавад. Ноболиғон ва ғуломон метавонанд ўро дар ин ҳолат бубинанд. Ин ноболиғон ва ғуломон низ дар ин ҳолат гунаҳкор намешаванд. Зан авратҳои намоёни худро аз онҳо сатр намекунад. Онҳо низ барои даромадан ба изнпурсӣ мўҳтоҷ нестанд. Зеро дар оят нишон дода шудааст, ки ноболиғон ва ғуломон ҷуз се ҳолати мазкур дар вақтҳои дигар бе изнпурсӣ дохили хона мешаванд. Ходимоне, ки дар хонаҳо хидмат мекунанд, бо иллати рафтуомадкунандагон ба ғуломон монанд карда намешаванд. Наметавон онҳоро ба ғуломон монанд кард, зеро ин иллатест, ки ба воҷибияти изнпурсии навболиғон, гарчи онҳо рафтуомадкунанда бошанд ҳам, муқайяд мебошад.

Аллоҳ дар ин хусус аҳкоми мардонро ҷуз ноболиғон ва ғуломон дар "***ҳаёти хос***" баён кардааст, яъне аз онҳо изнпурсиро талаб кардааст. Аллоҳ Таоло мегўяд:

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا لَا تَدْخُلُوا بُيُوتًا غَيْرَ بُيُوتِكُمْ حَتَّى تَسْتَأْنِسُوا وَتُسَلِّمُوا عَلَى أَهْلِهَا

"***Эй касоне, ки имон овардаед, ба хонае ғайр аз хонаи худ, бе он ки иҷозат талабида ва бар сокинонаш салом карда бошед, дохил машавед***" [24:27].

Аллоҳ Таоло аз мусулмон, агар ў ба хонаи каси дигар даромадан хоҳад, изнпурсиро талаб кардааст ва барои ин калимаи – "***наздикӣ***"-ро истифода бурдааст. Аз ин фаҳмида мешавад, ки агар мусулмон ба хонаи хеш даромадан хоҳад, изн намепурсад. Сабаби нузули ояти мазкур чунин аст: ***Як зани ансорӣ пурсид: "Ё Расулаллоҳ! Дар хона дар ҳолате мешавам, ки намехоҳам касе, ҳатто падарам ва фарзандам бинад. Дар ин ҳангом падарам меояду ба пеши ман медарояд. Агар дар ин ҳолати ман марде аз оилаам***

***ба пешам дарояд, чӣ кор кунам?***". Дар ин вақт ояти изнпурсӣ нозил шуд. Сабаби нузули оят, агар бо ифода ва мафҳуми оят пайваст карда шавад, далолат мекунад, ки масъала дар хусуси ҳаёти хос на масъалаи сатри аврат ё масъалаи дигар, балки масъалаи ҳолати кушод будани зан мебошад. Дар ин ҳолат, яъне дар ҳолати кушод будан шариат занро ба сатр кардан нафармуд. Балки дар ин ҳолати хос ба мардон фармуд, ки изн пурсанд, то зан имкон пайдо кунад, ки аз дигарон ҷуз маҳрамон аъзоёни худро ҷуз рӯй ва кафҳо сатр кунад, яъне аз рӯи далели сабаби нузули оят, бо воситаи изнпурсӣ маълум карда шавад, ки пинҳон кардани аврат талаб карда мешавад. Пас ҳар кас, агар ба ҳузури зан дарояд, хоҳ маҳрам бошад, хоҳ номаҳрам бояд изн пурсад. Талаби изнпурсӣ ба зан маълум мекунад, ки аз номаҳрамон сатр кунад.

Назаркунии мард ба зан дар ҳолати мазкур хоҳ дар ҳаёти хос бошад, хоҳ дар ҳаёти умумӣ корест, ки ба масъалаи назаркунӣ тааллуқ дорад. Аллоҳ Таоло ба аъзоёни зан ҷуз рӯй ва кафҳо назар карданро ба номаҳрамон ҳаром гардонид, вале ба маҳрамон рухсат дод. Аллоҳ фармуд, ки аз аъзоёни зан ҷуз рӯй ва кафҳо чашм поён афканда шавад. Назареро, ки ба дараҷаи назари бардавом нест, афв намуд. Ҳаром будани назаркунӣ ба аъзоён ҷуз рӯй ва кафҳо аниқу равшан аст. Аллоҳ Таоло дар ояти зерин ошкоро баён кардааст, ки аз назаркунӣ ба аъзоёни зан ҷуз рӯй ва кафҳо чашм поён афканда шавад:

قُل لِّلْمُؤْمِنِينَ يَغُضُّوا مِنْ أَبْصَارِهِمْ

"***Ба мардони мӯъмин бигӯ, ки чашмони хеш фурӯ гиранд***" [24:30].

Мурод аз ин боздошт аз назар кардан ба аъзоёни зан ҷуз рӯй ва кафҳо мебошад. Зеро ба мубоҳии назар кардан ба рӯй ва кафҳо далел мавҷуд аст. Тавре ки дар Бухорӣ омадааст, Саид ибни Абулҳасан ба Ҳасан гуфт: "***Занони аҷамӣ сару синаи худро пинҳон намекунанд". Ӯ гуфт: "Ба тарафи дигар бингар***". Дар ҳадисе, ки аз нишаст дар сари роҳҳо боздошта шудааст, гуфта шудааст: "***Чашматро поён афкан***", яъне дар роҳ гоҳо мавзеъҳои занон ҷуз рӯй ва кафҳо кушода мешавад. Аз ин ҷо на назар накардан, балки поён афкандани чашм воҷиб мегардад. Аллоҳ Таоло, вақте ки назар карданро ҳаром гардонид, назаркуниро ба аъзоён ҷуз рӯю кафҳо ва назари барқасдро ҳаром гардонид. Агар назар барқасд набошад, ин гуна назарро ҳаром накардааст ва ба тарки он низ нафармудааст, балки ба поён афкандани чашм фармудааст ва гуфтааст:

يَغُضُّوا مِنْ أَبْصَارِهِمْ

"***Чашмони хеш фурӯ гиранд***" [24:30].

Ин ҷо калимаи  ба маънои баъзе қисми чашм мебошад, яъне баъзе қисми чашми худро поён афкананд. Аз ин фаҳмида мешавад, ки назари поён афкандашуда, яъне назари оддии ғайриқасдӣ ҷоиз аст.

Аммо масъалаи дуюм ин аст, ки ҳазорати Ғарб бар мо ҳуҷум карда, дар кишварҳои мусулмонон ба ҳукмронӣ бо низомҳои куфр пардохт. Аз ин вақт ба кӯча баромадани занони ғайримусулмон дар ҳолати нимбараҳна – дар ҳолати кушодани сина, миён, мӯй, бозу ва соқ оғоз ёфт. Баъзе занони мусулмон низ ба онҳо тақлид намуда, дар ин гуна намуд ба бозор ва кӯчаҳо баромаданд. Ҳолат ба андозае расид, ки инсон зани мусулмон ё зани ғайримусулмон будани зани раҳгузар ё дар дӯконҳо харидуфурӯшкунандаро фарқ карда

наметавонад. Мардони мусулмон, ки дар ин шаҳрҳо зиндагӣ мекунанд, мункари мазкурро дар айни вақт ба танҳоӣ бартараф карда наметавонанд. Бе дидани ин авратҳо дар ин шаҳрҳо зиндагӣ низ карда наметавонанд. Зеро табиати ҳаёте, ки онҳо дар он умр ба сар мебаранд ва шакли хонаҳое, ки онҳо истиқомат мекунанд, чунин аст, ки аврати занонро надидани мардон имконнопазир аст. Мард, ҳарчанд аз назар худдорӣ карданро хоҳад ҳам, аз дидани аврати занон: бозу, сина, миён, соқ ва мӯйҳои занон, худро нигоҳ дошта наметавонад. Агар дар хона нишинад, ба ҳеҷ куҷо набарояд, танҳо ҳамон вақт аз дидани аврат худро нигаҳ дошта метавонад. Лекин ин имконнопазир аст, зеро ӯ мӯҳтоҷ аст, ки бо мардум алоқаҳои барои ҳаёт зарурирo ба роҳ монад, монанди харидуфурӯш, иҷора ва хизмат. Агар аз назар кардан ба авратҳо худро нигаҳ дорад, корҳои мазкурро анҷом дода наметавонад. Агар Қуръон ва суннат ошкоро баён карда бошад, ки ба зан назар кардан ҳаром аст, ӯ бояд чӣ гуна рафтор кунад? Ҳалли муаммои мазкур дар ду вазъият имконпазир аст:

**Якум** – ҳолати ногаҳон назар афтидан, ки дар роҳ рух медиҳад. Бори аввал афтидани назар афв карда шудааст. Лекин мард бояд назарро бори дигар такрор накунад. Ҷарир ибни Абдуллоҳ ривоят мекунад:

"***Аз Расулуллоҳ (с) дар бораи назари ногаҳонӣ пурсидам. Маро фармуданд, ки чашмамро ба тарафи дигар нигаронам***". Ин ҳадисро Муслим ривоят кардааст. Алӣ (р) мегӯяд, ки Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

"***Назарро бо назар идома надеҳ, зеро назари аввал ба фоидаи туст, вале назари дигар ба фоида ту нест***". Ин ҳадисро Аҳмад аз тариқи Бурайда ривоят кардааст.

**Дуюм** – ҳолати гуфтугӯ бо зане, ки сар, бозу ва аъзоҳои дигараш кушода аст, ки ин зан ба намоиш додани онҳо одат

кардааст. Дар ин гуна ҳолат аз ин зан ба тарафи дигар нигаронидани назар ва поён афкандани чашм воҷиб аст. Бухорӣ аз Абдуллоҳ ибни Аббос (с) ривоят мекунад:

"***Фазл ва Расулуллоҳ (с) дар як маркаб савор буданд, ки як зани хасъамӣ омад. Фазл ба ӯ ва ӯ ба Фазл назар кард. Он гоҳ Расулуллоҳ (с) рӯйи Фазлро ба тарафи дигар нигаронидаанд***". Аллоҳ Таоло мегӯяд:

قُل لِّلْمُؤْمِنِينَ يَغُضُّوا مِنْ أَبْصَارِهِمْ وَيَحْفَظُوا فُرُوجَهُمْ

"***Ба мардони мӯъмин бигӯ, ки чашмони хеш фурӯ гиранд ва шармгоҳи худ нигаҳ доранд***" [24:30].

Мурод аз нигаҳ доштани чашм поён афкандани чашм мебошад. Пас ҳалли муаммои мазкур ин аст, ки мард дар ҳоли гуфтугӯ бо зан кори худро анҷом медиҳад: агар ронанда бошад, мошини худро меронад, агар гармои сахт бошад, дар соягоҳ менишинад. Дар ин ҳолатҳо мард чашмашро поён меафканад. Корҳои мазкур зарурати ҳои мард дар ҳаёти умумӣ мебошад. Мард наметавонад аз ин заруратҳо беҳоҷат гардад ва балои кушода будани авратҳоро низ бартараф кунад. Ӯ бояд ба оят амал намояд ва чашмашро нигаҳ дорад, ҷуз ин, яъне ҷуз нигаҳ надоштани чашм ба ӯ ҳалол нест.

Ин ҷо наметавон гуфт, ки "***балои мазкур ҳама ҷоро фаро гирифтааст ва аз он худро нигаҳ доштан душвор аст***". Ин қоида ба шариат зид аст. Агарчи бало ҳама ҷоро фаро гирад ҳам, ҳаром ба ҳалол ва ҳалол ба ҳаром табдил намеёбад. Инчунин наметавон гуфт, ки "***занони мазкур кофиронанд, бинобар ин, нисбат ба онҳо монанди канизон муомила карда мешавад, аврати онҳо низ монанди аврати канизон мебошад***". Зеро ҳадис дар хусуси зан умумӣ омадааст, дар он зани мусулмон гуфта нашудааст. Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

"***Агар духтар ба синни ҳайз расад, дуруст нест, ки тани ӯ ҷуз рӯй ва ду дасташ то буғуми каф намоён шавад***". Ин ҳадиси саҳеҳ аст. Зан хоҳ мусулмон бошад, хоҳ на ба ӯ назар кардан ошкоро ҳаром аст. Ин ҳукм дар тамоми ҳолатҳо, аз ҷумла дар ҳолати мазкур низ умумӣ мебошад. Азбаски қиёс дар ин ҷо бемаврид аст, зани кофир ба каниз қиёс карда намешавад.

Бинобар ин, ба мардоне, ки ба хонаи дигарон мераванд, воҷиб аст, ки чашми худро аз аъзоёни занони номаҳрами ин хона ҷуз рӯй ва кафҳо поён афкананд. Ба мардоне, ки дар шаҳр зиндагӣ мекунанд, ба омехтан бо ҷомеа ё ба муомила кардан бо занони кофири бесатри аврат, монанди харидуфурӯш, гуфтугӯ ва иҷора, маҷбур ҳастанд, воҷиб аст, ки дар аснои ин муомилот чашми худро поён афкананд ва танҳо дар ҳолати маҷбурӣ ба миқдоре, ки ба назар кардан мӯҳтоҷ аст, муқайяд шаванд.

Ин аҳком оид ба назар кардан буд. Аммо бо даст салом кардан мувофиқи ҳадисе, ки дар "Саҳеҳ"-и Бухорӣ омадааст, ҷоиз аст, мард бо зан ва зан бо мард бе ягон монеа бо даст салом карда метавонад. Уммуатия мегӯяд:

"***Ба Набӣ (с) байъат додем. Ба мо шарт карданд, ки ба Аллоҳ чизеро шарик накунем ва моро аз ниёҳа (2) боздоштанд. Зане аз байни мо дасташро кашид***". Байъат бо дастдиҳӣ рух дода буд. Маънои ҷумлаи "***дасташро кашид***" ин аст, ки дасташро баъд аз дароз кардан барои байъат кашид. Пас дасташро кашидани ӯ далолат мекунад, ки ӯ мехост бо дастдиҳӣ байъат диҳад. Аз ибораи "***зане аз байни мо дасташро кашид***" фаҳмидан мумкин аст, ки ҷуз ин зан дигарон дастро накашидаанд, яъне бо дастдиҳӣ байъат додаанд. Инчунин Аллоҳ Таоло дар оят гуфтааст:

أَوْ لاَمَسْتُمُ النِّسَاء

"***Ё бо занон ҷимоъ кардаед***" [4:43].

Дар ин оят лафзи "***занон***" барои тамоми занон умумӣ мебошад. Ҳукми оят аз рӯи шиканандаи таҳорат будани ламс ба шикастани таҳорати марде, ки занро ламс мекунад, маҳдуд аст, зеро бе шаҳват ламс кардани зан ҳаром нест. Пас бо занон бо даст салом кардан низ ҳаром нест. Илова бар ин, дасти зан аврат нест ва назари бешаҳват ба дасти зан низ ҳаром намешавад. Аз ин рӯ, бо занон бо даст салом кардан ҳаром нест.

Аммо масъалаи бӯсидан батамом дигар аст. Ба мард бӯсидани зани бегона, ки дилаш мекашад ва ба зан бӯсидани марди бегона, ки дилаш мекашад, ҳаром аст. Зеро бӯсидан яке аз корҳоест, ки ба зино такон медиҳад. Одатан ин гуна бӯсидан, гарчи бешаҳват бошад ҳам, ангезаи зино мебошад, гарчи боиси зино нагардад ва зино карда нашавад ҳам. Зеро Моиз, вақте ки барои зино кардан бо талаби пок гардонидан ба ҳузури Расулуллоҳ (с) омад, ба ӯ гуфтанд:

"***Шояд бӯса кардаӣ?***" Аз ин ҳадисе, ки Бухорӣ аз Ибни Аббос ривоят кардааст, аён мегардад, ки бӯсидан ба зино такон медиҳад. Ояту ҳадисҳое, ки зинoро ҳаром гардонидаанд, тамоми ҳолатҳоеро, ки ба зино тела медиҳанд, гарчи ламс кардан бошад ҳам, агар ба зино тела диҳад, ҳаром гардонидааст. Масалан, занро бӯсидани мард, чунон ки имрӯз дар байни ҷавонписарон ва ҷавондухтарон рух медиҳад. Ин гуна бӯса, гарчи бо мақсади салом кардан бо шахси аз сафар баргашта бошад ҳам, ҳаром аст. Зеро ин гуна бӯсаҳо дар байни ҷавонписарон ва ҷавондухтарон аз корҳоест, ки ба зино тела медиҳад.

# *ПИНҲОН КАРДАНИ РӮЙ БА ЗАНИ МУСУЛМОН ВОҶИБ НЕСТ*

Қавли "***ҳиҷоб ба маънои ниқоб дар Ислом ба занон фарз гардонида шудааст, ки бо он рӯяшонро ҷуз чашмон сатр мекунанд***" раъйи исломӣ аст. Ин қавлро баъзе имомони муҷтаҳид аз соҳибони мазҳаб гуфтаанд. Қавли "ниқоб дар Ислом ба занон фарз гардонида нашудааст ва сатр кардани рӯй мутлақо воҷиб нест, зеро рӯй аврат ба ҳисоб намеравад" низ раъйи исломӣ аст. Ин қавлро баъзе имомони муҷтаҳид аз соҳибони мазҳаб гуфтаанд. Ин муаммо яке аз муаммоҳои муҳими иҷтимоист, ки табаннӣ кардани яке аз ду раъй ба тарзи ҳаёти исломӣ таъсир мерасонад. Бинобар ин, далелҳои шаръиро дар хусуси ин муаммо дар шакли фарогир мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор дода, ба муаммои мазкур татбиқ намудан зарур аст, то мусулмонон раъйи дорои далели қавиро табаннӣ кунанд ва Давлати Ислом низ аз рӯи тарҷеҳ раъйи роҷеҳтаринро табаннӣ кунад.

Дар ҳақиқат беш аз ним аср пеш дар ҳаққи зан баҳсҳо ба миён омад. Кофирони мустамликадор дар қалби касоне, ки ба Ғарб мафтун ва аз сақофату нуқтаи назари Ғарб дар бораи ҳаёт заҳролуд шудаанд, ин баҳсро барангехтанд. Кофирон кӯшиш карданд, ки раъйҳои ғайриисломиро ба Ислом ворид созанд, нуқтаи назари мусулмононро вайрон кунанд ва фикри ҳиҷобу беҳиҷобиро (ҳиҷобпартоиро) ба вуҷуд оварданд. На уламои муфаккир, балки нависандагон, адибон ва омӯзандагони шахшуда ба онҳо ҳамроҳ шуданд. Ин ҳолат раъйҳои касонеро, ки бо сақофати Ғарб заҳролуд шудаанд, устувор сохт ва афкори онҳоро ба мавзӯи баҳсу мунозираҳо табдил дод. Ҳол он ки фикрҳои мазкур фикрҳои Ғарб буд ва барои ҳуҷум ба Ислом, вайронкунии мусулмонон ва ба шубҳа андохтани мусулмонон дар динашон ворид карда шуданд. Вале ин баҳсу мунозираҳо, гарчи пасмонда ва асорати онҳо ҳоло ҳам мавҷуд бошанд ҳам, ба баҳс кардан арзанда дониста нашуданд ва ба дараҷаи баҳсҳои ташреӣ ва иҷтимоӣ нарасиданд. Зеро баҳс на дар хусуси раъйҳои нависандагон ё номгузориҳои зархаридон ё сафсатаҳои фиребхӯрдагон ё афсонаҳои заҳролудшудагон, балки дар хусуси аҳкоми шаръӣ буд, ки онҳоро муҷтаҳидон истинбот намудаанд ва дар онҳо ба далел ё шибҳи далел такя кардаанд. Танҳо гуфтаҳое, ки муҷтаҳидон аз далелҳои шаръӣ истинбот мекунанд, мавзӯи баҳс ва аз ҷиҳати ташреӣ мавриди мунозира қарор дода мешавад. Ба гуфтаҳои муҷтаҳидон, ки мавзӯи баҳс қарор дода мешавад, гуфтаҳои баъзе фақеҳон, шайххо ва тарафдорони ниқоб низ илова карда мешавад ва барои бартараф кардани шубҳа дар қалбҳои онҳо мавриди баҳс қарор дода мешавад. Бинобар ин, барои баён кардани қавли роҷеҳ дар поён гуфта ва далелҳои муҷтаҳидонро меорем. Пас ҳар касро, ки ин қавлро роҷеҳ медонад, лозим мегардад, ки ба он амал намояд ва барои татбиқи он бикӯшад.

Андешаи касоне, ки дар хусуси ҳиҷоб ҳарф задаанд, чунин аст: "***Тамоми бадани зан ҷуз рӯй ва кафҳо аврат мебошад, вале ин танҳо дар намоз аст. Аммо берун аз намоз тамоми бадани зан, аз ҷумла рӯй ва кафҳо аврат мебошад***". Ин касон дар гуфтаҳои худ ба Китобу суннат такя кардаанд.

Далелҳое, ки дар Китоб омадаанд: Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَإِذَا سَأَلْتُمُوهُنَّ مَتَاعًا فَاسْأَلُوهُنَّ مِن وَرَاء حِجَابٍ

"***Ва агар аз занони пайғамбар чизе хостед, аз пушти парда бихоҳед***" [33:53].

Ин сареҳан занонро ба ҳиҷоб вомедорад. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

يَا أَيُّهَا النَّبِيُّ قُل لِّأَزْوَاجِكَ وَبَنَاتِكَ وَنِسَاء الْمُؤْمِنِينَ يُدْنِينَ عَلَيْهِنَّ مِن جَلَابِيبِهِنَّ ذَلِكَ أَدْنَى أَن يُعْرَفْنَ فَلَا يُؤْذَيْنَ

"***Эй пайғамбар, ба занону духтарони худ ва занони мӯъминон бигӯ, ки чодари худро бар худ фурӯ пӯшанд. Ин муносибтар аст, то шинохта шаванд ва мавриди озор воқеъ нагарданд***" [33:59].

Ба гуфтаи онҳо, қавли ба маънои "***фурӯ пӯшанд ва рӯю паҳлӯҳои онро пинҳон кунанд***" омадааст. Ба раъйи онҳо, занон хоҳ озод бошанд, хоҳ каниз дар аввали Ислом аз рӯи одати фурӯмояи ҷоҳилият курта ва рӯмол мепӯшиданд. Вақте ки канизон бо тақозои ниёз шабона ба хурмозор ва киштзор мебаромаданд, ҷавонони палид пеши роҳи онҳоро мегирифтанд. Гоҳо бо баҳонаи каниз роҳи занони озодро низ мегирифтанд ва мегуфтанд: "Мо онҳоро каниз пиндоштем". Сипас ба занон фармуда шуд, ки бо рӯпӯш ва болопӯш дар либос аз канизон фарқ дошта бошанд ва барои шарму ҳаё сару рӯйи худро сатр кунанд, то ба ин занон касе тамаъ карда

натавонад. Ин воситаи муносибтарин ва беҳтарин аст, ки занони озод бо он шинохта мешаванд, озор намеёбанд ва касе пеши роҳи онҳоро гирифта наметавонад. Баъзе аз ин касон мегӯянд, ки дар–"***ин муносибтар аст, то шинохта шаванд***" маҳзуф аст, яъне– "***ин муносибтар аст, то базеб ё безеб будани онҳо шинохта нашавад ва мавриди озор воқеъ нагарданд***". Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَقَرْنَ فِي بُيُوتِكُنَّ وَلَا تَبَرَّجْنَ تَبَرُّجَ الْجَاهِلِيَّةِ الْأُولَى

"***Ва дар хонаҳои худ бимонед. Ва чунон ки дар замони пешини ҷоҳилият мекарданд, зинатҳои худро ошкор макунед***" [33:33].

Онҳо мегӯянд, ки амри Аллоҳ Таоло ба занон дар хусуси қарор гирифтан дар хонаҳо ба ҳиҷоб далел аст.

Далелҳое, ки дар суннат омадаанд: Ибни Ҳиббон дар "Саҳеҳ"-и худ аз тариқи Ибни Масъуд ривоят кардааст, ки Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

"***Зан аврат аст***". Тирмизӣ аз тариқи Уммусалама ривоят кардааст:

"***Нафаре аз шумо мукотабе дошта бошад, ки ин мукотаб дорои моли кофӣ барои адои ҳақ аст, пас аз ӯ ҳиҷоб кунад***". Абӯдовуд низ аз Уммусалама ривоят кардааст:

"***Ман ва Маймуна дар ҳузури Расулуллоҳ (с) будем. Ибни Уммумактум барои даромадан изн пурсид. Расулуллоҳ (с) ба мо гуфтанд: "Аз ӯ ҳиҷоб кунед". Ман гуфтам: "Ӯ нобино аст, намебинад". Он кас гуфтанд: "Оё шумо низ нобиноед, ӯро намебинед?***". Бухорӣ аз Абдуллоҳ ибни Аббос ривоят кардааст:

"***Фазл ва Расулуллоҳ (с) дар як маркаб савор буданд, ки як зани хасъамӣ омад. Фазл ба ӯ ва ӯ ба Фазл назар кард. Он гоҳ Расулуллоҳ (с) рӯйи Фазлро ба тарафи дигар нигаронидаанд***". Муслим аз Ҷарир ибни Абдуллоҳ ривоят кардааст:

"***Аз Расулуллоҳ (с) дар бораи назари ногаҳонӣ пурсидам. Маро фармуданд, ки чашмамро ба тарафи дигар нигаронам***". Аҳмад аз тариқи Бурайда ривоят кардааст, ки Алӣ (р) гуфтааст: "Расулуллоҳ (с) ба ман гуфтанд:

"***Назарро бо назар идома надеҳ, зеро назари аввал ба фоидаи туст, вале назари дигар ба фоида ту нест***"".

Ин далелҳои касонест, ки дар хусуси ҳиҷоб ва аврат будани тамоми бадани зан ҳарф мезананд. Ин далелҳо ба масъалае, ки онҳо ба он далел меоранд, мувофиқ намеоянд, зеро ҳамаи онҳо дар хусуси ин мавзӯъ нестанд. Ояти ҳиҷоб ва ояти

وَقَرْنَ فِي بُيُوتِكُنَّ

"***Ва дар хонаҳои худ бимонед***" [33:33]

ба занони мусулмон мутлақо тааллуқ надорад. Ҳар ду оят ба ҳамсарони Расул (с) хос мебошанд. Хос будани ояти ҳиҷоб ба ҳамсарони Расул (с) сареҳ аст. Ин аз оят, вақте ки он пурра хонда мешавад, равшан мегардад. Пас он ояти ягона мебошад, ки лафзан ва маънан ба баъзеи занон марбут аст. Матни оят чунин аст:

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا لَا تَدْخُلُوا بُيُوتَ النَّبِيِّ إِلَّا أَن يُؤْذَنَ لَكُمْ إِلَى طَعَامٍ غَيْرَ نَاظِرِينَ إِنَاهُ وَلَكِنْ إِذَا دُعِيتُمْ فَادْخُلُوا فَإِذَا طَعِمْتُمْ فَانتَشِرُوا وَلَا مُسْتَأْنِسِينَ لِحَدِيثٍ إِنَّ ذَلِكُمْ كَانَ يُؤْذِي النَّبِيَّ فَيَسْتَحْيِي مِنكُمْ وَاللَّهُ لَا يَسْتَحْيِي مِنَ الْحَقِّ وَإِذَا سَأَلْتُمُوهُنَّ مَتَاعًا فَاسْأَلُوهُنَّ مِن وَرَاء حِجَابٍ ذَلِكُمْ أَطْهَرُ

لِقُلُوبِكُمْ وَقُلُوبِهِنَّ وَمَا كَانَ لَكُمْ أَن تُؤْذُوا رَسُولَ اللَّهِ وَلَا أَن تَنكِحُوا أَزْوَاجَهُ مِن بَعْدِهِ أَبَدًا إِنَّ ذَلِكُمْ كَانَ عِندَ اللَّهِ عَظِيمًا

"***Эй касоне, ки имон овардаед, ба хонаҳои пайғамбар дохил машавед, магар шуморо ба хӯрдани таоме фаро хонанд, бе он ки мунтазир биншинед, то таом ҳозир шавад. Агар шуморо фаро хонданд, дохил шавед ва чун таом хӯрдед, пароканда гардед. На он ки барои саргармӣ сухан оғоз кунед. Ҳар оина ин корҳо пайғамбарро озод медиҳад ва ӯ аз шумо шарм медорад. Вале Аллоҳ аз гуфтани ҳақ шарм намедорад. Ва агар аз занони пайғамбар чизе хостед, аз пушти парда бихоҳед. Ин кор ҳам барои дилҳои шумо ва ҳам барои дилҳои онҳо покдорандатар аст. Шуморо нарасад, ки пайғамбари Аллоҳро биёзоред ва на он ки занҳояшро баъд аз вай ҳаргиз ба занӣ гиред. Ин корҳо дар назди Аллоҳ гуноҳе бузург аст***" [33:53].

Ояти мазкур насс дар бораи ҳамсарони пайғамбар ва ба ҳамсарони пайғамбар хос мебошад, вале ба занони мусулмон таааллуқ надорад. Ҷуз ҳамсарони Расулуллоҳ (с) ба зане таааллуқ надорад. Ривоятҳои зерин низ таъкид мекунанд, ки ин оят ба ҳамсарони Расул (с) хос мебошад. Бухорӣ аз Оиша ривоят кардааст:

"***Вақте ки бо Пайғамбар (с) дар табақи чӯбин таоме аз омехтаи хурмо, равған ва панир тановул мекардем, Умар раҳгузар шуд. Расулуллоҳ (с) ӯро ба наздаш хонданд. Ӯ омад ва аз таом тановул кард. Нохост ангуштони ӯ ба ангуштони ман расид. Умар гуфт: "Эй воҳ, агар дар бораи шумо ба ман итоат карда мешуд, чашме шуморо намедид***". Баъд аз ин ояти ҳиҷоб нозил шуд". Бухорӣ аз Умар (р) ривоят кардааст:

"***Ман гуфтам: "Ё Расулаллоҳ, ба ҳузури шумо ҳам накӯкор ва ҳам бадкор дохил мешавад. Бинобар ин, хоҳиш мекардам, ки уммулмӯъминин ҳиҷоб пӯшанд***". Баъд аз ин ояти Аллоҳ Таоло дар бораи ҳиҷоб нозил шуд". Табаронӣ ривоят кардааст: "Умар аз назди ҳамсарони Набӣ (с), ки ҳамроҳи занон дар масҷид буданд, раҳгузар шуд ва гуфт:

"***Кош ҳиҷоб мепӯшидед, зеро шумо аз занони дигар афзалед, чунон ки шавҳари шумо аз мардони дигар афзаланд". Зайнаб (р) гуфт: "Эй Ибни Хаттоб, ба мо рашк мебарӣ. Ҳол он ки ваҳй дар хонаи мо нозил мешавад". Дере нагузашта оят нозил шуд***". Матни оят ва ҳадисҳои мазкур қатъӣ далолат мекунад, ки ояти ҳиҷоб дар бораи ҳамсарони Пайғамбар (с) нозил шудааст, на дар бораи занони дигар.

Ояти зерин низ ба ҳамсарони Расул (с) хос мебошад:

**وَقَرْنَ فِي بُيُوتِكُنَّ**

"***Ва дар хонаҳои худ бимонед***" [33:33].

Матни пурраи оят чунин аст:

**يَا نِسَاء النَّبِيِّ مَن يَأْتِ مِنكُنَّ بِفَاحِشَةٍ مُّبَيِّنَةٍ يُضَاعَفْ لَهَا الْعَذَابُ ضِعْفَيْنِ وَكَانَ ذَلِكَ عَلَى اللَّهِ يَسِيراً وَمَن يَقْنُتْ مِنكُنَّ لِلَّهِ وَرَسُولِهِ وَتَعْمَلْ صَالِحًا نُّؤْتِهَا أَجْرَهَا مَرَّتَيْنِ وَأَعْتَدْنَا لَهَا رِزْقًا كَرِيمًا يَا نِسَاء النَّبِيِّ لَسْتُنَّ كَأَحَدٍ مِّنَ النِّسَاء إِنِ اتَّقَيْتُنَّ فَلَا تَخْضَعْنَ بِالْقَوْلِ فَيَطْمَعَ الَّذِي فِي قَلْبِهِ مَرَضٌ وَقُلْنَ قَوْلًا مَّعْرُوفًا وَقَرْنَ فِي بُيُوتِكُنَّ وَلَا تَبَرَّجْنَ تَبَرُّجَ الْجَاهِلِيَّةِ الْأُولَى وَأَقِمْنَ الصَّلَاةَ وَآتِينَ الزَّكَاةَ وَأَطِعْنَ اللَّهَ وَرَسُولَهُ إِنَّمَا يُرِيدُ اللَّهُ لِيُذْهِبَ عَنكُمُ الرِّجْسَ أَهْلَ الْبَيْتِ وَيُطَهِّرَكُمْ تَطْهِيراً**

"***Эй занони пайғамбар, ҳар кас аз шумо муртакиби кори зишти дархӯри уқубат шавад, Аллоҳ азоби ӯро ду баробар***

***мекунад. Ва ин бар Аллоҳ осон аст. Ва ҳар кас аз шумо, ки ба фармонбардории Аллоҳ ва пайғамбараш мудовимат варзад ва коре шоиста кунад, ду бор ба ӯ подош диҳем. Ва барои ӯ ризқе кироманд омода кардаем. Эй занони пайғамбар, шумо ҳамонанди дигар занон нестед, агар аз Аллоҳ битарсед. Пас ба нармӣ сухан магӯед, то он марде, ки дар қалби ӯ маразе ҳаст, ба тамаъ афтад. Ва сухани писандида бигӯед. Ва дар хонаҳои худ бимонед. Ва чунон ки дар замони пешини ҷоҳилият мекарданд, зинатҳои худро ошкор макунед. Ва намоз бигузоред ва закот бидиҳед ва аз Аллоҳу пайғамбараш итоат кунед. Эй аҳли байт, Аллоҳ мехоҳад палидиро аз шумо дур кунад ва шуморо пок дорад***" [33:30-33].

Аз аввали оят ошкоро аён аст, ки ин оят дар бораи ҳамсарони пайғамбар нозил шуда, танҳо ба онҳо хос мебошад. Зеро хитоб ба ҳамсарони пайғамбар нигаронида шуда, онҳоро хос гардонидааст:

يَا نِسَاء النَّبِيِّ لَسْتُنَّ كَأَحَدٍ مِّنَ النِّسَاء إِنِ اتَّقَيْتُنَّ

"***Эй занони пайғамбар, шумо ҳамонанди дигар занон нестед, агар аз Аллоҳ битарсед***" [33:32].

Ин чиз барҷаста далолат мекунад, ки ояти мазкур дар бораи ҳамсарони пайғамбар нозил шудааст. Илова бар ин, ояти:

وَقَرْنَ فِي بُيُوتِكُنَّ

"***Ва дар хонаҳои худ бимонед***" [33:33],

ки ба он далел оварда шудааст, ба ҳамсарони Расул (с) хос мебошад. Дар ҳақиқат ин чиз дар ояти баъдина бевосита таъкид карда шудааст, ки он баъд аз қавли  омадааст. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَاذْكُرْنَ مَا يُتْلَى فِي بُيُوتِكُنَّ مِنْ آيَاتِ اللَّهِ وَالْحِكْمَةِ إِنَّ اللَّهَ كَانَ لَطِيفًا خَبِيرًا

"***Он чиро дар хонаҳоятон аз оёти Аллоҳ ва ҳикмат тиловат мешавад, ёд кунед, ки Аллоҳ борикбину огоҳ аст!***" [33:34].

Аллоҳ дар ин оят ба ҳамсарони Расул (с) ёдрас намуд, ки хонаҳои онҳо нозилгоҳи ваҳй мебошад ва фармуд, ки он чиро, ки дар ин хонаҳо аз Қуръон тиловат карда мешавад, фаромӯш накунанд.

Бинобар ин, ошкоро аён аст, ки ду ояти мазкур барои ҳамсарони Пайғамбар (с) нозил шудааст ва ба занони Пайғамбар (с) хос мебошад. Дар ин оятҳо ҳеҷ гуна далолат ба ҳукм дар хусуси занони мусулмон ҷуз ҳамсарони Расул (с) вуҷуд надорад. Инчунин дар Қуръон оятҳои дигар мавҷуданд, ки ба ҳамсарони Пайғамбар (с) хосанд. Масалан, ояти зерини Аллоҳ Таоло:

وَلَا أَن تَنكِحُوا أَزْوَاجَهُ مِن بَعْدِهِ أَبَدًا

"***Ва на он ки занҳояшро баъд аз вай ҳаргиз ба занӣ гиред***" [33:53].

Пас ба ҳамсарони Пайғамбар (с) ҷоиз нест, ки баъд аз эшон издивоҷ кунанд. Аммо занони мусулмон бар хилофи ин баъд аз шавҳари худ издивоҷ мекунанд. Пас ду ояти ҳиҷоб, монанди ояте, ки бо он издивоҷ кардани ҳамсарони Пайғамбар (с) баъд аз эшон ҳаром гардонида шудааст, танҳо ба ҳамсарони эшон хос аст.

Ин ҷо наметавон гуфт, ки аз рӯи қоидаи "***ибрат бо умумияти лафз аст, на бо хосияти сабаб***", гарчи сабаби нузули оятҳои мазкур ҳамсарони Пайғамбар (с) бошанд ҳам, оятҳо ҳам ба ҳамсарони Пайғамбар (с) ва ҳам ба занони дигар

умумӣ мебошад. Зеро сабаби нузули оят ҳодисаест, ки рух додааст ва ин ҳодиса ба нузули ваҳй сабаб мешавад. Ин ҷо ҳамсарони Пайғамбар (с) ҳодисае нестанд, ки рух дода бошад, балки ин оят нусуси муайян аст, ки дар борои шахсони муайян омадааст. Пас нусус дар хусуси шахси онҳост. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

يَا نِسَاء النَّبِيِّ لَسْتُنَّ كَأَحَدٍ مِّنَ النِّسَاء

"***Эй занони пайғамбар, шумо ҳамонанди дигар занон нестед***" [33:32],

وَإِذَا سَأَلْتُمُوهُنَّ مَتَاعًا

"***Ва агар аз занони пайғамбар чизе хостед***" [33:53].

Замир ба ҳамсарони Пайғамбар (с) бармегардад ва на ба дигарон, балки танҳо ба онҳо муайян карда шудааст. Дар давоми ин оят Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَمَا كَانَ لَكُمْ أَن تُؤْذُوا رَسُولَ اللَّهِ

"***Шуморо нарасад, ки пайғамбари Аллоҳро биёзоред***" [33:53].

Ин оят иллати ҳиҷоб пӯшидани онҳоро баён мекунад. Ин ҳама далолат мекунад, ки оятҳои мазкур нусус дар борои ҳамсарони Пайғамбар (с) мебошад. Қоидаи "***ибрат бо умумияти лафз аст, на бо хосияти сабаб***" ба ин оятҳо мувофиқ намеояд.

Инчунин наметавон гуфт, ки хитоб ба ҳамсарони Пайғамбар (с) хитоб ба занони мусулмон ба ҳисоб меравад. Зеро ин чиз танҳо ба пайғамбарамон Муҳаммад (с) хос аст, ки хитоб ба шахси муайян хитоб ба тамоми мӯъминон ба ҳисоб меравад. Ин чиз хитоберо, ки ба ҳамсарони он кас нигаронида

мешавад, дар бар намегирад. Аз ин рӯ, хитоб ба Пайғамбар (с) хитоб ба тамоми мӯъминон ба ҳисоб меравад. Аммо хитоб ба ҳамсарони эшон танҳо ба худи онҳо хос мебошад. Зеро аз ҳар гуна хитоби Аллоҳ Таоло ба Расулуллоҳ ё аз тамоми амалҳо ва сукутҳои эшон, модом ки айнан ба эшон хос набошад, намуна гирифта мешавад, вале аз ҳамсарони Пайғамбар (с) намуна гирифта намешавад. Зеро Аллоҳ Таоло мегӯяд:

لَقَدْ كَانَ لَكُمْ فِي رَسُولِ اللَّهِ أُسْوَةٌ حَسَنَةٌ

"***Шахси расули Аллоҳ муқтадои писандидаест***" [33:21]. Намуна шудани ҳамсарони Пайғамбар (с) ба маънои анҷоми коре, барои он ки ҳамсарони Расул (с) онро анҷом додаанд ё мавсуф шудан бо сифате, барои он ки ҳамсарони Расул (с) бо он мавсуф буданд, дуруст нест. Намуна шудан ба Расул (с) хос аст, зеро эшон танҳо ба ваҳй пайравӣ кардаанд.

Инчунин наметавон гуфт, ки ҳамсарони Пайғамбар (с) занони пок буданд, ки дар хонаҳояшон ваҳй тиловат карда мешуд, бо вуҷуди ин, аз онҳо ҳиҷобпӯшӣ талаб карда шуд, пас талаб кардани ҳиҷобпӯшӣ аз занони дигар афзал аст. Аз рӯи ду сабаб ин тавр наметавон гуфт:

**Якум** – ин чиз аз ҷумлаи "***афзалият***" нест, зеро "***афзалият***" чунин аст: Аллоҳ аз кори хурдтар бозмедорад ва ин чиз боздошт аз кори аз он калонтар мебошад, ки аз боби афзалият ба ҳисоб меравад. Масалан, Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَلاَ تَنْهَرْهُمَا

"***Ва ба дурушти хитоб макун***" [17:23].

Пас ба падару модар даст набардоштан аз боби афзалият аст. Афзалият аз риштаи сухан ва равиши он мувофиқи мазмуни матн фаҳмида мешавад. Масалан, Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَمِنْ أَهْلِ الْكِتَابِ مَنْ إِن تَأْمَنْهُ بِقِنطَارٍ يُؤَدِّهِ إِلَيْكَ وَمِنْهُم مَّنْ إِن تَأْمَنْهُ بِدِينَارٍ لاَّ يُؤَدِّهِ إِلَيْكَ إِلاَّ مَا دُمْتَ عَلَيْهِ قَآئِمًا ذَلِكَ بِأَنَّهُمْ قَالُواْ لَيْسَ عَلَيْنَا فِي الأُمِّيِّينَ سَبِيلٌ وَيَقُولُونَ عَلَى اللّهِ الْكَذِبَ وَهُمْ يَعْلَمُونَ

"***Аз миёни аҳли китоб касест, ки агар ӯро амин шуморӣ ва қинторе ба ӯ бисупорӣ, онро ба ту бозмегардонад ва аз эшон касест, ки агар аминаш шуморӣ ва диноре ба ӯ бисупорӣ, ҷуз ба тақозо ва мутолабат онро бознагардонад***" [3:75].

Пас баргардонидани камтар аз як қинтор аз боби афзалият аст ва барнагардонидани бештар аз як динор аз боби афзалият аст. Ин гуна ҳолатҳо ба боби афзалият дохил мешавад. Аммо ояти ҳиҷоб аз ин қабил нест, зеро равиши оят танҳо ба ҳамсарони Пайғамбар (с) далолат мекунад. Лафзи "ҳамсарони пайғамбар" сифате нест, ки аз он занони дигар ҷуз ҳамсарони Набӣ (с) аз боби афзалият дониста шаванд, балки он исми ҷомид аст ва аз он маънои дигар фаҳмида намешавад. Пас лафз ба он чӣ, ки дар хусуси он насс омадааст, хос мешавад ва ба маънову мафҳуми дигар тааллуқ надорад. Дар оят ҳам дар лафзҳои оят ва ҳам дар равиши оят мутлақо мавзӯи аз боби афзалият наомадааст.

Дуюм – ин ду оят фармони махсус ба шахсони алоҳида мебошад. Азбаски онҳо сифатҳои муайян доранд, айнан ба худи онҳо нигаронида шудааст. Бинобар ин, фармони мазкур барои дигарон нест, хоҳ аз онҳо олӣ бошанд, хоҳ аз онҳо паст. Зеро дар оят сифати муайян гуфта шудааст, ки ба шахсони муайян хос мебошад. Азбаски ҳамсарони Набӣ (с) дорои сифате, яъне сифати "ҳамсарони пайғамбар" мебошанд, ки занони дигар надоранд ва "ин амал" ба Пайғамбар (с) озор додааст, фармони мазкур фармоне ба ҳисоб меравад, ки танҳо ба ҳамсарони Пайғамбар (с) гуфта шудааст.

Модом ки қоидаи "***ибрат бо умумияти лафз аст***, на бо хосияти сабаб" мувофиқ наояд, аз ҳамсарони пайғамбар ибрат гирифта нашавад ва қоидаи "аз боби афзалият будани занони дигар ҷуз ҳамсарони Набӣ (с)" низ мувофиқ наояд, дар бораи ҳамсарони пайғамбар будани нусус қатъӣ исботи худро ёфт. Пас исбот шуд, ки ин ду оят ба ҳамсарони Пайғамбар (с) хосанд ва аз ягон ҷиҳат занони мусулмонро дар бар намегирад. Ҳамин тавр, исбот мешавад, ки ҳиҷоб, инчунин дар хонаҳо қарор гирифтан ба ҳамсарони Пайғамбар (с) хос мебошад. Инчунин аён гардид, ки наметавон ин оятҳоро ба он далел овард, ки шариат занони мусулмонро ба ҳиҷоб фармудааст.

Дар ояти дуюм Аллоҳ Таоло мегӯяд:

يُدْنِينَ عَلَيْهِنَّ مِن جَلَابِيبِهِنَّ

"***Чодари худ бар худ фурӯ пӯшанд***" [33:59].

Ин оят аз ҷиҳати ифода ва маъно дар ҳеҷ ҳолат ба пинҳон кардани рӯй далолат намекунад. Дар оят калимаи алоҳида нест, ки ба ин далолат кунад, гарчи фаразан сабаби нузули оят дуруст пиндошта шавад ҳам, ояти

يُدْنِينَ عَلَيْهِنَّ مِن جَلَابِيبِهِنَّ

"***Чодари худ бар худ фурӯ пӯшанд***" [33:59]

ба маънои "***ҷилбоби худро дароз кунанд***" мебошад. ин ҷо ба маънои баён омадааст, на ба маънои "***баъзе***". Пас маънои оят "***ҷилбоби худро дароз кунанд***" мебошад. Маънои калимаи дар забони арабӣ "***дароз кунанд***" мебошад. "***Ҷилбоб***" либосест, ки дароз карда мешавад ё либосест, ки тамоми баданро мепечонад. Дар "Қомусулмуҳит" гуфта шудааст: "Ҷилбоб ба сирдоб ва синмор монанд аст. Он либоси васеъест,

ки зан онро монанди болопӯш аз болои либосҳояш мепечонад". Ҷавҳарӣ дар "Сиҳоҳ" гуфтааст: "Ҷилбоб болопӯш аст". Дар ҳадис ҷилбоб ба маънои болопӯше омадааст, ки зан бо он либосҳояшро мепечонад. Уммуатия ривоят мекунад:

"***Расулуллоҳ (с) моро фармуданд, ки духтарони ҷавон, духтарони ҳайздида ва духтарони болиғро ба Фитр ва Азҳо барорем. Духтарони ҳайздида, гарчи аз намоз дур истанд ҳам, гувоҳи некӣ ва дуои мусулмонон мегарданд. Гуфтам: "Агар яке аз мо ҷилбоб надошта бошад". Расул (с) гуфтанд: "Хоҳараш ба ӯ ҷилбоби худро диҳад***". Ин ҳадисро Муслим ривоят кардааст. Маъно ин аст, ки агар зан либоси кӯчапӯш надошта бошад, чӣ кор мекунад? Расулуллоҳ фармуданд, ки хоҳараш ба ӯ либосеро, ки аз болои либосаш мепӯшад, ба орият диҳад. Аз ин рӯ, маънои оят чунин аст: Аллоҳ Таоло аз Расулуллоҳ (с) талаб кардааст, ки ба ҳамсарону духтарони худ ва занони мӯъминон бигӯянд, ки либоси болопӯши худро то поён дароз кунанд. Инчунин сухани Ибни Аббос ба ин далел аст, ки гуфтааст: "Ҷилбоб ридоест, ки аз боло то поён фурӯ гузошта мешавад". Пас оят танҳо баён мекунад, ки ҷилбоб – либоси васеъ то поён дароз карда шавад. Пас аз ҷумлаи чӣ тавр маънои "бо либоси худ рӯйро пинҳон кунанд" фаҳмида шавад? Калимаҳои ва, ҳарчанд дар доираи маъноҳои луғавӣ ва шаръӣ шарҳ дода шаванд ҳам, оят на то боло, балки то поён дароз карданро ифода мекунад. Аз ин рӯ, дар ин оят ба ҳиҷоб ҳеҷ гуна далел вуҷуд надорад. Лафзҳо ва ҷумлаҳои Қуръонро танҳо бо маъноҳои луғавӣ ва шаръӣ тафсир бояд кард ва бо маъноҳои дигар ҷуз ин маъноҳо тафсир кардан мумкин нест. Маънои луғавӣ аниқ аст, яъне занон фармуда шуданд, ки ҷилбоби худро дароз кунанд, яъне либоси болопӯши худро то пинҳон кардани қадамашон дароз кунанд. Маънои то поён дарозу

кашол кардани либос дар ҳадиси муборак омадааст. Ибни Умар ривоят мекунад, ки Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

"***Ҳар кас бо такаббур домани худ дар замин кашол кунад, рӯзи қиёмат Аллоҳ ба ӯ нанигарад". Уммусалама пурсид: "Занон бо домани худ чӣ мекунанд?" Расул (с) гуфтанд: "Як ваҷаб дароз кунанд". Уммусалама гуфт: "Магар пойҳои занон кушода мемонад?" Расул (с) гуфтанд: "Як зироъ дароз кунанд ва аз он зиёд накунанд***". Ин ҳадисро Тирмизӣ ривоят кардааст.

Фикрҳои боло дар хусуси оятҳое буд, ки даъвокунандагони фарзияти ҳиҷоб бар занони мусулмон далел меоранд. Аммо ҳадисҳое, ки ба ҳиҷоб далел оварда шудаанд, ба он далолат намекунанд. Масалан, ҳадис дар бораи ҳиҷоб кардан аз мукотаб, яъне ғуломе, ки барои озод шудан аҳд бастааст ва ба миқдори дар аҳд зикршуда мол дорад, ба ҳамсарони Пайғамбар (с) хос аст. Инро ҳадиси Абӯқалоба низ таъкид мекунад.

"Ҳамсарони Пайғамбар (с) аз мукотаб то як динор боқӣ мондан дар зиммаи ӯ ҳиҷоб намекарданд". Ин ҳадисро Байҳақӣ ривоят кардааст. Аён мегардад, ки дар ҳадис ба ҳиҷоб кардани зани мусулмон ягон ишора нест. Аммо дар ҳадиси Уммусалама Расулуллоҳ (с) аз ӯ ва Маймуна ҳиҷоб пӯшиданро талаб карданд. Ин ҳадис ба ҳамсарони Пайғамбар (с) хос аст ва дар бораи Уммусалама ва Маймуна баён кардааст. Матни ҳадис чунин аст: Ибни Шиҳоб аз ғуломи Уммусалама Набаҳон ривоят мекунад, ки Уммусалама ба Набаҳон гуфтааст:

"***Ман ва Маймуна дар ҳузури Расулуллоҳ (с) будем. Дар ин вақт Ибни Уммумактум омад ва ба ҳузури он кас даромад. Ин воқеа баъд аз фарз гаштани ҳиҷоб ба мо рух дода буд. Расулуллоҳ (с) гуфтанд: "Аз ӯ ҳиҷоб кунед". Ман***

***гуфтам: "Ӯ нобино аст, моро намебинад ва намешиносад***". ***Он кас гуфтанд: "Оё шумо низ нобиноед, ӯро намебинед?***"". Ин ҳадисро Тирмизӣ ривоят кардааст, ки ҳадиси ҳасан, саҳеҳ мебошад. Аз модарамон Оиша ҳадиси зерин ривоят карда шудааст:

"***Мо ҳамроҳи Расулуллоҳ (с) дар эҳром будем, аз назди мо савораҳо раҳгузар мешуданд. Вақте ки аз назди мо мегузаштанд, мо ҷилбоби худро аз сар ба рӯй фурӯ мегузоштем ва баъд аз гузаштани савораҳо рӯйи худро мекушодем***". Ин ҳадис ба ҳадисе, ки Бухорӣ аз Ибни Умар ривоят кардааст, зид аст:

"***Зан дар эҳром ба рӯй ниқоб намекунад ва дастпӯшак намепӯшад***". Дар китоби "Фатҳ" гуфта мешавад: "***Ниқоб пардаест, ки ба болои бинӣ ё аз таги чашм баста мешавад***". Ҳадиси модарамон Оиша баён мекунад, ки занони эҳромбаста ҳангоми раҳгузар шудани саворагон аз наздашон рӯйи худро пинҳон кардаанд. Аммо ҳадиси Ибни Умар ба манъ аз ниқобпӯшӣ далолат мекунад. Ҳол он ки ниқоб танҳо қисми поёни рӯйро мепӯшад. Чӣ тавр ин чиз ба пурра пинҳон кардани рӯй мувофиқ меояд? Агар ба ҳар ду ҳадис муроҷиат кунем, аён мегардад, ки ба ин ҳадиси модарамон Оиша дар хусуси ривоят кардани Муҷоҳид аз Оиша иллат оварда шудааст. Яҳё ибни Саиди Қаттон зикр намудааст, ки Муҷоҳид ин ҳадисро аз модарамон Оиша нашунидааст. Ҳол он ки касоне низ ҳастанд, ки аз модарамон ин ҳадисро шунидани Муҷоҳидро мушоҳида кардаанд. Масалан, Алӣ ибни Мадинӣ гуфтааст: "Ман инкор намекунам, ки Муҷоҳид бо як гурӯҳ саҳобагон вохӯрдааст ва аз Оиша низ ҳадис шунидааст". Дар як ҳадиси дигари Бухорӣ низ Муҷоҳид аз Оиша ҳадис шунидааст. Маълум аст, ки агар Абӯдовуд дар хусуси ягон ҳадиси худ сукут варзад, эътибор карда мешавад, ки ҳамон

ҳадис саҳеҳ ва ба ҳуҷҷат шудан шоиста мебошад. Вале агар ҳадисе, ки аз он саҳеҳтар аст, ба ҳадиси Абўдовуд зид ояд, дар ин ҳол ҳадиси мазкур тарк карда мешавад. Аммо ҳадиси Ибни Умар аз ҳадиси Оиша саҳеҳтар мебошад ва онро Бухорӣ ривоят кардааст. Бинобар ин, ҳадиси модарамон Оиша бо сабаби зид омадан ба ҳадиси саҳеҳ рад карда мешавад ва ҳуҷҷат оварда намешавад. Аммо дар ҳадиси Фазл ибни Аббос ба ҳиҷоб далолат вуҷуд надорад, балки ба мавҷуд набудани ҳиҷоб далел ҳаст. Зеро зани хасъамӣ бо рўйи кушода (бо рўйи бесатр) аз Расулуллоҳ (с) пурсида буд. Далели кушода будани рўйи зан ин аст, ки Фазл ба рўйи ў назар кардааст. Барои ин ҳадис дар ривояти дигар низ далел омадааст:

"***Расулуллоҳ (с) Фазлро доштанд ва рўяшро ба тарафи дигар нигаронидаанд***". Ин қиссаро Алӣ ибни Толиб ривоят кардааст ва афзудааст:

"***Аббос гуфт: "Ё Расулаллоҳ, чаро гардани амакбачаи худро тоб додед?" Пайғамбар (с) дар ҷавоб гуфтанд: "Ҷавонписар ва ҷавондухтарро дидам ва тарсидам, ки шайтон онҳоро аз роҳи рост мезанад***"". Пас ҳадиси зани хасъамӣ на ба мавҷудияти ҳиҷоб, балки ба мавҷуд набудани ҳиҷоб далел аст. Зеро Расулуллоҳ (с) рўйи ўро дар ҳоли кушода дида буданд. Аммо диданд, ки Фазл ба духтар бо шаҳват назар мекунад ва духтар низ ба ў менигарад, бинобар ин, сари Фазлро тоб доданд. Ривояти зерини Алӣ ба ин далел аст:

"***Тарсидам, ки шайтон онҳоро аз роҳи рост мезанад***". Бинобар ин, рўйи Фазлро на барои назар кардан, балки барои бо шаҳват назар кардан тоб доданд. Назари бошаҳват, гарчи ба рўй ва каф бошад ҳам, ҳаром аст. Аммо дар ҳадис оид ба назари тасодуфӣ Расулуллоҳ (с) ба Ҷарир поён афкандани чашм, яъне нигаҳ доштани чашмро фармудаанд. Ин аз ҷумлаи

нигоҳ доштани чашм эътибор карда мешавад, ки дар ояти зерини Аллоҳ Таоло омадааст:

قُل لِّلْمُؤْمِنِينَ يَغُضُّوا مِنْ أَبْصَارِهِمْ

"***Ба мардони мӯъмин бигӯ, ки чашмони хеш фурӯ гиранд***" [24:30].

Ин ҷо аз назари тасодуфӣ на назар ба рӯй ва каф, балки аъзоҳое ҷуз рӯй ва каф дар назар дошта шудааст. Зеро назар ба рӯй ва каф дар ҳолати ғайритасодуфӣ низ ҷоиз аст. Ҳадиси зани хасъамӣ, ки дар боло зикр гардид, ба мубоҳии назар кардан ба рӯй ва каф далел мебошад. Далели дигар ин аст, ки Расулуллоҳ (с) ҳангоми байъати занон ва ҳангоми ваъзу иршод ба рӯйи занон назар мекарданд. Ин ба ҷавобгар шудани касе, ки ба ҷуз рӯй ва каф тасодуфан назар мекунад, далолат намекунад. Аммо ҳадиси Алӣ на аз назари ногаҳонӣ, балки аз назари такрорӣ боздоштааст:

"***Назарро бо назар идома надеҳ***".

Аз ин рӯ, дар ҳадисҳое, ки даъвокунандагони ҳукми шаръӣ будани ҳиҷоб далел овардаанд, ба воҷибияти ҳиҷоб далел нест. Ҳамин тавр, аён мегардад, ки далеле вуҷуд надорад, ки ба воҷиб гардонида шудани ҳиҷоб барои занони мусулмон аз тарафи Аллоҳ ва ба аврат будани рӯй ва каф дар намозу берун аз намоз ҳуҷҷат шавад. Дар далелҳое, ки ҳуҷҷат оварда шудаанд, асоси пурзӯр нест, ки ба ин далел карда шавад.

Аммо аврат набудани рӯй ва каф, ҷоизии ба бозору кӯчаҳо баромадани зан бе пинҳон кардани рӯй ва каф дар Қуръон ва ҳадис собит шудааст.

Далелҳо аз Қуръон: Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَلَا يُبْدِينَ زِينَتَهُنَّ إِلَّا مَا ظَهَرَ مِنْهَا وَلْيَضْرِبْنَ بِخُمُرِهِنَّ عَلَى جُيُوبِهِنَّ

"***Ва зинатҳои худро ҷуз он миқдор, ки пайдост, ошкор накунанд ва миқнааҳои худро то гиребон фурӯ гузоранд***" [24:31].

Пас Аллоҳ Таоло занони мӯъминро аз намоиш додани зинатҳои худ боздоштааст, яъне аз намоиш додани мавзеъҳои зинатҳо боздоштааст. Зеро мурод аз боздошт мавзеъҳои зинатҳост. Баъзе мавзеъҳои намоёни зинатро, (яъне рӯй ва кафро) истисно кардааст. Ин истисно ошкорост ва нишон медиҳад, ки дар зан баъзе мавзеъҳои зинат ҳастанд, ки пинҳон карда намешавад ва оят боздоштро аз намоиши ин мавзеъҳои зинати зан дар бар намегирад. Ин фаҳмост ва ба баён мӯҳтоҷ нест. Пас Аллоҳ Таоло занони мӯъминро аз намоиши мавзеъҳои зинат ҷуз баъзе мавзеъҳои намоён бозмедорад. Аммо тафсири аъзоҳое, ки аз қавли дар назар дошта шудааст, ба ду ҷиҳат вобаста аст: якум – тафсири нақлшуда ва дуюм – маъноест, ки дар асри нузули ин оят, яъне дар даври Расулуллоҳ (с), дар вақти татбиқи ояти мазкур ба мавзеъҳои намоёни зинати занони мусулмон дар назди Расулуллоҳ аз қавли фаҳмида шудааст.

Аммо тафсири нақлшуда чунин аст, ки дар тафсири ин оят Ибни Аббос ривоят мекунад, ки аз лафзи рӯй ва ду каф дар назар дошта шудааст. Муфассирон низ ин тафсирро пазируфтаанд. Масалан, имом Ибни Ҷарири Табарӣ гуфтааст: "***Сухани касе, ки*** "аз ин рӯй ва ду каф дар назар дошта шудааст" гуфтааст, беҳтарини суханони дуруст мебошад". Қуртубӣ изҳори фикр кардааст: "***Азбаски дар аксар вақт ҳам дар одат ва ҳам дар ибодат, монанди ҳаҷу намоз, рӯй ва ду каф намоён шуда меистад, ба ҳамин ду аъзо баргаштани истисно дуруст мешавад***". Имом Замахшарӣ гуфтааст: "***Зан мӯҳтоҷ аст, ки ашёро бо даст дорад ва рӯяшро кушояд, хусусан дар гувоҳӣ, муҳокима ва никоҳ.***

***Инчунин ба сайругашт дар роҳҳо ва намоён шудани пойҳояш, хусусан занони фақир мӯҳтоҷ мешаванд***". Ин ҳама маънои қавли мебошад.

Аммо маъное, ки аз лафзи фаҳмида мешавад, аз он аён мегардад, ки ҳангоми нузули ин оят рӯй ва ду каф пинҳон карда намешуд. Занон рӯй ва ду дасти худро дар ҳузури Расулуллоҳ (с) пинҳон намекарданд. Эшон инро инкор намекарданд. Инчунин онҳо дар бозор ва кӯчаҳо рӯй ва ду дасти худро пинҳон намекарданд. Дар ин хусус ҳадисҳои сершумор мавҷуданд, ки дар поён аз онҳо мисолҳо меорем:

1. Муслим аз Ҷобир ибни Абдуллоҳ ривоят кардааст:

"***Рӯзи ид ҳамроҳи Расулуллоҳ (с) гувоҳи он шудам, ки пеш аз хутба бе азон ва иқомат намозро сар карданд. Сипас ба Билол такякунон бархостанд. Ба тақвои Аллоҳ фармуданд ва ба итоати Аллоҳ такон доданд. Ба мардум ваъз ва зикр намуданд. Сипас ба назди занон омаданд ва ба онҳо зикр карданд ва гуфтанд: "Садақа кунед, зеро аксари шумо ҳезуми ҷаҳаннам хоҳед шуд". Он гоҳ зане, ки рухсораҳояш офтоб хӯрда буд, аз байни занон бархост ва пурсид: "Чаро, эй Расулуллоҳ?" Расулуллоҳ (с) дар ҷавоб гуфтанд: "Зеро шумо бисёр арз мекунед ва некиҳои шавҳари худро инкор мекунед". Сипас занон ангуштарину гӯшвораи худро ба домани Билол андохта, зеварҳои худро садақа карданд***".

2. Табаронӣ дар "Кабир" аз Ато ибни Абӯрабоҳ ривоят кардааст:

"***Ба ман Ибни Аббос гуфт: "Оё ба ту занеро, ки аз аҳли ҷаннат аст, нишон диҳам?" Ман гуфтам: Бале. Ӯ гуфт: "Мана ин зани сиёҳ аст. Ӯ ба назди Набӣ (с) омад ва гуфт: "Ман бемории саръ дорам, ҳангоми хурӯҷи он аз ҳуш***

***меравам ва авратҳоям кушода мешавад. Дар ҳаққи ман ба Аллоҳ дуо кунед". Расулуллоҳ (с) ба ӯ гуфтанд: "Агар бихоҳӣ, сабр кун ва барои ту ҷаннат хоҳад шуд. Дар акси ҳол ба Аллоҳ дуо мекунам, ки ба ту сиҳату саломатӣ диҳад". Он зан гуфт: "Сабр мекунам". Сипас гуфт: "Ман кушода мешавам. Дар ҳаққи ман ба Аллоҳ дуо кунед, то кушода нашавам". Расул (с) дар ҳаққи ӯ дуо карданд***".

3. Бо дастдиҳӣ байъат кардани Расулуллоҳ бо занон далел аст, ки даст аврат нест. Бухорӣ аз Уммуатия ривоят кардааст:

"***Ба Набӣ (с) байъат додем. Ба мо шарт карданд, ки ба Аллоҳ чизеро шарик накунем ва моро аз ниёҳа боздоштанд. Зане аз байни мо дасташро кашид ва гуфт: "Фалонӣ дар ниёҳа ба ман ёрӣ дода буд, мехоҳам, ки қарзи худро баргардонам". Расулуллоҳ (с) ба ӯ ҳеҷ чиз нагуфтанд. Ӯ рафт ва сипас баргашт***". Ин ҳадис далел аст, ки занон бо даст байъат додаанд. Зеро зани мазкур баъд аз дароз кардани даст барои байъат дасташро кашид. Ҳадис ифода мекунад, ки зан ҳангоми шунидани лафзи байъат дасташро кашидааст, байъат бо дастдиҳӣ рух додааст ва Расулуллоҳ (с) бо дасти муборакашон аз занон байъат гирифтаанд. Аммо ҳадиси муттафақун алайҳ ҳаст, ки аз модарамон Оиша ривоят карда шудааст:

"***Дасти Расулуллоҳ (с) ҷуз заноне, ки соҳиби онҳо буданд, ба зане нарасидааст***". Ин раъй ва гуфтаи Оиша дар бораи чизҳоест, ки медонад. Агар гуфтаи Оиша бо ҳадиси Уммуатия қиёс карда шавад, ҳадиси Уммуатия қавитар мебошад. Зеро ӯ кореро баён кардааст, ки дар ҳузури Расулуллоҳ (с) содир шудааст, инчунин бевосита ба кори Расулуллоҳ (с) ишора кардааст. Пас он аз раъйи Оиша пурзӯртар аст.

Се ҳодисаи мазкур, ки дар ҳадисҳо собит шудааст, ошкоро далолат мекунад, ки баъзе мавзеъҳои намоён аз зинати зан

рӯй ва ду каф мебошад, яъне рӯй ва кафҳо дар оят мустасно карда шудаанд:

إِلَّا مَا ظَهَرَ مِنْهَا

"***Ҷуз он миқдор, ки пайдост***" [24:31].

Ин далел аст, ки рӯй ва каф ҳам дар намоз ва ҳам берун аз намоз аврат ба ҳисоб намеравад. Зеро оят умумӣ мебошад:

وَلَا يُبْدِينَ زِينَتَهُنَّ إِلَّا مَا ظَهَرَ مِنْهَا

"***Ва зинатҳои худро ҷуз он миқдор, ки пайдост, ошкор накунанд***" [24:31].

Аммо маъное, ки аз ояти баъдина фаҳмида мешавад, далел аст, ки рӯй ва ду каф аврат нестанд. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَلْيَضْرِبْنَ بِخُمُرِهِنَّ عَلَى جُيُوبِهِنَّ

"***Ва миқнааҳои худро то гиребон фурӯ гузоранд***" [24:31].

Калимаи ҷамъи калимаи мебошад. Бо химор сарро пинҳон мекунанд. Калимаи ҷамъи калимаи мебошад. Ҷайб мавзеи буридашудаи курта аз қисми гиребон мебошад. Пас Аллоҳ Таоло фармудааст, ки бо химор гардан ва қафаси синаро пинҳон кунанд. Ин далел аст, ки гардан ва қафаси синаро пинҳон кардан воҷиб мебошад. Вале нафармудааст, ки рӯйро бо химор пинҳон кунанд. Ин далел аст, ки рӯй аврат нест. Маънои калимаи чунон ки гумон мекунанд, на қафаси сина, балки гиребони куртаест, ки бурида шудааст ва дар болои қафаси сина ва дар атрофи гардан мебошад. Бо химор пинҳон кардани ҷайб пинҳон кардани гиребони куртаест, ки аз гардан ва қафаси сина иборат аст. Пас фармон ба пинҳон кардани сар рӯйро истисно карда, ба гардану қафаси сина нигаронида шудааст ва ин далолат мекунад, ки рӯй аврат

нест. Аз ин рӯ, аён мегардад, ки ҳиҷоб (ба маънои ниқоб) мавҷуд нест ва Аллоҳ Субҳонаҳу ва Таоло онро машрӯъ нагардонидааст.

Ин далелҳо аз Қуръон мебошад. Аммо далелҳо аз ҳадисҳо оид ба он, ки Аллоҳ Таоло ҳиҷобро машрӯъ нагардонидааст ва рӯю ду каф аврат нестанд, чунин аст: Абӯдовуд аз Қатода ҳадиси зерини Набӣ (с)-ро ривоят кардааст:

"***Агар духтар ба синни ҳайз расад, дуруст нест, ки тани ӯ ҷуз рӯй ва ду дасташ то буғуми каф намоён шавад***". Ин ҳадис ошкоро далел аст, ки рӯй ва ду каф аврат нестанд, инчунин Аллоҳ на пинҳон кардани рӯю ду каф ва на ҳиҷобро машрӯъ гардонидааст.

Далелҳои мазкур, ки аз Китобу суннат оварда шуданд, ошкоро далолат мекунанд, ки зани мусулмон бе пинҳон кардани рӯй ва ду каф метавонад ба бозор барояд, бо мардони бегона гуфтугӯ кунад, дар муомилаҳои шаръӣ, монанди харидуфурӯш, иҷора, ваколат, кафолат ва ғайра, бо мардум муомила кунад. Аллоҳ Таоло ҳиҷобро танҳо ба ҳамсарони пайғамбар машрӯъ гардонидааст. Гуфтаҳое, ки ҳиҷобро тарафдорӣ мекунанд, раъйи исломӣ ба ҳисоб мераванд. Зеро барои ин гуфтаҳо шибҳи далел мавҷуд аст. Баъзе имомони муҷтаҳид, ки соҳиби мазҳаб ҳастанд, ҳиҷобро тарафдорӣ кардаанд. Вале шибҳи далел, ки онҳо далел меоранд, заиф аст ва дар он ҷиҳатҳои далеловарӣ, гарчи каме бошад ҳам, ифодаи худро намеёбад.

Масъалаи дигар боқӣ монд, ки баъзе муҷтаҳидон мегӯянд: "***Ҳиҷоб барои мавҷудияти хавфи фитна ба зан машрӯъ гардонида мешавад, бинобар ин, зан аз кушодани рӯй дар байни мардон на барои аврат будан, балки барои мавҷудияти хавфи фитна боздошта мешавад***". Ин гуфта аз якчанд ҷиҳат ботил аст:

**Якум:** На дар Китоб, на дар суннат, на дар иҷмои саҳобагон ва на қиёсе, ки бар асоси иллати шаръӣ бунёд шудааст, ба ҳаром будани кушодани рӯй барои мавҷудияти хавфи фитна нусуси шаръӣ омадааст. Аз ин рӯ, он шаръан ягон арзиш надорад ва ҳукми шаръӣ низ эътибор карда намешавад. Зеро ҳукми шаръӣ хитоби Шореъ мебошад. Дар хитоби Шореъ наомадааст, ки кушодани рӯй барои мавҷудияти хавфи фитна ҳаром бошад. Аён мегардад, ки аслан далелҳои куллан ба ин зид омадаанд ва ояту ҳадисҳо кушодани рӯй ва ду кафро мубоҳ гардонида, инро бо ягон чиз муқайяд ва ба ягон ҳолат хос нагардонидаанд. Пас гуфтаҳо дар бораи ҳаром будани кушодани рӯй ва воҷиб будани пинҳон кардани рӯй ҳаром гардонидани ҳалолкардаи Аллоҳ ва воҷиб гардонидани воҷибнакардаи Аллоҳ мебошад. Аз ин рӯ, он ҳукми шаръӣ эътибор карда намешавад, илова бар ин, аҳкоми шаръиро, ки бо нусуси ошкоро собит шудаанд, бекор мекунад.

**Дуюм:** Барои ҳаром будани кушодани рӯй ва воҷиб будани пинҳон кардани рӯй на сароҳатан, на далолатан, на истинботан ва на қиёсан нусуси шаръӣ омадааст, ки хавфи фитна иллат нишон дода шавад. Пас он на иллати шаръӣ, балки иллати ақлист. Иллати ақлӣ дар аҳкоми шариат эътибор надорад, балки танҳо иллати шаръӣ мӯътабар аст. Аз ин рӯ, машрӯияти ҳаром будани кушодани рӯй ва воҷиб будани пинҳон кардани рӯй бо сабаби хавфи фитна ҳеҷ гуна арзиш надорад. Зеро он дар шариат наомадааст.

**Сеюм:** Қоидаи "***ҳар чӣ, ки боиси ҳаром мегардад, ҳаром аст***" ба ҳаром гардонидани кушодани рӯй бо сабаби хавфи фитна мувофиқ намеояд. Зеро ин қоида тақозо мекунад, ки ду кор комилан мавҷуд бошад: якум – тақозо мекунад, ки фикри "боиси ҳаром мегардад" ғолиб ояд; дуюм – тақозо мекунад, ки ба ҳаром будани коре, ки дар натиҷаи восита пайдо мешавад,

дар шариат нусус омада бошад ва он чизро ақл ҳаром нагардонида бошад. Ин чиз дар пинҳон кардани рӯй барои мавҷудияти хавфи фитна мавҷуд нест. Аз ин рӯ, фаразан гӯем, ки ба шахси фитнаангез фитна ҳаром аст, кушодани рӯй барои мавҷудияти хавфи фитна ба қоидаи "ҳар чӣ, ки боиси ҳаром мегардад, ҳаром аст" мувофиқ намеояд. Зеро он аз чизҳое нест, ки қатъиян боиси ҳаром гардад. Инчунин дар хусуси ҳаром будани хавфи фитна нусус наомадааст ва шариат худи фитнаро ба шахсе, ки мардумро бо он ба фитна меандозад, ҳаром нагардонидааст, балки ба назаркунанда назареро, ки боиси фитна мегардад, ҳаром гардонидааст. Лекин ба шахсе, ки назар карда мешавад, ҳаром нагардонидааст. Бухорӣ ривоят мекунад:

"***Фазл ва Расулуллоҳ (с) дар як маркаб савор буданд, ки як зани хасъамӣ омад. Фазл ба ӯ ва ӯ ба Фазл назар кард. Он гоҳ Расулуллоҳ (с) рӯйи Фазлро ба тарафи дигар нигаронид******анд***", яъне рӯйи Фазл ибни Аббосро тоб доданд. Ривояти дигари ин ҳадис низ ба ин далел мешавад:

"***Расулуллоҳ (с) Фазлро доштанд ва рӯяшро ба тарафи дигар нигаронида******нд***". Ин қиссаро Алӣ ибни Абӯтолиб (р) низ ривоят кардааст ва афзудааст:

"***Аббос гуфт: "Ё Расулаллоҳ, чаро гардани амакбачаи худро тоб додед?". Пайғамбар (р) дар ҷавоб гуфтанд: "Ҷавонписар ва ҷавондухтарро дидам ва тарсидам, ки шайтон онҳоро аз роҳи рост мезанад***"". Аз ин аён мегардад, ки Расулуллоҳ (с) рӯйи Фазлро аз зани хасъамӣ тоб доданд. Лекин ба зани хасъамӣ бо вуҷуди кушод будани рӯяш нафармуданд, ки рӯяшро пинҳон кунад. Агар фитна ба шахсе, ки сабабгори фитна мегардад, ҳаром мебуд, вақте ки Фазл ба зани хасъамӣ бо назари фитнаангез (яъне бо назари шаҳват) нигарист, бешубҳа Расулуллоҳ (с) зани хасъамиро ба пинҳон

кардани рӯяш мефармуданд. Лекин ӯро ба ин кор нафармуданд, балки сари Фазлро тоб доданд. Ин далолат мекунад, ки ҳукми "ҳаром будан" дар хусуси назаркунанда мебошад, на дар хусуси шахсе, ки ба ӯ назар карда мешавад. Аз ин рӯ, барои зане, ки ба фитна сабаб мешавад, нусусе наомадааст, ки ба фитна андохтани мардумро ҳаром гардонад, балки нусус омадааст, ки ин кор ба зан ҳаром гардонида нашудааст. Пас он чӣ, ки боиси фитна мегардад, гарчи ошкоро боиси фитна гардад ҳам, ҳаром намешавад. Вале ба давлат аз чашми мардум дур сохтани шахсоне, ки дар иҷрои идораи корҳо ба фитна сабаб мешаванд, ҷоиз аст. Ҳамин тавр, агар фитна дар шахс умумӣ бошад, дар байни шахси ба фитна сабабшаванда ва мардум сад мегузорад. Умар ибни Хаттоб айнан ҳамин корро анҷом додааст. Наср ибни Ҳаҷҷоҷро, бо сабаби он ки бо ҳусни худ занонро ба фитна андохтааст, ба Басра бадарға кардааст. Ин ҳам ба мардон ва ҳам ба занон умумист. Пас наметавон гуфт, ки барои мавҷудияти хавфи фитна ба занон кушодани рӯй ҳаром гардонида мешавад. Бинобар ин, кори мазкур аз навъи қоидаи "ҳар чӣ, ки боиси ҳаром мегардад, ҳаром аст" ба ҳисоб намеравад.

## *ЗАН ВА МАРД ДАР НАЗДИ ТАКЛИФҲОИ ШАРЪӢ*

Ислом бо таклифҳое омад, ки бо он зану мардро мукаллаф гардонид ва аҳкоми шаръиро баён кард, ки корҳои ҳар дуро муолиҷа мекунад, вале ба масъалаи баробарӣ ё бартарӣ аҳамият надод ва ин масъаларо ба эътибор нагирифт, балки чунон нигарист, ки ин ҷо муаммои муайяни ҳалталаб мавҷуд аст ва бо эътибори муаммои муайян хоҳ муаммои зан бошад, хоҳ муаммои мард онро муолиҷа намуд. Пас муолиҷа на барои марду зан, балки барои амали инсон, яъне барои муаммои рухдода мебошад. Бинобар ин, масъалаи баробарӣ ё

нобаробарӣ дар байни марду зан мавриди баҳс қарор дода намешавад. Ин гуна сухан дар қонунгузории исломӣ вуҷуд надорад. Ҳукми шаръӣ танҳо барои ҳодисаест, ки аз тарафи инсони муайян хоҳ мард бошад, хоҳ зан содир карда шудааст.

Аз ин рӯ, баробарӣ дар байни марду зан муаммои баҳсшаванда ба ҳисоб намеравад ва масъалае нест, ки ба мавзӯи низоми иҷтимоӣ дохил шавад. Зеро баробарии зан бо мард ва мард бо зан кори муҳим нест, ки дар ҳаёти иҷтимоӣ дорои таъсир бошад ва муаммое нест, ки дар ҳаёти исломӣ эҳтимоли пайдо шудани он мавҷуд бошад. Ин ибораест, ки дар Ғарб мавҷуд аст ва ҷуз мусулмононе, ки ба Ғарб тақлид мекунанд, ин суханро ба забон намегиранд. Ғарб ҳуқуқҳои табиии занро бо эътибори инсон зери по карда буд. Сипас зан ин ҳуқуқҳоро талаб кард ва ин талаб баҳси "баробарӣ"-ро ба роҳи ҳусули ин ҳуқуқҳо табдил дод. Аммо дар Ислом ба ин гуна истилоҳот ҳоҷат нест. Зеро Ислом низоми иҷтимоиро бар асоси мустаҳкам бунёд кард, ки ягонагии ҷамоату ҷомеа ва пешравии онро таъмин мекунад, инчунин кафили саодати ҳақиқист, ки ба кароматӣ инсон муносиб аст, чунон ки Аллоҳ Таоло бо қавли зерини худ инсонро икром намудааст:

وَلَقَدْ كَرَّمْنَا بَنِي آدَمَ

"***Мо фарзандони Одамро каромат бахшидем***" [17:70].

Аз ин рӯ, Ислом, вақте ки ҳуқуқу воҷиботи зан ва ҳуқуқу воҷиботи мардро муқаррар намуд, ин ҳуқуқу воҷиботро аз рӯи нигоҳи Шореъ аз манфиатҳои ҳар ду донист ва бо ин ҳуқуқу воҷибот корҳои ҳар дуро бо эътибори кори муайяни инсони муайян муолиҷа намуд. Ин ҳуқуқу воҷиботро, вақте ки табиати инсонии марду зан яксонии онҳоро тақозо намуд, ба ҳар ду яксон муқаррар кард ва вақте ки табиати ҳар яки онҳо гуногун будани онҳоро тақозо намуд, ба ҳар ду гуногун

муқаррар намуд. Ин яксонӣ дар ҳуқуқу воҷибот на баробарӣ ва на нобаробарӣ номида мешавад. Инчунин аз ин гуногунӣ дар ҳуқуқу воҷибот баробарӣ ё нобаробарӣ дар назар дошта намешавад. Зеро Ислом, вақте ки ба ҷамоат менигарад, хоҳ мард бошад, хоҳ зан танҳо бо эътибори ҷамоати инсонӣ менигарад. Ин аз табиати ҷамоати инсонист, ки мард ва занро дар бар мегирад. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

**يَا أَيُّهَا النَّاسُ اتَّقُواْ رَبَّكُمُ الَّذِي خَلَقَكُم مِّن نَّفْسٍ وَاحِدَةٍ وَخَلَقَ مِنْهَا زَوْجَهَا وَبَثَّ مِنْهُمَا رِجَالاً كَثِيراً وَنِسَاء**

"***Эй мардум, битарсед аз Парвардигоратон, он, ки шуморо аз як тан биёфарид ва аз он як тан ҳамсари ӯро ва аз он ду мардону занони бисёр падид овард***" [4:1].

Тибқи ин назар Ислом таклифҳои шаръиро машрӯъ гардонид ва аз рӯи ин назар барои мардону занон ҳуқуқу воҷиботро муқаррар намуд. Вақте ки ҳуқуқу воҷибот ҳуқуқу воҷиботи инсонӣ мебошанд, яъне вақте ки таклифҳо бо эътибори инсон ба инсон тааллуқ доранд, яксонии ин ҳуқуқу воҷибот, яъне яксонии таклифҳоро мебинед. Пас ҳуқуқу воҷибот барои ҳар яки онҳо яксон мебошанд, на гуногун ва ҳархела, яъне таклифҳо барои марду зан баробар якхела мебошанд. Аз ин ҷо мебинем, ки Ислом ҳангоми даъват ба имон ва ҳангоми таклиф ба густариши даъвати исломӣ инсонро ба марду зан ҷудо накардааст. Таклифҳоеро, ки ба ибодат, монанди намоз, рӯза, ҳаҷ ва закот, тааллуқ доранд, аз ҷиҳати таклиф яксон муқаррар намуд. Мавсуфиятро бо хислатҳое, ки дар аҳкоми шаръӣ омадааст, барои мардону занон баробар ахлоқ муқаррар намуд. Аҳкоми муомиларо, монанди харидуфурӯш, иҷора, ваколат, кафолат ва ғайра, ки ба инсон тааллуқ дорад, ба марду зан яксон муқаррар намуд. Инчунин ба касоне, ки бар хилофи аҳкоми Аллоҳ амал

мекунанд, бо эътибори инсон бе ҷудо кардани марду зан чораҳои ҷазоро, монанди ҳад, ҷиноят ва таъзир, яксон муқаррар намуд. Ба мусулмонон таълим гирифтану таълим додани илмро воҷиб гардонид ва дар ин кор марду занро ҷудо накард. Аллоҳ Таоло тамоми аҳкомро, ки бо эътибори инсон ба инсон тааллуқ доранд, барои мардону занон яксон муқаррар кард. Пас аз ин ҷиҳат таклифҳо, яъне ҳуқуқу воҷибот яксон мебошанд. Ояту ҳадисҳое, ки дар бораи ин аҳком омадаанд, барои инсон аз ҷиҳати инсон будан ва барои мӯъмин аз ҷиҳати мӯъмин будан умумӣ омадаанд. Илова бар ин, оятҳои зиёд ифода кардааст, ки таклиф барои марду зан аст. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

إِنَّ الْمُسْلِمِينَ وَالْمُسْلِمَاتِ وَالْمُؤْمِنِينَ وَالْمُؤْمِنَاتِ وَالْقَانِتِينَ وَالْقَانِتَاتِ وَالصَّادِقِينَ وَالصَّادِقَاتِ وَالصَّابِرِينَ وَالصَّابِرَاتِ وَالْخَاشِعِينَ وَالْخَاشِعَاتِ وَالْمُتَصَدِّقِينَ وَالْمُتَصَدِّقَاتِ وَالصَّائِمِينَ وَالصَّائِمَاتِ وَالْحَافِظِينَ فُرُوجَهُمْ وَالْحَافِظَاتِ وَالذَّاكِرِينَ اللَّهَ كَثِيراً وَالذَّاكِرَاتِ أَعَدَّ اللَّهُ لَهُم مَّغْفِرَةً وَأَجْرًا عَظِيمًا

"**Аллоҳ барои мардони мусулмон ва занони мусулмон ва мардони мӯъмину занони мӯъмин ва мардони аҳли тоату занони аҳли тоат ва мардони ростгӯву занони ростгӯй ва мардони шикебову занони шикебо ва мардони худойтарсу занони худойтарс ва мардони садақадиҳандаву занони садақадиҳанда ва мардони рӯзадору занони рӯзадор ва мардоне, ки шармгоҳи худ ҳифз мекунанд ва заноне, ки шармгоҳи худ ҳифз мекунанд ва мардоне, ки Аллоҳро фаровон ёд мекунанд ва заноне, ки Аллоҳро фаровон ёд мекунанд, омурзиш ва музде бузург омода кардааст!**" [33:35],

وَمَا كَانَ لِمُؤْمِنٍ وَلَا مُؤْمِنَةٍ إِذَا قَضَى اللَّهُ وَرَسُولُهُ أَمْرًا أَن يَكُونَ لَهُمُ الْخِيَرَةُ مِنْ أَمْرِهِمْ

"*Ҳеҷ марди мӯъмину зани мӯъминро нарасад, ки чун Аллоҳу пайғамбараш дар коре ҳукме карданд, онҳоро дар он корашон ихтиёрӣ бошад*" [33:36],

مَنْ عَمِلَ صَالِحًا مِّن ذَكَرٍ أَوْ أُنثَى وَهُوَ مُؤْمِنٌ فَلَنُحْيِيَنَّهُ حَيَاةً طَيِّبَةً وَلَنَجْزِيَنَّهُمْ أَجْرَهُم بِأَحْسَنِ مَا كَانُواْ يَعْمَلُونَ

"*Ҳар зану марде, ки коре некӯ анҷом диҳад, агар имон оварда бошад, зиндагии хушу покизае бад-ӯ хоҳем дод ва подоши беҳтар аз кирдорашон ато хоҳем кард*" [16:97],

وَمَن يَعْمَلْ مِنَ الصَّالِحَاتَ مِن ذَكَرٍ أَوْ أُنثَى وَهُوَ مُؤْمِنٌ فَأُوْلَـئِكَ يَدْخُلُونَ الْجَنَّةَ وَلاَ يُظْلَمُونَ نَقِيراً

"*Ва ҳар кас, ки кори шоиста кунад, чи зан ва чи мард, агар мӯъмин бошад, ба биҳишт меравад ва ба қадри он гуде, ки бар пушти ҳастаи хурмост, ба кас ситам намешавад*" [4:124],

فَاسْتَجَابَ لَهُمْ رَبُّهُمْ أَنِّي لاَ أُضِيعُ عَمَلَ عَامِلٍ مِّنكُم مِّن ذَكَرٍ أَوْ أُنثَى

"*Парвардигорашон дуояшонро иҷобат фармуд, ки Ман кори ҳеҷ коргузореро аз шумо, чи зан ва чи мард ночиз намесозам*" [3:195],

لِّلرِّجَالِ نَصيِبٌ مِّمَّا تَرَكَ الْوَالِدَانِ وَالأَقْرَبُونَ وَلِلنِّسَاء نَصِيبٌ مِّمَّا تَرَكَ الْوَالِدَانِ وَالأَقْرَبُونَ مِمَّا قَلَّ مِنْهُ أَوْ كَثُرَ نَصِيبًا مَّفْرُوضًا

"***Аз ҳар чӣ падару модар ва хешовандон ба ирс мегузоранд, мардонро насибест. Ва аз он чӣ падару модар ва хешовандон ба ирс мегузоранд, чи андак ва чи бисёр занонро низ насибест. Насибе муайян***" [4:7],

لِّلرِّجَالِ نَصِيبٌ مِّمَّا اكْتَسَبُواْ وَلِلنِّسَاء نَصِيبٌ مِّمَّا اكْتَسَبْنَ

"***Мардонро аз он чӣ кунанд, насибест ва занонро аз он чӣ кунанд, насибе***" [4:32].

Ҳарчанд ин аҳком гуногун ва ҳархела бошанд ҳам, Аллоҳ Таоло аҳкоми шаръиро, ки бо эътибори инсон ба инсон тааллуқ доранд, барои марду зан ба тарзи баробар ва яксон машрӯъ гардонидааст. Вале ин чиз баробарӣ дар байни марду зан эътибор карда намешавад, балки аҳкоме мебошанд, ки барои инсон машрӯъ гардонида шудаанд ва барои марду зан баробаранд. Зеро ҳам мард ва ҳам зан инсон аст. Ин аҳком хитоби Аллоҳ Таолост, ки ба корҳои инсон тааллуқ дорад.

Агар ин ҳуқуқу воҷибот ва ин таклифҳои шаръӣ бо эътибори зан ба табиати зан ва мавқеи зан дар ҷамоату ҷомеа, бо эътибори мард ба табиати мард ва мавқеи мард дар ҷамоату ҷомеа тааллуқдор бошанд, танҳо дар ин ҳолат ҳуқуқу воҷибот, яъне таклифҳо барои марду зан гуногун мешаванд. Зеро онҳо на муолиҷаи мутлақ барои инсон, балки муолиҷа танҳо барои навъи муайяни инсон аст, ки дорои табиати инсонии ҷудогона ва фарқкунанда мебошад. Пас муолиҷа бояд на мутлақ барои инсон, балки танҳо барои навъи муайяни инсон бошад. Бинобар ин, дар корҳое, ки дар ҳаёти умумӣ ва ҷамоати мардон рух медиҳанд, монанди гувоҳӣ додани зан дар ҳуқуқу муомилот муқаррар карда шуд, ки гувоҳии ду зан ба гувоҳии як мард баробар бошад. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

الشُّهَدَاء أَن تَضِلَّ إْحْدَاهُمَا فَتُذَكِّرَ إِحْدَاهُمَا الأُخْرَى وَلاَ يَأْبَ الشُّهَدَاء إِذَا مَا دُعُواْ

"***Ва ду шоҳиди мард ба шаҳодат гиред. Агар ду мард набувад, як марду ду зан, ки ба онҳо ризоят диҳед, шаҳодат бидиҳанд, то агар яке фаромӯш кард, дигаре ба ёдаш биёварад***" [2:282].

Дар корҳое, ки танҳо дар ҷамоати занон рух медиҳанд ва дар он ҷо мардон ҳозир намешаванд, танҳо гувоҳии занон қабул карда мешавад. Масалан, ҷинояте, ки дар ҳаммоми занон содир мегардад. Дар корҳое, монанди бокирагӣ, бевагӣ ва разоа3, ки танҳо занон хабар доранд, бо гувоҳии як зан кифоя карда мешавад. Зеро Расулуллоҳ (с) дар разоа гувоҳии як занро қабул кардаанд. Бухорӣ аз тариқи Уқба ибни Ҳорис меорад, ки ӯ гуфтааст: "***Ман бо зане издивоҷ карда будам, зани дигар омад ва гуфт: "Ман ҳар дуи шуморо маконидаам". Вақте ки ба ҳузури Набӣ (с) рафтам, он кас:***

***"Чӣ тавр? Оё чунин гуфт? Дар ин ҳол занро тарк кун" ё монанди инро гуфтанд***". Дар ривояти дигар гуфта шудааст:

"***Пас ӯро аз он зан боздоштанд***". Ислом саҳми занро дар мерос дар баъзе ҳолатҳо нисфи саҳми мард муқаррар намуд. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

يُوصِيكُمُ اللّهُ فِي أَوْلاَدِكُمْ لِلذَّكَرِ مِثْلُ حَظِّ الأُنثَيَيْنِ

"***Аллоҳ дар бораи фарзандонатон ба шумо сафориш мекунад, ки саҳми писар баробари саҳми ду духтар аст***" [4:11].

Ин дар хусуси асабаҳо, монанди фарзандон, бародарони аз як модар ва бародарони аз як падар, мебошад. Зеро дар ҳолати

мазкур воқеи зан чунин аст, ки агар зан фақир бошад, нафақаи ин зан, гарчи ба кор кардан қодир бошад ҳам, ба зиммаи бародараш воҷиб мегардад. Дар баъзе ҳолатҳо саҳми зан ба мисли саҳми мард муқаррар карда шудааст. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَلَكُمْ نِصْفُ مَا تَرَكَ أَزْوَاجُكُمْ إِن لَّمْ يَكُن لَّهُنَّ وَلَدٌ فَإِن كَانَ لَهُنَّ وَلَدٌ فَلَكُمُ الرُّبُعُ مِمَّا تَرَكْنَ

"***Ва агар марде ё зане бимирад ва меросбари вай на падар бошад ва на фарзанди ӯ, агар ӯро бародар ё хоҳаре бошад, ҳар як аз он ду як шашум барад. Ва агар беш аз яке буданд, ҳама дар як саввуми мол шарик ҳастанд***" [4:12].

Ин оят дар хусуси калола – бародарони аз як модар мебошад. Дар ин ҳолат воқеи зан чунин аст, ки нафақаи ин зан ба зиммаи бародари аз як модар воҷиб намегардад. Зеро ин бародари ӯ, гарчи маҳрам бошад ҳам, аз касоне нест, ки ба зиммааш нафақа воҷиб гардад.

Ислом фармуд, ки либоси мард аз либоси зан ва либоси зан аз либоси мард фарқ кунад. Инчунин ҳар дуро манъ кард, ки дар либос ва чизҳое, ки хоси ӯсту бо он аз дигарон фарқ мекунад (масалан, зинат додани баъзе мавзеъҳои тан), ба якдигар монанд набошанд. Аз Абӯҳурайра ривоят карда мешавад:

"***Расулуллоҳ (с) мардеро, ки либоси занро мепӯшад ва занеро, ки либоси мардро мепӯшад, лаънат карданд***". Ин ҳадисро Ҳоким ривоят карда, ҳадиси саҳеҳ гуфтааст. Аз Ибни Абӯмулайка ривоят карда мешавад:

"Оиша (р), вақте ки аз ӯ дар хусуси зане, ки пойафзоли мардонро мепӯшад, пурсиданд, гуфт: "***Расулуллоҳ (с) занонеро, ки ба мардон тақлид мекунанд, лаънат***

***кардаанд***"". Ин ҳадисро Заҳабӣ ривоят карда, исноди онро ҳасан гуфтааст. Аз Абдуллоҳ ибни Амр ривоят карда мешавад, ки аз Расулуллоҳ (с) шунида будааст:

"***Заноне, ки худро ба мардон монанд мекунанд, аз мо нест***". Ин ҳадисро Табаронӣ ривоят кардааст. Аз Ибни Аббос ривоят карда мешавад:

"***Набӣ (с) мардонеро, ки худро ба занон монанд мекунад ва занонеро, ки худро ба мардон монанд мекунанд, лаънат карданд ва гуфтанд: "Онҳоро аз хонаҳои худ берун ронед***"". Ибни Аббос мегӯяд:

"***Набӣ (с) фалониро берун ронданд ва Умар фалониро берун ронд***". Дар матни дигар гуфтааст:

"***Расулуллоҳ (с) мардонеро, ки худро ба занон монанд мекунанд ва занонеро, ки худро ба мардон монанд мекунанд, лаънат карданд***". Ин ҳадисро Бухорӣ ривоят кардааст.

Ислом маҳри занро ба зиммаи мард гузошт ва ҳаққи зан дар зиммаи мард муқаррар намуд. Ҳол он ки баҳрабарӣ натанҳо барои мард, балки барои марду зан аст. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

**وَآتُواْ النَّسَاء صَدُقَاتِهِنَّ نِحْلَةً فَإِن طِبْنَ لَكُمْ عَن شَيْءٍ مِّنْهُ نَفْسًا فَكُلُوهُ هَنِيئًا مَّرِيئًا**

"***Маҳри занонро ба тиби хотир ба онҳо бидиҳед. Ва агар порае аз онро ба ризоят ба шумо бахшиданд, бигиред, ки хуш аз гуворояптон хоҳад буд***" [4:4].

Маънои калимаи  ҳадя мебошад. Зеро маҳр, чунон ки баъзе мардум мепиндоранд, на молест, ки ба бадали иффати занонагӣ дода мешавад, балки ҳадя аст.

"Расулуллоҳ (с) ҳангоми хонадор кардани марде гуфтанд: "***Оё моле дорӣ, ки ба ӯ ҳадя кунӣ?***" ***Мард ҷуст, вале наёфт. Расулуллоҳ (с) гуфтанд:*** "***Биҷӯй ва пайдо кун, гарчи як ангуштарини оҳанин бошад ҳам***". ***Мард ҳеҷ молеро пайдо карда натавонист. Он гоҳ ин мардро бар ивази он чӣ, ки ӯ аз Қуръон медонист, хонадор намуданд***". Ин ҳадисро Бухорӣ аз тариқи Саҳл ибни Саъди Соидӣ ривоят кардааст.

Аллоҳ Таоло касби молро ба мард фарз, вале ба зан на фарз, балки мубоҳ гардонид. Зан, агар хоҳад кор мекунад, вагарна кор намекунад. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

لِيُنفِقْ ذُو سَعَةٍ مِّن سَعَتِهِ

"***Ҳар молдоре аз моли худ нафақа диҳад***" [65:7].

Калимаи (ذُو), ки дар оят омадааст, танҳо ба ҷинси мардона истифода карда мешавад. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَعلَى الْمَوْلُودِ لَهُ رِزْقُهُنَّ وَكِسْوَتُهُنَّ بِالْمَعْرُوفِ

"***Хӯроку либоси онон ба ваҷҳе некӯ бар ӯҳдаи соҳиби фарзанд аст***" [2:233].

Пас нафақа ба зиммаи мард гузошта шудааст.

Ислом ҳуқуқи роҳбарӣ, сарварӣ, фармоишу боздоштро аз болои зан ба мард додааст. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

الرِّجَالُ قَوَّامُونَ عَلَى النِّسَاء بِمَا فَضَّلَ اللّهُ بَعْضَهُمْ عَلَى بَعْضٍ وَبِمَا أَنفَقُواْ مِنْ أَمْوَالِهِمْ فَالصَّالِحَاتُ قَانِتَاتٌ حَافِظَاتٌ لِّلْغَيْبِ بِمَا حَفِظَ اللّهُ وَاللاَّتِي تَخَافُونَ

نُشُوزَهُنَّ فَعِظُوهُنَّ وَاهْجُرُوهُنَّ فِي الْمَضَاجِعِ وَاضْرِبُوهُنَّ فَإِنْ أَطَعْنَكُمْ فَلاَ تَبْغُواْ عَلَيْهِنَّ سَبِيلاً إِنَّ اللّهَ كَانَ عَلِيًّا كَبِيراً

"***Мардон аз он ҷиҳат, ки Аллоҳ баъзеро бар баъзе бартарӣ додааст ва аз он ҷиҳат, ки аз моли худ нафақа медиҳанд, бар занон тасаллут доранд. Пас занони шоиста фармонбардоранд ва дар ғайбати шӯй афифанд ва фармони Аллоҳро нигоҳ медоранд. Ва он занонро, ки аз нофармонияшон бим доред, андарз диҳед ва аз хобгоҳашон дурӣ кунед ва бизанедашон. Агар фармонбардорӣ карданд, аз он пас роҳи бедод пеш магиред. Ва Аллоҳ баландпояву бузург аст***" [4:34].

Баёни сабаби роҳбарии мазкур ин аст, ки Аллоҳ Таоло вазифаҳоеро, монанди ҳукмронӣ, имомати намоз ва валигии никоҳ, ба ӯҳдаи мардон гузоштааст ва талоқро ба мард супоридааст. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

الرِّجَالُ قَوَّامُونَ عَلَى النِّسَاء بِمَا فَضَّلَ اللّهُ بَعْضَهُمْ عَلَى بَعْضٍ

"***Мардон аз он ҷиҳат, ки Аллоҳ баъзеро бар баъзе бартарӣ додааст***" [4:34].

Сабаби дигари ин роҳбарӣ ба зиммаи мард гузошта шудани ӯҳдадориҳои нафақавӣ, монанди маҳр ва таъминот, мебошад. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَبِمَا أَنفَقُواْ مِنْ أَمْوَالِهِمْ

"***Ва аз он ҷиҳат, ки аз моли худ нафақа медиҳанд***" [4:34].

Инчунин дар ҳолати нофармонӣ кардани зан, яъне ҳангоми зид баромадан ба шавҳар ва маъсият варзидан ба шавҳар, ҳаққи адабдиҳиро бо панди зебо, тарки хобгоҳ ва зарбаи сабук, аз рӯи он ки гуноҳ ба кадом навъи адабдиҳӣ мӯҳтоҷ

бошад, ба шавҳар дод. Ҳаққи тарбияи кўдакро, хоҳ писар бошад, хоҳ духтар, ба зан дод ва аз он мардонро манъ кард. Агар падарон харҷи бевоситаи кўдаконро ба таъхир гузоранд ё бухл варзанд, харҷи бевоситаи кўдаконро ба зиммаи зан гузошт ва мардро дар ин ҳолатҳо аз иҷрои ин корҳо манъ кард. Дар ҳадиси муттафақун алайҳ, ки аз тариқи Оиша (р) ривоят карда шудааст, гуфта мешавад:

"***Ҳинд ба назди Расулуллоҳ (с) омад ва гуфт: "Ё Расулаллоҳ, Абўсуфён марди бахил аст. Ба он миқдоре, ки ба ман ва фарзандам кифоя кунад, нафақа намедиҳад". Расулуллоҳ (с) гуфтанд: "Нафақаеро, ки ба ту ва фарзандат кифоя мекунад, бо некӣ бигир***"". Қозӣ мардро маҷбур мекунад, ки нафақаро ба зан супорад ва иҷрои бевоситаи ин корҳоро ба зан медиҳад. Дар ин ҳолатҳо харҷи бевосита аз шавҳар пазируфта намешавад.

Ҳамин тавр, Ислом аҳкоми гуногунро овард, ки баъзе ба мардон ва баъзе ба занон хос мебошанд ва дар як қисми онҳо байни занону мардонро ҷудо намуд. Ҳар дуро фармуд, ки ба аҳкоме, ки Аллоҳ ба онҳо хос гардонидааст, розӣ бошанд ва онҳоро боздошт, ки бо сабаби зиёда кардани Аллоҳ яке аз дигаре ба якдигар ҳасад набаранд ва чизи зиёдатии якеро бо ҳасаду адоват орзу накунанд. Аллоҳ Таоло мегўяд:

وَلاَ تَتَمَنَّوْاْ مَا فَضَّلَ اللّهُ بِهِ بَعْضَكُمْ عَلَى بَعْضٍ لِّلرِّجَالِ نَصِيبٌ مِّمَّا اكْتَسَبُواْ وَلِلنِّسَاء نَصِيبٌ مِّمَّا اكْتَسَبْنَ

"***Орзу макунед он чизҳоеро, ки бад-онҳо Аллоҳ баъзе аз шуморо бар баъзе дигар бартарӣ додааст. Мардонро аз он чӣ кунанд, насибест ва занонро аз он чӣ кунанд, насибе***" [4:32].

Маънои ин гуна хосгардонӣ дар аҳком нобаробарӣ нест, балки муолиҷаи корҳои зан бо эътибори зан ва корҳои мард бо эътибори мард мебошад. Корҳо бо хитобе, ки ба корҳои бандагон тааллуқ дорад, муолиҷа карда шудааст. Аз омӯзиши воқеи онҳо аён мегардад, ки муаммоҳои навъи муайяни инсон (яъне мард ё зан) бо эътибори навъи худ муолиҷа карда шудааст. Ин бояд аз муолиҷаи инсон бо эътибори инсон фарқ кунад. Дар ин бора ҷиҳати баробарӣ ё нобаробарӣ мулоҳиза карда намешавад. Зеро он мавриди баҳс нест, балки мулоҳиза карда шудааст, ки он муолиҷаи муайян барои муаммои муайян ва инсони муайян бошад. Ин ҷиҳати яксонӣ дар аҳкоми байни марду зан мебошад. Ба ҳар ҳол он танҳо муолиҷаи муаммои инсон мебошад, хоҳ ҳалли барои марду зан яксон бошад, монанди талаби илм ё ҳалли гуногун, монанди гуногунии аврати марду зан. Нисбат ба марду зан гуногун будани онҳо баҳси ҷудо кардани инсон аз инсони дигар ё баробариву нобаробариро намефаҳмонад. Аммо дар масъалаи нуқсони ақл ва дини зан танҳо ба эътибор гирифтани ҳолате, ки нисбат ба ақл ва дин содир мешавад, қасд карда шудааст. На ба маъное, ки ақл ва дини занон ноқис бошад. Зеро ақл дар ҳар яки марду зан бо эътибори фитрат яксон аст, дин низ дар ҳар яки марду зан бо эътибори имон ва амал яксон аст. Мақсад аз ин ҳадис нуқсон дар мӯътабар донистани гувоҳии зан мебошад, яъне гувоҳии ду зан ба гувоҳии як мард баробар карда шудааст. Боз мақсад аз ҳадис нуқсон дар рӯзҳои намози зан мебошад. Зеро ӯ дар рӯзҳои ҳайз ҳар моҳ ва дар рӯзҳои нифос намоз намехонад. Дар моҳи рамазон низ дар ин гуна рӯзҳо рӯза намедорад.

Ин ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳо мавзӯи маҷбуриятҳои шаръӣ аст ва Аллоҳ онҳоро барои инсон аз ҷиҳати инсонияти ӯ ва барои ҳар ду навъи инсон, яъне марду зан машрӯъ гардонид. Лекин дар қонунгузорӣ дорои сифати хоси инсонӣ ва нишонаи навъ

будани ҳар яки онҳоро ба эътибор гирифт. Дар ин бора, чунон ки ҳар гуна корҳои баробарӣ ва нобаробарӣ мулоҳиза карда намешавад, аз яке дигареро ҷудо кардан низ дар назар дошта намешавад.

# КОРҲОИ ЗАН

Табиати ташреии нуқтаи назари Ислом корҳоеро, ки инсон бо эътибори инсон анҷом медиҳад, ҳам ба мард ва ҳам ба зан баробар: бе ягон ҷудокунӣ ва тақсимкунӣ воҷиб, ҳаром, макрӯҳ, мандуб ё мубоҳ мегардонад. Аммо шариат дар корҳое, ки мард бо эътибори инсон ва бо эътибори мард анҷом медиҳад ва дар корҳое, ки зан бо эътибори инсон ва бо эътибори зан анҷом медиҳад, новобаста ба ҷиҳати воҷиб, ҳаром, макрӯҳ, мандуб ва мубоҳ будани ин корҳо ҳар дуро аз ҳам ҷудо ва ба навъҳо тақсим кард. Аз ин ҷо аён мегардад, ки шариат ҳукм ва салтанатро на бар ӯҳдаи занон, балки бар ӯҳдаи мардон, инчунин тарбияи фарзандро хоҳ писар бошад, хоҳ духтар на бар ӯҳдаи мардон, балки бар ӯҳдаи занон гузоштааст. Бинобар ин, бояд корҳое, ки ба зан бо эътибори

зан тааллуқ доранд, бар ўҳдаи занон ва корҳое, ки ба мард бо эътибори мард тааллуқ доранд, бар ўҳдаи мардон гузошта шавад. Аллоҳ Таоло, ки марду занро офаридааст, беҳтар медонад, ки кадом кор кори зан аст ва кадом кор кори мард. Бинобар ин, аз доираи аҳкоме, ки Аллоҳ Таоло машрўъ гардонидааст, хоҳ танҳо барои мардон бошад, хоҳ танҳо барои занон ва хоҳ барои ҳар гуна инсон чи марду чи зан берун набаромадан лозим аст. Зеро Аллоҳ Таоло беҳтар медонад, ки чӣ коре ба инсон шоистатар аст. Бинобар ин, кўшиши ақл ба маҳрум кардани зан аз баъзе корҳо бо ҳуҷҷати "ин корҳо барои зан нестанд" ё ба зан супоридани корҳои хоси мард бо эътибори "инсоф нисбат ба зан ва барпо кардани адл дар байни марду зан" – ин ҳама аз шариат берун шудан ва хатое ба ҳисоб меравад, ки боиси фасод мегардад.

Шариат занро модар ва кадбону қарор дод. Бинобар ин, ба зан аҳкомеро, ки ба ҳомиладорӣ, таваллуд, маконидану тарбияи кўдак, нигоҳ доштани идда тааллуқ доранд, баён намуд. Ин аҳком ба мард тааллуқ надоранд. Зеро ин аҳком ба зан бо эътибори зан тааллуқ доранд. Бинобар ин, масъулияти кўдакро, ки аз ҳомиладорӣ, таваллуд, маконидан ва тарбия иборат аст, ба зиммаи зан гузошт. Ин масъулият муҳимтарин кор ва бузургтарин масъулияти зан ба ҳисоб меравад. Аз ин рў, метавон гуфт, ки кори ҳақиқии зан модарӣ ва кадбонугӣ мебошад. Зеро бақои навъи инсон ба ин кор вобаста аст ва ин кор танҳо ба зан хос гардонида шуд. Аз ин рў, бояд равшан бошад, ки вазифаи асосии зан, новобаста ба он ки чӣ гуна корҳо ба ў супорида мешавад ва чӣ гуна маҷбуриятҳо бар дўши ў гузошта мешавад, бояд модарӣ ва тарбияи фарзандон бошад. Бинобар ин, мебинем, ки шариат дар рамазон занро дар ҳолати ҳомиладорӣ ва маконидан ба рўза надоштан рухсат додааст, дар ҳолати ҳайз ва нифос намозро аз ў соқит гардонидааст ва дар давре, ки кўдак ба модар мўҳтоҷ

мебошад, падарро аз сафари берун аз шаҳр бо ин фарзанд манъ кардааст. Ин ҳама барои кадбону будани зан аст, то ки ӯ кори асосии худро комилан адо карда тавонад.

Вале "***модар ва кадбону будан кори асосии зан мебошад***" гуфтан маънои онро надорад, ки зан танҳо ба ҳамин кор муқайяд ва аз иҷрои корҳои дигар боздошта шудааст. Ин танҳо далолат мекунад, ки Аллоҳ Таоло занро барои такя кардан ба мард ва наслу зурриёт дидан аз мард офаридааст. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَاللَّهُ جَعَلَ لَكُم مِّنْ أَنفُسِكُمْ أَزْوَاجًا وَجَعَلَ لَكُم مِّنْ أَزْوَاجِكُم بَنِينَ

"***Аллоҳ барои шумо аз миёни худатон ҳамсароне қарор дод ва аз ҳамсаронатон фарзандон ва фарзандзодагон падид оварد***" [16:72],

وَمِنْ آيَاتِهِ أَنْ خَلَقَ لَكُم مِّنْ أَنفُسِكُمْ أَزْوَاجًا لِّتَسْكُنُوا إِلَيْهَا وَجَعَلَ بَيْنَكُم مَّوَدَّةً وَرَحْمَةً

"***Ва аз нишонаҳои қудрати Ӯст, ки бароятон аз ҷинси худатон ҳамсароне офарид, то ба эшон оромиш ёбед ва миёни шумо дӯстиву меҳрубонӣ ниҳод***" [30:21].

Лекин Аллоҳ занро чунон офарид, ки дар ҳаёти умумӣ низ монанди ҳаёти хос фаъолият нишон диҳад, яъне ба ӯ воҷиб гардонид, ки даъватро расонад ва дар корҳои барои худ зарурӣ талаби илм кунад, инчунин ба ӯ харидуфурӯш, иҷора ва ваколатро рухсат дод, дурӯғ, аҳдшиканӣ ва хиёнатро ҳаром гардонид. Инчунин ба мард баъзе корҳоро воҷиб гардонид, ба баъзе рухсат дода, баъзеро ҳаром гардонид. Илова бар ин, шариат ба зан ба корҳое, монанди машғулшавӣ бо харидуфурӯш, ҳуқуқ дод, ки бо кишоварзӣ ва истеҳсолот машғул шавад, аҳдҳо бандад, ба тамоми навъҳои моликият

соҳибӣ кунад, молҳои худро зиёд гардонад, корҳои ҳаётии худро идора намояд, шарик ва муздур бошад, мардум, ашё ва моликияти ғайриманқуларо ба иҷора гирад ва тамоми корҳоро оид ба муомилот анҷом диҳад. Зеро хитобҳои Шореъ умумӣ мебошад ва бо ягон манъкунӣ занро хос нагардонидааст. Вале зан наметавонад дар корҳои ҳокимият сарварӣ намояд. Бинобар ин, ӯ наметавонад раиси давлат, муовин, волӣ, омил ва сарвари ҳар гуна коре бошад, ки аз корҳои ҳокимият ба ҳисоб меравад. Ба ин далел ҳадиси зерин аст, ки Бухорӣ аз Абӯбакра ривоят кардааст:

"***Ба Расулуллоҳ (с) хабар расид, ки аҳли Форс духтари Кисроро ба худ подшоҳ кардаанд. Он кас гуфтанд: "Қавме, ки дар кори худ занро сарвар кардааст, ҳаргиз наҷот наёбад***". Ин далели ошкор дар хусуси боздошти зан аз сарварии корҳои ҳокимият ворид шудааст ва касоне, ки занро ба худ сарвар кардаанд, мазаммат мекунад. Зеро сарвари кори ҳоким аст. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُواْ أَطِيعُواْ اللّهَ وَأَطِيعُواْ الرَّسُولَ وَأُوْلِي الأَمْرِ مِنكُمْ

"***Эй касоне, ки имон овардаед, аз Аллоҳ итоат кунед ва аз расул ва улуламри хеш фармон баред***" [4:59].

Пас сарварии корҳои ҳокимият ба занон мумкин нест. Аммо зан метавонад корҳои дигарро ҷуз корҳои ҳокимият сарварӣ кунад. Аз ин рӯ, ҷоиз аст, ки зан ба хизматҳои давлат таъин гардад. Зеро ин хизматҳо на аз корҳои сарварӣ, балки аз боби иҷора ба ҳисоб меравад. Ходим муздури хос дар назди ҳукумат ва монанди муздур дар назди ҳар гуна шахс ё ширкат мебошад. Ҷоиз аст, ки зан корҳои қозигиро идора кунад. Зеро қозӣ ҳоким нест, балки хусуматҳоро дар байни мардум ҳал мекунад ва ҷонибҳои бо ҳам ҷанҷолиро бо роҳи маҷбурсозӣ аз ҳукми шаръӣ хабардор мекунад. Зеро дар таърифи қозигӣ

гуфта шудааст: "Қозигӣ хабардоркунӣ аз ҳукм бо роҳи маҷбурсозӣ мебошад". Пас қозӣ на ҳоким, балки ходим аст. Ӯ низ монанди кормандони дигари давлат муздур ба ҳисоб меравад. Ривоят карда шудааст, ки Умар ибни Хаттоб занеро бо номи Шафо аз қавми худ сардори бозор, яъне мӯҳтасиб таъин кардааст, ки аз болои тамоми ҳуқуқвайронкуниҳо ҳукм мебарорад. Вале масъалаи ҷоизии қозӣ шудани зан ба матни ҳадиси боло ва татбиқи ин матн ба вазифаи қозигӣ вобаста аст. Аз ин рӯ, агар ҳадисе, ки аз таъини зан ба сарварии кор боздоштааст, ба қозигӣ низ мувофиқ ояд, қозӣ таъин кардани зан мумкин нест. Дар акси ҳол ин ҳадис ба манъи зан аз қозигӣ далел шуда наметавонад. Агар ба ин ҳадис назар кунем, мебинем, ки Расулуллоҳ (с) дар ҷавоби хабар дар бораи аҳли Форс, ки занро сарвари худ карданд, қавмеро, ки ба кори худ занро сарвар мекунад, мазаммат кардаанд. Пас он бо эътибори шарҳи хабар ва ҷавоби савол танҳо ба мавзӯи хабар хос аст ва ҷуз он ба дигаре мувофиқ намеояд. Мавзӯи хабар подшоҳӣ, яъне сарварии давлат аст ва ба ҳамин мавзӯъ шарҳ дода шудааст. Пас он ба мавзӯи раисии давлат ва ҳукмронӣ ба ин маъно хос мебошад. Ин аз як тараф мебошад. Аммо аз тарафи дигар, наҳй ба сарварии умумӣ нигаронида шудааст, зеро он сарварии кор мебошад. Маънои ҳадис ба ҳамин далолат мекунад. Аммо мавзӯи қозигӣ аз кори Халифа ва волӣ фарқ мекунад. Вазифаи Халифа ё волӣ хоҳ ба ӯ дар хусуси корҳо даъво карда шавад, хоҳ на, хоҳ ҳукми қозӣ ба ӯ тақдим гардад, хоҳ на иҷрои бевоситаи ҳукм ҳангоми мушоҳидаи ҳолати хилофи шариат дар ин корҳо мебошад. Зеро Халифа ё волӣ бе даъвогар низ қонуншиканро ба маҳкама мекашад ва ба ӯ ҳукмро иҷро мекунад. Пас ӯ иҷрокунанда аст. Аммо қозӣ танҳо он вақт ҳукм мебарорад, ки ду даъвогар ва даъво бо сабаби арзи яке аз онҳо мавҷуд бошад. Пас қозӣ танҳо ҳангоми мавҷудияти даъво ҳукм

мебарорад, дар акси ҳол ҳукм намебарорад. Ӯ баъд аз баррасии кори ҷиноӣ дар хусуси ҳукми Аллоҳ Таоло, ки ба ин кори ҷиноӣ тааллуқ дорад, бо роҳи маҷбурсозӣ хабар медиҳад. Қозӣ мутлақо ҳуқуқи иҷро карданро надорад. Вақте ки шахс ҳам ҳоким ва ҳам қозӣ таъин карда мешавад, ҳамчун ҳоким иҷро мекунад ва ҳамчун қозӣ ҳукм меронад. Аз ин рӯ, воқеи қозигӣ ва воқеи ҳокимӣ фарқ мекунад. Пас ҳадиси дар боло зикршуда ба қозӣ мувофиқ намеояд. Илова бар ин, қозигӣ дар ягон чиз ба доираи сарварӣ дохил намешавад. Ӯ ба нафаре аз аҳолии шаҳре, ки ба он ҷо қозӣ таъин шудааст, ҳатто ба даъвогарон низ сарвар нест ва ба ӯ итоат кардан воҷиб нест. Агар дар хусуси кори ҷиноӣ ҳукм барорад, иҷро кардани ҳукми ӯ воҷиб мегардад. Зеро он на фармони қозӣ, балки ҳукми Аллоҳ аст. Ҳукми қозӣ танҳо ҳангоми содир шудан дар маҷлиси маҳкама ҳукми қозӣ дониста мешавад. Бинобар ин, агар берун аз маҷлиси маҳкама ҳодисаеро бинад ё шунавад, модом ки ин биниш ва шунавиш дар маҷлиси маҳкама набошад, ҳақ надорад, ки аз рӯи ҳодисаи дида ё шунидаи худ ҳукм барорад. Аммо ҳолати ҳоким акси ин аст, ки дар ҳар гуна ҳолат ба ӯ итоат намудан воҷиб мебошад. Барои ҳукм баровардан ҳоким ба маҷлиси муайян эҳтиёҷ надорад, балки ҳам дар хона, ҳам дар роҳ, ҳам дар маркази давлат – дар ҳама ҷо ҳокимиятро идора мекунад ва ба ӯ итоат кардан воҷиб аст. Дар ҳадиси муттафақун алайҳ, ки аз тариқи Абӯҳурайра ривоят карда шудааст, Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

"***Ҳар кас ба амир итоат кунад, пас ба ман итоат кардааст***".

Аз ин рӯ, ҳадисе, ки аз сарвар таъин кардани зан бозмедорад, ба кори қозӣ мутлақо мувофиқ намеояд. Пас ин ҳадис ба зан қозигиро манъ намекунад. Қозӣ ходим дар ҳузури ҳоким мебошад. Ҳоким ӯро ба вазифаи муайян бар ивази музд ба кор

киро мекунад. Калимаи – "***муздур***", ки дар ҳадисҳои саҳеҳ омадааст, ҳар гуна муздуреро дар ҳар гуна кор дар бар мегирад. Дар ҳадисе, ки Бухорӣ аз тариқи Ибни Аббос ривоят кардааст, Расулуллоҳ (с) муаллими Қуръонро муздур ҳисобида гуфтаанд:

"***Беҳтарин чизе, ки бар ивази он музд мегиред, Китоби Аллоҳ мебошад***".

Қозӣ низ муздур ба ҳисоб меравад ва аз байтулмол музд мегирад. Наметавон гуфт, ки "***қозӣ муовини ҳоким мебошад ва ба доираи ҳокимон дохил мешавад***". Зеро қозӣ муздур дар ҳузури ҳоким мебошад, на муовини ҳоким. Вазифаи ӯ фаҳмидани воқеи муаммои байни хусуматгарон ва баёни мувофиқати моддаҳои қонунӣ дар ҳолати табаннӣ карда шудани аҳкоми шаръӣ ва баёни мутлақи аҳкоми шаръӣ дар ҳолати табаннӣ карда нашудани аҳкоми шаръӣ ба фардҳоест, ки маҳкамаи қазо корҳои онҳоро баррасӣ мекунад ва баррасӣ намекунад. Пас ӯ муздурест, ки барои кори муайян бар ивази музд киро карда шудааст.

Ин гуфтаҳо нисбат ба қозӣ ва мӯҳтасиб гуфта шудааст. Аммо мумкин нест, ки зан қозии мазолим бошад, яъне зан қозигии мазолимро сарварӣ карда наметавонад, зеро он аз ҳокимият ба ҳисоб меравад. Воқеи он воқеи ҳокимият аст ва ҳадис айнан ба он мувофиқ меояд. Зеро қозии мазолим хоҳ касе даъво кунад, хоҳ на зулмеро, ки аз тарафи ҳоким бар зидди мардум рух медиҳад, бартараф мекунад. Агар касе аз рӯи зулм ба ӯ муроҷиат кунад, ба даъват кардани ҳокиме, ки аз болои ӯ даъво карда шудааст, мӯҳтоҷ намешавад. Ҳокимро ба иштирок дар маҳкама метавонад даъват кунад ва метавонад даъват накунад. Зеро мавзӯъ на аз ҳукм хабардор кардан, балки бартараф кардани зулми ҳоким бар мардум мебошад.

Воқеи қозигии мазолим ҳокимият аст. Бинобар ин, зан наметавонад ба он сарварӣ кунад.

Акнун масъалаи ҷоизии узвияти зан дар Маҷлиси уммат дар ҳолати мавҷуд будани ин маҷлис боқӣ монд. Ин масъала ба аксарият норавшан аст. Мардум аз рӯи муқоисаи Маҷлиси уммат дар Ислом бо маҷлиси депутатҳо дар демократия мепиндоранд, ки ин кор мумкин нест. Дар асл дар байни маҷлиси депутатҳо дар низоми демократия ва Маҷлиси уммат дар Ислом фарқ вуҷуд дорад. Маҷлиси депутатҳо як навъи ҳокимият мебошад, ки аз рӯи қонунҳои демократия дорои ҳуқуқи ҳукмрониро дорад. Зеро он раиси давлатро интихоб ва сабукдӯш мекунад. Он ба вазорат боварироро месупорад ва вазоратро аз ин боварӣ маҳрум месозад, сипас дарҳол аз ҳокимият сабукдӯш мекунад. Маҷлиси депутатҳо се корро иҷро мекунад: **якум** – ҳукуматро муҳосаба ва муроқаба мекунад; **дуюм** – қонунҳоро тартиб медиҳад; сеюм – ҳокимонро таъин ва сабукдӯш мекунад. Пас ин маҷлис, гарчи аз ҷиҳати муҳосаба ва муроқабаи ҳукумат мақоми ҳокимиятро ишғол накунад ҳам, аз ҷиҳати қонунҳо тартиб додан, таъин ва сабукдӯш кардани ҳокимон ҳокимият ба ҳисоб меравад. Маҷлиси уммат акси ин аст, ки ҳокимонро муҳосаба ва муроқаба мекунад ва дар корҳое, монанди ба камбудӣ роҳ додан, беэътиборӣ дар татбиқи Ислом ва сустӣ дар расонидани даъвати исломӣ, ки ба изҳори эътироз эҳтиёҷ пайдо мешавад, эътирози худро баён мекунад. Лекин қонунҳо тартиб намедиҳад, ҳокимонро таъин ва сабукдӯш намекунад. Аз ин рӯ, он аз маҷлиси депутатҳо фарқ мекунад. Пас ба зан ҷоиз аст, ки узви Маҷлиси уммат бошад, зеро он ҳокимият нест. Вале ба зан узви маҷлиси депутатҳо будан ҷоиз нест, зеро он аз ҳокимият ба ҳисоб меравад, магар он ки узвияти зан дар он ба муҳосаба, муроқаба ва расонидани даъват маҳдуд бошад. Инчунин ба мард узви маҷлиси депутатҳо

будан ҷоиз нест, магар он ки узвияти мард ба муҳосаба, муроқаба ва расонидани даъват маҳдуд бошад. Зеро ба мард, гарчи идора кардани ҳокимият ҷоиз бошад ҳам, танҳо бо нозилкардаи Аллоҳ идора кардан ҷоиз аст. Аммо маҷлиси депутатҳо аз рӯи мабдаи капиталистии демократӣ коре дар мақоми ҳокимият ба ҳисоб меравад.

Аммо ҷоиз набудани иштироки зан дар ҳокимият маънои онро надорад, ки зан ҳокимро низ интихоб карда наметавонад. Зеро дар хусуси ҷоиз набудани иштироки зан дар ҳокимият наҳйи ошкор ворид шудааст. Бухорӣ аз тариқи Абӯбакра ривоят кардааст, ки Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

"***Қавме, ки дар кори худ занро сарвар кардааст, ҳаргиз наҷот наёбад***".

Аммо интихоби ҳоким аз тарафи зан акси ин аст. Зеро ин интихобкунӣ ӯро ба доираи ҳокимият дохил намекунад, балки ба ӯ ҳуқуқи интихоби шахси ҳукмроникунандаро медиҳад. Шариат ба зан рухсат додааст, ки ҳокимро интихоб кунад ва ба ягон амали ҳокимият мардеро интихоб кунад. Зеро зан метавонад ба Халифа байъат диҳад ва Халифаро интихоб кунад. Бухорӣ аз Уммуатия ривоят кардааст:

"***Ба Набӣ (с) байъат додем. Ба мо шарт карданд, ки ба Аллоҳ чизеро шарик накунем ва моро аз ниёҳа боздоштанд. Зане аз байни мо дасташро кашид ва гуфт: "Фалонӣ дар ниёҳа ба ман ёрӣ дода буд, мехоҳам, ки қарзи худро баргардонам". Расулуллоҳ (с) ба ӯ ҳеҷ чиз нагуфтанд. Ӯ рафт ва сипас баргашт***". Байъат ба Пайғамбар (с) на барои пайғамбарӣ, балки барои итоат ба ҳоким буд. Ин далолат мекунад, ки зан метавонад ба ҳоким байъат диҳад, ҳокимро интихоб кунад ва ба Маҷлиси уммат аъзо шавад. Зеро Маҷлиси уммат барои донистани раъй ва пешниҳоди раъй мебошад ва дорои салоҳияти ҳукмронӣ нест.

Ин маҷлис ҳокимро интихоб намекунад. Вале агар уммат онро дар ин кор ба худ вакил таъин кунад, он метавонад ҳокимро интихоб кунад. Он ҳокимонро сабукдӯш намекунад ва қонунҳо тартиб намедиҳад. Тамоми корҳои он ба раъй тааллуқ дорад. Вазифаҳои Маҷлиси уммат чунин аст: Давлат дар хусуси корҳои дохилӣ, ки амалӣ гардонидан мехоҳад, ба ин маҷлис барои донистани раъйи он муроҷиат мекунад, ин маҷлис давлатро дар хусуси корҳои дохилӣ ва хориҷӣ муҳосаба мекунад ё дар хусуси корҳои дохилӣ ва хориҷӣ раъйи худро ба давлат пешниҳод менамояд. Пешниҳоди раъй дар бораи шахсоне, ки ба мансаби хилофат номзад мешаванд ва изҳори эътироз аз волӣ ва муовинон низ аз корҳои Маҷлиси уммат ба ҳисоб меравад. Ҳамаи ин корҳо ба ҷумлаи "***пешниҳоди раъйи нишондиҳандаи кори дуруст***" дохил мешавад. Вазифаи маҷлис танҳо шӯро4 мебошад ва он барои Халифа маҷбурӣ нест. Ин маҷлис дар хусуси аҳкоме, ки Халифа табаннӣ мекунад, раъйи худро пешниҳод мекунад. Ин ҳама раъй аст ва аз корҳои ҳокимият ба ҳисоб намеравад. Бинобар ин, вазифаи ин маҷлис танҳо ба раъй тааллуқ дорад.

Аъзоёни Маҷлиси уммат танҳо вакилони мардум барои пешниҳоди раъй мебошанд ва дар корҳои ҳокимият, дар таъину сабукдӯш кардани ҳоким вакил нестанд. Вале агар уммат касеро вакили худ таъин кунад, ин вакил ҳокимро таъин карда метавонад, вале сабукдӯш карда наметавонад. Вақте ки аъзоёни маҷлис аз муовин ва волиён изҳори эътироз мекунанд, аз рӯи раъйи худ дар равиши табиӣ муовину волиёнро сабукдӯш карда наметавонанд, балки Халифа дар асоси раъйи вакилон муовину волиёнро сабукдӯш мекунад. Маҷлиси депутатҳо акси ин аст. Агар маҷлиси депутатҳо ба вазорат изҳори нобоварӣ кунанд, маҳкамаи вазирон бе сабукдӯш кардани раиси давлат сабукдӯш карда мешавад.

Модом ки аъзоёни Маҷлиси уммат вакил дар пешниҳоди раъй бошанд, зан ҳақ дорад, ки дар тамоми корҳо дар доираи салоҳиятҳои Маҷлиси уммат раъйи худро пешниҳод намояд. Ӯ метавонад дар масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, қонунгузорӣ ва ғайра раъй пешниҳод кунад. Инчунин барои пешниҳоди раъй каси дилхоҳро аз тарафи худ вакил таъин намояд ё барои пешниҳоди раъй аз тарафи каси дилхоҳ вакил таъин гардад. Ислом ҳам ба мард ва ҳам ба зан баробар ҳуқуқи изҳори фикрро додааст. Шӯро дар Ислом ҳам ҳаққи мард ва ҳам ҳаққи зан мебошад. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَشَاوِرْهُمْ فِي الأَمْرِ

"***Ва дар корҳо бо эшон машварат кун***" [3:159],

وَأَمْرُهُمْ شُورَى بَيْنَهُمْ

"***Ва корашон бар пояи машварат бо якдигар аст***" [42:38].

Ин ҳукм умумист ва ҳам мард, ҳам занро дар бар мегирад. Амри маъруф ва наҳйи мункар ба марду зан баробар воҷиб аст. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَلْتَكُن مِّنكُمْ أُمَّةٌ يَدْعُونَ إِلَى الْخَيْرِ وَيَأْمُرُونَ بِالْمَعْرُوفِ وَيَنْهَوْنَ عَنِ الْمُنكَرِ

"***Бояд ки аз миёни шумо гурӯҳе бошанд, ки ба хайр даъват кунанд ва амр ба маъруф ва наҳй аз мункар кунанд***" [3:104].

Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

"***Ҳар кас аз шумо мункареро бинад, пас онро тағйир диҳад***". Ин ҳама суханони умумист ва марду занро дар бар мегирад. Муҳосабаи ҳокимон ба марду зан баробар фарз аст. Насиҳат низ барои марду зан машрӯъ гардонида шудааст.

Муслим аз тариқи Тамими Дорӣ ривоят кардааст, ки Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"***Дин насиҳат аст***". ***Он гоҳ пурсиданд: "Барои кӣ, ё Расулаллоҳ?" Пайғамбар (с) гуфтанд: "Барои Аллоҳ, Расулаш, имомон ва оммаи мусулмонон***". Насиҳат танҳо ба мард маҳдуд карда нашуд, балки насиҳаткунанда хоҳ мард бошад, хоҳ зан метавонад ба имомон ва оммаи мусулмонон насиҳат кунад. Занон бо Расулуллоҳ (с) баҳсу мунозира мекарданд ва саволҳо медоданд. Ин далолат мекунад, ки баҳсу мунозира бо Халифа ё шахсони дигар, ки дар сари ҳокимият меистанд, аз онҳо пурсидан мебошад. Муслим аз тариқи Ҷобир ривоят кардааст, ки Расулуллоҳ (с) рӯзи ид баъд аз ваъзу насиҳат ба мардон ба назди занон рафта, ваъзу зикр кардаанд ва гуфтаанд:

"***Садақа кунед, зеро аксари шумо ҳезуми ҷаҳаннам хоҳед шуд***". ***Он гоҳ зане, ки рухсораҳояш офтоб хӯрда буд, аз байни занон бархост ва пурсид: "Чаро, эй Расулуллоҳ?" Ин ҳадис нишон медиҳад, ки зан бо Пайғамбар (с) баҳсу муноқиша кардааст ва сабаби сухани он касро дар хусуси занон пурсидааст. "Хавла бинти Саълаба ба назди Расулуллоҳ (с) омада, дар хусуси кирдори шавҳари худ пурсид. Расулуллоҳ (с) ба ӯ гуфтанд: "Дар назди ман дар хусуси кори ту ҳеҷ чиз нест". Он гоҳ ӯ бо Расулуллоҳ баҳс намуд***". Ин қиссаи машҳур мебошад, ки Аллоҳ Таоло дар Қуръон ба он ишора кардааст:

قَدْ سَمِعَ اللَّهُ قَوْلَ الَّتِي تُجَادِلُكَ فِي زَوْجِهَا وَتَشْتَكِي إِلَى اللَّهِ وَاللَّهُ يَسْمَعُ تَحَاوُرَكُم

"***Аллоҳ сухани занеро, ки дар бораи шавҳараш бо ту ба муҷодала омадааст ва ба Аллоҳ шиква мекунад, шунид. Ва Аллоҳ гуфтугӯи шуморо мешунавад***" [58:1].

Ин матнҳо далели ошкоро ба баҳси занон бо Расулуллоҳ (с) мебошад. Пас шубҳае нест, ки зан метавонад дар ҳар як кор пешниҳоди раъй ва баҳс намояд. Дар ин бора касе шубҳа намекунад ва иҷмоъ низ бар ин баста шудааст.

Зан метавонад дар пешниҳоди раъй каси дилхоҳро аз тарафи худ вакил таъин кунад ё худаш аз тарафи каси дилхоҳ вакил таъин гардад. Пас дар ҷоизии ин кор низ ҷой доштани ягон шубҳа мумкин нест. Зеро зан ҳақ дорад, ки дар никоҳ, савдо, иҷора ва корҳои дигар аз тарафи худ вакил таъин кунад ё дар ин корҳо худаш аз тарафи каси дигар вакил таъин гардад. Ин танҳо ба баъзе корҳо хос нест, балки дар тамоми кор, аз ҷумла дар пешниҳоди раъй низ умумист. Аз ин рӯ, зан дар пешниҳоди раъй метавонад каси дилхоҳро вакили худ таъин кунад ва худаш низ аз тарафи каси дилхоҳ вакил таъин гардад.

Азбаски Маҷлиси уммат маҷлиси пешниҳоди раъй ва аъзоёни ин маҷлис вакили дигарон дар пешниҳоди раъй мебошанд, ба зан интихоб кардан ё интихоб шудан дар Маҷлиси уммат ҷоиз аст, яъне дар пешниҳоди раъй метавонад аз тарафи каси дигар вакил таъин гардад ё каси дигарро вакили худ таъин кунад. Соли сездаҳуми нубувват, яъне соли ҳиҷрат ба назди Пайғамбар (с) ҳафтоду се мард ва ду зан омаданд. Яке аз ин ду зан аз Банӣ-Мозин Уммуаммора бинти Каъб ва дигаре аз Банӣ-Салима Асмо бинти Амр ибни Адӣ буд. Пайғамбар (с) ваъда карданд, ки дар Ақаба бо онҳо мулоқот менамоянд. Сипас дар ними шаб ҳамагон ба баландӣ баромаданд. Ду зани номбурда низ ҳозир шуданд. Пайғамбар (с) ба онҳо гуфтанд:

"***Ман ба шумо байъат мекунам, ки бо ҳар чӣ, ки зану фарзандони худро ҳимоя мекунед, маро низ ҳимоя бикунед***". Ин ҳадисро Ибни Ҳиббон дар "Саҳеҳ"-и худ аз

тариқи Убода ибни Сомит ривоят кардааст. Онҳо дар ҷавоб бо суханони зерин байъат доданд:

"***Дар тангдастиву фаровонӣ, дар ғаму шодӣ гӯшандозӣ ва фармонбардорӣ кунем, ҳар ҷо ки бошем, ҳақро гӯем ва дар роҳи Аллоҳ аз маломати маломатгӯй наҳаросем***". Ин ҳадисро Аҳмад ва Насоӣ аз тариқи Убода ибни Сомит ривоят кардаанд. Ин байъати сиёсӣ буд. Модом ки ба зан байъати сиёсӣ додан мумкин бошад, интихоб кардан ва интихоб шудан низ мумкин мегардад. Зеро ҳам байъат ва ҳам интихобот як кор ва ин кор интихоб ва фармонбардории ҳоким мебошад. Далели як кор будани байъат ва интихобот ин аст, ки агар ба Халифа байъат дода нашавад, ӯ шаръан Халифа шуда наметавонад. Он чӣ ки ӯро ба Халифа табдил медиҳад, байъат мебошад. Пас байъат ба маънои том интихоби Халифа ва аҳд ба гӯшандозӣ ва фармонбардории Халифа мебошад. Ин ҷо наметавон гуфт, ки "байъат танҳо аҳди гӯшандозӣ ва фармонбардорӣ, зеро касоне, ки байъат надодаанд, баъд аз ҳукми қонунӣ гирифтани хилофат аҳд медиҳанд, ки ба Халифа гӯшандозӣ ва фармонбардорӣ мекунанд". Зеро байъат аввало аҳд ба интихоб, гӯшандозӣ ва фармонбардорӣ буд. Азбаски байъат аҳди ризояти мутақобил мебошад, дар байъат розигӣ шарт карда мешавад. Аз ин ҷиҳат, байъат ва интихобот кори яксон ба ҳисоб меравад. Барои пешниҳоди раъй интихоб кардани фарде, ки аз тарафи зан дар Маҷлиси уммат вакил мешавад, бешубҳа ҷоиз аст. Азбаски ба зан интихоби Халифа, яъне соҳиби мансаби баландтарини ҳокимият ҷоиз аст, интихоби соҳиби мансаби каме пасттар аз Халифа бешубҳа ҷоиз мебошад. Ҳамин тавр, аён мегардад, ки ба зан интихоби аъзоёни Маҷлиси уммат шаръан ҷоиз аст.

Чунон ки дар боло зикр гардид, "***Байъати Ақабаи Дуюм***" далолат мекунад, ки ба зан интихоб кардани каси дигар ҷуз худ ба Маҷлиси уммат ҷоиз аст. Аммо тафсили аъзои Маҷлиси уммат интихоб карда шудани худи зан аз тарафи каси дигар чунин аст, ки Расулуллоҳ (с) аз байъат фориғ шуда, ба ҳамаи онҳо, яъне ба марду зан гуфтанд:

"***Ба ман дувоздаҳ нақибро аз байни худ бароред, ки ба қавми худ кафил бошанд***". Ин ҳадисро Аҳмад ривоят кардааст. Ин фармони эшон барои ҳама буд, то ки нақибон аз байни ҳамаи онҳо интихоб карда шаванд. Фармон умумӣ буд ва дар он мардонро хос нагардониданд. Ҳам аз қатори интихобкунандагон ва ҳам аз қатори интихобшавандагон занонро истисно накарданд. Модом ки далели хосгардонӣ наояд, фармон умумӣ боқӣ мемонад. Фармон бо сабаби хос гардонида нашудан тамоми мардону занонро хоҳ интихобкунанда бошанд, хоҳ интихобшаванда дар бар мегирад.

Аз ин рӯ, ҷоизии узвияти зан дар Маҷлиси уммат ва интихоби аъзоёни ин маҷлис аз тарафи зан аз ҷиҳати вакили каси дигар будан ва вакили худ кардани каси дигар дар пешниҳоди раъй бо ҳадиси "Байъати Ақабаи Дуюм" низ собит шудааст.

Ҳеҷ кас шубҳа намекунад, ки шӯро ҳаққи марду зан мебошад, муҳосабаи ҳокимон, амри маъруф ва наҳйи мункар ба марду зан фарз ва насиҳат барои марду зан машрӯъ гардонида шудааст, ваколат дар пешниҳоди раъй барои марду зан ҷоиз аст, зан ҳақ дорад, ки раъйи худро дошта бошад ва ин раъйро хоҳ дар соҳаи сиёсат бошад, хоҳ дар соҳаи қонунгузорӣ ва хоҳ дар соҳаи дигар пешниҳод намояд. Вазифаҳои Маҷлиси уммат ба шӯро, муҳосабаи ҳокимон, амри маъруф, наҳйи мункар ва панду насиҳат ба имомони мусулмонон маҳдуд аст ва ҳамаи

ин корҳо на аз корҳои ҳокимият, балки бо сабаби танҳо корҳои тааллуқдори раъй будан тақозо мекунад, ки дар ҷоизии узвияти зан дар Маҷлиси уммат ва дар ҷоизии интихоби аъзоёни Маҷлиси уммат аз тарафи зан ҳеҷ гуна шубҳа вуҷуд надошта бошад. Вале баъзе мардум ба ҷоизии интихоби аъзоёни Маҷлиси уммат аз тарафи зан шубҳа изҳор мекунанд: "***Байъат интихобот нест, балки аҳд ба гӯшандозӣ ва фармонбардорӣ мебошад, ки дар он ба ҷоизии интихобот далел вуҷуд надорад***". Лекин аз рӯи он ки кори Маҷлиси уммат пешниҳоди раъй мебошад ва зан дар пешниҳоди раъй ба вакил кардани каси дилхоҳ ҳақ дорад, дар ҷоизии интихоби аъзоёни Маҷлиси уммат аз тарафи зан бояд ҳеҷ гуна шубҳа набошад. Илова бар ин, байъат танҳо аҳди фармонбардорӣ нест, балки пеш аз ҳама аҳди ризояти мутақобил ва интихоби Халифа аз тарафи аҳдкунандагон бо ризоят мебошад. Пас байъат ва интихобот як кор ва он аз интихоби Халифа иборат аст. Аз ин рӯ, зан ҳақ дорад, ки ҳокимонро интихоб ва ихтиёр кунад. Ҳадисе, ки дар хусуси байъати занон собит шудааст, ба ин далел шуда метавонад. Пас интихоби аъзоёни Маҷлиси уммат ба зан бешубҳа ҷоиз аст. Баъзе мардум барои монанд будани Маҷлиси уммат ба маҷлиси депутатҳо (парламент) ба ҷоизии узвияти зан дар Маҷлиси уммат шубҳа мекунанд. Вале аён аст, ки Маҷлиси уммат аз маҷлиси депутатҳо фарқ мекунад. Зеро Маҷлиси уммат раъй пешниҳод мекунад, вале маҷлиси депутатҳо ҳокимиятро идора мекунад. Пас онҳо ба якдигар монанд нестанд. Бинобар ин, барои он ки Маҷлиси уммат ба маҷлиси депутатҳо монанд нест, дар ҷоизии узвияти зан дар Маҷлиси уммат бояд ҳеҷ гуна шубҳа набошад. Ҳамин тавр, дар ҷоизии узвияти зан дар Маҷлиси уммат ва дар ҷоизии интихоби аъзоёни Маҷлиси уммат аз тарафи зан шубҳае намонд. Танҳо якравон дар ин шубҳа мекунанд.

Гоҳо баъзе аз мардум мепурсанд: "***Зан корҳоеро, ки шариат ба иҷрои онҳо рухсат додааст, чӣ гуна анҷом медиҳад? Масалан, бо вуҷуди қайдҳое, монанди манъи хилват, манъи табарруҷ ва зиндагӣ бо занону маҳрамон дар ҳаёти хусусӣ, ки шариат барои зан муқаррар намудааст, чӣ гуна метавонад корманди давлат, қозии ҳалкунандаи хусуматҳо ва узви Маҷлиси уммат бошад, ки бо ҳокимон ба баҳс пардохта, ҳокимонро муҳосаба мекунад?***"

Гоҳо баъзе аз мардум мепурсанд: "***Агар ба зан рухсат дода шавад, ки ба бозор равад, бо мардон мунозира кунад ва корҳоро дар ҳаёти умумӣ ва дар ҷомеа анҷом диҳад, чӣ гуна ахлоқ ва фазилатҳо ҳифз карда мешаванд?***"

Ду саволи мазкур ва саволҳои дигари шубҳаангез дар ин гуна мардум аксар вақт ҳангоми тақдими аҳкоми шаръӣ оид ба низоми иҷтимоӣ пайдо мешавад. Зеро онҳо воқеи ҳаётро, ки низоми капиталистӣ ҳукмрон аст ва дар сояи куфр зиндагӣ мекунанд, мушоҳида мекунанд. Бинобар ин, барои ин гуна мардум тасаввур кардани татбиқи Ислом душвор аст.

Ҷавоби саволҳои мазкур чунин аст: Низоми иҷтимоӣ дар Ислом аз аҳкоми гуногуни шаръӣ иборат аст, ки бо ҳам мутаносиб мебошанд ва риояи ҳукме маънои тарки риояи ҳукми дигарро надорад, балки марди мусулмон ва зани мусулмон бояд ба тамоми аҳкоми шаръӣ риоя кунанд, то ки дар як шахс зиддият ба вуҷуд наояд ва дар натиҷаи ин аҳком зиддиятнок нанамоянд. Ислом, вақте ки ба зан иҷрои корҳои гуногунро мубоҳ гардонид, дар назар намедорад, ки зан ба идораи давлат, ки дар он ҷо кор мекунад, гарчи ҳамшираи беморхона бошад ҳам, мисли арӯси шаби никоҳ бо зинату омодагӣ равад ё бо ин гуна зинати барангезанда ба мардон намоён шуда, шаҳвати онҳоро ангезад. Инчунин дар назар намедорад, ки бо ин гуна зинат ба дӯкон рафта, бо нармиву мафтункорӣ ва бо услубе, монанди гуфтори мафтункунандаи харидор, савдо кунад, то дар аснои гуфтугӯ доир ба нарх бо гаппартоӣ нархи молро бардорад ё ба харидан ҳавасманд гардонад. Ислом дар назар намедорад, ки зан дар ҳузури адвокат ё раис котиба шуда кор кунад ва ҳангоми зарурати хилват аз рӯи кор бо раис дар хилват монад ва либосеро, ки мӯй, сина, китф, бозу ва соқҳо нопӯшида мемонад, барои раис бипӯшад, қисми бараҳнаи ҷисми худро, ки шаҳватро меангезад, ба раис намоиш диҳад.

На, Ислом ҳаргиз ин гуна корҳоро дар назар намедорад. Ислом ин корҳоеро, ки дар ҷамоати имрӯза рух медиҳад, асло дар назар намедорад. Зеро ҷамоати имрӯза дар ҷомеаи

ғайриисломӣ, ки тарзи зиндагии Ғарб ҳукм меронад, умр ба сар мебарад. Ислом ҳолатеро дар назар медорад, ки мусулмон тамоми аҳкоми Исломро ба худ татбиқ намояд. Ислом, вақте ки ба зан иҷрои корҳои харидуфурӯшро дар бозор мубоҳ гардонид, бо зинатҳои намоён баромаданро манъ намуд ва фармуд, ки ба ҳар ду ҳукм дар як вақт амал кунад. Зеро эътиқод ба Ислом татбиқ кардани тамоми аҳкоми Исломро ба зиммаи мусулмон мегузорад. Ислом аҳкомеро машрӯъ гардонидааст, ки иҷрои амалҳои эҷобӣ ва салбиро дар бар мегирад ва мусулмонро хоҳ мард бошад, хоҳ зан нигаҳ медорад, то аз роҳи фазилат берун нашавад ва ба сӯи "нигоҳи ҷинсӣ" майл накунад.

Ин гуна аҳком басо зиёданд. Аҳкоме, ки иҷрои амалҳои эҷобиро дар бар мегиранд:

1. Ислом ҳам мард ва ҳам занро фармуд, ки чашми хеш поён афкананд ва аврати худ нигаҳ доранд. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

قُل لِّلْمُؤْمِنِينَ يَغُضُّوا مِنْ أَبْصَارِهِمْ وَيَحْفَظُوا فُرُوجَهُمْ ذَٰلِكَ أَزْكَىٰ لَهُمْ إِنَّ اللَّهَ خَبِيرٌ بِمَا يَصْنَعُونَ وَقُل لِّلْمُؤْمِنَاتِ يَغْضُضْنَ مِنْ أَبْصَارِهِنَّ وَيَحْفَظْنَ فُرُوجَهُنَّ

"***Ба мардони мӯъмин бигӯ, ки чашмони хеш фурӯ гиранд ва шармгоҳи худ нигаҳ доранд. Ин барояшон покизатар аст. Зеро Аллоҳ ба корҳое, ки мекунанд, огоҳ аст! Ва ба занони мӯъмин бигӯ, ки чашмони хеш фурӯ гиранд ва шармгоҳи худ нигаҳ доранд***" [24:30-31].

Чашми хеш поён афкандани зану мард барои ҳар ду истеҳкоми ҳақиқии муҳофизавист, ки мусулмонро аз корҳои ҳаром нигаҳ медорад. Зеро чашм воситаи пурзӯр аст, ки ба корҳои ҳаром такон медиҳад. Ҳар гоҳ ки чашм поён афканда шавад, кори мункар пешгирӣ карда мешавад.

2. Ислом марду занро фармудааст, ки аз Аллоҳ битарсанд. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا اتَّقُوا اللَّهَ وَقُولُوا قَوْلًا سَدِيدًا

"***Эй касоне, ки имон овардаед, аз Аллоҳ битарсед ва сухани дуруст бигӯед***" [33:70],

وَاتَّقِينَ اللَّهَ إِنَّ اللَّهَ كَانَ عَلَى كُلِّ شَيْءٍ شَهِيدًا

"***Ва бояд аз Аллоҳ битарсед, ки Аллоҳ бар ҳар чизе нозир аст***" [33:55],

وَالْعَاقِبَةُ لِلتَّقْوَى

"***Ва оқибати хайр аз они парҳезгорон аст***" [20:132].

Ҳар гоҳ ки дар мусулмон сифати тарс аз Аллоҳ пайдо мешавад, ӯ аз азоби Аллоҳ метарсад ё ба даст даровардани ҷаннат ва ризои Аллоҳро орзу мекунад. Зеро ин тақво ӯро аз кори мункар ва маъсияти Аллоҳ бозмедорад. Ин монеаи ҳақиқист, ки монеаи аз он беҳтар вуҷуд надорад. Агар дар мусулмон сифати тарс аз Аллоҳ пайдо шавад, пас сифати олитарини камолот ба вуҷуд омадааст.

3. Ислом марду занро фармудааст, ки барои эҳтиёт аз кори ҳаром ба ҷойҳои шубҳанок нараванд, корҳои шубҳанокро анҷом надиҳанд ва ба ягон ҳолати шубҳанок наафтанд. Инчунин ҳар дуро фармудааст, ки барои ба Аллоҳ маъсият наварзидан аз ҷойҳои шубҳанок дурӣ ҷӯянд ва аз ин кор эҳтиёт бошанд. Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

"***Ҳалол аниқ аст ва ҳаром низ аниқ аст. Дар байни ҳар ду корҳои шубҳанок мавҷуданд, ки бештари мардум онҳоро намедонанд. Ҳар кас аз шубҳаҳо дурӣ ҷӯяд, пас дину номуси худро пок нигаҳ доштааст. Ҳар кас ба корҳои шубҳанок даст занад, ба ҳаром низ даст мезанад. Ӯ монанди чӯпонест, ки дар атрофи мамнӯъгоҳ гӯсфанд мечаронад ва мумкин аст ба чарогоҳ дохил шавад. Огоҳ бошед, ки ҳар як подшоҳ мамнӯъгоҳ дорад. Огоҳ бошед, ки мамнӯъгоҳи Аллоҳ ҳаромкардаҳои Ӯст***".

Ин ҳадисро Муслим аз тариқи Нӯъмон ибни Башир ривоят кардааст. Ин ҷо шубҳа се навъ мешавад:

**Якум:** Шубҳа дар хусуси ҳаром ё мубоҳ будани ашё ва дар воҷиб, ҳаром, макрӯҳ, мандуб ё мубоҳ будани кор. Мавҷудияти ин гуна шубҳа дар сифати ашё ё ҳукми кор тақозо мекунад, ки то аён гаштани ҳукми Аллоҳ дар ин бора ба ашё ё кори мазкур даст зада нашавад. Танҳо баъд аз аён гаштани ҳукми Аллоҳ дар бораи ашё ё кор метавон ба ин ашё ва кор дилпурона даст зад. Ин ҷо фарқ надорад, ки ҳукми Аллоҳ аз муҷтаҳид пурсида шавад ё аз донандаи ҳукм чи муқаллид ва чи омӣ. Танҳо шарт аст, ки пурсанда ба тақво ё илми ӯ дар бораи ҳукм боварӣ дошта бошад.

**Дуюм:** Шубҳа дар хусуси ба ҳаром афтидан бо иҷрои кори мубоҳ бо сабаби мавҷудияти гумони "агар ин кори мубоҳ, ки ҳамсояи кори ҳаром аст, анҷом дода шавад, боиси ҳаром мегардад". Масалан, корҳое, монанди амонат гузоштани пул ба бонки рибохӯр ё фурӯхтани ангур ба савдогаре, ки заводи арақ дорад ё тадриси ҳафтаина ё рӯзонаи мунтазам ба ҷавондухтар. Ин гуна корҳо аслан мубоҳанд ва анҷом додани онҳо ҷоиз аст. Лекин анҷом надодани онҳо барои пок будан аз рӯи тақво беҳтар аст.

**Сеюм:** Шубҳаи мардум дар бораи мамнӯъ будани ягон кори мубоҳ. Бинобар ин, шахс аз тарси бадгумонии мардум аз ин кори мубоҳ дурӣ меҷӯяд. Масалан, нафаре аз маконе, ки макони фаҳш гумон карда мешавад, раҳгузар мешавад. Сипас мардум ӯро фосиқ гумон мекунанд. Дар натиҷа аз тарси бадгумонии мардум аз кори мубоҳ даст мекашад. Ё нафаре дар ҳаққи зан ё маҳрамон сахтгирӣ мекунад, ки рӯйи худро бипӯшанд. Ӯ медонад, ки рӯй аврат нест, вале аз тарси бадгумонии мардум: "зан ё хоҳари фалонӣ бесатр аст" сахтгирӣ мекунад. Ин масъала ду ҷиҳат дорад:

**Якум** – дар ҳақиқат шаръан ҳаром ё макрӯҳ будани ашё, ки мардум онро ҳаром ё макрӯҳ гумон мекунанд. Агар шахс ягон кори мубоҳро анҷом диҳад, мардум мепиндоранд, ки ӯ кори мамнӯъро анҷом додааст. Шахс дар ин ҳолат бо сабаби тарс аз бадгумонии мардум аз анҷом додани кори мубоҳ худдорӣ мекунад ё ин корро ба мардум мефаҳмонад.

"***Алӣ ибни Ҳусайн ривоят мекунад, ки ба ӯ ҳамсари Набӣ (с) Сафия бинти Ҳуяй хабар додааст: "Вақте ки Расулуллоҳ (с) дар охирин даҳаи рамазон дар масҷид дар эътикоф буданд, Сафия ба зиёрати эшон омад. Дар ҳузури Расулуллоҳ (с) бегоҳӣ тақрибан як соат гуфтугӯ кард, сипас баргаштан хост. Пайғамбар (с) барои гусел кардани ӯ бархостанд. Вақте ки ба назди дари ҳамсари Пайғамбар (с) Уммусалама расиданд, аз наздашон ду ансорӣ раҳгузар шуданд. Ҳар ду ба Расулуллоҳ (с) салом дода гузаштанд. Он гоҳ Расулуллоҳ (с) ба онҳо гуфтанд: "Биистед, ин Сафия бинти Ҳуяй аст". Онҳо гуфтанд: "Субҳоналлоҳ, ё Расулаллоҳ". Сухани Пайғамбар (с) ба онҳо сахт расид. Он гоҳ Расулуллоҳ (с) гуфтанд: "Шайтон дар рагу хуни фарзанди одам аст. Тарсидам, ки ӯ дар қалби шумо шубҳа меандозад***"". Ин ҳадис муттафақун алайҳ аст. Аз ин ҳадис

фаҳмида мешавад, ки Расулуллоҳ (с), гарчи аз шубҳа холӣ бошанд ҳам, шубҳаеро, ки дар ду саҳоба пайдо шуда метавонист, бартараф намуданд.

**Дуюм** – ашё, ки мардум мамнӯъ гумон мекунанд, аслан ғайримамнӯъ мебошад. Лекин шахс метарсад, ки мардум мегӯяд, ки ӯ кори мамнӯъро анҷом додааст ва на барои мамнӯъ будан, балки барои сухани мардум аз ин кор дур мешавад. Дурӣ ҷустан аз ин гуна корҳое, ки шубҳанок эътибор карда мешаванд, дуруст нест, балки дар шакли фармудаи шариат онро анҷом додан ва ба мардум ҳисобот надодан лозим аст. Аллоҳ аз ин рӯ ба Пайғамбар (с) танбеҳ додааст. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَتَخْشَى النَّاسَ وَاللَّهُ أَحَقُّ أَن تَخْشَاهُ

"***Ва аз мардум метарсидӣ, ҳол он ки Аллоҳ аз ҳар каси дигар сазовортар буд***" [33:37].

Ин далолат мекунад, ки агар мусулмон кореро дар шариат ғайримамнӯъ донад, ин корро, гарчи тамоми мардум мамнӯъ донанд ҳам, бояд анҷом диҳад.

Агар марду зан аз ин шубҳаҳое, ки шариат боздоштааст, худдорӣ кунанд, ин худдорӣ ҳар дуро аз гуноҳ нигаҳ медорад ва ба соҳиби фазилатҳои олӣ табдил медиҳад.

4. Ислом ба издивоҷи барвақт тарғиб намуд, то ки алоқаи ҷинсии марду занро аз аввали синни балоғат ба доираи издивоҷ муқайяд созад. Ҳамин тавр, нуқтаи назари ҷинсӣ аз оғози ғалаёни ғаризаи ҷинсӣ ба доираи издивоҷ муқайяд мегардад ва ҳамин тарбияро мегирад. Дар ҳадиси муттафақун алайҳ Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"***Эй ҷамоаи ҷавонон, ҳар кас аз шумо ба боат (5) қодир бошад, пас издивоҷ кунад***". Бо тарғибот ба кам кардани маҳр

кори издивоҷро батамом сабук гардонид. Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"***Зане, ки маҳри кам дорад, дорои баракаи бузургтарин мебошад***". Ин ҳадисро Ҳоким аз тариқи Оиша (р) ривоят кардааст.

5. Ислом касонеро, ки шароит ба издивоҷ имкон намедиҳад, ба иффату худдорӣ фармудааст. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَلْيَسْتَعْفِفِ الَّذِينَ لَا يَجِدُونَ نِكَاحًا حَتَّى يُغْنِيَهُمْ اللَّهُ مِن فَضْلِهِ

"***Онон, ки иститоати заношӯӣ надоранд, бояд покдоманӣ пеша кунанд, то Аллоҳ аз карами хеш тавонгарашон гардонад***" [24:33].

Ислом барои муоличаи ғаризаи ҷинсӣ онҳоро ба рӯза доштан фармудааст, то ки дар ҷилавгирии ғариза аз ибодати рӯза мадад гирифта, нафсро бо кори аз он олитар ва бузургтар машғул созанд. Ин кор пурзӯр гардонидани алоқаи инсон бо Аллоҳ тавассути тоату ибодатҳо мебошад. Дар ҳадиси муттафақун алайҳ Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"***Эй ҷамоаи ҷавонон, ҳар кас аз шумо ба боат қодир бошад, пас издивоҷ кунад. Зеро издивоҷ чашм ва авратро нигаҳ медорад. Ҳар кас ба ин кор қодир набошад, рӯза дорад, зеро рӯза барои ӯ нигаҳдоранда аст***".

Рӯза доштан барои фишор додани ғаризаи навъ нест, балки барои пайдо кардани пиндорҳо оид ба ғаризаи диндорист, ки инсонро аз пиндорҳои ғаризаи навъ машғул месозад. Ҳамин вақт ғаризаи навъ, то андозае ки ӯро безобита мекунаду озор медиҳад, барнамеангезад. Мақсад аз рӯзадорӣ заиф сохтани ҷисм нест, зеро шабона хӯрок хӯрдан ва миқдори зарурии ғизоро гирифтан аз рӯзона хӯрок хӯрдан беҳоҷат мегардонад.

Пас бо рӯза доштан ҷисм заиф намегардад, аммо бо сабаби рӯзадории ихтиёрӣ пиндорҳои рӯҳӣ пайдо мешаванд.

6. Ислом занонро дар ҳаёти умумӣ ба шарму ҳаё ва пӯшидани либоси комил фармуд ва ҳаёти хосро ба занону маҳрамон маҳдуд сохт. Шубҳае нест, ки қиёфаи шармгину ҷиддии зан дар байни ин зан ва бадназарии худонотарсон монеа мешавад. Қуръон либоси занро дар шакли фарогир дақиқан ва комилан васф намудааст. Вақте ки зан ин либоси комилро мепӯшад, химорро то гиребони курта фурӯ гузошта, бо сарандоз гардану қафаси синаашро пинҳон мекунад ва ҷилбобро то поён фурӯ гузошта, барои сатр кардани тамоми ҷисмаш, ҳатто қадамҳояш болопӯш ё чодарашро то буҷулакаш кашол мекунад, пас либоси комил пӯшидааст, бо ин либос худро нигаҳ доштааст ва шарму ҳаёи ӯ намоён гаштааст. Зан метавонад бо ин либоси комил барои иҷрои корҳои худ ба ҳаёти умумӣ барояд ва дар пояи баландтарини шарму ҳаё ва виқор қарор гирад, ки дар байни ӯ ва бадназарии худонотарсон монеа гардад.

Ин аҳкоми шаръӣ буданд, ки иҷрои корҳои эҷобиро дар бар мегиранд. Аммо аҳкоми шаръӣ, ки аз иҷрои корҳои салбӣ боздоштаанд:

1. Ислом марду занро аз хилват боздошт. Маънои хилват ин аст, ки марду зан дар манзиле, ки ҳеҷ кас бе изни онҳо даромада наметавонад, ҷамъ мешаванд. Масалан, ҷамъ шудани ҳар ду дар хона ё дар хилватгоҳи дур аз роҳ ва мардум. Тавре ки дар "Қомусулмуҳит" омадааст, бо масдарҳои ба маънои – "аз шоҳ пурсид, ки бо ӯ дар хилват ҷамъ шавад, сипас ин корро анҷом дод" мебошад. Пас, хилват ҷамъшавии танҳо ду нафар аст, ки дар он ҷо аз ҳузури каси дигар ҷуз ҳар ду дилпур мешаванд. Ин хилват фасоди маҳз аст. Бинобар ин, Ислом новобаста ба шахсҳо ва навъи хилват марду зани

номаҳрамро аз ҳар гуна хилват қатъиян манъ кардааст. Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"***Марде бо зане, ки маҳрамаш ҳамроҳи ӯ нест, дар хилват намонад, зеро сеюмини онҳо шайтон мешавад***". Ин ҳадисро Муслим аз тариқи Ибни Аббос ривоят кардааст. Шариат бо манъи хилват дар байни марду зан воситаи муҳофизатиро барпо кард. Воқеи хилват ин аст, ки дар хилват мард дар бораи зан танҳо зании ӯро мебинад ва зан дар бораи мард танҳо мардии ӯро мебинад. Тавассути манъи ин хилвати фардӣ сабабҳои фасод бартараф карда мешавад, зеро хилват яке аз василаҳоест, ки боиси фасод мегардад.

2. Ислом занро аз табарруҷ6 боздошт. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَالْقَوَاعِدُ مِنَ النِّسَاءِ اللَّاتِي لَا يَرْجُونَ نِكَاحًا فَلَيْسَ عَلَيْهِنَّ جُنَاحٌ أَن يَضَعْنَ ثِيَابَهُنَّ غَيْرَ مُتَبَرِّجَاتٍ بِزِينَةٍ وَأَن يَسْتَعْفِفْنَ

"**Пиразанон, ки дигар умеди шӯй карданашон нест, бе он ки зинатҳои худро ошкор кунанд, агар чодари хеш биниҳанд, муртакиби гуноҳе нашудаанд**" [24:60].

Шариат танҳо занони солхӯрдаро бо шарти худро наоростан ба кашидани либос (яъне ба кашидани либосе, ки тамоми баданро пинҳон мекунад) рухсат дод. Ин ба манъи табарруҷ бо нишон додани зинатҳои худ далолат мекунад. Агар занони солхӯрда аз табарруҷ боздошта шуда бошанд, пас занони дигар низ бешубҳа аз ин кор боздошта шудаанд. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَلَا يَضْرِبْنَ بِأَرْجُلِهِنَّ لِيُعْلَمَ مَا يُخْفِينَ مِن زِينَتِهِنَّ

"***Ва низ чунон пой бар замин назананд, то он зинат, ки пинҳон кардаанд, дониста шавад***" [24:31].

Ин гуна ҳаракатҳо низ табарруҷ ба ҳисоб меравад. Табарруҷ намоиш додани зебу зинат ва зебоиҳои худ ба бегонагон мебошад. Аз ҷумлаи "зан худро orост" фаҳмида мешавад, ки ӯ зинат ва зебоиҳои худро ба бегонагон намоиш додааст. Дар манъи ҳолатҳое, ки табарруҷ ба ҳисоб меравад, ҳадисҳо омадаанд. Аз Абӯмӯсои Ашъарӣ ҳадиси зерини Расулуллоҳ (с) ривоят карда шудааст:

"***Ҳар зане, ки худро хушбӯй кунад, сипас аз назди мардум гузарад ва мардум аз бӯйи ӯ баҳра баранд, зинокор аст***", яъне дар гунаҳкорӣ монанди зани зинокор аст. Ин ҳадисро Ибни Ҳиббон ва Ҳоким ривоят кардаанд. Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"***Ман ба ду тоифа мардум назар намекунам: якум – қавме, ки бо худ тозиёнае, монанди думи гов, доранду бо ин тозиёна мардумро мезананд, дуюм – заноне, ки дар ҳоли либос пӯшидан бараҳнаанд, ба дигарон моил мешаванд ва дигаронро низ ба худ моил мекунанд, ки сарашон монанди кӯҳони шутур мебошад. Ин занон ба ҷаннат дохил намешаванд ва бӯйи ҷаннатро низ намечашанд, ҳол он ки бӯйи ҷаннат аз фалон масофа ба машом мерасад***". Ин ҳадисро Муслим аз тариқи Абӯҳурайра ривоят кардааст. Ин далелҳо дар бораи манъи табарруҷ сареҳ мебошанд. Бинобар ин, табарруҷ ҳаром аст. Аз ин рӯ, агар зан бо ҳар гуна зинати ғайриоддӣ, ки эътибори мардонро ҷалб мекунад ва зебоиҳои занро намоиш медиҳад, дар ҳаёти умумӣ намоён гардад ё дар ҳаёти хусусӣ дар назди мардони бегона намоён гардад, пас ин зан худро оростааст. Масалан, вақте ки ба ҳаёти умумӣ мебарояд, хушбӯӣ истеъмол кунад, шимро бе ҷилбоб пӯшад, пас ӯ худро оростааст.

Ҳақиқати табарруҷ ин аст, ки кори мазкур боиси ангезиши ҳис ва ғаризаи навъи марду зан ба сӯи ҷамъшавии ҷинсӣ

мегардад ва мардонро такон медиҳад, ки бо занон дар асоси мардӣ ва занӣ наздик шаванд ва алоқаи марду зан маҳз ба алоқаи ҷинсӣ табдил ёбад. Ҳамкории ҳар дуро то андозае вайрон мекунад, ки он ба ҳамкорие табдил меёбад, ки на ба бунёдкунӣ, балки ба вайронкунии вуҷуди ҷамоат асос ёфтааст. Ин гуна табарруҷ садди роҳи наздикшавии ҳақиқӣ мегардад, ки асоси онро покӣ ва тақво ташкил медиҳад ва фазои ҳаётро аз шӯриши ҳисҳо ва ангезиши ғаризаи навъ пур месозад. Ҳаёт набояд ба қонеъгардонии эҳтиёҷоти ҷасад, ки табарруҷ меангезад, бахшида шавад. Ҳаёт бояд аз масъулиятҳои бузург, корҳои бузург ва мақсадҳои бузург пур карда шавад. Табарруҷ дар адои рисолати ҳаётӣ, яъне густариши даъвати исломӣ ва ҷиҳод дар роҳи олӣ гардонидани калимаи Аллоҳ садди роҳи мусулмон мегардад, хоҳ мард бошад, хоҳ зан. Бинобар ин, бояд ба инобат гирифт, ки табарруҷ ба ҷамоати исломӣ хатар эҷод мекунад, зан бо табарруҷ тавре менамояд, ки мардро бармеангезад, ба ҷунбиш меорад ва ин ҳолат ба ҷамоату алоқаҳои ҷамоат басо хатарнок аст. Воқеи табарруҷ, ки Ислом ҳаром гардонидааст ва хатари ин табарруҷ ба ҷамоати исломӣ ҳамин аст. Аммо нишон додани зебоӣ ё зинат дар хона ё дар ҳаёти хусусӣ табарруҷ ба ҳисоб намеравад ва лафзи табарруҷ ба ин кор мувофиқ намеояд.

3. Ислом марду занро аз ҳар гуна амале, ки дар он ба ахлоқ хатар вуҷуд дорад ва метавонад ҷамоатро вайрон кунад, боздоштааст. Зан аз шуғли ҳар гуна коре, ки поймол кардани занонагии ӯ қасд карда мешавад, боздошта шудааст. Аз Рофеъ ибни Рафоа ривоят карда мешавад:

"***Расулуллоҳ (с) моро аз меҳнати канизон, ҷуз он ки бо ду даст иҷро мекунанд, боздоштаанд. Ин корҳоест, ки бо***

***ангуштони худ анҷом медиҳанд, монанди нонпазӣ, ресмонресӣ ва нақшдӯзӣ***".

Ин ҳадисро Аҳмад ривоят кардааст. Аз ин рӯ, зан аз коркунӣ дар дӯконҳо барои ҷалби харидорон ва аз коркунӣ дар сафоратхона, консулхона ва ғайра бо мақсади истифода аз занон дар роҳи ноилгардӣ ба мақсадҳои сиёсӣ манъ карда мешавад. Инчунин ӯ аз корҳое, монанди стюардессаи ҳавопаймо, ки истифодаи занонагии ӯ қасд карда мешавад, манъ карда мешавад.

4. Ислом аз тӯҳмат задан ба занони покдоман, яъне аз муттаҳам ва бадном кардани ин занон ба зино боздоштааст. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَالَّذِينَ يَرْمُونَ الْمُحْصَنَاتِ ثُمَّ لَمْ يَأْتُوا بِأَرْبَعَةِ شُهَدَاء فَاجْلِدُوهُمْ ثَمَانِينَ جَلْدَةً وَلَا تَقْبَلُوا لَهُمْ شَهَادَةً أَبَدًا وَأُوْلَئِكَ هُمُ الْفَاسِقُونَ

"***Касонеро, ки занони афифро ба зино муттаҳам мекунанд ва чаҳор шоҳид намеоваранд, ҳаштод зарба бизанед ва аз он пас ҳаргиз шаҳодаташонро напазиред, ки мардуме фосиқанд***" [24:4],

إِنَّ الَّذِينَ يَرْمُونَ الْمُحْصَنَاتِ الْغَافِلَاتِ الْمُؤْمِنَاتِ لُعِنُوا فِي الدُّنْيَا وَالْآخِرَةِ وَلَهُمْ عَذَابٌ عَظِيمٌ

"***Касоне, ки бар занони покдоман ва бехабар аз фаҳшо ва мӯъмин тӯҳмати зино мезананд, дар дунёву охират лаънат шудаанд ва барояшон азобест бузург***" [24:23].

Дар ҳадиси муттафақун алайҳ, ки аз тариқи Абӯҳурайра ривоят карда шудааст, Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

"***Аз ҳафт гуноҳи кабира худдорӣ кунед". Пурсиданд: "Кадом гуноҳҳо, ё Расулаллоҳ?" Гуфтанд: "Ширк ба Аллоҳ, сеҳр, қатли ҷоне, ки Аллоҳ ҳаром гардонидааст, рибохӯрӣ, молиятимхӯрӣ, фирор дар рӯзи ҷанг ва тӯҳмат ба занони покдоман, мӯъмин ва ғофил***".

Аз калимаи, ки дар ҳадис омадааст, занони афиф дар назар дошта шудааст, ки муттаҳам ва бадном кардани ҳар як зани афиф ҳаром мебошад. Шариат бо манъи бадном кардани занони покдоман забонҳоеро, ки ба бадгӯӣ ва доғдор кардани номуси мардум одат кардаанд, бозмедорад, то дар ҷамоати исломӣ бадгӯӣ ва тӯҳмати бардурӯғ интишор наёбад. Ҳамин тавр, ҷамоати исломӣ ҳифз карда мешавад.

Ин аҳкоми шаръӣ, ки аз иҷрои амалҳои салбӣ боздоштаанд, дар ҷамоати исломӣ дар доираи покӣ ва тақво ҳамкориро ба вуҷуд меорад.

Инсоне, ки бо аҳкоми мазкур ошно мегардад, метавонад қиёфаи ҷамоати исломиро тасаввур ва қиёфаи зани мусулмонро дарк намояд. Инчунин метавонад дарк кунад, ки аз иҷрои корҳое, ки шариат дар ҳаёти умумӣ рухсат додааст, ҳеҷ гуна фасод ва зарар ба вуҷуд намеояд, балки он барои ҳаёти умумӣ ва пешравии ҷамоат зарур мебошад. Бинобар ин, мусулмонон бояд ҳам дар Дорулислом, ҳам дар Дорулкуфр, ҳам дар кишвари исломӣ, ҳам дар кишвари ғайриисломӣ, ҳам дар ҷамоаи мусулмонон ва ҳам дар ҷамоаи ғайримусулмонон ба аҳкоми шариат риоя кунанд ва дар ин аз ягон зарар натарсанд. Зеро бо риояи аҳкоми шариат муҳофизату пуштибонии зан, тараққиёти ҷамоат ва итоат ба амру наҳйҳои Аллоҳ таъмин мегардад. Шариат беҳтар медонад, ки чӣ инсонро бо эътибори фард ё ҷамоат дар ҳаёти хусусӣ ва умумӣ ислоҳ мекунад.

Ин хулосаи низомест, ки Ислом бо он ҷамъшавии мардону занонро, ки аз он муаммоҳои гуногун ба вуҷуд меоянд, муолиҷа намуд. Аз ин низом аён мегардад, ки аҳкоми шаръии Ислом кафили манъи фасод, ки аз ин ҷамъшавӣ ба вуҷуд меоянд ва кафили ҷалби салоҳест, ки пур аз покӣ ва тақво, ҷиддият ва фаъолият мебошад. Ин низом ҳаёти хусусиро таъмин менамояд, ки инсон бо он оромиш ёфта, қалбаш хотирҷамъ мегардад ва аз ранҷу хастагӣ дам мегирад ва ҳаёти умумиро таъмин менамояд, ки бо он ҷиддият ба вуҷуд омада, саодату фарохии зиндагӣ фароҳам меояд, ки ҷамоат дар ҳаёти худ ба он мӯҳтоҷ аст. Аҳкоми мазкур як ҷузъи низоми иҷтимоӣ мебошанд. Зеро он ҷамъшавии марду занро ба танзим медарорад. Аммо алоқа ва муаммоҳое, ки аз ин ҷамъшавӣ ба вуҷуд меоянд, ҷузъи дигари низоми иҷтимоист, ки аз издивоҷ, талоқ, писарӣ, нафақа ва ғайра иборат аст. Ин аҳком, монанди издивоҷ, талоқ ва ғайра, гарчи аз низомҳои ҷомеа, ки алоқаи як фардро бо фарди дигар ба танзим медарорад, ба ҳисоб раванд ҳам, аслан дар натиҷаи ҷамъшавии марду зан пайдо шудаанд. Бинобар ин, аҳкоми мазкур аз ҷиҳати асос ва пайдоиш дар доираи низоми иҷтимоӣ баҳс карда мешавад, вале аз ҷиҳати тафсилот ва бахшҳо, азбаски ҷузъе аз низомҳои ҷомеа мебошанд, дар боби муомилот баҳс карда мешавад.

# *ИЗДИВОҶ (7)*

Аз ҷамъшавии мардону занон алоқаҳое пайдо мешаванд, ки ба манфиатҳои ҳар ду ва ҷамоати онҳо тааллуқ дорад. Ин алоқаҳо аз муаммоҳое, ки аз ҷамъшавӣ дар ҷомеа барои корҳое, монанди харидуфурӯш, иҷора, ваколат ва ғайра, пайдо мешаванд, фарқ мекунанд. Дар зеҳн дарҳол фикре пайдо мешавад, ки "ин алоқаҳо танҳо аз издивоҷ иборат аст". Аслан издивоҷ яке аз ин алоқаҳост, зеро алоқаҳои мазкур ҷуз издивоҷ масъалаҳои дигарро низ дар бар мегиранд. Бинобар ин, ҷамъшавии ҷинсӣ на зуҳуроти ягонаи ғаризаи навъ, балки яке аз зуҳуроти ғаризаи навъ мебошад. Зеро ғаризаи навъ ҷуз зуҳуроти ҷамъшавии ҷинсӣ зуҳуроти дигар низ дорад. Модарӣ, падарӣ, бародарӣ, писарӣ, хешӣ аз тарафи модар ва хешӣ аз тарафи падар – ин ҳама зуҳуроти ғаризаи нав мебошанд. Аз ин рӯ, алоқаҳое, ки аз ҷамъшавии мардону занон пайдо мешаванд, чунон ки издивоҷро дар бар мегирад, модарӣ, падарӣ ва ғайраро низ дар бар мегирад. Низоми иҷтимоӣ, чунон ки издивоҷро дар бар мегирад, ин ҳамаро низ

дар бар мегирад. Шариат, чунон ки бо аҳкоме оид ба издивоҷ омадааст, бо аҳкоме оид ба падарӣ, модарӣ ва писарӣ низ омадааст.

Аммо издивоҷ асоси ин алоқаҳост, ки тамоми алоқаҳои дигар аз он ба вуҷуд меоянд. Агар издивоҷ ба амал наояд, падарӣ, модарӣ, писарӣ ва масъалаҳои дигар низ ба вуҷуд намеоянд. Аз ин рӯ, издивоҷ асоси алоқаҳои мазкур ба ҳисоб меравад. Ҳамаи ин алоқаҳо аз ҷиҳати тартиб аз издивоҷ ба вуҷуд меоянд. Дуруст, ҳисси эҳтиёҷ дар шакли табиӣ ба қонеъ гардонидани ин эҳтиёҷ такон медиҳад. Масалан, ҳисси эҳтиёҷи ҷинсӣ ба алоқаи ҷинсӣ такон медиҳад. Ғариза, чунон ки бо сабаби ба ҷунбиш омадани зуҳуроти ҷамъшавии ҷинсӣ қонеъгардониро талаб мекунад, дар натиҷаи ба ҷунбиш омадани зуҳуроти модарӣ ва писарӣ низ қонеъгардониро талаб мекунад. Зеро издивоҷ, модарӣ ва ғайра зуҳуроти ғаризаи навъ ва ҳисси ин зуҳурот ҳисси ғаризаи навъ мебошад. Майл аз воқеи зуҳуроти мазкур ва пиндоре дар бораи ҳар яки онҳо пайдо мешавад, чунон ки майл дар зуҳуроти дигар низ пайдо мешавад.

Издивоҷ танзими алоқаҳои мардӣ ва занӣ, яъне ҷамъшавии ҷинсии марду зан бо низоми хос мебошад. Ин низоми хос бояд алоқаҳои мардӣ ва заниро дар шакли муайян ба танзим дарорад, ки натиҷаи он танҳо наслгузорӣ бошад. Тавассути ин низом навъи инсон афзоиш меёбад ва оила ба вуҷуд меояд, ки дар асоси ин оила ҳаёти хос ба танзим дароварда мешавад.

Ислом ба издивоҷ тарғиб ва амр намудааст. Дар ҳадиси муттафақун алайҳ, ки Ибни Масъуд (р) ривоят кардааст, ки Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

"***Эй ҷамоаи ҷавонон, ҳар кас аз шумо ба боат қодир бошад, пас издивоҷ кунад. Зеро издивоҷ чашм ва авратро нигаҳ***

***медорад. Ҳар кас ба ин кор қодир набошад, рӯза дорад, зеро рӯза барои ӯ нигаҳдоранда аст***".

Қатода аз Ҳасан ва Ҳасан аз Самура ривоят мекунад:

"***Набӣ (с) аз табаттул (8) боздоштаанд***".

Ин ҳадисро Аҳмад ривоят кардааст. Қатода ояти зеринро хонд:

وَلَقَدْ أَرْسَلْنَا رُسُلاً مِّن قَبْلِكَ وَجَعَلْنَا لَهُمْ أَزْوَاجًا وَذُرِّيَّةً

"***Ба таҳқиқ пеш аз ту пайғамбароне фиристодем ва барояшон ҳамсарону фарзандон қарор додаем***" [13:38].

Маънои "***табаттул***" бо тарки издивоҷ ва лаззатҳои издивоҷ ба ибодат дода шудан мебошад. Абӯҳурайра аз Пайғамбар (с) ривоят мекунад:

"***Ба се тоифа мардум ёрӣ додан ҳаққест бар зиммаи Аллоҳ: касе, ки дар роҳи Аллоҳ ҷиҳод мекунад, касе, ки бо никоҳ аз гуноҳ пок шудан мехоҳад ва мукотабе, ки адо кардани шарти аҳдро мехоҳад***".

Ин ҳадисро Ҳоким ва Ибни Ҳиббон ривоят кардаанд.

Ислом ба издивоҷ бо занони бокира, сернасл ва диндор тарғиб кардааст. Аз Анас ривоят карда мешавад:

"***Пайғамбар (с) ба боат фармуда, аз табаттул қатъӣ боздоштанд ва гуфтанд: "Бо занони пурмеҳр ва сернасл издивоҷ кунед. Албатта ман рӯзи қиёмат дар ҳузури пайғамбарон бо сершумории шумо фахр мекунам***". Ин ҳадисро Аҳмад ривоят кардааст. Аз Маъқал ибни Ясор ривоят карда мешавад:

"***Марде ба ҳузури Пайғамбар (с) омад ва гуфт: "Ман занеро ёфтам, ки банасабу базеб аст, вале таваллуд***

***намекунад. Оё бо ӯ издивоҷ кунам?" Пайғамбар (с) гуфтанд: "На". Ин мард бори дуюм омад ва пурсид, вале Пайғамбар (с) ӯро боздоштанд. Вақте ки бори сеюм омад, Пайғамбар (с) гуфтанд: "Бо зани пурмеҳру сернасл издивоҷ кунед. Ман бо бисёрии шумо фахр мекунам***".

Ин ҳадисро Абӯдовуд ривоят кардааст. Дар ҳадиси муттафақун алайҳ, ки Ҷобир ривоят кардааст, Пайғамбар (с) ба ӯ гуфтаанд:

"***Эй Ҷобир, бо бокира издивоҷ кардӣ ё бо бевазан?" Ҷобир гуфт: "Бо бевазан". Расулуллоҳ (с) гуфтанд: "Агар бо бокира издивоҷ мекардӣ, беҳтар буд, ту бо ӯ бозӣ мекардӣ ва ӯ бо ту бозӣ мекард***". Дар ҳадиси муттафақун алайҳ, ки Абӯҳурайра ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"***Барои чаҳор чиз: мол, насаб, ҷамол ва дин, бо зан издивоҷ карда мешавад. Пас диндоршро ба даст ор, ки тавонгару доро хоҳӣ шуд***".

Пас мард тарғиб карда шудааст, ки бо пурсукови модар, амма ва холаҳои зане, ки бо ӯ издивоҷ кардан мехоҳад, зани бокира, сернасл ва диндорро ё барои пок кардани нафсаш зани зеборо ё зани бонасабро, яъне зани бо фазилат, тақво ва бузургӣ шинохташударо интихоб кунад. Лекин ин чизҳо шарт нест, балки дар ҳамин асос интихоб кардан беҳтар ва афзалтар мебошад. Вале мард метавонад занеро, ки худаш розӣ мешавад ва зан метавонад мардеро, ки худаш розӣ мешавад, интихоб намояд.

Аммо масъалаи баробарии зану шавҳар дар шариат ҳеҷ гуна асос надорад. Ин масъала танҳо дар ҳадисҳои дурӯғ омадааст, ки ба Қуръони карим ва ҳадисҳои саҳеҳ зид мебошанд. Ҳар як зани мусулмон баробари ҳар гуна марди мусулмон ва ҳар як марди мусулмон баробари ҳар гуна зани мусулмон мебошад.

Мавҷудияти фарқ дар байни марду зан аз ҷиҳати мол, ҳунар, насаб ва ғайра ҳеҷ гуна арзиш надорад. Аз ин рӯ, писари рӯфтагар ба духтари амирулмӯъминин ва духтари сартарош ба писари амир баробар аст. Тамоми мусулмонон бо якдигар баробаранд. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

إِنَّ أَكْرَمَكُمْ عِندَ اللَّهِ أَتْقَاكُمْ

"***Ҳар оина гиромитарини шумо назди Аллоҳ парҳезгортарини шумост***" [49:13].

Пайғамбар (с) Зайнаб бинти Ҷаҳши Асадӣ – духтари аммаи худро ба Зайд ибни Ҳориса никоҳ кардаанд. Ҳол он ки Зайд мавло (9) буд, ки ба наздикӣ аз ғуломӣ озод шудааст. Абдуллоҳ ибни Бурайда аз падараш ривоят мекунад:

"***Духтаре ба ҳузури Расулуллоҳ (с) омад ва гуфт: "Падарам барои бардоштани мавқеи писари бародари худ бо сабаби ман маро ба ӯ хонадор кард". Ба ин духтар ихтиёр дода шуд. Духтар гуфт: "Ман ба кори падарам рухсат додам. Лекин хостам ба занон маълум кунам, ки падарон ба ҳама кор қодир нестанд***"".

Ин ҳадисро Ибни Моҷа ривоят кардааст. Ибораи "барои бардоштани мавқеи ӯ бо сабаби ман" ба маънои "шаъни писари бародараш бо сабаби издивоҷ бо ман бардошта мешавад" мебошад. Ин боз далолат мекунад, ки падар духтарро бе розигӣ ба шавҳар додааст. Духтар на барои нобаробарии писари амакаш ба ӯ, балки барои норозигии худ ӯро ба издивоҷ бо худ ношоиста донистааст. Абӯҳотими Мазанӣ ривоят мекунад, ки Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

"***Агар ба ҳузури шумо касе ояд, ки аз дину хулқаш шумо розӣ ҳастед, ӯро хонадор кунед. Дар акси ҳол дар рӯи замин фитна ва фасоди бузург рух медиҳад". Пурсиданд:***

***"Ё Расулаллоҳ, оё ҳатмист, ки баробари ӯ бошад". Расулуллоҳ (с) гуфтанд: "Агар ба ҳузури шумо касе ояд, ки аз дину хулқаш шумо розӣ ҳастед, ӯро хонадор кунед" ва инро се бор такрор карданд***".

Тирмизӣ низ ин ҳадисро аз тариқи Абӯҳурайра ривоят кардааст. Лафзи ҳадиси ӯ чунин аст:

"***Расулуллоҳ (с) гуфтанд: "Агар касе, ки шумо аз дину хулқаш розӣ ҳастед, ба шумо хостгор фиристад, ӯро хонадор кунед. Дар акси ҳол дар рӯи замин фитна ва фасоди бузург рух медиҳад***"".

Ин ҳадис бо роҳҳои дигар низ ривоят карда шудааст. Абӯҳурайра ривоят мекунад:

"***Абӯҳинд аз қисми болои сари Пайғамбар (с) хун гирифт. Он гоҳ Расулуллоҳ (с) гуфтанд: "Эй Банӣ-Баёза, Абӯҳиндро хонадор кунед, Абӯҳиндро хонадор кунед***"".

Ин ҳадисро Ҳоким ривоят кардааст. Ҳанзала ибни Абӯсуфёни Ҷамаӣ аз модараш ривоят мекунад:

"***Дидам, ки хоҳари Абдурраҳмон ибни Авф ҳамсари Билол аст***".

Ин ҳадисро Доруқутнӣ ривоят кардааст. Ин далелҳо ошкоро баён мекунад, ки баробарӣ дар байни зану шавҳар ҳеҷ гуна эътибор ва арзиш надорад. Ҳар як зан, агар ба ҳамсари ӯ шудани марде розӣ шавад, ба ин мард бо розигии худ шавҳар мекунад. Инчунин ҳар як мард, агар ба ҳамсари ӯ шудани зане розӣ шавад, бе эътибори баробарӣ бо ин зан издивоҷ мекунад. Аммо Ибни Умар аз Пайғамбар (с) ҳадиси зеринро ривоят кардааст:

"***Арабҳо бо якдигар баробаранд. Қабила ба қабила, маҳалла ба маҳалла ва мард ба мард баробар аст, магар бофанда ва хунгиранда***".

Ин ҳадиси дурӯғ асос надорад ва ботил аст. Ибни Абӯҳотим гуфтааст: "***Вақте ки дар бораи ин ҳадис аз падарам пурсидам, гуфт, ки ин ҳадис инкор карда шудааст***". Ибни Абдулбарр гуфтааст: "***Ин ҳадис мункари мавзӯъ аст***". Исноди ҳадиси зерин, ки Баззор аз ҳадиси Муоз баровардааст, заиф аст:

"***Арабҳо бо якдигар баробаранд. Мавлоҳо бо якдигар баробаранд***".

Аммо ҳадиси зерини Бурайда ба баробарӣ далолат намекунад:

"***Пайғамбар (с) ба Бурайда ҳангоми озод карда шудан гуфтанд: "Ҳамроҳи ту никоҳат низ озод шуд, ихтиёр дар дасти туст***"".

Ин ҳадис ба баробарӣ далолат намекунад, зеро шавҳари ӯ ғулом буд. Агар канизе, ки бо ғулом издивоҷ кардааст, озод карда шавад, ба ӯ ихтиёр дода мешавад, ки хоҳад дар зиммаи ғулом мемонад, вагарна никоҳашро вайрон мекунад. Дар ин ҳадис ба баробарӣ ягон далолат нест. Ривояти Қосим аз Оиша (р) ба ғулом будани шавҳари Бурайда далел аст:

"***Бурайда ҳамсари ғулом буд. Вақте ки Оиша (р) ӯро озод кард, Расулуллоҳ (с) ба ӯ гуфтанд: "Ихтиёр дар дасти туст, агар хоҳӣ ҳамсари ин ғулом бош, вагарна аз ӯ ҷудо шав***"".

Ин ҳадисро Аҳмад ривоят кардааст. Муслим аз Урва ва Урва аз Оиша ривоят кардааст:

"***Бурайда озод карда шуд, шавҳари ӯ ғулом буд. Расулуллоҳ (с) ба Бурайда ихтиёр доданд. Агар шавҳараш марди озод мебуд, ба Бурайда ихтиёр намедоданд***".

Ҳадиси зерин низ асос надорад ва ҳадиси заиф аст:

"***Бо заноне издивоҷ кунед, ки бо шумо баробаранд ва занонро танҳо ба шахсони наздики худ хонадор кунед***".

Аз рӯи фикрҳои боло, аён мегардад, ки нассе вуҷуд надорад, ки ба зарурати баробарӣ далел шавад. Нусусе, ки даъвокунандагони баробарӣ меоранд, нусуси ботил ё ба далел овардан аз ягон ҷиҳат ношоиста мебошанд. Шарт кардани баробарӣ ба ҳадиси зерини Расулуллоҳ (с) зид меояд:

"***Араб аз аҷам ҳеҷ гуна афзалият надорад, магар бо тақво***".

Ин ҳадисро Аҳмад ривоят кардааст. Инчунин ба матни қатъии Қуръон низ зид меояд. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

**إِنَّ أَكْرَمَكُمْ عِندَ اللَّهِ أَتْقَاكُمْ**

"***Ҳар оина гиромитарини шумо назди Аллоҳ парҳезгортарини шумост***" [49:13].

Масъалаи гуногунии дин на баҳси баробарӣ, балки баҳси издивоҷи мусулмонон бо ғайримусулмонон мебошад. Баёни масъалаи мазкур чунин аст: Аллоҳ Субҳонаҳу ва Таоло ба мусулмон рухсат додааст, ки бо зани яҳудӣ ё насронӣ, ки аз аҳли китоб аст, издивоҷ кунад. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

**الْيَوْمَ أُحِلَّ لَكُمُ الطَّيِّبَاتُ وَطَعَامُ الَّذِينَ أُوتُواْ الْكِتَابَ حِلٌّ لَّكُمْ وَطَعَامُكُمْ حِلٌّ لَّهُمْ وَالْمُحْصَنَاتُ مِنَ الْمُؤْمِنَاتِ وَالْمُحْصَنَاتُ مِنَ الَّذِينَ أُوتُواْ الْكِتَابَ**

مِن قَبْلِكُمْ إِذَا آتَيْتُمُوهُنَّ أُجُورَهُنَّ مُحْصِنِينَ غَيْرَ مُسَافِحِينَ وَلاَ مُتَّخِذِي أَخْدَانٍ

"***Имрӯз чизҳои покиза бар шумо ҳалол шудааст. Таоми аҳли китоб бар шумо ҳалол аст ва таоми шумо низ бар онҳо ҳалол аст. Ва низ занони порсои мӯъмина ва занони порсои аҳли китоб ҳар гоҳ маҳрашонро бипардозед, ба таври заношӯӣ на зинокорӣ ва дӯстгирӣ бар шумо ҳалоланд***" [5:5].

Оят ошкоро баён мекунад, ки занони покдоман аз аҳли китоб барои мусулмонон ҳалоланд. Калимаи  ба маънои маҳри ин занон мебошад. Ба мусулмон ҷоиз аст, ки бо риояи ин оят ба зани китобӣ хонадор шавад. Зеро зикр гардид, ки занони покдоман аз аҳли китоб барои мусулмонон ҳалол аст, яъне издивоҷ бо онҳо ба мусулмонон ҳалол аст. Аммо бо марди китобӣ издивоҷ кардани зани мусулмон шаръан ҳаром аст ва ҳаргиз ҷоиз нест. Агар издивоҷ карда бошад, никоҳи мазкур никоҳи ботил ва ғайриқонунист. Ҳаром будани издивоҷи зани мусулмон бо марди китобӣ дар Қуръон сареҳан зикр гардидааст. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا إِذَا جَاءكُمُ الْمُؤْمِنَاتُ مُهَاجِرَاتٍ فَامْتَحِنُوهُنَّ اللَّهُ أَعْلَمُ بِإِيمَانِهِنَّ فَإِنْ عَلِمْتُمُوهُنَّ مُؤْمِنَاتٍ فَلَا تَرْجِعُوهُنَّ إِلَى الْكُفَّارِ لَا هُنَّ حِلٌّ لَّهُمْ وَلَا هُمْ يَحِلُّونَ لَهُنَّ

"***Эй касоне, ки имон овардаед, чун занони мӯъмине, ки муҳоҷират кардаанд, ба наздатон оянд, биозмоедашон. Аллоҳ ба имонашон донотар аст. Пас агар донистед, ки имон овардаанд, назди кофирон бозашон магардонед. Зеро инон бар мардони кофир ҳалол нестанд ва мардони кофир низ бар онҳо ҳалол нестанд***" [60:10].

Дар ин насс ҷуз маънои ягона эҳтимоли маънои дигар вуҷуд надорад. Маънои ягона ин аст, ки зани мусулмон барои кофирон ҳалол нест ва кофирон барои занони мусулмон ҳалол нестанд. Ақди никоҳ дар байни марди кофир ва зани мусулмон баста намешавад, зеро мард кофир аст. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

فَإِنْ عَلِمْتُمُوهُنَّ مُؤْمِنَاتٍ فَلَا تَرْجِعُوهُنَّ إِلَى الْكُفَّارِ

"***Пас агар донистед, ки имон овардаанд, назди кофирон бозашон магардонед***" [60:10].

Дар оят калимаи истифода карда шуд, вале калимаи истифода карда нашуд, то ки калимаи  тамоми кофиронро дар бар гирад, хоҳ мушрик бошанд, хоҳ аҳли китоб, ба ҳамаи онҳо умумӣ бошад. Дар нусуси Қуръон сареҳан гуфта шудааст, ки насронӣ ва яҳудӣ, ки аҳли китоб мебошад, кофир мебошад. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

مَّا يَوَدُّ الَّذِينَ كَفَرُواْ مِنْ أَهْلِ الْكِتَابِ وَلاَ الْمُشْرِكِينَ أَن يُنَزَّلَ عَلَيْكُم مِّنْ خَيْرٍ مِّن رَّبِّكُمْ

"***Аз миёни аҳли китоб онон, ки кофир шуданд ва низ мушрикон дӯст намедоранд, ки аз ҷониби Парвардигор ба шумо хайре бирасад***" [2:105],

"***Касоне ҳастанд, ки ба Аллоҳ ва пайғамбаронаш кофир мешаванд ва мехоҳанд миёни Аллоҳу пайғамбаронаш ҷудоӣ афкананд ва мегӯянд, ки баъзеро мепазирем ва баъзеро намепазирем ва мехоҳанд дар ин миёна роҳе баргузинанд. Инон дар ҳақиқат кофиронанд ва мо барои кофирон азобе хоркунанда омода сохтаем***" [4:150-151].

Аҳли китоб ба пайғамбарии Муҳаммад (с) имон намеоранд. Пас онҳо кофиранд. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

لَّقَدْ كَفَرَ الَّذِينَ قَآلُواْ إِنَّ اللّهَ هُوَ الْمَسِيحُ ابْنُ مَرْيَمَ

"***Онон, ки гуфтанд, ки Аллоҳ ҳамон Масеҳ – писари Марям аст, кофир шуданд***" [5:17],

لَّقَدْ كَفَرَ الَّذِينَ قَالُواْ إِنَّ اللّهَ ثَالِثُ ثَلاَثَةٍ

"***Онон, ки гуфтанд: "Аллоҳ саввумини се аст", кофир шуданд***" [5:73],

لَمْ يَكُنِ الَّذِينَ كَفَرُوا مِنْ أَهْلِ الْكِتَابِ وَالْمُشْرِكِينَ مُنفَكِّينَ

"***Кофирони аҳли китоб ва мушрикон даст барнадоранд, то барояшон бурҳоне равшан биёяд***" [98:1],

إِنَّ الَّذِينَ كَفَرُوا مِنْ أَهْلِ الْكِتَابِ وَالْمُشْرِكِينَ

"***Аз аҳли китоб онҳо, ки кофиранд ва низ мушрикон***" [98:6].

Калимаи  дар ду ояти охирин на ба маънои "баъзе", балки ба маънои баён омадааст. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

هُوَ الَّذِي أَخْرَجَ الَّذِينَ كَفَرُوا مِنْ أَهْلِ الْكِتَابِ مِن دِيَارِهِمْ

"***Ӯст он Худое, ки нахустин бор касоне аз аҳли китобро, ки кофирон буданд, аз хонаҳояшон берун ронд***" [59:2],

أَلَمْ تَر إِلَى الَّذِينَ نَافَقُوا يَقُولُونَ لِإِخْوَانِهِمُ الَّذِينَ كَفَرُوا مِنْ أَهْلِ الْكِتَابِ

"***Оё мунофиқонро надидаӣ, ки ба ёрони худ аз аҳли китоб, ки кофир буданд, мегуфтанд***" [59:11].

Аз ин оятҳо аён мегардад, ки аҳли китоб аз рӯи баёни сареҳи Қуръон кофиранд. Калимаи онҳоро низ дар бар мегирад. Бинобар ин, қавли зерини Аллоҳ Таоло:

فَإِنْ عَلِمْتُمُوهُنَّ مُؤْمِنَاتٍ فَلَا تَرْجِعُوهُنَّ إِلَى الْكُفَّارِ لَا هُنَّ حِلٌّ لَّهُمْ وَلَا هُمْ يَحِلُّونَ لَهُنَّ

"***Пас агар донистед, ки имон овардаанд, назди кофирон бозашон магардонед. Зеро инон бар мардони кофир ҳалол нестанд ва мардони кофир низ бар онҳо ҳалол нестанд***" [60:10]

сареҳан баён мекунад, ки зани мусулмон ҳаргиз наметавонад бо марде аз аҳли китоб издивоҷ кунад, зеро аҳли китоб мутлақ кофиранд.

Аммо маҷусиён, бутпарастон, ситорапарастон ва мушрикони дигар аҳли китоб нестанд. Издивоҷ бо онҳо мутлақо мумкин нест. Аз ин рӯ, мутлақо ҷоиз нест, ки марди мусулмон бо зани мушрик ё зани мусулмон бо марди мушрик издивоҷ кунад. Дар нусуси қатъии Қуръон дар ин бора сареҳан гуфта шудааст. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَلاَ تَنكِحُواْ الْمُشْرِكَاتِ حَتَّى يُؤْمِنَّ وَلأَمَةٌ مُّؤْمِنَةٌ خَيْرٌ مِّن مُّشْرِكَةٍ

"***Занони мушрикаро то имон наёвардаанд, ба занӣ магиред ва канизи мӯъмина беҳтар аз озодзани мушрика аст, ҳарчанд шуморо аз ӯ хуш ояд***" [2:221].

Аз ин оят танҳо як маъно фаҳмида мешавад, ки никоҳ бо зани мушрик ба марди мусулмон ва никоҳ бо марди мушрик ба зани мусулмон қатъиян ҳаром аст. Агар ин гуна никоҳ содир шавад, пас никоҳи ботил ва ғайриқонунист. Аз Ҳасан ибни Муҳаммад ривоят карда мешавад:

"***Расулуллоҳ (с) бо мактуб маҷусиёни Ҳаҷарро ба Ислом даъват намуданд. Ҳар кас аз онҳо ба Ислом дохил шуд, Исломи ӯро қабул карданд. Ба касоне, ки ба Ислом дохил нашуданд, ҷизя таъин намуданд, ба шарте ки забеҳи ӯ***

***хӯрда нашавад ва бо занонашон издивоҷ карда нашавад***". Ин ҳадисро Байҳақӣ ривоят кардааст.

Аз гуфтаҳои боло аён мегардад, ки шариат танҳо бо тарғибу ташвиқ ба издивоҷ кифоя накард, балки баён намуд, ки ба марди мусулмон издивоҷ бо кадом зан ва ба зани мусулмон издивоҷ бо кадом мард ҷоиз аст, инчунин издивоҷ бо кадоме ба ҳар ду ҳаром карда шудааст. Илова бар ин, ба хоҳишмандони издивоҷ сифатҳоеро, ки мавҷудияти онҳо дар ҳамсари ҳар кас сазовори ситоиш аст, баён намуд. Вале шарт кард, ки ин зан набояд ҳамсари каси дигар ё иддадор бошад, зеро шарти никоҳ холӣ будани зан аз никоҳ ё идда мебошад.

Аммо дар масъалаи зане, ки ҳанӯз бо ӯ ақди никоҳ баста нашудааст ва хостгорӣ карда мешавад, назар карда мешавад. Агар ин зан ё валии ӯ таклифи хостгорикунандаро қабул карда бошад ё ба валии худ ошкоро ё бо ишора ба қабули таклиф ё ба издивоҷ бо ин хостгорикунанда рухсат дода бошад, дар ин ҳолат хостгорӣ кардани шахси дигар ҷуз ин хостгорикунанда ба ин зан ҳаром мегардад. Ҳадиси зерин, ки Уқба ибни Омир аз Расулуллоҳ (с) ривоят кардааст, ба ин далел мешавад:

"Мӯъмин бародари мӯъмин аст. Ба мӯъмин ҳалол нест, ки дар болои бародараш савдо кунад ва ба зани хостгорикардаи бародараш, то бародараш хостгории ин занро тарк накунад, хостгорӣ кунад". Ин ҳадисро Муслим ривоят кардааст. Абӯҳурайра ривоят кардааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"***Мард, то бародараш зани хостгорикардаашро ба никоҳаш нагирад ё тарк накунад, ба ин зан хостгорӣ намекунад***".

Ин ҳадисро Бухорӣ ривоят кардааст. Агар зани хостгоришаванда марди хостгорикунандаро рад кунад, ё

ҳанӯз ба ӯ ҷавоб нагардонида бошад, ё дар бораи ӯ пурсуков кунад, дар ин ҳолат ба марди дигар ҷоиз аст, ки ба ин зан хостгорӣ кунад ва чунон эътибор карда мешавад, ки ба ин зан марде хостгорӣ накардааст. Ҳадисе, ки Фотима бинти Қайс ривоят кардааст, ба ин далел мешавад: "Ман ба ҳузури Пайғамбар (с) омадам ва гуфтам, ки ба ман Муовия ва Абӯҷаҳм хостгорӣ мекунанд, он гоҳ Расулуллоҳ (с) гуфтанд:

"***Муовия камбағал аст, моле надорад, аммо Абӯҷаҳм асояшро аз китф намемонад. Ту ба Усома ибни Зайд шавҳар кун***"".

Ин ҳадисро Муслим ривоят кардааст. Пайғамбар (с), баъд аз он ки дар бораи хостгории Муовия ва Абӯҷаҳм хабар ёфтанд, ин занро барои Усома хостгорӣ карданд.

Агар ба зан хостгорӣ карда шавад, қабул ё рад кардан танҳо ҳаққи ӯст ва нафаре аз валиёни ӯ ба ин кор ҳақ надорад. Инчунин касе бе рухсати зан наметавонад ӯро ба касе ба шавҳар диҳад ё аз никоҳ боздорад. Ибни Аббос ривоят мекунад, ки Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

"***Бевазан назар ба валӣ ба худ бештар ҳақ дорад. Аммо аз бокира рухсат пурсида мешавад ва рухсати ӯ хомӯшӣ аст***", яъне сукут. Ин ҳадисро Муслим ривоят кардааст. Дар ҳадиси муттафақун алайҳ, ки Абӯҳурайра ривоят кардааст, Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

"***То аз бевазан маслиҳат ва аз бокира рухсат пурсида нашавад, никоҳ карда намешавад". Пурсиданд: "Ё Расулаллоҳ, бокира чӣ тавр розигӣ медиҳад?". Расулуллоҳ (с) дар ҷавоб гуфтанд: "Ӯ сукут мекунад***".

Аз Ибни Аббос ривоят карда мешавад:

"***Як духтари бокира ба ҳузури Расулуллоҳ (с) омад ва гуфт, ки падараш ӯро маҷбуран ба шавҳар медиҳад. Он гоҳ ба ӯ ихтиёр доданд***".

Ин ҳадисро Абӯдовуд ривоят кардааст. Аз Хансо бинти Хаззоми Ансорӣ ривоят карда мешавад:

"***Падараш ӯро ба шавҳар дод, ҳол он ки ӯ бевазан буд. Ӯ ин корро написандид. Сипас ба ҳузури Расулуллоҳ (с) омад ва Расулуллоҳ (с) никоҳи ӯро бекор карданд***".

Ин ҳадисро Бухорӣ ривоят кардааст. Ин ҳадисҳо ошкоро далолат мекунад, ки издивоҷ, то зан ба издивоҷи худ изн надиҳад, комил намегардад. Агар зан ин издивоҷро рад кунад ё маҷбуран ба шавҳар дода шавад, ақд бекор карда мешавад, магар он ки зан аз қарори худ баргардад ё ба издивоҷ розӣ шавад.

Ислом аз манъи зан аз издивоҷ ҳангоми омадани хостгор боздоштааст. Ин бо Қуръон собит аст. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

فَلاَ تَعْضُلُوهُنَّ أَن يَنكِحْنَ أَزْوَاجَهُنَّ إِذَا تَرَاضَوْاْ بَيْنَهُم بِالْمَعْرُوفِ

"***Монеъ машавед, ки ба никоҳи ҳамсарони худ – ҳар гоҳ ки миёнашон ризояте ҳосил шуда бошад – дароянд***" [2:232]. Инчунин бо ҳадиси саҳеҳ аз Маъқал ибни Ясор собит шудааст:

"***Ман хоҳари худро ба марде ба шавҳар додам, ки баъдтар хоҳарамро талоқ кард. Вақте ки иддааш ба охир расид, ин мард аз нав хостгорӣ кард. Он гоҳ ба ӯ гуфтам: "Хоҳарамро ба ту ба шавҳар додам ва туро баҳравар сохтам ва ҳурмату эҳтиром кардам. Сипас ту ӯро талоқ кардӣ. Магар аз нав хостгорӣ мекунӣ? Қасам ба Аллоҳ, ки ӯ ба ту ҳеҷ гоҳ барнамегардад. Ӯ марди беозор буд, зан низ ба ӯ баргаштан мехост. Сипас Аллоҳ Таоло ояти зеринро нозил кард: "Монеъ машавед" [2:232]. Ман гуфтам: "Ё***

***Расулаллоҳ, маро ба чӣ мефармоед?" Расулуллоҳ (с) гуфтанд: "Хоҳаратро ба ӯ ба занӣ деҳ***"".

Дар ривояти дигар гуфта шудааст:

"***Ба қасамам каффорат додам ва хоҳарамро ба ӯ ба занӣ додам***".

Ин ҳадисро Бухорӣ ривоят кардааст. Маънои манъи зан ба шавҳар надодани зан ҳангоми талаб кардани издивоҷ мебошад. Ин кор ҳаром ва анҷомдиҳандаи он фосиқ аст. Ҳар як шахс, ки занро аз издивоҷ манъ мекунад, барои ин кораш фосиқ мешавад. Фуқаҳо баён кардаанд, ки шахс бо манъи зан фосиқ мешавад. Вақте ки ба зан издивоҷ кардан таклиф карда мешавад ё худаш издивоҷро талаб мекунад, интихоб кардани яке аз ду: розӣ шудан ё рад намудан, танҳо дар ихтиёри ӯст.

Вақте ки марду зан ба издивоҷ кардан иттифоқ мекунанд, бояд ақди издивоҷ банданд, зеро издивоҷ танҳо бо ақди шаръӣ комил мегардад. Ин издивоҷ танҳо бо ақди шаръӣ, ки мувофиқи аҳкоми шаръӣ баста мешавад, издивоҷ ба ҳисоб меравад, ки ба марду зан аз якдигар баҳра бурданро ҳалол мегардонад ва аз аҳкоми издивоҷ сарчашма мегирад. Модом ки ин гуна ақд ба вуҷуд наояд, гарчи марду зан муддати дароз якҷоя зиндагӣ карда бошанд ҳам, издивоҷ ба ҳисоб намеравад. Аз ин аён мегардад, ки ҷамъшавии ошиқу маъшуқа монанди ҷамъшавии зану шавҳар издивоҷ эътибор карда намешавад, балки зино ба ҳисоб меравад. Инчунин ҷамъшавии ду мард бо иттифоқ ба ҳамзистии якҷоя издивоҷ ба ҳисоб намеравад, балки ливота эътибор карда мешавад.

Издивоҷи маданӣ (издивоҷи расмӣ) иттифоқ дар байни марду зан дар хусуси ҳамзистӣ, ҷудошавӣ ва корҳои аз ин пайдошаванда, монанди нафақа ва тасарруф, аз хона баромадан, итоати зан ба мард ё итоати мард ба зан ва ғайра

мебошад. Инчунин дар ин иттифоқ марду зан ба корҳое, монанди писарӣ, ба кӣ будани писар ва ба кӣ будани духтар ва ба корҳое монанди меросу насаб, ки ба ҳамзистии якҷоя ё зисти ҷудогона тааллуқ дорад, аз рӯи шартҳои созишшуда ва масъулиятҳои баўҳдагирифташуда созиш мекунанд. Аз ин рӯ, издивоҷи маданӣ танҳо иттифоқи никоҳ нест, балки иттифоқест, ки издивоҷ, корҳое, монанди насаб, нафақа, мерос ва ғайра, ҳолатҳое, ки ба ҳар дуи зану шавҳар ё яке аз онҳо тарк кардани дигаре ҷоиз мешавад, яъне масъалаи талоқро дар бар мегирад. Ин иттифоқ ба ҳар як мард ба издивоҷи ҳар гуна зан ва ба ҳар як зан ба издивоҷи ҳар гуна мард аз рӯи иттифоқи дутарафа, ки дар ҳар як кор онҳо розӣ мешавад ё мехоҳанд, озодии пурра медиҳад. Аз ин аён мегардад, ки ин гуна издивоҷи маданӣ шаръан ҷоиз нест. Он ҳаргиз иттифоқи никоҳ ё ақди никоҳ эътибор карда намешавад, зеро он шаръан ягон арзише надорад.

Никоҳ бо таклиф ва қабули шаръӣ дуруст мешавад. Пас таклиф сухани яке аз ақдкунандагон аст, ки якумин шуда гуфтааст. Қабул сухани дигаре аз ақдкунандагон аст, ки дуюмин шуда гуфтааст. Масалан, зани никоҳшаванда ба марде, ки ўро ба никоҳи худ мегирад, мегўяд: "Ман худро ба ту никоҳ кардам". Сипас марде, ки ўро ба никоҳ мегирад, мегўяд: "Қабул кардам" ё баръакс. Чунон ки таклиф ва қабул дар байни никоҳшавандагон бевосита рух медиҳад, метавонад дар байни вакилони онҳо ё дар байни яке аз онҳо ва вакили дигаре рух диҳад. Шарт аст, ки дар таклиф лафзи издивоҷ ва никоҳ мавҷуд бошад. Аммо дар қабул ин шарт нест, балки шарт аст, ки ҷониби дигар бо сухани дилхоҳ, ки ба ризояти ў ва қабул кардани таклиф далолат мекунад, ба ин таклиф розӣ шавад. Таклиф ва қабул бояд бо лафзи замони гузашта монанди "***никоҳ кардам***" ва "***қабул кардам***" ё яке аз онҳо бо лафзи замони гузашта ва дигаре бо лафзи замони

оянда бошад. Зеро никоҳ ақд аст ва дар он бояд қатъият, яъне лафз дар шакли замони гузашта истифода карда шавад. Барои қонунӣ гаштани никоҳ чаҳор шарт вуҷуд дорад:

**Шарти якум** – ҳам лафзи таклиф ва ҳам лафзи қабул бояд дар як макон гуфта шавад, яъне таклиф ва қабул айнан дар як макон рух диҳад. Ин дар ҳолатест, ки ақдкунандагон дар он ҷо ҳозир бошанд. Агар яке аз онҳо дар як шаҳр ва дигаре дар шаҳри дигар бошад ва яке аз онҳо ба дигаре бо таклифи никоҳ мактуб нависад, мактубгиранда таклифро қабул кунад, ин никоҳ қонунӣ мебошад. Лекин дар ин ҳолат шарт аст, ки мактубро ба гувоҳон хонад ё ба касе хонданро фармояд ва иборaҳои мактубро ба онҳо шунавонад ё гӯяд, ки "фалонӣ бо мактуб дасти маро пурсид" ва дар маҷлис онҳоро гувоҳ кунад, ки худро ба ӯ супоридааст.

**Шарти дуюм** – ҳар яки ақдкунандагон бояд сухани дигареро бишнаванд ва бифаҳманд, дарк кунанд, ки аз ин суханон ақди никоҳ дар назар дошта мешавад. Агар бо сабаби нашунидан ё нафаҳмидан он чиро, ки дар назар дошта мешавад, надонанд, ин никоҳ қонунӣ ба ҳисоб намеравад. Масалан, мард ба зан лафзеро ба маънои "ман бо ту никоҳ кардам" ба забони франсузӣ гӯяд, ин зан, ки забони мазкурро намедонад, нафаҳмад ва суханеро, ки ба ӯ ёд медиҳанд, бигӯяд, вале ақди никоҳ будани мақсади ин суханро надонад ва мард таклифи ӯро қабул кунад, ин никоҳ қонунӣ ба ҳисоб намеравад. Агар зан донад, ки аз гуфтаи ӯ ақди никоҳ қасд карда шудааст, ин никоҳ қонунӣ ба ҳисоб меравад.

**Шарти сеюм** – қабул ва таклиф набояд бо ҳам зидояд, хоҳ ин ҳолат дар ҳамаи таклиф бошад, хоҳ дар баъзе мавридҳои таклиф.

**Шарти чаҳорум** – шариат бояд ба издивоҷи ҳар дуи ақдкунандагон рухсат дода бошад, монанди бояд зан мусулмон ё китобӣ ва мард танҳо мусулмон бошад.

Агар ҳар чаҳор шарт дар ақд мавҷуд бошад, никоҳ қонунӣ ба ҳисоб меравад. Агар ягон шарт мавҷуд набошад, никоҳ қонунӣ ба ҳисоб намеравад ва аз ҷиҳати асос ботил мегардад. Никоҳ, агар қонунӣ ба ҳисоб равад, бояд барои никоҳи саҳеҳ будан шартҳои сиҳҳатро дошта бошад. Ин шартҳо се ададанд:

1. Зан бояд ба ақди никоҳ шоиста бошад;

2. Никоҳ танҳо бо валӣ дуруст мешавад. Чунон ки зан дар издивоҷ ба вакил кардани каси дигар ҷуз валии худ ҳақ надорад, худаш низ ба издивоҷ кардан ва каси дигарро ба шавҳар додан ҳақ надорад. Агар ин корро кунад, никоҳаш дуруст намешавад;

3. Ҳузури ду гувоҳи оқил, болиғ ва мусулмон, ки ақди никоҳ будани мақсади лафзи таклиф ва қабулро мефаҳманд ва сухани ақдкунандагонро мешунаванд. Агар дар ақд ин шартҳо ёфт шаванд, никоҳ саҳеҳ мешавад. Агар ягон шарт ёфт нашавад, никоҳ фосид ба ҳисоб меравад. Вале шарт нест, ки ақди никоҳ китобат ё дар шакли забонхат қайд карда шавад, балки хоҳ китобат шавад, хоҳ на мавҷудияти таклиф ва қабул дар шакли шифоҳӣ ё хаттӣ бо пурра ёфт шудани тамоми шартҳо аз тарафи марду зан, ки ақди никоҳро ба ақди саҳеҳ табдил медиҳад, кифоя аст.

Никоҳ, азбаски ақд дар байни ду шахс мебошад, танҳо бо таклиф ва қабул ақди ҳақиқӣ шуда метавонад. Воқеи ақд ин аст, ки он бо таклиф ва қабул амалӣ мегардад ва ақд ба ҳисоб меравад. Аммо дар хусуси шарт кардани мавҷудияти лафзи издивоҷ ва никоҳ дар таклиф нусус вуҷуд дорад. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

أَمْسِكْ عَلَيْكَ زَوْجَكَ

"***Ба ҳамсарии туаш даровардем***" [33:37],

وَلاَ تَنكِحُواْ مَا نَكَحَ آبَاؤُكُم مِّنَ النِّسَاء

"***Бо заноне, ки падаронатон ба ақди хеш даровардаанд, заношӯӣ макунед***" [4:22].

Саҳобагон низ ба ҳамин иттифоқ кардаанд. Аммо дар як ҷо воқеъ шудани таклиф ва қабул чунин аст, ки ҳукми макон ҳукми ҳолати ақд мебошад. Агар ҳар ду ҷониб пеш аз қабул аз ҳам ҷудо шаванд, таклиф комил намегардад, зеро дар ин ҳолат маънои қабул ҳосил намешавад. Бо сабаби аз ҳам ҷудо шудан аз ҷониби ҳар ду рӯ гардонидан ба вуҷуд меояд. Аз ин рӯ, он қабул ба ҳисоб намеравад. Инчунин агар бо коре машғул шаванд, ки никоҳро қатъ месозад, дар ин ҳолат низ қабул комил намегардад. Зеро бо сабаби машғул шудан аз қабул аз ақд бастан низ рӯ гардонидаанд. Аммо шарти якдигарро шунавидан ва фаҳмидани ҳар ду ҷониб, яъне ақди никоҳ будани мақсади гуфтаҳоро донистани ҳар ду ҷониб чунин аст, ки танҳо бо иҷрои ҳамин шарт ба таклиф ҷавоб дода мешавад. Зеро таклиф хитоби яке аз ақдкунандагон ба дигаре мебошад, то ки ӯ қабул кунад. Агар ба ҷониби дигар мақсади худро баён накунад, пас хитоб накардааст. Агар хитоб ба вуҷуд наояд, табиист, ки қабул низ ба вуҷуд намеояд. Дар ин гуна ҳолат на таклиф ва на қабул ба вуҷуд меояд. Таклиф бояд ба қабул зид набошад. Қабул танҳо ҳангоми ифодаи итоати тамоми талабҳои таклиф қабул ба ҳисоб меравад. Агар ин гуна маъноро ифода накунад, пас талабҳои таклифро қабул накардааст ва қабул ба ҳисоб намеравад. Аммо шарти рухсати шариат ба ақдкунандагон барои никоҳи якдигар чунин аст, ки агар шариат ақдеро манъ карда бошад, ин гуна ақдро бастан мумкин нест.

Ин фикрҳо нисбат ба қонунӣ ба ҳисоб рафтани ақд мебошад. Аммо сиҳҳати ақд чунин аст, ки агар шариат аз ин гуна ақдбандӣ бознадошта бошад, пас ақд баста шудааст. Агар шариат ягон ҷиҳати ақдро манъ карда бошад, ақд аз ҳамин ҷиҳат фосид мешавад, лекин ботил намешавад. Барои ақди никоҳ шоиста будани зан чунин аст, ки шариат ба никоҳ гирифтани баъзе занон, масалан, дар як никоҳ ҷамъ кардани хоҳаронро манъ кардааст. Ақди никоҳ бо заноне, ки никоҳашон ҳаром гардонида шудааст, саҳеҳ намешавад. Аммо ба сиҳҳати никоҳ танҳо бо иштироки валӣ қавли зерини Расулуллоҳ (с), ки Ибни Ҳиббон ва Ҳоким аз Абӯмӯсо ривоят кардаанд, далел мешавад:

"***Ҷуз бо валӣ никоҳ нест***".

Зан ҳақ надорад, ки худро ба шавҳар диҳад, дигареро ба шавҳар диҳад ва дар издивоҷ каси дигарро ҷуз валии худ вакил кунад. Ба ин ҳадиси Пайғамбар (с), ки Ҳоким аз Оиша (р) ривоят кардааст, далел мешавад:

"***Никоҳи зане, ки бе изни валии худ никоҳ кардааст, никоҳи ботил, никоҳи ботил, никоҳи ботил мебошад***".

Абӯҳурайра аз Пайғамбар (с) ривоят мекунад:

"***Зан занро ба шавҳар намедиҳад ва худашро низ ба шавҳар намедиҳад. Танҳо зани зинокор худашро ба шавҳар медиҳад***".

Ҳузури ду гувоҳи мусулмон дар ақди никоҳ чунин аст, ки Қуръон дар баргардонидани зани раҷъан талоқшуда ба зании шавҳараш ҳузури ду гувоҳи мусулмонро шарт кардааст. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

**فَإِذَا بَلَغْنَ أَجَلَهُنَّ فَأَمْسِكُوهُنَّ بِمَعْرُوفٍ أَوْ فَارِقُوهُنَّ بِمَعْرُوفٍ وَأَشْهِدُوا ذَوَيْ عَدْلٍ مِّنكُمْ**

"***Ва чун ба поёни муддат расиданд ё ба ваҷҳе некӯ нигоҳашон доред ё ба ваҷҳе некӯ аз онҳо ҷудо шавед ва ду тан одил аз худатонро ба шаҳодат гиред***" [65:2].

Ҳасан дар хусуси ин оят гуфтааст: "***Яъне ду мусулмонро гувоҳ кунед***". Агар дар раҷъа, ки идома додани ақди никоҳ ба ҳисоб меравад, ҳузури ду гувоҳи мусулмон шарт бошад, дар пайдоиши ақди никоҳ, ки оғози заношӯӣ мебошад, ҳузури ду гувоҳ албатта шарт аст. Илова бар ин, ақди никоҳ ва идомаи ақди никоҳ як кор ва ҳукми ҳар ду як ҳукм аст.

## *ЗАНОНИ МАҲРАМ*

Дар Китобу суннат сареҳан зикр гардидааст, ки издивоҷ бо занони маҳрам ҳаром мебошад. Далелҳо аз Китоб: Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَلاَ تَنكِحُواْ مَا نَكَحَ آبَاؤُكُم مِّنَ النِّسَاء إِلاَّ مَا قَدْ سَلَفَ إِنَّهُ كَانَ فَاحِشَةً وَمَقْتًا وَسَاء سَبِيلاً

"***Бо заноне, ки падаронатон ба ақди хеш даровардаанд, заношӯӣ накунед, магар он ки пеш аз ин чунон карда бошед. Зеро ин кор зино ва мавриди хашми Аллоҳ аст ва шеваест нописанд***" [4:22],

حُرِّمَتْ عَلَيْكُمْ أُمَّهَاتُكُمْ وَبَنَاتُكُمْ وَأَخَوَاتُكُمْ وَعَمَّاتُكُمْ وَخَالاَتُكُمْ وَبَنَاتُ الأَخِ وَبَنَاتُ الأُخْتِ وَأُمَّهَاتُكُمُ اللاَّتِي أَرْضَعْنَكُمْ وَأَخَوَاتُكُم مِّنَ الرَّضَاعَةِ وَأُمَّهَاتُ نِسَآئِكُمْ وَرَبَائِبُكُمُ اللاَّتِي فِي حُجُورِكُم مِّن نِّسَآئِكُمُ اللاَّتِي دَخَلْتُم بِهِنَّ فَإِن لَّمْ تَكُونُواْ دَخَلْتُم بِهِنَّ فَلاَ جُنَاحَ عَلَيْكُمْ وَحَلاَئِلُ أَبْنَائِكُمُ الَّذِينَ مِنْ أَصْلاَبِكُمْ وَأَن تَجْمَعُواْ بَيْنَ الأُخْتَيْنِ إَلاَّ مَا قَدْ سَلَفَ إِنَّ اللّهَ كَانَ غَفُورًا رَّحِيمًا
وَالْمُحْصَنَاتُ مِنَ النِّسَاء إِلاَّ مَا مَلَكَتْ أَيْمَانُكُمْ كِتَابَ اللّهِ عَلَيْكُمْ وَأُحِلَّ لَكُم مَّا وَرَاء ذَلِكُمْ

"***Модаронатон ва духтаронатон ва хоҳаронатон ва аммаҳоятон ва холаҳоятон ва духтарони бародарон ва духтарони хоҳаронатон ва заноне, ки шуморо шир додаанд ва хоҳарони шириятон ва модарони занонатон бар шумо ҳаром шудаанд. Ва духтарони занонатон, ки дар канори шумо ҳастанд, ҳар гоҳ бо он занон ҳамбистар шудаед, бар шумо ҳаром шудаанд. Вале агар ҳамбистар нашудаед, гуноҳе муртакиб нашудаед. Ва низ занони писароне, ки аз пушти шумо ҳастанд, бар шумо ҳаром шудаанд. Ва набояд ду хоҳарро дар як замон ба занӣ гиред, магар он ки пеш аз ин чунин карда бошед. Ҳар оина Аллоҳ омурзанда ва меҳрубон аст. Ва низ занони шавҳардор бар шумо ҳаром шудаанд, магар онҳо, ки ба тасарруфи шумо даромада бошанд. Аз китоби Аллоҳ пайравӣ кунед. Ва ҷуз инҳо занони дигар бар шумо ҳалол шудаанд***" [4:23-24].

Далелҳо аз суннат: Дар ҳадиси муттафақун алайҳ Абӯҳурайра (р) аз Расулуллоҳ (с) ривоят мекунад:

"***Мард зану аммаи ӯро ва зану холаи ӯро ҷамъ намекунад***". Имом Муслим аз Оиша (р) ривоят мекунад, ки Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

"***Он чиро, ки вилодат (10) ҳаром мегардонад, разоа низ ҳаром мегардонад***".

Пас издивоҷ бо модарон мутлақ ҳаром гардонида шудааст. Модарон заноне ҳастанд, ки аз ҷиҳати вилодат ба модарӣ алоқамانданд, хоҳ зане бошад, ки ба маънои ҳақиқӣ модар номида мешавад ва ӯ туро таваллуд кардааст ва хоҳ зане бошад, ки ба маънои маҷозӣ модар номида мешавад ва модари туро таваллуд кардааст, инчунин занони аз ӯ боло. Аз ҷумла ду модаркалонат, ки модари модарат ва модари падарат ҳастанд, ду модаркалони падарат ва ду модаркалони модарат, модаркалонони модаркалонат, модаркалонони падаркалонат ва занони аз онҳо боло, хоҳ меросхӯр бошанд, хоҳ на – ҳамаи онҳо занони маҳрам ба ҳисоб меравандд.

Издивоҷ бо духтарон низ мутлақ ҳаром гардонида шудааст. Духтарон заноне ҳастанд, ки аз ҷиҳати вилодат ба ту алоқамانданд, монанди духтаре, ки аз пушти камари туст, духтарони писаронат ва духтарони духтаронат, ҳарчанд дараҷаи онҳо поён равад ҳам, хоҳ меросхӯр бошанд, хоҳ на – ҳамаи онҳо духтарони маҳрам мебошанд.

Издивоҷ бо хоҳарони аз се тараф: аз тарафи падару модар, ё аз тарафи падар ва ё аз тарафи модар, низ мутлақ ҳаром гардонида шудааст.

Издивоҷ бо аммаҳо, ки аз се тараф хоҳари падар мебошанд ва издивоҷ бо хоҳарони падаркалонон аз тарафи падар ва аз тарафи модар, хоҳ падаркалони наздик бошанд, хоҳ падаркалони дур, хоҳ меросхӯр бошанд, хоҳ на ҳаром гардонида шудааст.

Издивоҷ бо холаҳо, ки аз се тараф хоҳари модар мебошанд ва издивоҷ бо хоҳарони модаркалонон, ҳарчанд боло раванд ҳам, ҳаром гардонида шудааст. Зеро ҳар як модаркалон модар

ва ҳар як хоҳари модаркалон хола ва маҳрам ба ҳисоб меравад.

Издивоҷ бо духтарони бародар ва бо ҳар зане, ки ба бародар аз ҷиҳати вилодат алоқаманд аст, ҳаром гардонида шудааст. Пас ҳар зане, ки ба бародар аз ҷиҳати вилодат алоқаманд аст, духтари бародар ва маҳрам мебошад. Ин ҷо аз кадом тараф бародар будан фарқ надорад. Духтарони хоҳар инчунин маҳрам мебошанд.

Издивоҷ бо модарони ризоӣ, ки туро шир додаанд ва модарону модаркалонони ин модари ризоӣ, ҳарчанд дараҷаашон боло равад ҳам, аз рӯи он чӣ ки дар боло дар хусуси насаб зикр гардид, ҳаром гардонида шудааст. Ҳар зане, ки модараш туро шир додааст, ё модарат ӯро шир додааст, ё як зан ҳам туро ва ҳам ӯро шир додааст, ё ту ва ӯ аз шири як мард макидаед, гарчи теъдоди занони маконанда зиёд бошад ҳам, хоҳар ва маҳрами туст.

Издивоҷ бо модарони зан (хушдоманон) низ ҳаром гардонида шудааст. Ҳар марде бо зане издивоҷ кунад, тамоми модарони ин зан хоҳ аз ҷиҳати насаб, хоҳ аз ҷиҳати разоа, хоҳ наздик бошанд, хоҳ дур, танҳо бо ақд новобаста ба вуқӯи ҷимоъ ба ин мард ҳаром мегардад. Зеро Аллоҳ Таоло мегӯяд:

**حُرِّمَتْ عَلَيْكُمْ أُمَّهَاتُكُمْ وَبَنَاتُكُمْ وَأَخَوَاتُكُمْ وَعَمَّاتُكُمْ وَخَالاَتُكُمْ وَبَنَاتُ الأَخِ وَبَنَاتُ الأُخْتِ وَأُمَّهَاتُكُمُ اللاَّتِي أَرْضَعْنَكُمْ وَأَخَوَاتُكُم مِّنَ الرَّضَاعَةِ وَأُمَّهَاتُ نِسَآئِكُمْ**

"***Модаронатон ва духтаронатон ва хоҳаронатон ва аммаҳоятон ва холаҳоятон ва духтарони бародарон ва духтарони хоҳаронатон ва заноне, ки шуморо шир додаанд ва хоҳарони шириятон ва модарони занонатон бар шумо ҳаром шудаанд***" [4:23].

Издивоҷ бо духтарони зане, ки бо ӯ издивоҷ ва ҷимоъ кардаед, ҳаром гардонида шудааст. Онҳо духтарони зери тарбия мебошанд ва бо сабаби ҷимоъ бо модари онҳо ба маҳрам табдил меёбанд. Ин духтарон хоҳ дур бошанд, хоҳ наздик, хоҳ меросхӯр бошанд, хоҳ на духтаронест, ки ба зан тавассути насаб ва разоа алоқадор мебошанд. Дар хусуси духтарон монанди дар боло зикршуда мебошад. Агар бо модари духтар ҷимоъ воқеъ шавад, издивоҷ бо ин духтар ҳаром мегардад, хоҳ ин духтар дар зери парастории ин мард бошад, хоҳ на.

اللاَّتِي فِي حُجُورِكُم

"***Ва духтарони занонатон, ки дар канори шумо ҳастанд***" [4:23].

Дар оят ҳолати одатии духтар ифодаи худро ёфта, дар зери парастории падари нав қарор гирифтани ӯ шарт карда нашудааст.

مِّن نِّسَآئِكُمُ اللاَّتِي دَخَلْتُم بِهِنَّ

"***Ҳар гоҳ бо он занон ҳамбистар шудаед***" [4:23].

Дар ин оят шарт карда шудааст, ки барои маҳрами мард шудани ин духтар мард бояд бо модари ӯ ҷимоъ кунад. Зеро дар ояти минбаъда гуфта мешавад:

فَإِن لَّمْ تَكُونُواْ دَخَلْتُم بِهِنَّ فَلاَ جُنَاحَ عَلَيْكُمْ

"***Вале агар ҳамбистар нашудаед, гуноҳе муртакиб нашудаед***" [4:23].

Бинобар ин, мард агар бо зане издивоҷ кунад, вале ҳанӯз бо ӯ ҷимоъ накарда бошад (баъд аз талоқ кардани ӯ) бо духтари ӯ издивоҷ кардан ҳаром нест.

Издивоҷ бо занони писар мутлақ ҳаром гардонида шудааст, яъне издивоҷи мард бо занони писарони худ ва писарони духтаронаш хоҳ аз ҷиҳати насаб, хоҳ аз ҷиҳати разоа, хоҳ наздик бошанд, хоҳ дур, бо сабаби баста шудани ақди никоҳ хоҳ бо зани худ ҷимоъ карда бошад, хоҳ на ҳаром мегардад.

Издивоҷ бо занони падар ҳаром гардонида шудааст. Пас занони падар хоҳ аз ҷиҳати насаб, хоҳ аз ҷиҳати разоа, хоҳ наздик бошанд, хоҳ дур, хоҳ меросхӯр бошанд, хоҳ на маҳрам ба ҳисоб меравaнд. Насоӣ аз Барро ибни Озиб ривоят мекунад:

"***Дидам, ки тағои ман дар даст парчам мерафт ва пурсидам: "Ба куҷо меравӣ?" Ӯ гуфт: "Расулуллоҳ (с) маро ба куштани (ё кандани гардани) касе, ки бо зани падари худ издивоҷ кардааст, фиристоданд***"". Ин ҳадисро Ҳоким ривоят кардааст.

Издивоҷ бо ду хоҳар, ки бо якдигар аз ҷиҳати насаб ё разоа алоқадор мебошад, дар ҳоли ҷамъ кардани ҳар ду ҳаром гардонида шудааст. Хоҳ падару модарони ин хоҳарон як бошанд, хоҳ танҳо модар як бошад ва хоҳ танҳо падар як бошад. Инчунин фарқ надорад, ки пеш аз ҷимоъ бошад ё баъд аз ҷимоъ. Агар ҳар дуро бо як ақди никоҳ ба никоҳ гирад, ақд фосид мегардад.

Ба як никоҳ ҷамъ кардани зан ва амма ё холаи ӯ низ ҳаром гардонида шудааст. Дар ҳадиси муттафақун алайҳ, ки Абӯҳурайра ривоят кардааст, Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

"***Мард зану аммаи ӯро ва зану холаи ӯро ҷамъ намекунад***". Дар ривояти Абӯдовуд омадааст:

"***Зан ба болои аммаи худ, амма ба болои духтари бародари худ никоҳ карда намешавад. Зан ба болои холаи худ ва хола ба болои духтари хоҳари худ никоҳ карда***

***намешавад. Калонӣ ба болои хурдӣ ва хурдӣ ба болои калонӣ низ никоҳ карда намешавад***".

Асли ин ҳадис дар "Саҳеҳайн" оварда шудааст.

Издивоҷ бо занони шавҳардор низ ҳаром гардонида шудааст. Аллоҳ Таоло онҳоро "***занони покдоман***" номидааст, зеро онҳо тавассути издивоҷ шармгоҳи худро пок нигаҳ доштаанд.

Он чӣ, ки бо сабаби насаб ҳаром мегардад, бо сабаби разоа низ ҳаром мегардад. Пас занон, чунонки бо сабаби насаб ҳаром мегарданд, бо сабаби разоа низ ҳаром мегарданд. Модарон, духтарон, хоҳарон, аммаҳо, холаҳо, духтарони бародарон ва духтарони хоҳарон аз рӯи гуфтаҳои боло дар хусуси ҳаром гардидан бо сабаби насаб аз ҳамин ҷумла мебошанд. Ҳадиси муттафақун алайҳ, ки аз Расулуллоҳ (с) ривоят карда шудааст, ба ин асос мебошад:

"**Он чӣ, ки бо сабаби насаб ҳаром мегардад, бо сабаби разоа низ ҳаром мегардад**". Дар ривояти Муслим гуфта мешавад:

"***Он чиро, ки вилодат ҳаром мегардонад, разоа низ ҳаром мегардонад***".

Дар ҳадиси муттафақун алайҳ Оиша (р) ривоят кардааст:

"***Баъд аз нузули ҳукми ҳиҷоб Афлаҳ – бародари Абӯқайс барои дохил шудан ба ҳузури ман изн пурсид. Ман гуфтам: "Қасам ба Аллоҳ, ки то аз Расулуллоҳ (с) рухсат напурсам, изн намедиҳам***"***. Зеро маро на зани бародари Абӯқайс, балки зани Абӯқайс маконида буд. Сипас ба назди Расулуллоҳ (с) даромадам. Ба он кас гуфтам: "Ё Расулаллоҳ, фалонӣ барои ба наздам даромадан изн мепурсад. Маро на ӯ, балки зани Абӯқайс маконидааст".***

***Расулуллоҳ (с) гуфтанд: "Барака ёб, ба ӯ рухсат деҳ, зеро ӯ амаки туст*"".

Он чӣ, ки бо разоа маҳрам мекунад, шир аст. Пас новобаста ба соҳиби шире, ки аз он мемаканд, хоҳ зан бошад, хоҳ мард шахси макида ба шахси маконида маҳрам мешавад, шахси макида хоҳ ба ӯ писар бошад, хоҳ на. Аз ин рӯ, ба шахс ҳалол аст, ки бо хоҳарони бародари ҳамшири худ издивоҷ кунад. Вале издивоҷ бо хоҳар ва бародари ҳамшир ҳалол нест. Агар шахс занеро макида бошад, ин зан ба модари ӯ табдил меёбад ва шавҳари ӯ ба падар ва фарзандони ӯ ба бародару хоҳар табдил меёбанд. Лекин бародару хоҳарони айнии шахси макида ба бародару хоҳарони шахси бо ӯ ҳамшир бародару хоҳар намешавад ва онҳо метавонанд бо хоҳарони ҳамшири бародари айнии худ издивоҷ кунанд. Пас шир чизест, ки мардумро бо якдигар маҳрам мегардонад.

Издивоҷ бо ин занон ҳаром аст. Аммо издивоҷ бо занони дигар ҳалол аст. Ба ин қавли зерини Аллоҳ Таоло далел аст:

**وَأُحِلَّ لَكُم مَّا وَرَاءَ ذَٰلِكُمْ**

"***Ва ҷуз инҳо занони дигар бар шумо ҳалол шудаанд***" [4:24].

Илова бар ин, чунон ки пештар зикр намудем, издивоҷ бо занони мушрика ва занони шавҳардор ҳаром аст.

## *СЕРЗАНӢ*

Аллоҳ Таоло дар Китоби муқаддаси худ мегӯяд:

وَإِنْ خِفْتُمْ أَلاَّ تُقْسِطُواْ فِي الْيَتَامَى فَانكِحُواْ مَا طَابَ لَكُم مِّنَ النِّسَاء مَثْنَى وَثُلاَثَ وَرُبَاعَ فَإِنْ خِفْتُمْ أَلاَّ تَعْدِلُواْ فَوَاحِدَةً أَوْ مَا مَلَكَتْ أَيْمَانُكُمْ ذَلِكَ أَدْنَى أَلاَّ تَعُولُواْ

"***Аз занон ҳар чӣ шуморо писанд афтад, ду-ду ва се-се ва чаҳор-чаҳор ба никоҳ даровbelongs ред. Ва агар бими он доред, ки ба адолат рафтор накунед, танҳо як зан бигиред ё ҳар чӣ молики он шавед. Ин роҳе беҳтар аст, то муртакиби ситам нагардед***" [4:3].

Ояти мазкур соли ҳаштуми ҳиҷрат ба Расулуллоҳ (с) нозил шуд. Сабаби нузули он ба чаҳор адад муқайяд кардани шумораи занон буд. Пеш аз он шумораи заноне, ки ба занӣ

гирифта мешуданд, номаҳдуд буд. Аз хондан ва фаҳмидани ин оят аён мегардад, ки ояти мазкур барои муқайяд сохтани адади занони никоҳшаванда ба чаҳор адад нозил шудааст. Маънои оят чунин аст: "***Бо ду, се ва то чаҳор зане, ки ба шумо ҳалол ва писанд мебошанд, издивоҷ кунед***". Калимаҳои ва аз ададҳои такрорӣ ба вуҷуд омадаанд, яъне ба маънои "бо ду-ду, се-се ва чаҳор-чаҳор зане, ки ба шумо ҳалол ва писанданд, издивоҷ кунед" мебошад. Ин хитоб ба ҳама баробар аст, бинобар ин, барои издивоҷи ҳар як марде, ки бо якчанд зан издивоҷ кардан мехоҳад, бо зани дилхоҳ бо шарти наафзудан аз адади мазкур, яъне барои издивоҷ бо занон ба миқдоре, ки ба ӯ рухсат дода шудааст, такрор кардани миқдор воҷиб буд. Инро ба таври зерин қиёс кардан мумкин аст. Масалан, ҳазор динорро ба ҷамоате медиҳем ва мегӯем: "***Ин пулро ба ҳар як кас ду динор-ду динор ё се динор-се динор ё чаҳор динор-чаҳор динор тақсим кунед***". Агар дар ин сухан як ва ду гуфта шавад, сухан маъно надорад. Пас истифодаи ибораи зарур аст, то аз ададе, ки аз ибораи дар назар дошта шудааст, ҳар як кас адади дилхоҳро бигирад. Зеро Аллоҳ Таоло мегӯяд: "***Ҳар кас аз шумо бо ду-ду, се-се ва чаҳор-чаҳор зане, ки ба шумо писанд аст, издивоҷ кунед***". Ин далолат мекунад, ки ҳар яки шумо бо ду, се ё чаҳор зан издивоҷ кунед. Аммо маънои ояти зерин:

فَإِنْ خِفْتُمْ أَلَّا تَعْدِلُواْ فَوَاحِدَةً

"***Ва агар бими он доред, ки ба адолат рафтор накунед, танҳо як зан бигиред***" [4:3]

чунин аст: "***Агар тарсед, ки дар байни ин миқдори занон адолат карда наметавонед, дар ин ҳолат бо як зан издивоҷ кунед ва бо беш аз ин издивоҷ накунед***". Зеро тамоми корҳо бо адолат барпо мешаванд. Пас агар одил бошед, бо беш аз як зан издивоҷ кунед, ихтиёр кардани як зан

ба пешгирии зулм наздиктар аст. Иборай  ба маънои "***ситам накардани шумо осонтар аст***" мебошад. Зеро маънои ҷабру ситам аст. Оиша (р) аз Пайғамбар (с) ривоят кардааст: ба маънои "***то ситам накунед" мебошад***". Ин ҳадисро Ибни Ҳиббон дар "Саҳеҳ"-и худ ривоят кардааст.

Оят ба серзанӣ рухсат дода, серзаниро ба чаҳор адад маҳдуд месозад. Лекин мардро мефармояд, ки дар байни онҳо одил бошад ва тарғиб мекунад, ки агар аз беадолатӣ тарсад, бо як зан кифоя кунад. Зеро ҳангоми тарс аз беадолатӣ бо як зан кифоя кардан ба зулм накардан наздиктар ва яке аз сифатҳоест, ки мусулмон бояд онро дошта бошад.

Аммо бояд гуфт, ки дар рухсат ба серзанӣ адолат шарт нест, балки адолат ҳукми ҳолати мардест, ки бо якчанд зан издивоҷ кардааст ва ҳукми корест, ки дар ин гуна ҳолат бояд риоя карда шавад, инчунин тарғиб ба маҳдуд шудан ба як зан ҳангоми мавҷудияти хавфи беадолатӣ мебошад. Сабаб ин аст, ки ҷумла бо қавли зерин ба охир мерасад:

وَإِنْ خِفْتُمْ أَلاَّ تُقْسِطُواْ فِي الْيَتَامَى فَانكِحُواْ مَا طَابَ لَكُم مِّنَ النِّسَاء مَثْنَى وَثُلاَثَ وَرُبَاعَ

"***Аз занон ҳар чӣ шуморо писанд афтад, ду-ду ва се-се ва чаҳор-чаҳор***" [4:3].

Маъно ин аст, ки серзанӣ мутлақ ҷоиз аст. Сипас ҷумла ба охир расида, ҷумлаи нав оғоз мешавад:

"***Ва агар бими он доред, ки***". Мумкин нест, ки ин ҷумла шарт бошад, зеро он бо ҷумлаи пешина ҳамчун шарт вобаста нашудааст, балки ҷумлаест, ки аз нав оғоз ёфтааст. Агар Шореъ мехост, ки он шарт бошад, мегуфт: "***Агар адолат кунед, аз занон ҳар чӣ шуморо писанд афтад, ду-ду ва се-се ва чаҳор-чаҳор ба никоҳ дароваред***". Аммо дар оят ин тавр

гуфта нашудааст. Пас адолат на шарт, балки ҳукми шаръии алоҳида аст, ки аз ҳукми аввала фарқ мекунад. Зеро ҳукми якум ба издивоҷ бо чаҳор зан рухсат медиҳад ва ҳукми дуюм баён мекунад, ки агар мард пиндорад, ки агар серзан бошад, дар байни онҳо адолат карда наметавонад, бо як зан кифоя кардан беҳтар аст.

Аз ин аён мегардад, ки Аллоҳ Таоло ба серзанӣ бе ягон қайду шарт ва бе баён кардани иллат рухсат додааст. Ҳар як мусулмон метавонад бо хости худ бо ду, се ва чаҳор зан издивоҷ кунад. Бинобар ин, мебинем, ки Аллоҳ Таоло мегӯяд: яъне "***аз заноне, ки ба шумо писанд афтад***". Инчунин аён мегардад, ки албатта Аллоҳ Таоло моро ба адолат дар байни занон мефармояд ва мардро тарғиб мекунад, ки агар аз зулм кардан дар байни онҳо тарсад, бо як зан кифоя кунад, зеро бо як зан кифоя кардан ба зулм накардан наздиктар аст.

Адолате, ки талаб карда шудааст, на адолати мутлақ, балки адолат дар доираест, ки дар байни занон аз дасти инсон меояд. Зеро Аллоҳ Таоло инсонро ба корҳое мефармояд, ки аз тоқати ӯ берун нест. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

**لاَ يُكَلِّفُ اللّهُ نَفْسًا إِلاَّ وُسْعَهَا**

"***Аллоҳ ҳеҷ касро ҷуз ба андозаи тоқаташ мукаллаф намекунад***" [2:286].

Оре, калимаи дар сурати умумӣ омадааст:

**فَإِنْ خِفْتُمْ أَلاَّ تَعْدِلُواْ**

"***Ва агар бими он доред, ки ба адолат рафтор накунед***" [4:3].

Ин ҳамаи адолатро дар бар мегирад. Вале ин умумиятро бо ояти дигар ба корҳое, ки инсон қодир аст, хос мегардонад. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَلَن تَسْتَطِيعُواْ أَن تَعْدِلُواْ بَيْنَ النِّسَاء وَلَوْ حَرَصْتُمْ فَلاَ تَمِيلُواْ كُلَّ الْمَيْلِ فَتَذَرُوهَا كَالْمُعَلَّقَةِ

"***Ҳарчанд бикӯшид, ҳаргиз натавонед, ки дар миёни занон ба адолат рафтор кунед. Лекин якбора ба сӯи яке майл накунед, то дигареро саргашта раҳо карда бошед***" [4:129].

Аллоҳ Таоло дар ин оят баён мекунад, ки мо ба адолат дар байни занон ба андозае қодир ҳастем, ки ба баъзе занон тамоман моил нашавем ва ҳуқуқи онҳоро зиёд ё кам адо накунем. Бинобар ин, аз шумо адолати комил талаб карда нашуд, балки адолате талаб карда шуд, ки шумо аз ӯҳдаи он баромада метавонед ва шарт карда шуд, ки барои ин ба қадри тоқат кӯшиш намоед. Зеро фармоиш ба кори берун аз тавон ба доираи зулм дохил мешавад.

وَلَا يَظْلِمُ رَبُّكَ أَحَدًا

"***Парвардигори ту ба касе ситам намекунад***" [18:49].

Қавли зерини Аллоҳ Таоло:

فَلاَ تَمِيلُواْ كُلَّ الْمَيْلِ

"***Лекин якбора ба сӯи яке майл накунед***" [4:129]

баъд аз қавли дигари Ӯ Таоло омада, ба ин қавл вобаста мебошад:

وَلَن تَسْتَطِيعُواْ أَن تَعْدِلُواْ

"***Ҳаргиз натавонед, ки ба адолат рафтор кунед***" [4:129].

Ин далолат мекунад, ки дар муҳаббат ба адолат қодир намешавед ва дар чизҳои дигар ҷуз муҳаббат адолат ҷой дошта метавонад. Дар ояти пешина низ айнан ҳамин чиз воҷиб гардонида шудааст. Пас адолате, ки талаб карда мешавад, ба чизҳое ҷуз муҳаббат хос аст. Муҳаббат ва алоқаи ҷинсӣ аз ин адолат мустасност. Зеро адолат дар ин ду чиз воҷиб нест. Зеро инсон наметавонад дар муҳаббати худ адолат кунад. Ҳадисе, ки аз Оиша (р) ривоят карда шудааст, ин фикрро тасдиқ мекунад:

"***Расулуллоҳ (с) дар тақсими чизҳо адолат мекарданд ва мегуфтанд: "Парвардигоро, ин тақсимоти ман дар чизҳоест, ки ба он қодир ҳастам. Маро дар чизе, ки ба он танҳо Ту қодир ҳастӣ ва ман қодир нестам, маломат накун***"".

Ин ҳадисро Ҳоким ва Ибни Ҳиббон овардаанд. Пас аз ибораи "чизе, ки ман қодир нестам" қалби худро дар назар доштаанд. Ибни Аббос дар бораи ояти зерин:

وَلَن تَسْتَطِيعُواْ أَن تَعْدِلُواْ بَيْنَ النِّسَاء

"***Ҳаргиз натавонед, ки дар миёни занон ба адолат рафтор кунед***" [4:129],

гуфтааст: "***Дар муҳаббат ва алоқаи ҷинсӣ***". Аллоҳ Таоло фармудааст, ки мард аз моилшавии том ба баъзеи занон худдорӣ кунад. Ин далолат мекунад, ки моилшавӣ мубоҳ аст. Зеро маънои наҳй аз моилшавии том ин аст, ки моилшавӣ мубоҳ мебошад. Масалан, ояти зерини Аллоҳ Таоло:

وَلاَ تَبْسُطْهَا كُلَّ الْبَسْطِ

"***Ва на ба саховат якбора бикушой***" [17:29],

ки аз дасткушодии том боздоштааст, ба мубоҳии дасткушодӣ далолат мекунад.

Аз ин рӯ, Аллоҳ Таоло рухсат додааст, ки шавҳар ба баъзеи занонаш моил шавад. Вале Аллоҳ Таоло аз табдил додани ин моилшавӣ ба моилшавии том, ки ҳама чизро фаро мегирад, боздошт. Балки моилшавӣ дар корҳое, ки ба калимаи моилшавӣ мувофиқ меояд, рух медиҳад, яъне дар муҳаббат ва рағбат ба алоқаи ҷинсӣ. Пас маънои оят ин аст, ки аз моилшавии том худдорӣ кунед. Зеро шумо, агар ба баъзеи занони худ батамом моил шавед, занони дигари худро ба зани муаллақа, ки на шавҳар дораду на талоқ дода шудааст, табдил медиҳед. Абӯҳурайра ривоят мекунад, ки Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"***Ҳар кас ду зан дошта бошад ва назар ба яке ба дигаре бештар моил шавад, рӯзи қиёмат як тарафи худро кашолкунон меояд, ки он фурӯ рафтааст ё каҷ шудааст***".

Ин ҳадисро Ибни Ҳиббон дар "Саҳеҳ"-и худ овардааст.

Бинобар ин, адолате, ки дар зиммаи шавҳар воҷиб гардонида шудааст, дар корҳоест, ки шавҳар дар байни занони худ тақсим карда метавонад, монанди ҳамхобагии шабона, хӯрок, пӯшок ва ғайра. Аммо дар корҳое, ба маънои моилӣ, яъне муҳаббат ва рағбат ба алоқаи ҷинсӣ адолат воҷиб нест. Зеро инсон ба ин гуна кор қодир нест ва ин гуна моилӣ дар нусуси Қуръон аз моилии умумӣ истисно карда шудааст.

Мавзӯи серзанӣ, ки дар нусуси шаръӣ омадааст, ҳамин аст. Аз омӯзиши ин нусус ва маъноҳои луғавию шаръии онҳо, аз таҳқиқи маъноҳои ин нусус ва аҳкоме, ки аз онҳо истинбот

карда шудаанд, аён мегардад, ки Аллоҳ Таоло бе ягон қайду шарт ба серзанӣ рухсат додааст. Нусус дар ин бора бе баёни иллат омадаанд. Аллоҳ Таоло ҳукми худро бо ибораҳое ифода кардааст, ки ба вуҷуд надоштани иллат дар ин ҳукм далолат мекунанд:

مَا طَابَ لَكُم مِّنَ النِّسَاء

"***Аз занон ҳар чӣ шуморо писанд афтад***" [4:3].

Бинобар ин, мо набояд аз чорчӯбаи нусуси шаръӣ ва аз чорчӯбаи аҳкоми шаръӣ, ки аз ин нусус истинбот карда шудаанд, берун шавем. Ҳеҷ мумкин нест, ки адолат, эҳтиёҷ ва чизи дигарро ба ин ҳукм иллат нишон диҳем, зеро ин нусус ба ҳукм иллат нишон надодааст ва дар дигар нусуси шаръӣ низ ба ин ҳукм иллат ворид нашудааст. Воҷиб аст, ки иллати ҳукм иллати шаръӣ бошад, яъне барои ҳукми шаръӣ эътибор карда шудани ҳукме, ки бо воситаи иллат истинбот карда мешавад, ин иллат бояд дар нусуси шаръӣ омада бошад. Агар иллат иллати ақлӣ бошад ё дар нусуси шаръӣ наомада бошад, ҳукме, ки бо воситаи он истинбот карда мешавад, ҳукми шаръӣ эътибор карда намешавад, балки ҳукме ба ҳисоб меравад, ки инсон тартиб додааст ва татбиқ кардани ин ҳукм ҳаром мебошад. Зеро тамоми аҳкоме, ки ба шариат асос наёфтаанд, ҳукми куфр мебошанд. Ҳукми шаръӣ, ки дар таъриф "хитоби Шореъ" номида шудааст, тақозо мекунад, ки тамоми ҳукм аз хитоби Шореъ истинбот карда шавад. Ҳукм ё аз насс, ё аз мафҳум, ё аз далолат ва ё аз ишораи насс ба ҳукми шаръӣ истинбот карда мешавад. Ҳар як ҳукм, ки ин ишора мавҷуд аст, ҳукми шаръӣ мебошад. Ин ишора иллати шаръиест, ки дар нусус ё сароҳатан, ё далолатан, ё истинботан, ё қиёсан омадааст. Агар ин ишора, яъне иллат дар нусус наомада бошад, ин гуна иллат арзише надорад. Аз ин аён мегардад, ки дар серзанӣ нишон додани ягон иллат

мумкин нест, зеро дар хитоби Шореъ ба он ягон иллат наомадааст. Ҳар гуна иллат ҷуз иллате, ки дар хитоби Шореъ омадааст, дар машрӯияти ҳукм мутлақо арзиш надорад.

Вале мумкин набудани нишон додани иллати ҳукми шаръӣ маънои онро надорад, ки шарҳи воқеъе, ки аз самараи ин ҳукми шаръӣ ҳосил мешавад ва воқеи муаммоҳое, ки ин ҳукм муолиҷа мекунад, номумкин бошад. Ин кор на нишон додани иллати ҳукм, балки шарҳи воқеъ мебошад. Фарқи шарҳ додани воқеъ ва нишон додани иллати ҳукм ин аст, ки барои нишон додани иллати ҳукм иллат бояд доимӣ бошад ва ҳукмҳои дигар бо тамоми чизҳое, ки дар ин иллат мавҷуд аст, қиёс карда шавад. Аммо шарҳ додани воқеъ дар аснои ҳамин шарҳ баён кардани тамоми чизҳоест, ки хоҳ ин чизҳо доимӣ бошанд, хоҳ на, воқеъ онҳоро дар бар мегирад ва ба он дигареро қиёс кардан ҷоиз нест. Аз ин рӯ, аз самараҳои серзанӣ аён мегардад, ки дар ҷамоате, ки ба серзанӣ рухсат медиҳад, пайдо кардани ишқбозону хушдорон рух намедиҳад ва дар ҷамоате, ки ба серзанӣ рухсат дода намешавад, ҳолатҳои пайдо кардани ишқбозон рух медиҳад. Дар илова гуфтан мумкин аст, ки серзанӣ муаммоҳои зиёдеро, ки дар ҷамоати инсонӣ бо эътибори ҷамоати инсонӣ пайдо мешаванд, ҳал мекунад ва ҳалли ин муаммоҳо ба рухсат додан ба серзанӣ мӯҳтоҷ мебошад. Дар поён аз ин гуна муаммоҳо мисолҳо меорем:

1. Баъзе мардон табиати ғайриоддӣ доранд, ки бо як зан кифоя намекунанд. Бинобар ин, мардони мазкур як занро азобу озор медиҳанд ё вақте ки барои издивоҷ бо зани дуюм, сеюм ва чаҳорум дарро баста меёбанд, ба занони дигар рағбат мекунанд. Дар ин ҳолат зарарҳо, монанди густариши корҳои фаҳш дар байни мардум ва пайдо шудани бадгумонӣ ва шубҳаҳои бемаврид дар байни аъзоёни оила, ба вуҷуд

меоянд. Бинобар ин, касоне, ки ин гуна табиат доранд, барои қонеъ гардонидани талабҳои ҷисмонии худ бояд дари роҳи ҳалолро, ки Аллоҳ онро нишон додааст, дар ҳоли кушода пайдо кунанд.

2. Баъзан зан метавонад бенасл ва нозой бошад, лекин дар қалби зану шавҳар муҳаббате мавҷуд мешавад, ки ҳар дуро ба идомаи ҳаёти осоиштаи заношӯӣ такон медиҳад. Шавҳар мехоҳад фарзанд бинад ва кӯдаконро дӯст медорад. Агар ба ин мард ба издивоҷ бо зани дигар рухсат дода нашавад ва ӯ барои издивоҷ дарро дар ҳоли кушода пайдо накунад, дар ин ҳол мард бояд зани пештараро талоқ диҳад, ки дар натиҷа бино ва осоиштагии оила барбод меравад ва ҳаёти осоиштаи заношӯӣ барҳам мехӯрад. Ё мард бояд аз неъмати наслгузорӣ ва фарзанд маҳрум гардад, ки дар натиҷа падар аз истифодаи ғаризаи навъ боздошта мешавад. Бинобар ин, бояд шароити васеъ фароҳам бошад, ки ин гуна мард ба болои зан бо зани дигар издивоҷ карда тавонад, то аз ӯ соҳиби фарзандони матлуб гардад.

3. Баъзан зан мубталои беморие мегардад, ки монеи алоқаи ҷинсӣ бо шавҳар мегардад ё ба адои корҳои шавҳар, оила ва фарзандон роҳ намедиҳад. Бо вуҷуди ин, зани мазкур барои шавҳар бақадр ва маҳбуб мебошад. Шавҳар намехоҳад, ки ӯро талоқ диҳад ва бе зани дигар зиндагии ӯ бо ин зан ғайриимкон мегардад. Пас дар ин гуна ҳолат барои издивоҷ бо беш аз як зан дарро дар назди шавҳар васеъ кушодан лозим аст.

4. Гоҳо ҷангҳо ва шӯришҳое рух медиҳад, ки дар натиҷа ҳазорҳо ё миллионҳо мардон ҳалок мегарданд ва мувозинат дар байни шумораи мардону занон вайрон мешавад. Масалан, дар давраи ҷанги якум ва дуюми ҷаҳон дар тамоми олам, хусусан дар Аврупо ҳамин ҳолат рух додааст. Агар мард бо

беш аз як зан издивоҷ накунад, дигар занони зиёд чӣ кор мекунанд? Онҳо маҳкуми зиндагие мебошанд, ки дар он аз ҳаёти оилавӣ, осоиштагии хонавода ва лаззати заношӯӣ маҳруманд. Илова бар ин, вақте ки ғаризаи навъ бармеангезад, метавонад корҳоеро ба вуҷуд орад, ки барои ахлоқ хатарнок аст.

5. Баъзан дар як миллат, ё як халқ, ё як кишвар таваллудшавии мардону занон баробар намешавад. Гоҳо шумораи занон нисбат ба мардон бештар мегардад ва мувозинат аз байн меравад. Ин ҳолат дар миллату халқҳои зиёд рух медиҳад. Дар ин гуна ҳолат танҳо бо рухсат додан ба серзанӣ ҳалли ин муаммо имконпазир аст.

Ин муаммоҳоест, ки дар ҷамоатҳои инсонии миллату халқҳои гуногун рух медиҳанд. Агар серзанӣ манъ карда шавад, муаммоҳои мазкур ҳалли худро намеёбанд, зеро онҳоро танҳо бо рухсат додан ба серзанӣ ҳал кардан мумкин аст. Пас барои ҳалли муаммоҳое, ки дар инсон ба вуҷуд меояд, ба серзанӣ рухсат додан зарур аст. Дар ҳақиқат Ислом ба серзанӣ рухсат додааст, вале серзаниро воҷиб нагардонидааст. Ба серзанӣ рухсат додан кори зарурист. Лекин бояд донист, ки мисолҳои дар боло зикршуда муаммоҳоест, ки дар инсон ва ҷомеаи башарӣ ба вуҷуд меоянд, ин мисолҳо на иллати серзанӣ ва на шарти ҷоизии серзанӣ, балки муаммоҳои воқеии рухдиҳанда мебошанд. Мард ба издивоҷ бо дуюм, сеюм ва чаҳорум зан мутлақо ҳақ дорад ва дар ин пайдо шудани муаммоҳои мӯҳтоҷи серзанӣ эътибор надорад. Зеро Аллоҳ Таоло мегӯяд:

مَا طَابَ لَكُم مِّنَ النِّسَاء مَثْنَى وَثُلاَثَ وَرُبَاعَ

"***Аз занон ҳар чӣ шуморо писанд афтад, ду-ду ва се-се ва чаҳор-чаҳор ба никоҳ дароваред***" [4:3].

Дар ин оят гуфта шудааст:

"***Ҳар чӣ писанд афтад***" ва бе ягон қайду шарт умумӣ гардонидааст. Аммо ба кифоя кардан бо як зан шариат танҳо дар як ҳолат, яъне дар ҳолати вуҷуди тарс аз беадолатӣ тарғиб кардааст. Ҷуз ин ҳам дар Қуръон ва ҳам дар ҳадис ба кифоя кардан бо як зан тарғиб накардааст. Серзанӣ ҳукми шаръиест, ки дар Қуръони карим бо далел сароҳатан омадааст, вале сақофати капиталистӣ ва тарғиботи васоити ахбори оммавӣ, ки Ғарб на бар зидди динҳои дигар, балки айнан бар зидди Ислом ба роҳ мемонад, серзаниро басо зишт тасвир намуд ва ба коре табдил дод, ки бо он динро таҳқир ва беобрӯ мегардонад. Омиле, ки онҳоро ба ин кор такон медиҳад, на айбу нуқсонест, ки дар аҳкоми Аллоҳ ба мулоҳиза расида бошад, балки маҳз хоҳиши зарба задан ба Ислом мебошад. Ин ташвиқот ба мусулмонон, хусусан ба ҳокимон, омӯзандагони ҷавон таъсир расонид ва касонеро, ки ҳисҳои исломӣ қалбашонро тарк накардааст, дар натиҷаи таъсири тарғиботи ботили душманони Ислом ба ҳимоя кардани Ислом ва таъвили ботилу нодуруст, ки серзаниро манъ мекунад, такон дод. Бинобар ин, бояд мусулмононро огоҳ сохт, ки коре, ки шариат зебо муқаррар кардааст, зебо ва коре, ки шариат зишт муқаррар кардааст, зишт, коре, ки шариат ҳалол гардонидааст, зебо ва коре, ки шариат ҳаром гардонидааст, зишт мебошад. Шариат ба серзанӣ хоҳ натиҷаи хуб диҳад, хоҳ на, хоҳ муаммоҳои пешомадаро ҳал кунад, хоҳ на рухсат додааст ва дар Қуръон дар ин бора нусус омадааст. Пас серзанӣ кори зебо ва манъи серзанӣ кори зишт аст. Зеро манъи серзанӣ ҳукми куфр аст. Бояд равшан бошад, ки Ислом серзаниро на фарз ва на мандуб гардонидааст, балки кори мубоҳ гардонидааст, ки мусулмонон онро, агар лозим донанд, иҷро карда метавонанд. Мубоҳ гардонидани серзанӣ далолат мекунад, ки серзанӣ имконият барои мардон мебошад, то

ҳангоми зарурат аз он истифода карда тавонанд. Агар хоҳиш дошта бошанд, аз имконияте, ки Ислом рухсат додааст, истифода мекунанд, то аз заноне, ки ба онҳо писанд аст, худро маҳрум насозанд. На воҷиб, балки мубоҳ гардонида шудан серзаниро барои ҷомеа ва ҷамоатҳои инсонӣ ба ҳалли судмандтарин табдил медиҳад.

# *ИЗДИВОҶИ РАСУЛУЛЛОҲ (С)*

Ояти зерини Аллоҳ Таоло:

وَإِنْ خِفْتُمْ أَلاَّ تُقْسِطُواْ فِي الْيَتَامَى فَانكِحُواْ مَا طَابَ لَكُم مِّنَ النِّسَاء مَثْنَى وَثُلاَثَ وَرُبَاعَ فَإِنْ خِفْتُمْ أَلاَّ تَعْدِلُواْ فَوَاحِدَةً أَوْ مَا مَلَكَتْ أَيْمَانُكُمْ ذَلِكَ أَدْنَى أَلاَّ تَعُولُواْ

"***Аз занон ҳар чӣ шуморо писанд афтад, ду-ду ва се-се ва чаҳор-чаҳор ба никоҳ дароваред. Ва агар бими он доред, ки ба адолат рафтор накунед, танҳо як зан бигиред ё ҳар чӣ молики он шавед***" [4:3],

дар охирҳои соли ҳаштуми ҳиҷрӣ баъд аз издивоҷи Расулуллоҳ (с) ба ҳама ҳамсарони худ нозил шуд. Вақте ки ин

оят нозил шуд. Расулуллоҳ (с) аллайкай бо беш аз чаҳор зан издивоҷ карда буданд. Ягон нафари ин занонро тарк накарданд ва бо ҳамаи онҳо зиндагӣ карданро идома доданд. Зеро издивоҷ бо занони беш аз чаҳор зан на ба мусулмонони дигар, балки танҳо ба Расулуллоҳ (с) хос мебошад. Издивоҷи Расулуллоҳ (с) бо беш аз чаҳор зан ва ҳамзистии он кас бо ин занон баъд аз нузули ояте, ки занонро ба чаҳор адад маҳдуд сохт, далолат мекунад, ки издивоҷ бо беш аз чаҳор зан танҳо ба Расулуллоҳ (с) хос мебошад. Амали Расулуллоҳ (с) ба суханашон зид намеояд. Агар дар байни амалу суханашон зиддият пайдо шавад, пас амалашон ба худи он кас хос ва суханашон ба тамоми уммат умумӣ мебошад. Зеро дар илми усул чунин қоида вуҷуд дорад: "Амали Расулуллоҳ (с) ба суханашон, ки ба уммат хос аст, зид намеояд, балки ба худашон хос мешавад" (яъне агар амали Расулуллоҳ (с) ба суханашон, ки ба уммат хос аст, зид ояд, пас ин амалест, ки танҳо ба он кас хос аст). Зеро фармони Расулуллоҳ (с) ба уммат хос аст ва далелҳое ҳастанд, ки пайравиро аз эшон бо намунагирӣ дар сухану амал тақозо мекунанд. Пас умумият ба хос асос меёбад. Бинобар ин, аз ин кори хилофи коре, ки уммат ба он фармуда шудааст, намуна гирифтан мумкин нест. Зеро дар бораи издивоҷи Расулуллоҳ (с) бо беш аз чаҳор зан ва баҳраманд шудани эшон аз заноне, ки худро ҳадя кардаанд, оятҳои Қуръони карим зикр кардааст. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

**يَا أَيُّهَا النَّبِيُّ إِنَّا أَحْلَلْنَا لَكَ أَزْوَاجَكَ اللَّاتِي آتَيْتَ أُجُورَهُنَّ وَمَا مَلَكَتْ يَمِينُكَ مِمَّا أَفَاء اللَّهُ عَلَيْكَ وَبَنَاتِ عَمِّكَ وَبَنَاتِ عَمَّاتِكَ وَبَنَاتِ خَالِكَ وَبَنَاتِ خَالَاتِكَ اللَّاتِي هَاجَرْنَ مَعَكَ وَامْرَأَةً مُّؤْمِنَةً إِن وَهَبَتْ نَفْسَهَا لِلنَّبِيِّ إِنْ أَرَادَ النَّبِيُّ أَن يَسْتَنكِحَهَا خَالِصَةً لَّكَ مِن دُونِ الْمُؤْمِنِينَ قَدْ عَلِمْنَا مَا فَرَضْنَا عَلَيْهِمْ فِي أَزْوَاجِهِمْ وَمَا مَلَكَتْ أَيْمَانُهُمْ لِكَيْلَا يَكُونَ عَلَيْكَ حَرَجٌ وَكَانَ اللَّهُ غَفُورًا رَّحِيمًا**

"***Эй пайғамбар, Мо занонеро, ки маҳрашонро додаӣ ва ононро, ки ба унвони ғаноими ҷангӣ, ки Аллоҳ ба ту арзонӣ доштааст, молик шудаӣ ва духтари амуҳо ва духтари аммаҳо ва духтари доиҳо (тағоҳо) ва духтари холаҳои туро, ки бо ту муҳоҷират кардаанд, бар ту ҳалол кардем ва низ зани мўъминеро, ки худро ба пайғамбар бахшида бошад, ҳар гоҳ пайғамбар бихоҳад, ўро ба занӣ гирад. Ин ҳукми веҷаи туст, на дигар мўъминон. Мо медонем дар бораи занонашон ва канизонашон чӣ ҳукме кардаем, то барои ту мушкиле пеш наёяд***" [33:50].

Дар оят гуфта мешавад:

خَالِصَةً لَّكَ مِن دُونِ الْمُؤْمِنِينَ

"***Ин ҳукми веҷаи туст, на дигар мўъминон***" [33:50].

Калимаи дар оят асли калимаест, ки барои таъкиди маънои ҷумлаи пешина омадааст, яъне ба маънои: "***Ин коре, ки ба шумо рухсат дода шуд, танҳо барои шумо холис гардонида шуд***". Далели фарогирандаи тамоми корҳои пеш аз худ будани оят бо хос гардонидани ин корҳо ба Расулуллоҳ (с) ин аст, ки оят баъд аз чаҳор чизи ҳалол кардашуда омадааст, яъне ин чаҳор чизи ҳалол кардашуда, монанди ҳалол будани занон, канизон, ки бевосита аз ғанимат омадаанд, духтарони хешовандон, ки бо эшон ҳиҷрат кардаанд ва худро ҳадя кардани зан мебошад ва ин бо роҳи таъкид омадааст. Ин сухан баъд аз итмоми маънои мазкур ва сухани:

قَدْ عَلِمْنَا مَا فَرَضْنَا عَلَيْهِمْ فِي أَزْوَاجِهِمْ وَمَا مَلَكَتْ أَيْمَانُهُمْ

"***Мо медонем дар бораи занонашон ва канизонашон чӣ ҳукме кардаем***" [33:50]

баъд аз сухани:

مِن دُونِ الْمُؤْمِنِينَ

"***На дигар мӯъминон***" [33:50]

омадааст, ки фикри моро бори дигар тасдиқ мекунад. Ин далолат мекунад, ки ин аз корҳое, ки ба мӯъминон фарз гардонида шудааст, фарқ мекунад. Бинобар ин, баъд аз ҳамаи ин сухани зерин омадааст:

لِكَيْلَا يَكُونَ عَلَيْكَ حَرَجٌ

"***То барои ту мушкиле пеш наёяд***" [33:50],

яъне то ки ба ту душвор нагардад.

Бинобар ин, издивоҷи Расулуллоҳ (с) дар амал намуна қарор дода намешавад ва дар тартиб додани қонун мавзӯи баҳс дониста намешавад, зеро кори мазкур аз корҳоест, ки ба худи Расулуллоҳ (с) хос мебошад. Илова бар ин, издивоҷи Расулуллоҳ (с) нишон медиҳад, ки ин издивоҷ на издивоҷи касе, ки аз ҷиҳати алоқаи мардӣ ва занӣ бо мақсади қонеъ гардонидани талаби ҷинсии худ барои алоқаи ҷинсӣ издивоҷ кардааст, балки издивоҷи пайғамбар буд. Аз муроҷиат ба ҳақиқати таърихӣ аён мегардад, ки Пайғамбар (с) дар синни 23 бо Хадиҷа (р) издивоҷ кардаанд ва модарамон Хадиҷа дар тӯли бисту ҳашт сол ҳамсари ягонаи Расулуллоҳ (с) буд. Модарамон Хадиҷа соли ёздаҳуми пайғамбарӣ, яъне ду сол пеш аз ҳиҷрат, якчанд моҳ пас аз бекор гардидани саҳифа ва каме пеш аз сафари Тоиф вафот кард. Ин дар соли 620-уми милодӣ буд, ки он вақт Расулуллоҳ (с) дар синни 50 буданд. Расулуллоҳ (с) баъд аз издивоҷ бо модарамон Хадиҷа, гарчи дар ҳамон давра дар байни арабҳо серзанӣ васеъ интишор

ёфта бошад ҳам, ба болои занашон зан гирифтанро фикр накарданд. Эшон бо Хадиҷа пеш аз пайғамбарӣ ҳабдаҳ сол ва баъд аз пайғамбарӣ тақрибан ёздаҳ сол осуда умр ба сар бурданд, вале дар бораи издивоҷ андешае накарданд. Ҳам ҳангоми издивоҷ бо Хадиҷа (р) ва ҳам пеш аз он ба мушоҳида нарасидааст, ки Расулуллоҳ (с) ба зебоии занон мароқ зоҳир карда бошанд. Ҳол он ки бе сатри аврат гаштани занон дар ҷоҳилият мардонро ҷалб мекард. Як ҳолати ғайритабиист, ки баъд аз панҷоҳсолагӣ дар ин кас дигаргунии куллӣ рух дод ва бо як зан қаноат накарданд. Бинобар ин, гувоҳ мешавем, ки болои ҳам издивоҷ карданд ва ёздаҳ занро ба никоҳ гирифтаанд, дар синни панҷоҳу панҷ ҳафт занро дар никоҳи худ ҷамъ овардаанд, баъд аз синни панҷоҳу панҷ дар тӯли ҳафт соли охири умрашон нӯҳ занро дар никоҳи худ нигоҳ доштаанд. Магар мумкин аст, ки корҳои мазкур аз тарафи марди ин синну сол аз рӯи рағбат ба занон содир гардад? Ё бо воситаи кӯшиш ба қонеъгардонии ғаризаи навъ бо алоқаи ҷинсӣ содир гардад? Ё омилҳои дигари тақозокунандаи воқеи ҳаёте, ки Расулуллоҳ (с) дар он зиндагӣ мекарданд, яъне воқеи ҳаёти пайғамбарӣ, ки ба таблиғи мардум фармуда шудааст, ба ин кор такон додааст? Барои фаҳмидани ин нукта издивоҷи Пайғамбар (с)-ро баррасӣ хоҳем кард.

Соли ёздаҳуми пайғамбарӣ, яъне баъд аз вафоти Хадиҷа (р) Расулуллоҳ (с) дар бораи издивоҷ андеша карданд. Ин ҳангом дар синни панҷоҳ буданд. Пас ба Оиша бинти Абӯбакр, ки падараш дӯсташон ва аввалин шуда имон оварда буд, хостгорӣ намуданд. Оишаро ба никоҳи худ гирифтанд, ки ӯ духтараки шашсола буд. Лекин муҷомаати онҳо баъд аз се сол, баъд аз ҳиҷрат ба Мадина рух дод, ки Оиша дар ин вақт нӯҳсола шуда буд. Расулуллоҳ (с), вақте ки Оишаро ба никоҳ гирифтанд, бо Савда бинти Замоа низ издивоҷ карда буданд. Савда беваи Сакрон ибни Амр ибни Абӯшамс буд, ки ин мард

яке аз муҳоҷирони Ҳабашистон буд ва баъд аз баргашт ба Макка вафот кард. Савда ҳамроҳи Сакрон мусулмон шуда, ҳиҷрат кард ва машаққати зиёд чашид. Расулуллоҳ (с) бо ин зан баъд аз вафоти шавҳараш издивоҷ карданд. Ривоят карда нашудааст, ки Савда аз тамаъҳои дунё, монанди ҳусну ҷамол, молу сарват ва обрўву мартаба, ки ба издивоҷи ў ҳарисиро пайдо кунад, дошта бошад. Аз ин аён мегардад, ки мақсад аз издивоҷи Расулуллоҳ (с) бо ин зан баъд аз вафоти шавҳараш ба зери парастории худ гирифтан ва ба дараҷаи модари мўъминон бардоштани мартабаи ў буд. Расулуллоҳ (с) баъд аз ҳиҷрат барои Савда дар назди масҷид хона сохтанд ва ин аввалин хонае буд, ки барои ҳамсарони эшон сохта шудааст.

Соли якуми ҳиҷрат баъд аз анҷоми корҳои бародаркунонии ансориёну муҳоҷирон Пайғамбар (с) дар назди масҷид дар ҳамсоягӣ бо Савда Оишаро ҷойгир намуда, бо ў муҷомаат карданд. Ба Абўбакр, ки ҳам дўст ва ҳам вазирашон буд, ба зиёрати духтараш изн доданд.

Соли дуюми ҳиҷрат баъд аз ғазоти Бадр ва пеш аз ғазоти Уҳуд бо Ҳафса бинти Умар ибни Хаттоб издивоҷ карданд. Ҳафса пеш зани Ҳаниш буд, ки ин мард аввалин шуда мусулмон шудааст. Дар ин ҳангом аз вафоти Ҳаниш ҳафт моҳ гузашта буд. Расулуллоҳ (с) бо издивоҷ бо модарамон Ҳафса ба Умар ибни Хаттоб, ки дўст ва дуюм вазирашон буд, ба зиёрати духтараш изн доданд. Издивоҷи он кас бо Оиша ва Ҳафса натанҳо издивоҷ, балки издивоҷ бо духтарони ду вазир ва ёвари худ, яъне ду мулозими худ буд, ки дар даъват, ҳокимият, ҷанг ва ғайра дар паҳлуи он кас меистоданд. Оиша барои Расулуллоҳ (с) маҳбуб ва зебо буд, вале модарамон Ҳафса ин гуна сифат надоштанд. Ин нишон медиҳад, ки мақсад аз издивоҷ бо ҳар ду чизи дигар ҷуз қонеъгардонии эҳтиёҷи ҷинсӣ буд.

Соли панҷуми ҳиҷрат дар ғазоти Банӣ-Мусталиқ бо Ҷувайрия бинти Ҳорис ибни Абӯзирор издивоҷ карданд. Сабаби издивоҷ бо ин зан наздик кардани падараш ва баланд бардоштани мартабаи ин зан буд. Зеро ин зан аз асирони Банӣ-Мусталиқ буд, ки ба ҳиссаи як ансорӣ афтидааст. Ҷувайрия, ки духтари сардори қабилаи Банӣ-Мусталиқ буд, аз хоҷаи худ озод шуданро хост. Ансорӣ, бо сабаби он ки духтари сардори Банӣ-Мусталиқ будани ӯро медонист, нархи фидяро қимат гуфт. Падараш барои озод кардани духтараш ба ҳузури Расулуллоҳ (с) фидяро овард ва духтарашро озод намуд. Дар ин асно ӯ ба пайғамбарии Расулуллоҳ (с) имон овард ва мусулмон шуд. Сипас духтараш Ҷувайрияро ба ҳузури Расулуллоҳ (с) овард ва духтар низ мисли падараш мусулмон шуд. Сипас Расулуллоҳ (с) аз сардор дасти духтарашро пурсиданд ва сардор духтарашро ба Расулуллоҳ (с) дод. Издивоҷи Расулуллоҳ (с) бо Ҷувайрия издивоҷ бо духтари сардори қабилаи таслимшуда буд, ки бо ин роҳ ба даст даровардани дӯстии сардори қабиларо ирода кардаанд.

Соли ҳафтуми ҳиҷрат баъд аз пирӯзӣ бар Хайбар бо Сафия, ки духтари яке аз сардорони яҳудӣ Ҳуяй ибни Аҳтоб буд, издивоҷ карданд. Ҳикояи издивоҷи мазкур ин аст, ки Сафия аз асирони ҳисори Хайбар буд. Баъзе мусулмонон ба Расулуллоҳ (с) гуфтанд: "Сафия аз занони бузурги қабилаҳои Банӣ-Қурайза ва Банӣ-Назир ва танҳо ба шумо муносиб аст". Расулуллоҳ (с) ӯро озод намуда, сипас бо ӯ издивоҷ карданд. Ҳамин тавр, ӯро аз ғуломӣ озод намуда, обрӯяшро нигоҳ доштанд ва мартабаашро бардоштанд. Тавре ки ривоят карда шудааст, Абӯайюб Холиди Ансорӣ тарсид, ки аз алами куштори падар, бародар ва қавмаш аз тарафи Расулуллоҳ (с) дар қалби Сафия адоват пайдо шавад. Бинобар ин, дар атрофи чодаре, ки Расулуллоҳ (с) дар баргашт аз Хайбар бо Сафия издивоҷ карда буданд, дар ҳоли мусаллаҳ посбонӣ намуд.

Расулуллоҳ (с) дар субҳ ӯро диданд ва гуфтанд: "Дар ин ҷо чӣ кор мекунӣ?" Абӯайюб гуфт: "Тарсидам, ки аз ин зан ба шумо зараре расад, зеро шумо падар, бародар ва қавмашро куштаед, худаш навакак аз куфр халос хӯрдааст". Пайғамбар (с) ӯро ором карданд. Сафия то вафоти Расулуллоҳ (с) бо садоқат ва вафо ҳамроҳи эшон умр ба сар бурд.

Соли ҳаштуми ҳиҷрат бо Маймуна, ки хоҳари Уммулфазл – зани амакашон Аббос ибни Абдулмутталиб буд, издивоҷ кард. Ин воқеа дар охири "Умраи Қазо" буд. Ҳикояи издивоҷ чунин аст: Маймуна дар синни бисту шаш буд ва дар никоҳ хоҳараш Уммулфазлро вакил кард. Маймуна дар "Умраи Қазо" аҳволи мусулмононро дида, нисбат ба Ислом ҳимматаш афзуд ва Аббосро бо таклиф ба ҷияни худ сайидамон Муҳаммад (с) миёнарав кард ва таклиф кард, ки он кас ӯро ба никоҳ гиранд. Пайғамбар (с) ин таклифро қабул карданд. Се рӯзе, ки дар аҳдномаи Ҳудайбия нишон дода шуд, ба охир расида буд. Расулуллоҳ (с) аз издивоҷ бо Маймуна барои нарм гардонидани вазъи тезутунд бо Қурайш истифода бурдан хостанд. Ба ҳузури Расулуллоҳ (с) Суҳайл ибни Амр ва Ҳувайтиб ибн Абдулуззо аз тарафи Қурайш ба ҳайси сафир омаданд ва гуфтанд: "Муддати ҳузури шумо дар ин ҷо ба охир расид, акнун биравед". Расулуллоҳ (с) ба онҳо гуфтанд: "Чӣ мегӯед, ки дар назди шумо издивоҷ ва тӯй кунам, ба шумо зиёфат диҳам". Онҳо гуфтанд: "Зиёфати шумо ба мо даркор нест, биравед". Расулуллоҳ (с) бе ягон дудилагӣ ба роҳ баромаданд ва мусулмонон аз он кас пайравӣ намуданд.

Издивоҷи Расулуллоҳ (с) бо Зайнаб бинти Хузайма ва Уммусалама издивоҷ бо бевазани ду саҳоба буд, ки дар майдони ҷанг шаҳид шудаанд. Зайнаб бинти Хузайма зани Убайда ибни Ҳорис ибни Мутталиб буд, ки ӯ дар ғазоти Бадр шаҳид шудааст. Зайнаб бинти Хузайма зани зебо набуд, вале

бо покӣ ва эҳсони худ ба унвони Уммулмасокин сазовор гаштааст. Ба ин зан ҷавонмардони зиёд хостгорӣ мекарданд. Соли дуюми ҳиҷрат Расулуллоҳ (с) ин занро баъд аз шаҳид шудани шавҳараш дар ҷанги Бадр ба никоҳи худ гирифтанд. Ҳанӯз ду сол нагузашта Зайнаб бинти Хузайма вафот кард. Ӯ зане буд, ки ки пеш аз Расулуллоҳ (с) ва баъд аз модарамон Хадиҷа вафот кардааст. Уммусалама зани Абӯсалама буд ва аз ӯ якчанд писар дошт. Абӯсалама дар ғазоти Уҳуд ҷароҳат бардошт. Баъд аз сиҳат шудани ин ҷароҳат Расулуллоҳ (с) ӯро ба ҷанг бар зидди қабилаи Банӣ-Асад ба ҳайси парчамбардор фиристоданд. Ӯ бо пирӯзӣ ва ғанимат баргашт. Сипас ҷароҳати ӯ, ки дар Уҳуд бардошта буд, варам кард ва ӯ аз ин ҷароҳат вафот кард. Вақте ки Абӯсалама дар бистари марг мехобид, Расулуллоҳ (с) ба аёдати ӯ омада, дар ҳаққаш дуоҳои нек карданд ва то таслим кардани ҷонаш дар назди ӯ нишастанд, сипас чашмонашро пӯшиданд. Чаҳор моҳ пас аз вафоти Абӯсалама Расулуллоҳ (с) ба Уммусалама хостгорӣ карданд. Ӯ узр хост, ки серфарзанд ва солхӯрда мебошад. Вале Расулуллоҳ (с) дар талаби худ исрор варзиданд ва бо ӯ издивоҷ карда, дар тарбияи писаронаш аҳамият доданд. Пас Расулуллоҳ (с) бо ин ду зан танҳо барои ғамхории оилаи ду бародарашон, ки дар ҷанг шаҳид шуданд, издивоҷ кардаанд.

Издивоҷи Расулуллоҳ (с) бо Уммуҳабиба бинти Абӯсуфён издивоҷ бо зане буд, ки дар роҳи дин ба Ҳабашистон ҳиҷрат кардааст ва ҳатто ҳангоми муртад шудани шавҳараш низ ба озорҳо сабр кардааст. Номи Уммуҳабиба аслан Рамла буд. Ӯ духтари сардори Макка ва роҳбари мушрикон Абӯсуфён буд. Ӯ зани аммабачаи Расулуллоҳ (с) Убайдуллоҳ ибни Ҷаҳши Асадӣ буд. Уммуҳабиба дар вақти кофирии падараш баъд аз мусулмон шудани шавҳараш Убайдуллоҳ мусулмон шуд ва аз озори падараш тарсида, бо вуҷуди ҳомила будан ҳамроҳи шавҳараш ба Ҳабашистон ҳиҷрат кард. Дар ҳиҷрат духтар

таваллуд карда, ӯро Ҳабиба бинти Убайдуллоҳ номид. Уммуҳабиба номида шудани Рамла аз ҳамин духтар буд. Лекин Убайдуллоҳ ибни Ҷаҳш дере нагузашта аз Ислом баргашт ва дини насрониро, ки дини ҳабашон буд, қабул кард. Сипас кӯшиш кард, ки занаш Рамларо низ аз Ислом баргардонад, лекин Рамла бо сабру таҳаммул аз дини худ барнагашт. Сипас Расулуллоҳ (с) ба Наҷошӣ сафир фиристода, аз ӯ хоҳиш карданд, ки ба Уммуҳабиба хостгор шавад. Наҷошӣ ин хабарро ба Рамла расонид. Уммуҳабиба аз тарафи худ Холид ибни Саид ибни Осро вакили ақди никоҳ таъин кард. Ҳамин тавр, никоҳи онҳо ба амал омад. Дар никоҳ Холид аз тарафи Уммуҳабиба ва Наҷошӣ аз тарафи Расулуллоҳ (с) вакил шуданд. Баъд аз ҷанги Хайбар муҳоҷирони Ҳабашистон ба Мадина баргаштанд, ҳамроҳи онҳо Уммуҳабиба низ баргашт ва ба хонаи Расулуллоҳ (с) дохил шуд. Мадина тӯйи Расулуллоҳ (с)-ро ҷашн гирифт ва Уммуҳабиба дар хонаи Расулуллоҳ (с) манзил гирифт.

Аммо издивоҷ бо Зайнаб бинти Ҷаҳш қонунигардонии якчанд ҳукм буд. Ба шавҳар додани Зайнаб – духтари аммаи Пайғамбар (с) ба Зайд, ки мавло буд, қонунигардонии бекоркунии одати мардум дар бораи ногузирии баробарии марду зан дар издивоҷ буд. Илова бар ин, дар он давра писархонд барои касе, ки ӯро ба зери парастории худ мегирифт, ба мисли фарзанди ӯ буд ва издивоҷ бо зани ин писархонд мумкин набуд. Расулуллоҳ (с) барои бекор кардани ин одат занеро, ки зани мавлоашон Зайд буд ва Зайд ӯро талоқ дод, ба никоҳи худ гирифтанд. Воқеа чунин рух дод: Зайнаб бинти Ҷаҳш духтари Умайма бинти Абдулмутталиб, яъне духтари аммаи Расулуллоҳ (с) буд. Ӯ дар пеши назари Расулуллоҳ (с) ба воя расидааст. Бинобар ин, ба Расулуллоҳ (с) ба мисли духтар ё хоҳар буд. Расулуллоҳ (с) пеш аз издивоҷи Зайнаб бо Зайд медонистанд, ки ӯ мафтункор аст ё

на. Расулуллоҳ (с) Зайнабро аз кӯдакӣ медонистанд ва Зайнаб ба он кас басо хуб маълум буд, ба мисли духтари худ. Пайғамбар (с) хостгор шуданд ва пурсиданд, ки ӯро ба Зайд ба шавҳар диҳанд. Аммо бародари Зайнаб Абдуллоҳ ибни Ҷаҳш розӣ нашуд, ки хоҳараш, ки аз авлоди Ҳошимиёни Қурайш ва духтари аммаи Расулуллоҳ (с) мебошад, зани ғуломе шавад, ки ӯро Хадиҷа харидааст, сипас Муҳаммад (с) озод кардааст. Ӯ ин корро барои Зайнаб нанг донист. Дар ҳақиқат кори мазкур дар арабҳои ҳамонвақта нанг ба ҳисоб мерафт. Арабҳо духтаронеро, ки аз оилаи бузургон буданд, ба мавлоҳо ба шавҳар намедоданд. Пайғамбарамон Муҳаммад (с) хостанд ин одати фасодро, ки ба нажодпарастӣ асос ёфтааст, аз байн бардоранд ва мардум бифаҳмад, ки арабҳо аз дигарон танҳо бо тақво бартар шуда метавонанд, инчунин ояти зерин чӣ маъно дорад:

إِنَّ أَكْرَمَكُمْ عِندَ اللَّهِ أَتْقَاكُمْ إِنَّ اللَّهَ عَلِيمٌ خَبِيرٌ

"***Ҳар оина гиромитарини шумо назди Аллоҳ парҳезгортарини шумост***" [49:13].

Ба ин кор занони бегонаро маҷбур кардан нахостанд. Бигзор, одати бекоркунандаи ин одати арабҳоро духтари аммаашон Зайнаб ба ӯҳда гирад ва ба суханони мардум, ки шунидан душвор аст, рӯ ба рӯ ояд. Бигзор, Зайд, ки мавло ва писархонди Расулуллоҳ (с) буд ва аз рӯи одати ҳамон давра монанди писарони дигар ба мерос гирифтан ҳақдор буд, бо Зайнаб издивоҷ кунад. Ҳамин тавр, Зайд бояд омода бошад, то бар зидди ташвиқоти гуногуни касоне, ки писархонд кардаанд, қурбоне шавад, ки Шореъ муҳайё кардааст. Расулуллоҳ (с) дар талаби худ сахт исрор намуданд, ки Зайнаб зани Зайд шавад ва бародараш ба ин кор розӣ шавад. Зайнаб ва бародараш Абдуллоҳ дар радди ин кор исрор варзиданд. Аллоҳ Таоло ояти зеринро нозил кард:

وَمَا كَانَ لِمُؤْمِنٍ وَلَا مُؤْمِنَةٍ إِذَا قَضَى اللَّهُ وَرَسُولُهُ أَمْرًا أَن يَكُونَ لَهُمُ الْخِيَرَةُ مِنْ أَمْرِهِمْ وَمَن يَعْصِ اللَّهَ وَرَسُولَهُ فَقَدْ ضَلَّ ضَلَالًا مُّبِينًا

"***Ҳеҷ марди мӯъмину зани мӯъминро нарасад, ки чун Аллоҳу пайғамбараш дар коре ҳукме карданд, онҳоро дар он корашон ихтиёрӣ бошад. Ҳар кӣ аз Аллоҳу пайғамбараш нофармонӣ кунад, сахт дар гумроҳӣ афтодааст***" [33:36].

Баъд аз ин, бародару хоҳар ҷуз фармонбардорӣ илоҷи дигар надоштанд. Онҳо гуфтанд: "***Ё Расулаллоҳ, мо розӣ ҳастем***". Баъд аз он ки Расулуллоҳ (с) маҳри Зайнабро доданд, Зайд бо Зайнаб издивоҷ кард. Лекин издивоҷи Зайд бо Зайнаб гуворо набуд, балки чунон ки бо сардӣ ва изтироб оғоз шуд, бо сардӣ ва изтироб идома ёфт. Бо вуҷуди он ки фармони Аллоҳ ва Расулуллоҳ (с) будани кори мазкур аён буд, Зайнаб аз ин кор дилпур нашуд ва ба шавҳараш итоат накард, қалбаш ба шавҳар моил нагашт. Зайнаб ба Зайд бо фахр мегуфт, ки ӯ ғулом нест ва зиндагии Зайдро талх мекард. Зайд дар ин бора якчанд бор ба Расулуллоҳ (с) шикоят кард ва муомилаи зишти занашро гуфт. Барои талоқ кардани занаш борҳо изн пурсид. Расулуллоҳ (с) ба мазмуне ҷавоб медоданд, ки занашро маҳкам нигаҳ дорад. Аллоҳ Таоло ба пайғамбари худ ваҳй фиристод, ки Зайнаб дар оянда ҳамсари он кас хоҳад шуд. Ин кор ба Расулуллоҳ (с) гарон омад, зеро тарсиданд, ки мардум "Муҳаммад бо зани писараш издивоҷ кард" мегӯянд ва айб мегиранд. Лекин Зайд дар талаби талоқ додан сахт исрор намуд. Расулуллоҳ (с), гарчи бо роҳи ваҳй донанд ҳам, ки Зайнаб ба наздикӣ ҳамсари он кас мешавад, ба Зайд дар ҷавоб гуфтанд:

أَمْسِكْ عَلَيْكَ زَوْجَكَ وَاتَّقِ اللَّهَ

"***Занатро барои худ нигаҳ дор ва аз Аллоҳ битарс***" [33:37].

Он гоҳ Аллоҳ пайғамбари худро накӯҳиш намуд, яъне гуфт, ки "***Ман хабар додам, ки туро ба Зайнаб хонадор кардан мехоҳам, вале ту ошкоркардаи Аллоҳро махфӣ доштан мехоҳӣ***". Ин маънои ояти зерин аст:

**وَتُخْفِي فِي نَفْسِكَ مَا اللَّهُ مُبْدِيهِ**

"***Дар ҳоле ки дар дили худ он чиро Аллоҳ ошкор сохт, махфӣ дошта будӣ***" [33:37].

Чизе, ки Расулуллоҳ (с) пинҳон мекарданд, донистани ҳамсари худ шудани Зайнаб буд, гарчи ӯ зани писархонди эшон бошад ҳам. Ин кор чизе буд, ки Аллоҳ ошкор кардааст, яъне издивоҷи эшон бо зани талоқкардаи писархондашон буд. Сабаби пинҳон кардани ин издивоҷ, ки Аллоҳ ошкор кард, чунин буд, ки дар ҳамон давра аз рӯи одати арабҳо писархонд ба хонаи падархонд дохил ва хориҷ мешуд, насаби падархондро мегирифт, ба писархонд тамоми ҳуқуқҳои писари ҳақиқӣ дода мешуд, нисбат ба писархонд ҳукми писарро дар тамоми корҳо, ҳатто дар мерос ва насаб татбиқ мекарданд. Баъд аз он ки Аллоҳ Таоло хабар дод, ки зани писархонд Зайнаб дар рӯзҳои наздик ҳамсари эшон хоҳад шуд, Расулуллоҳ (с) ин хабарро махфӣ доштанд ва бо вуҷуди шикояти пайдарпайи Зайд ва нокомии издивоҷ аз рӯзи аввал ва муҳаббату ҳаёти заношӯӣ дар байни онҳо исрор намуданд, ки Зайд талоқ надиҳад ва занашро маҳкам нигаҳ дорад. Лекин Зайд дар ин талаби худ сахт исрор кард. Дар охир Расулуллоҳ (с) ба ӯ изн доданд. Сипас Зайд Зайнабро талоқ дод, лекин дар ин вақт на Зайд ва на Зайнаб медонистанд, ки Расулуллоҳ (с) бо Зайнаб издивоҷ мекунанд. Имом Аҳмад, Муслим ва Насоӣ аз тариқи Сулаймон ибни Муғира аз Собит ибни Анас ривоят кардаанд:

"***Вақте ки муддати иддаи Зайнаб ба охир расид, Расулуллоҳ (с) ба Зайд гуфтанд: "Ба ӯ маро ёдрас кун". Зайд ба Зайнаб гуфт: "Эй Зайнаб, хушхабарро қабул кун. Расулуллоҳ (с) гуфтанд, ки ба ту он касро ёдрас кунам". Зайнаб гуфт: "То ба Парвардигорам намози истихора нахонам, ба коре даст намезанам" ва ба сӯи ҷойи намоз қадам монд. Сипас ояти Қуръон нозил шуд. Вақте ки Аллоҳ Таоло ояти зеринро нозил кард, Расулуллоҳ (с) ба назди Зайнаб бе изн даромаданд: "Пас чун Зайд аз ӯ ҳоҷати хеш бигузорад, ба ҳамсарии туаш даровардем, то мӯъминонро дар заношӯӣ бо занони фарзандхондагони худ манъе набошад" [33:37]". Агар ин корро Зайнаб ва Зайд аз пеш медонистанд, Зайд: "Хушхабарро қабул кун" ва Зайнаб: "То ба Парвардигорам намози истихора нахонам", яъне "то аз Парвардигорам некии ин издивоҷро напурсам" намегуфтанд. Иллати издивоҷи Расулуллоҳ (с) бо Зайнаб ин аст, ки "дар издивоҷ бо зани писархонди худ ба мусулмонон тангӣ нашавад***".

Дар боло дар бораи издивоҷи Расулуллоҳ (с) бо ҳамсарони худ нақл карда шуд. Чунон ки мебинем, аз онҳо натанҳо издивоҷ, балки корҳои дигар низ дар назар дошта шудааст. Аз ин ҷо маънои издивоҷи Расулуллоҳ (с) бо беш аз чаҳор зан ва маънои хос будани ин кор ба эшон аён мегардад. Аён мегардад, ки ин барангезиши ғаризаи ҷинсӣ дар ҷисми марде набуд, ки синнаш аз панҷоҳ гузаштааст, бо даъвату давлат, таблиғи рисолати Парвардигораш ба тамоми ҷаҳон банд ва мақсадаш аз ҳаёт ҳамчун уммати ягона ба по хезондани халқ, расонидани рисолати Аллоҳ ба тамоми ҷаҳон, вайрон кардани ҳокимияти фасод, бунёд кардани ҷомеаи нав ба ҷои он ва бунёд кардани давлат буд, ки барои расонидани даъвати исломӣ ба мардум бар зидди тамоми дунё бархестааст. Зеро фикре, ки зеҳни ин касро банд кардааст,

бедор кардани уммат, барпо кардани давлат, ташаккул додани ҷомеа ва расонидани рисолат ба тамоми дунё буд. Мумкин нест, ки хаёли ин касро занон банд кунанд, ба занон моил шаванд ва ҳар сол як зан бигиранд. Он кас ташвиши даъватро дар зимма доштанд ва ба мисли ҳар як инсон аз ҳаёти заношӯӣ дар шакли одатӣ баҳра мебурданд.

# *ҲАЁТИ ЗАНОШӮӢ*

Зан дар ҳаёт на шарик, балки дӯсти шавҳар аст. Ҳаёти ҳар ду ҳаёти шарикӣ нест ва онҳо дар тӯли тамоми ҳаёташон ба шарикӣ кардан маҷбур нестанд, балки ҳаёти ҳар ду ҳаёти дӯстона мебошад, бо якдигар аз ҳама ҷиҳат комилан дӯст мебошанд ва бо якдигар осуда умр ба сар мебаранд. Зеро Аллоҳ занонро мавзеи таскини шавҳарон қарор додааст. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

هُوَ الَّذِي خَلَقَكُم مِّن نَّفْسٍ وَاحِدَةٍ وَجَعَلَ مِنْهَا زَوْجَهَا لِيَسْكُنَ إِلَيْهَا

"***Ӯст, ки ҳамаи шуморо аз як тан биёфарид. Ва аз он як тан занашро низ биёфарид, то ба ӯ оромиш ёбад***" [7:189],

وَمِنْ آيَاتِهِ أَنْ خَلَقَ لَكُم مِّنْ أَنفُسِكُمْ أَزْوَاجًا لِّتَسْكُنُوا إِلَيْهَا وَجَعَلَ بَيْنَكُم مَّوَدَّةً وَرَحْمَةً

"***Ва аз нишонаҳои қудрати Ӯст, ки бароятон аз ҷинси худатон ҳамсароне офарид, то ба эшон оромиш ёбед ва миёни шумо дӯстиву меҳрубонӣ ниҳод***" [30:21].

Мурод аз калимаи  ин ҷо оромиш, яъне оромиши шавҳар бо занаш ва оромиши зан бо шавҳараш, моилшавии яке ба дигаре ва аз якдигар нафрат накардани ҳар ду мебошад. Асли издивоҷ ва асли ҳаёти оилавӣ оромиш аст. Шариат ҳуқуқҳои занро бар шавҳар ва ҳуқуқҳои шавҳарро бар зан баён кард, то ки дӯстии зану мард аз осудагӣ ва оромиш иборат бошад. Дар ин хусус оят ва ҳадисҳо сареҳ омадаанд. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَلَهُنَّ مِثْلُ الَّذِي عَلَيْهِنَّ بِالْمَعْرُوفِ

"***Ва барои занон ҳуқуқе шоиста аст, ҳамонанди вазифае, ки бар ӯҳдаи онҳост***" [2:228],

яъне ҳуқуқҳои заношӯӣ мавҷуд аст, чунон ки ҳуқуқи занон бар шавҳарон ва ҳуқуқи шавҳарон бар занон. Бинобар ин, Аббос (р) гуфтааст: "Мехоҳам, чунон ки занам барои ман зинат мекунад, ман низ барои ӯ зинат кунам. Чунон ки ҳуқуқҳояшро бар ман талаб мекунад, ман низ аз ӯ ҳуқуқҳоямро талаб кунам. Зеро Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَلَهُنَّ مِثْلُ الَّذِي عَلَيْهِنَّ بِالْمَعْرُوفِ

"***Ва барои занон ҳуқуқе шоиста аст, ҳамонанди вазифае, ки бар ӯҳдаи онҳост***" [2:228],

яъне зинатест, ки гунаҳкор намешаванд". Аз Ибни Аббос ривоят карда мешавад: "Чунон ки ба занон итоати шавҳарашон воҷиб гардонида шудааст, ба шавҳарон низ муомилаи дӯстона бо занон воҷиб мебошад".

Дар ҳақиқат Аллоҳ Таоло ба зану шавҳар тавсия ва амр мекунад, ки ҳаёти зебо ба сар баранд. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَعَاشِرُوهُنَّ بِالْمَعْرُوفِ

"***Ва бо онон ба некӯӣ рафтор кунед***" [4:19],

فَإِمْسَاكٌ بِمَعْرُوفٍ

"***Ва аз он пас ё ба некӯ ваҷҳе нигаҳ доштани ӯст***" [2:229].

Маънои ишрат муомила ва омезиш мебошад. Аллоҳ Таоло ба шавҳарон мефармояд, ки бо занони зери никоҳи худ муомилаи зебо кунанд, то ки омезиш ва дӯстӣ дар байни онҳо ба камол расад, зеро ин оромиши қалб ва осудагии ҳамзистиро меафзояд. Хушмуомилагии мард ба зан ин аст, ки илова бар маҳр ва парастории зан, агар зан айб накунад, абрӯ чин накунад, бо рӯйи кушода гуфтугӯ кунад, сахту дағал муомила накунад ва моилии худро ба зани дигар нишон надиҳад.

Дар ҳақиқат Расулуллоҳ (с) ба мардон бисёр васият кардаанд, ки ба занони худ некӣ кунанд. Имом Муслим дар "Саҳеҳ"-и худ аз Ҷобир (р) ривоят мекунад, ки Расулуллоҳ (с) дар хутбаи ҳаҷҷатулвадоъ гуфтаанд:

"***Дар ҳаққи занон аз Аллоҳ битарсед, зеро онҳоро аз Аллоҳ амонат гирифтаед, бо калимаи Аллоҳ барои худ ҳалол гардонидаед, ҳаққи шумо бар онҳо ин аст, ки касони баддидаи шуморо ба хона дохил накунанд. Агар ба ин кор даст зананд, онҳоро бо зарбаи сабук бизанед. Ҳаққи занон бар шумо ин аст, ки бо некӣ таом ва либос диҳед***".

Дар ривояти дигар, ки Ҳоким ва Ибни Ҳиббон аз тариқи Оиша (р) овардаанд, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"***Беҳтарини шумо касест, ки нисбат ба аҳли худ беҳтар аст ва ман беҳтарини шумо барои аҳли худ мебошам***". Ривоят карда мешавад, ки Расулуллоҳ (с) бо аҳли худ

муомилаи зебову нарм, бозиву ханда мекарданд. Ҳатто барои дилбардории модари мӯъминон Оиша (р) дар давидан мусобиқа мекарданд. Оиша (р) гуфтааст:

"***Бо Расулуллоҳ (с) дар давидан мусобиқа кардем ва ман ғолиб омадам. Ин воқеа пеш аз тануманд шуданам буд. Аммо баъд аз тануманд шуданам мусобиқа кардем ва он кас ғолиб омаданд ва гуфтанд: "Акнун баробар шуд***"".

Ин ҳадисро Ибни Ҳиббон дар "Саҳеҳ"-и худ овардааст. Расулуллоҳ (с) баъд аз намози хуфтан ба хона рафта, бо аҳли худ барои дилбардорӣ гуфтугӯ мекарданд. Ибни Моҷа ривоят мекунад, ки Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

"***Беҳтарини шумо касест, ки ба занони худ муомилаи нек мекунад***".

Ин ҳама нишон медиҳад, ки шавҳарон бояд бо занони худ муомилаи зебо кунанд. Бо сабаби он ки гоҳо ҳодисаҳои халалдоркунандаи софии ҳаёти оилавӣ рух медиҳанд, Аллоҳ Таоло сарварии оиларо ба зиммаи мард гузошт ва мардро бар зан роҳбар таъин намуд. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

**الرِّجَالُ قَوَّامُونَ عَلَى النِّسَاء**

"***Мардон бар занон тасаллут доранд***" [4:34],

**وَلَهُنَّ مِثْلُ الَّذِي عَلَيْهِنَّ بِالْمَعْرُوفِ وَلِلرِّجَالِ عَلَيْهِنَّ دَرَجَةٌ**

"***Ва барои занон ҳуқуқе шоиста аст, ҳамонанди вазифае, ки бар ӯҳдаи онҳост, вале мардонро бар занон мартабаест***" [2:228].

Аллоҳ ба зан тавсия намуд, ки ба шавҳар итоат кунад. Дар ҳадиси муттафақун алайҳ, ки аз тариқи Абӯҳурайра ривоят карда шудааст, Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

"***Агар зан ҷуз ҷогаҳи шавҳараш хоб кунад, то баргаштан фариштагон ӯро лаънат мекунанд***".

Ҳоким аз тариқи аммаи Ҳусайн ибни Муҳсин овардааст:

"***Расулуллоҳ (с) ба зане гуфтанд: "Оё шавҳар дорӣ?" Зан гуфт: "Оре". Расулуллоҳ (с) гуфтанд: "Ҳам ҷаннат ва ҳам дӯзахи ту ҳамон аст***"".

Имом Бухорӣ ривоят кардааст, ки Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"***Ба зан ҳалол нест, ки бе рухсати шавҳараш ҳангоми ҳузури ӯ дар хона рӯзаи нафл дорад, бе рухсати шавҳараш ба хона касеро роҳ диҳад ва агар бе рухсати шавҳараш нафақае кунад, нисфи аҷр ба шавҳараш мешавад***".

Ибни Батта дар "Аҳкомуннисо" аз Анас (р) ривоят мекунад:

"***Марде ба сафар баромад ва ба занаш аз хона хориҷ шуданро манъ кард. Сипас падари зан бемор шуд ва ӯ аз Расулуллоҳ (с) барои аёдати падараш изн пурсид. Расулуллоҳ (с) гуфтанд: "Аз Аллоҳ битарс ва ба шавҳарат нофармонӣ накун". Сипас падари зан вафот кард ва зан барои иштирок дар ҷаноза аз Расулуллоҳ (с) изн пурсид. Расулуллоҳ (с) гуфтанд: "Аз Аллоҳ битарс ва ба шавҳарат нофармонӣ накун". Он гоҳ Аллоҳ ба Расул (с) ваҳй кард: "Бо сабаби фармонбардорӣ ба шавҳар ӯро мағфират намудам***"". Шариат ба шавҳар ҳуқуқ дод, ки ӯ метавонад ба зан аз хона баромаданро манъ кунад. Пас хоҳ барои зиёрати падару модар бошад, хоҳ барои иҷрои корҳои зарууртарин ва хоҳ барои сайругашт ба зан ҷоиз нест, ки бе изни шавҳараш аз хона барояд. Лекин хуб нест, ки шавҳар занро аз зиёрати падару модар манъ кунад, зеро дар ин ҳол занро лозим меояд, ки ё аз падару модар канда шавад, ё аз итоати шавҳар даст кашад. Аллоҳ Таоло фармудааст, ки бо занон муомилаи нек кунанд. Ҳол он ки манъи зан аз дидору зиёрати падару модар

аз муомилаи нек нест. Инчунин шавҳар ҳақ надорад, ки ба занаш ба масҷид бароMаданро манъ кунад, зеро дар ҳадиси муттафақун алайҳ, ки аз тариқи Абдуллоҳ ибни Умар ривоят карда шудааст, Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"***Ҷорияҳои Аллоҳро аз масҷиди Аллоҳ манъ накунед!***" Агар зан ба шавҳараш зид барояд ва итоат накунад, Аллоҳ Таоло ба шавҳар ҳуқуқи адабдиҳиро додааст. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَاللاَّتِي تَخَافُونَ نُشُوزَهُنَّ فَعِظُوهُنَّ وَاهْجُرُوهُنَّ فِي الْمَضَاجِعِ وَاضْرِبُوهُنَّ فَإِنْ أَطَعْنَكُمْ فَلاَ تَبْغُواْ عَلَيْهِنَّ سَبِيلاً

"***Ва он занонро, ки аз нофармонияшон бим доред, андарз диҳед ва аз хобгоҳашон дурӣ кунед ва бизанедашон. Агар фармонбардорӣ карданд, аз он пас дигар роҳи бедод пеш магиред***" [4:34].

Задан дар ин ҷо бояд зарбаи сабук бошад. Зеро Расулуллоҳ (с) дар хутбаи ҳаҷҷатулвадоъ гуфтаанд:

"***Агар занонатон нофармонӣ кунанд, бо зарбаи сабук бизанед***".

Ин ҳадисро Муслим аз тариқи Ҷобир ривоят кардааст. Агар зан итоат накунад, ба шавҳар ҳуқуқи ҷазо додани ӯ дода шудааст. Зеро шавҳар роҳбарест, ки корҳои оиларо идора мекунад. Задан ва фишор додани зан дар нофармонӣ ҷуз корҳое, ки шариат ба зан фармудааст, мумкин нест.

فَإِنْ أَطَعْنَكُمْ فَلاَ تَبْغُواْ عَلَيْهِنَّ سَبِيلاً

"***Агар фармонбардорӣ карданд, аз он пас дигар роҳи бедод пеш магиред***" [4:34].

Шавҳар бояд ба занаш меҳрубон бошад, ҳангоми пурсидани ягон чиз хушмуомила бошад, ҳатто агар бо ӯ ҷимоъ кардан

хоҳад, барои зан шарту шароити муносибу хуб муҳайё созад. Дар ҳадиси муттафақун алайҳ, ки аз тариқи Ҷобир ривоят карда шудааст, Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

"***То занон мӯйҳои худро шона накунанд, аъзоёни худро, ки пок мекунанд, пок накунанд, шабона ба ҳузурашон надароед***".

Сарвари зан ва оила будани шавҳар маънои онро надорад, ки ӯ ҳокиме бошад, ки ба танҳоӣ ҳукм ронад ва фармонаш рад карда нашавад. Маънои сарвари оила будани шавҳар танзимгари корҳои оила ва ғамхори оила будани ӯст. Бинобар ин, зан метавонад ба шавҳараш гап гардонад ва бо шавҳараш баҳс кунад, ҳангоми гуфтугӯ ба шавҳараш муроҷиат кунад, зеро ҳар ду бо ҳам дӯстанд, на ин ки яке ҳоким ва дигаре маҳкум, яке амир ва дигаре фуқаро. Ҳар ду дӯстанд, ки дар идораи корҳо ва ғамхории оила яке ба дигаре сардор аст. Пайғамбар (с) низ дар оила дӯсти ҳамсарони худ буданд, гарчи сарвари давлат ва пайғамбар буданд, дар оила яккаҳоким ва ҳукмрон набуданд. Умар ибни Хаттоб (р) дар ҳадиси муттафақун алайҳ гуфтааст:

"***Қасам ба Аллоҳ, ки Аллоҳ Таоло дар бораи занон оят нозил карда, ҳуқуқҳои ин занонро муқаррар намуд, вале то ин вақт мо дар ҷоҳилият занонро дар ягон кор соҳибимтиёз намепиндоштем. Сипас ба занон якчанд ҳуқуқ дода шуд. Ба анҷоми коре қасд карда будам, ки ногаҳон занам гуфт: "Чаро ин тавр намекунӣ?" Ба ӯ гуфтам: "Ба ин кор чӣ алоқа дорӣ? Чаро ба кори ман дахолат мекунӣ?" Занам гуфт: "Во аҷаб, эй Ибни Хаттоб, намехоҳӣ, ки ба ту муроҷиат кунанд, ҳол он ки духтарат бо Расулуллоҳ (с) баҳс мекунад, ҳатто он кас то бегоҳ дарғазаб мегарданд". Умар мегӯяд: "Ҷомаамро гирифта, аз хона баромадам ва ба хонаи Ҳафса рафтам. Ба ӯ***

***гуфтам: "Духтарам, оё ту бо Расулуллоҳ (с) баҳс карда, он кас дар тӯли рӯз дарғазаб мегарданд?" Ҳафса гуфт: "Қасам ба Аллоҳ, ки ҳамаи мо бо он кас баҳс мекунем". Ба ӯ гуфтам: "Духтарам, бидон, ки ман туро аз азоби Аллоҳ ва ғазаби Расулаш огоҳ мекунам. Аз ҳуснат хурсанд ҳастӣ ва ба муҳаббати Расулуллоҳ (с) сазовор шудаӣ, ки ин туро фиреб надиҳад!" Сипас аз назди ӯ баромада, бо сабаби хешовандӣ доштан ба ҳузури Уммусалама даромадам ва бо ӯ гуфтугӯ кардам. Уммусалама гуфт: "Эй Ибни Хаттоб, ба ту ҳайронам, ба ҳама кор дахолат мекунӣ, ҳатто ба миёни Расулуллоҳ (с) ва ҳамсарони он кас низ дахл мекунӣ". Уммусалама бо ин сухан маро чунон адаб дод, ки аз баъзе фикрҳои худ, ки дар қалб қасд карда будам, баргаштам ва аз ҳузури ӯ баромадам***".

Муслим дар "Саҳеҳ"-и худ ривоят кардааст:

"***Абӯбакр (р) барои ба ҳузури Расулуллоҳ (с) изн пурсид ва баъд аз изн дода шудан даромад. Сипас Умар (р) изн пурсид ва баъд аз изн дода шудан даромад. Расулуллоҳ (с) дар давраи ҳамсарони худ хомӯш менишастанд. Умар гуфт: "Бо сухане Расулуллоҳ (с)-ро механдонам". Сипас ба Расулуллоҳ (с) гуфт: "Ё Расулаллоҳ, агар аз ман нафақа пурсидани Бинти Хориҷаро бинам, мехоҳам, ки бархезаму ба гарданаш як мушт занам". Расулуллоҳ (с) ногоҳ хандиданд ва гуфтанд: "Инон низ дар атрофам нафақа мепурсанд***"".

Аз ин аён мегардад, ки сарварии шавҳар аз болои зан роҳбарии корҳост ва ин роҳбарӣ ҳукмронӣ ва ҳокимӣ нест, балки роҳбарии дӯстона мебошад. Бинобар ин, зан метавонад сухани зид гӯяд ва баҳс намояд.

Муомила оид ба ишрат ҳамин тавр аст. Аммо дар бораи иҷрои корҳои хона занро воҷиб аст, ки дар бораи хамир

кардан, нону хӯрок пухтан, ҳавлӣ тоза кардан ва ба тартиб овардан ба шавҳараш хизмат кунад. Агар шавҳар об талаб кунад, бояд ба ӯ об диҳад, агар хӯрок хӯрдан хоҳад, бояд таом муҳайё кунад ва дар тамоми корҳое, ки дар дохили хона лозим мешавад, ба шавҳар хизмат кунад. Инчунин тамоми корҳоеро, ки барои зиндагӣ дар дохили хона лозим аст, ба дараҷаи кофӣ муҳайё созад. Мард бояд об, ки барои оила зарур аст, биёрад, ахлотро аз хона барорад, чизҳоеро, ки барои ороишу зинати нохунҳо ва зебу зинати дигар заруранд, аз берун ба хона биёрад ва ҳоказо.

Хулоса, иҷрои тамоми корҳои дохили хона ба ӯҳдаи зан ва тамоми корҳои берун аз хона новобаста ба навъи амал ба ӯҳдаи шавҳар гузошта шудааст. Тавре ки дар ҳадисе дар бораи Алӣ ва Фотима (с) аз Расулуллоҳ (с) ривоят карда шудааст:

"Пайғамбар (с) ба духтарашон Фотима иҷрои корҳои дохили хона ва ба Алӣ иҷрои корҳои берун аз хонаро супоридаанд". Пайғамбар (с) дар хона низ ба ҳамсарони худ хизматҳои хонаро мефармуданд ва мегуфтанд:

"Эй Оиша, ба ман об деҳ. Эй Оиша, ба ман таом деҳ. Эй Оиша, кордро биёр ва бо санг тез кун". Дар ҳадиси муттафақун алайҳ, ки аз тариқи Алӣ (р) ривоят карда шудааст, гуфта мешавад:

"***Фотима ба ҳузури падарашон Расулуллоҳ (с) омада, аз пайҳои осиёби дастӣ дар дасташон шикоят карданд ва барои иҷрои ин кор хизматкор пурсиданд***".

Далелҳои мазкур нишон медиҳад, ки хизмати шавҳар ва хизмати оила дар дохили хона ба доираи вазифаҳое дохил мешавад, ки бояд зан анҷом диҳад. Лекин иҷрои ин корҳо бояд дар дараҷае бошад, ки тоқати зан бирасад. Агар ин корҳо

ба дараҷае зиёд бошад, ки ба зан душворӣ пайдо мекунад, шавҳар бояд ба иҷрои ин корҳо хизматкор киро кунад. Ин чизро зан низ метавонад талаб кунад. Агар корҳо зиёд набошад ва қуввати зан ба онҳо расад, шавҳар ба киро кардани хизматкор маҷбур нест, балки зан бояд ин корҳоро худаш анҷом диҳад. Зеро Расулуллоҳ (с) ба духтарашон Фотима иҷрои корҳои хонаро супоридаанд. Ҳамин тавр, воҷиб аст, ки шавҳарон ба ҳамсарони худ муомилаи нек кунанд ва занон низ ба шавҳарони худ бо хизмати некӯ муомила кунанд, то ки ҳаёти оилавии онҳо чунон осуда бошад, ки сухани зерини Аллоҳ ба амал ояд:

**وَمِنْ آيَاتِهِ أَنْ خَلَقَ لَكُم مِّنْ أَنفُسِكُمْ أَزْوَاجًا لِّتَسْكُنُوا إِلَيْهَا وَجَعَلَ بَيْنَكُم مَّوَدَّةً وَرَحْمَةً**

"***Ва аз нишонаҳои қудрати Ӯст, ки бароятон аз ҷинси худатон ҳамсароне офарид, то ба эшон оромиш ёбед ва миёни шумо дӯстиву меҳрубонӣ ниҳод***" [30:21].

## *АЗЛ*

Азл закари худро аз фарҷи зан хориҷ кардани мард ҳангоми наздик шудани инзол (холикунии манӣ) аст, то ки маниро берун аз фарҷ резад. Азл шаръан ҷоиз аст. Пас шавҳар метавонад дар ҷимоъ бо зани худ ҳангоми наздик шудани инзол обро берун аз фарҷ резад. Бухорӣ аз Ато ва Ато аз Ҷобир ривоят мекунад:

"***Мо дар даври Расулуллоҳ (с) азл мекардем ва Қуръон нозил мешуд***".

Дар ҳадиси муттафақун алайҳ, ки аз Ато ривоят ривоят карда шудааст, ки Ҷобир гуфтааст:

"***Мо азл мекардем, ҳол он ки Қуръон нозил мешуд***".

Дар ҳадисе, ки имом Муслим ривоят кардааст, гуфта мешавад:

"***Мо дар даври Расулуллоҳ (с) азл мекардем, ин хабар ба Расулуллоҳ (с) расид, вале моро аз азл бознадоштанд***".

Ин тасдиқи азл аз тарафи Расулуллоҳ (с) мебошад ва ҷоиз будани азлро нишон медиҳад. Агар азл кори ҳаром мебуд, Расулуллоҳ (с) сукут намекарданд. Илова бар ин, ҳукми азл аз тарафи саҳоба ба замони Расулуллоҳ (с) пайвастааст. Агар саҳоба ягон ҳукмро ба замони Расулуллоҳ (с) пайваст кунад, он дар ҳукми рафъ мешавад. Зеро саҳобагон пурра асос доштанд, ки дар бораи аҳком бипурсанд. Бинобар ин, Расулуллоҳ (с) аз он хабар ёфтаанд ва онро тасдиқ кардаанд. Дар бораи ҷоизии азл якчанд ҳадиси саҳеҳ омадааст. Имом Аҳмад, Муслим ва Абӯдовуд аз Ҷобир ривоят кардаанд:

"***Марде ба ҳузури Расулуллоҳ (с) омад ва гуфт: "Ман канизе дорам, ки хидмати маро мекунад ва бо парвариши хурмоҳои ман машғул аст. Ман ба назди ӯ гоҳ-гоҳ медароям ва намехоҳам, ки ӯ ҳомила шавад". Расулуллоҳ (с) гуфтанд: "Агар хоҳӣ, азл кун, зеро ӯ чизеро, ки барояш тақдир карда шудааст, бешубҳа таваллуд мекунад***"". Имом Муслим аз Абӯсаид ривоят мекунад:

"***Ҳамроҳи Расулуллоҳ (с) ба ғазоти Банӣ-Мусталиқ баромада, аз арабҳо асир гирифтем ва сахт хостори занон шудем, зеро безанӣ моро сахт азоб медод. Мо хостем, ки азл кунем ва дар ин бора аз Расулуллоҳ (с) пурсидем. Он кас гуфтанд: "Дар ин кор ба шумо гуноҳе нест, зеро Аллоҳ Таоло тамоми чизҳоеро, ки то қиёмат меофарад, аллакай навиштааст***"".

Имом Абӯдовуд аз Ҷобир ривоят мекунад:

"***Марде аз ансориён ба ҳузури Расулуллоҳ (с) омад ва гуфт: "Ман канизе дорам ва гоҳ-гоҳ ба назди ӯ медароям, вале ҳомила шудани ӯро намехоҳам". Расулуллоҳ (с) гуфтанд: "Агар хоҳӣ, азл кун, зеро ӯ он чиро, ки ба ӯ тақдир карда шудааст, бешубҳа таваллуд мекунад***"".

Новобаста ба мақсади азлкунанда хоҳ бо мақсади фарзанд надидан, хоҳ бо мақсади камтар фарзанд дидан, хоҳ бо мақсади азоб накашидани зан бо сабаби заифӣ, хоҳ бо мақсади азоб накашидани зан барои ҳамеша навниҳол будан дар зиндагӣ ва хоҳ бо мақсади дигар мард метавонад азл кунад. Зеро далелҳо дар ин бора мутлақ омада, бо ягон ҳолат муқайяд карда нашудаанд ва бе ягон хосгардонӣ умумӣ омадаанд. Пас ҳукм умумӣ ва мутлақ мебошад. Наметавон гуфт, ки "***азл куштани кӯдаки ҳанӯз таваллуднашуда мебошад***". Зеро ҳадисҳои ошкоро омадаанд, ки инро рад мекунанд. Имом Абӯдовуд аз Абӯсаид ривоят мекунад:

"***Марде гуфт: "Ё Расулуллоҳ, ман канизе дорам, ки аз ӯ азл мекунам, зеро намехоҳам ӯ ҳомила шавад. Ман он чиро, ки ҳама мардон мехоҳанд, мехоҳам. Вале яҳудиён мегӯянд, ки азл хурдтарини зинда ба зинда гӯр кардани кӯдак аст". Расулуллоҳ (с) гуфтанд: "Яҳудиён дурӯғ мегӯянд, агар Аллоҳ офариданро хоста бошад, ту боздошта наметавонӣ***"".

Ҷоизии азл бо мақсади фарзанд надидан дар ҳадис омадааст. Имом Аҳмад ва Муслим аз Усома ибни Зайд ривоят мекунанд:

"***Марде ба ҳузури Расулуллоҳ (с) омад ва гуфт: "Ман аз занам азл мекунам". Расулуллоҳ (с) гуфтанд: "Чаро ин корро мекунӣ?" Он мард гуфт: "Ба кӯдаке, ки таваллуд мекунад ё кӯдаконе, ки таваллуд кардааст, раҳмам меояд". Расулуллоҳ (с) гуфтанд: "Агар ин кор зараровар мебуд, ба форсҳо ва румиҳо зарар мекард"". Ин ҷо Расулуллоҳ (с) гуфтанд, ки "Чаро ин корро мекунӣ?" ва нагуфтанд, ки "Ин корро накун***".

Аз ин ҳадис аён мегардад, ки Расулуллоҳ (с) ба азл рухсат додаанд ва хабар додаанд, ки бисёр кӯдак таваллуд кардан

зарар надорад. Ҳадисе, ки имом Муслим аз Усома ибни Зайд ривоят кардааст, ба ин далел мешавад:

"***Марде ба ҳузури Расулуллоҳ (с) омад ва гуфт: "Ба кӯдак раҳмам меояд. Бинобар ин, аз занам азл мекунам". Расулуллоҳ (с) ба ӯ гуфтанд: "Агар ба ин мақсад бошад, ин корро накун, зеро ин кор (бисёр таваллуд кардан) ба форсҳо ва румиҳо зарар накардааст***"".

Дар ҳадисе, ки имом Муслим аз тариқи Абдурраҳмон ибни Бишр аз Абӯсаид ривоят кардааст, омадааст:

"***аз тарси зарари ҳамл ба кӯдаки ширмак***". Расулуллоҳ (с) азлро бо мақсади пешгирии ҳомила барои зарар нарасонидан ба кӯдаки ширмак тасдиқ намуданд. Пас азлро бо мақсади фарзанд зиёд накардан ё умуман фарзанд надидан ё бо мақсади дигар низ тасдиқ кардаанд. Агар Аллоҳ Таоло таваллуд шудани фарзандро хоста бошад, новобаста ба азл ин фарзанд таваллуд мешавад, аз ин халосӣ нест. Бинобар ин, наметавон гуфт, ки ривояти Ибни Ҳиббон аз Анас (р) дар бораи кам кардани насл:

"***Марде аз Расулуллоҳ (с) дар бораи азл пурсид. Расулуллоҳ (с) гуфтанд: "Агар оберо, ки аз он таваллуд шудани фарзанд тақдир карда шудааст, ба болои санг рехта бошӣ, муқаррар аст, ки Аллоҳ Таоло аз он фарзанд пайдо мекунад***""

ба ҳадиси:

"***Издивоҷ кунед, насл гузоред ва бисёр шавед***",

ки дар он Расулуллоҳ (с) ба серфарзандӣ такон додаанд, зид меояд. Набояд ин тавр гуфт, зеро рухсат ба азл мухолифи тарғиб ба зиёд кардани насл нест. Ҳар ду ҳукми дигар-дигар аст: яке тарғиб ба зиёд кардани насл, дигаре мубоҳии азл.

Аммо Аҳмад аз Ҷузома бинти Ваҳби Ансорӣ ҳадиси зеринро ривоят кардааст:

"***Ба ҳузури Расулуллоҳ (с) рафтам, ки дар наздашон якчанд нафар буданд. Он кас гуфтанд: "Ман аз шири зани ҳомила, ки ба фарзанди худ шир диҳад, боздоштанро қасд кардам. Ба форсҳо ва румиҳо нигаристам ва дидам, ки онҳо ҳангоми ҳомила будан кӯдакро шир медиҳанд ва ин ба фарзандони онҳо зарар намекунад". Сипас аз он кас дар бораи азл пурсиданд. Пайғамбар (с) гуфтанд: "Он шакли махфии зинда ба зинда гӯр кардани кӯдак аст" ва ояти зеринро хонданд: "Ва чун аз духтари зинда ба гӯр шуда пурсида шавад, ки" [81:8]***".

Ин ҳадис ба ҳадисҳои саҳеҳ дар бораи ҷоизии азл зид меояд. Агар маънои ҳадисе ба ҳадисҳои дигар, ки бо роҳҳои басо зиёд ривоят карда шудааст, зид ояд, ҳадисҳое, ки бо роҳҳои зиёд ривоят карда шудаанд, гирифта мешавад. Аз ин рӯ, ҳадиси мазкур рад карда мешавад, зеро он ба маънои ҳадисҳои пурзӯр, ки пештар оварда шуданд ва бо роҳҳои зиёд ривоят карда шудаанд, зид мебошад.

Наметавон гуфт, ки тавассути ҷамъ кардани ин ҳадис ва ҳадисҳои дигар, ки ҷоизии азлро нишон медиҳад, ҳадиси мазкур ишора ба макрӯҳии азл мебошад. Агар Пайғамбар (с) маъноеро, ки дар ин ҳадис омадааст, рад мекарданд, ин тавр шуда метавонист. Имом Аҳмад ва Абӯдовуд аз Абӯсаид ҳадиси зеринро ривоят кардаанд:

"***Яҳудиён мегӯянд, ки азл хурдтарини зинда ба зинда гӯр кардани кӯдак аст. Расулуллоҳ (с) дар ҷавоб гуфтанд: "Яҳудиён дурӯғ мегӯянд***"".

Аммо Ҷузома ҳадиси зеринро ривоят кардааст:

"***Ин шакли махфии зинда ба зинда гӯр кардани кӯдак мебошад***" ва ояти зеринро хонданд: "***Ва чун аз духтари зинда ба гӯр шуда пурсида шавад, ки***". Ҷамъ кардани ду ҳадиси мазкур ғайриимкон аст. Бояд яке аз онҳо мансух бошад. Ё яке аз дигаре пурзӯртар аст, ки заифтари онҳоро рад кардан лозим аст. Таърихи ду ҳадиси мазкур номаълум аст. Ҳадиси Абӯсаид бо якчанд ҳадис ва якчанд роҳ тақвият дода шудааст. Аммо ҳадиси Ҷузома муфрад омада, бо ягон чиз тақвият дода нашудааст. Бинобар ин, ҳадиси Ҷузома рад карда мешавад ва ҳадиси аз он пурзӯртар гирифта мешавад. Аз ин рӯ, азл мутлақ ҷоиз аст ва макрӯҳ нест. Азбаски далелҳо умумӣ омадаанд, мақсади азлкунанда ҳеҷ гуна аҳамият надорад. Мард дар азл ба рухсати зан мӯҳтоҷ нест, зеро ин на ба зан, балки ба мард тааллуқ дорад. Наметавон гуфт, ки ҷимоъ ҳаққи зан, об низ ҳаққи зан аст, пас берун аз фарҷи зан рехтани об бояд бо изни зан рух диҳад. Зеро ин далели шаръӣ нест, балки иллати ақлист, ки ягон арзиш надорад. Илова бар ин, гуфтаи мазкур бо он, ки на "***рехтани об***", балки ҷимоъ ҳаққи зан мебошад, бекор мегардад. Далел ин аст, ки агар марди ҷинсан заиф бо зан ҷимоъ кунад, вале об нарезад, пас бо ҷимоъ ҳаққи зан адо шудааст. Аз ин рӯ, ба зан бо айби марди ҷинсан заиф ҳуқуқи вайрон кардани никоҳаш дода намешавад. Ибни Моҷа аз Умар ибни Хаттоб ҳадиси зеринро ривоят кардааст:

"***Расулуллоҳ (с) аз азли зани озод бе изни ӯ манъ карданд***".

Ин ҳадис заиф аст. Дар иснoди он Ибни Луҳяа ҳаст, ки дар бораи ӯ суханони гуногун мавҷуданд. Бинобар ин, ҳадисҳо дар бораи ҷоизии азл дар шакли мутлақ боқӣ мемонанд.

Ин ҳукм дар бораи азл ҳам ба истеъмоли дору, ҳам ба истифода аз презерватив ё спирал барои пешгирии ҳамл мувофиқ меояд. Зеро ҳамаи онҳо ба як навъ дохил мешаванд.

Ҳукм дар бораи ҷоизии азл ба онҳо мутлақан мувофиқ меояд ва аз масъалаҳои онҳо ба ҳисоб меравад. Зеро ҳукм новобаста ба ҷой доштани азл ҷоизии кори мард барои пешгирии ҳамл мебошад. Коре, ки ба мард ҷоиз аст, ба зан низ ҷоиз аст, зеро ҳукм ҷоизии пешгирии ҳамл новобаста ба ҳар гуна восита мебошад.

Ҷоизии манъи ҳамл ба қатъи муваққатии ҳамл хос аст. Лекин пешгирии доимии ҳамл ва ба вуҷуд овардани беналсӣ ҳаром аст. Истеъмоли доруҳо ва корҳои ҷарроҳие, ки батамом пеши ҳамлро мегирад ва наслро мебурад, ҳаром мебошад. Ба ин гуна корҳо даст задан ҳаргиз ҷоиз нест, зеро ин як навъи ахтакунӣ аст ва ба доираи ахтакунӣ шомил гашта, ҳукми ахтакуниро мегирад. Зеро ин корҳо монанди ахтакунӣ наслро батамом мебуранд. Ҳадисҳое, ки аз ахтакунӣ боздоштаанд, сареҳан омадаанд. Дар ҳадиси муттафақун алайҳ, ки Саъд ибни Абӯваққос ривоят кардааст, гуфта мешавад:

"***Расулуллоҳ (с) Усмон ибни Мазъунро аз табаттул боздоштаанд. Усмон гуфт: "Агар ба ин кор рухсат медоданд, мо худро ахта мекардем***"".

"***Усмон ибни Мазъун ба ҳузури Пайғамбар (с) омад ва гуфт: "Ё Расулуллоҳ, ба безанӣ тоқат кардан барои ман душвор гашт, ба ахтакунӣ рухсат диҳед". Расулуллоҳ (с) гуфтанд: "На, лекин ту рӯза дор***".

Дар лафзи дигар омадааст:

"***Ё Расулуллоҳ, оё маро ба ахтакунӣ рухсат медиҳед?" Расулуллоҳ (с) дар ҷавоб гуфтанд: "Аллоҳ моро ба ҷои раҳбоният ҳанифият, яъне роҳи васеи ба ҳақ моилро арзонӣ дошт***".

Аҳмад аз Анас (р) ривоят кардааст:

"***Пайғамбар (с) ба боат фармуда, аз табаттул қатъӣ боздоштанд ва гуфтанд: "Бо занони пурмеҳр ва сернасл издивоҷ кунед. Албатта ман рӯзи қиёмат дар ҳузури умматҳо бо сершумории шумо фахр мекунам***".

Инчунин батамом қатъ кардани насл ба он, ки Шореъ насл гузоштан ва фарзанд диданро ба асоси бунёд кардани оила табдил додааст, зид меояд. Бинобар ин, Аллоҳ Таоло ба мардум бо миннат мегӯяд:

وَجَعَلَ لَكُم مِّنْ أَزْوَاجِكُم بَنِينَ وَحَفَدَةً

"***Ва аз ҳамсаронатон фарзандон ва фарзандзодагон падид оварd***" [16:72].

Дар ҳақиқат Шореъ серфарзандиро кори сазовори ситоиш гардонида, ба он ҳавасманд кардааст ва шахси серфарзандро ситоиш намудааст. Анас (р) ривоят мекунад, ки Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"***Бо занони писандида, ки бисёр фарзанд таваллуд мекунанд, издивоҷ кунед, зеро ман рӯзи қиёмат бо сершумории шумо дар байни пайғамбарон фахр мекунам***".

Ин ҳадисро Аҳмад овардааст. Абдуллоҳ ибни Умар (р) ривоят мекунад, ки Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

"***Бо модарони сернасл издивоҷ кунед, зеро ман рӯзи қиёмат бо шумо фахр мекунам***".

Ин ҳадисро Аҳмад ривоят кардааст. Маъқал ибни Ясор ривоят мекунад:

"***Марде ба ҳузури Пайғамбар (с) омад ва гуфт: "Ман занеро ёфтам, ки банасабу базеб аст, вале таваллуд намекунад. Оё бо ӯ издивоҷ кунам?" Пайғамбар (с) гуфтанд: "На". Ин мард бори дуюм омад ва пурсид, вале***

***Пайғамбар (с) ӯро боздоштанд. Вақте ки бори сеюм омад, Пайғамбар (с) гуфтанд: "Бо зани пурмеҳру сернасл издивоҷ кунед. Ман бо сершумории шумо фахр мекунам***"".

Ин ҳадисро Абӯдовуд овардааст.

Ҷоизии қатъи муваққатии ҳамл бо азл ё воситаҳои дигар ба ҷоизии исқоти ҳамл далолат намекунад. Исқоти ҳамл бо ҳар роҳ: хоҳ бо истеъмоли дору, хоҳ бо ҳаракатҳои вазнин, хоҳ бо роҳҳои тиббӣ ва аз тарафи ҳар кас: хоҳ модар бошад, хоҳ падар ва хоҳ табиб, агар ба ҳамл ҷон даромада бошад, ҳаром аст. Зеро ин кор куштани одами бегуноҳ ба ҳисоб меравад. Он ҷиноятест, ки дияро воҷиб мегардонад ва миқдори он озод кардани як ғулом ё каниз мебошад, арзиши он ба даҳяки хуни инсони комил баробар мебошад. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

**وَلاَ تَقْتُلُواْ النَّفْسَ الَّتِي حَرَّمَ اللّهُ إِلاَّ بِالْحَقِّ**

"***Ва касеро, ки Аллоҳ куштанашро ҳаром кардааст, магар ба ҳақ, макушед***" [6:151].

Имом Бухорӣ ва Муслим аз Абӯҳурайра ривоят кардаанд:

"***Расулуллоҳ (с) дар хусуси исқоти ҳамли зане аз қабилаи Банӣ-Лиҳён ба озод кардани як ғулом ё каниз ҳукм карданд***".

Дар ҳамле, ки дия воҷиб мегардад, шарт аст, ки баъзеи аъзоёни ҷисми одам, яъне яке аз аъзоён монанди ангушт, даст, пой, сар, чашм ё нохун пайдо шуда бошад.

Аммо исқоти ҳамл пеш аз рӯҳ дамидан (ҷон даромадан), агар баъд аз чил рӯзи пайдоиши ҳамл содир карда шавад ва ба вақти инкишофи ҳамл рост ояд, ҳаром мегардад. Муслим аз Абдуллоҳ ибни Масъуд ривоят мекунад, ки Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

"***Чилу ду шаб пас аз рехтани нутфа (ба раҳми модар) Аллоҳ фариштаеро мефиристад. Сипас сурати вай кашида мешавад, гӯш, чашм, пӯст, гӯшт ва устухонаш офарида мешавад. Сипас фаришта мегӯяд: "Парвардигоро, оё мард аст ё зан?" Сипас (мард ё зан будани ӯ) ҳукм карда мешавад" (дар ривояти дигар "чил шаб" гуфта шудааст)***.

Исқоти ҳамл баъд аз ҷон даромадан ҳаром аст. Дар ин ҳол дия, яъне озод кардани ғулом ё каниз воҷиб мегардад. Зеро агар ба ҳамл ҷон дарояд ва ташаккули аъзоёни ӯ оғоз ёбад, муқаррар мегардад, ки вай ҳамли зинда мебошад, ки ба инсони комил табдил ёфта истодааст. Бинобар ин, таҷовуз ба вай монанди таҷовуз ба ҳаёти инсони бегуноҳ мебошад ва "зинда ба зинда гӯр кардани кӯдак" ба ҳисоб меравад, ки Аллоҳ ин корро ҳаром гардонидааст. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَإِذَا الْمَوْؤُودَةُ سُئِلَتْ بِأَيِّ ذَنبٍ قُتِلَتْ

"***Ва чун аз духтари зинда ба гӯр шуда пурсида шавад, ки ба чӣ гуноҳе кушта шудааст***" [81:8-9].

Бинобар ин, исқоти ҳамл аз тарафи падар, модар ё табиб баъд аз чил рӯз аз пайдоиши ҳамл ҳаром мегардад. Анҷомдиҳандаи ин кор ба ҷиноят ва гуноҳ даст мезанад. Чунон ки дар ҳадиси Бухорӣ ва Муслим омад, дия – озод кардани як ғулом ё каниз воҷиб мегардад.

Новобаста ба давраи аввали инкишоф ё баъд аз рӯҳ дамидан ба исқоти ҳамл рухсат дода намешавад. Лекин ба тариқи истисно, агар табибони одил қарор кунанд, ки ҳузури ҳамл дар батни модар боиси марги модар ва ҳомила мегардад, барои нигоҳ доштани ҳаёти модар ба исқоти ҳамл рухсат дода мешавад.

# *ТАЛОҚ*

Аллоҳ, чунон ки никоҳро машрўъ гардонид, талоқро низ машрўъ гардонид. Китоб, суннат ва иҷмои саҳобагон дар машрўияти талоқ асос мебошад. Далелҳо аз Китоб: Аллоҳ Таоло мегўяд:

**الطَّلَاقُ مَرَّتَانِ فَإِمْسَاكٌ بِمَعْرُوفٍ أَوْ تَسْرِيحٌ بِإِحْسَانٍ**

"**Ин талоқ ду бор аст ва аз он пас ё ба некў ваҷҳе нигаҳ доштани ўст ё ба некў ваҷҳе раҳо сохтанаш**" [2:229],

**يَا أَيُّهَا النَّبِيُّ إِذَا طَلَّقْتُمُ النِّسَاء فَطَلِّقُوهُنَّ لِعِدَّتِهِنَّ**

"**Эй пайғамбар, агар занонро талоқ медиҳед, ба вақти идда талоқашон диҳед**" [65:1].

Далелҳо аз суннат: Умар ибни Хаттоб ривоят мекунад:

"***Набӣ (с) Ҳафсаро талоқ карданд, сипас ўро аз нав баргардониданд***".

Ин ҳадисро Ҳоким ва Ибни Ҳиббон ривоят кардаанд. Инчунин Абдуллоҳ ибни Умар ривоят мекунад:

"***Маро як зани дӯстдошта буд ва падарам ӯро бад медид. Падарам маро фармуд, ки ӯро талоқ диҳам, вале ман розӣ нашудам. Сипас падарам дар ин бора ба Расулуллоҳ (с) гуфт ва он кас ба ман гуфтанд: "Эй Абдуллоҳ ибни Умар, занатро талоқ кун***".

Ин ҳадисро Тирмизӣ ва Ҳоким ривоят кардаанд. Саҳобагон низ иҷмоъ кардаанд, ки талоқ аз тарафи шариат муқаррар гардидааст.

Талоқ қатъи алоқаи никоҳ ва бекор кардани ақди никоҳ мебошад. Ба ҷоизии талоқ ҳеҷ гуна иллати шаръӣ нест, зеро ҳеҷ гуна далел: хоҳ далели Қуръон бошад ва хоҳ далели суннат, дар ин бора ягон иллатро дар бар нагирифтааст. Ҳалол будани талоқ на аз рӯи ягон иллат, балки танҳо барои ҳалол гардонидани шариат мебошад. Талоқи шаръӣ се маротиба мебошад, ки пай дар пай рух медиҳад. Агар як маротиба талоқ кунад, як талоқ меафтад ва шавҳар занашро бе интиҳои муддати идда бе никоҳи дубора баргардонида метавонад. Агар дуюм маротиба талоқ кунад, ду талоқ меафтад ва шавҳар занашро бе интиҳои муддати идда бе никоҳи нав ба никоҳаш баргардонида метавонад. Агар дар ин ду ҳолат муддати идда гузарад, талоқи раҷъӣ ба талоқи боини хурд табдил меёбад ва акнун шавҳар бе никоҳи нав ва бе маҳри нав занашро аз нав ба никоҳаш гирифта наметавонад. Агар сеюм бор талоқ кунад, талоқи боини калон меафтад ва акнун шавҳар занашро аз нав ба никоҳ гирифта наметавонад, магар он ки зан ба шавҳари дигар расида, бо ӯ ҷимоъ кунад ва сипас ин шавҳар ӯро талоқ карда, муддати идда ба охир расад. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

الطَّلاَقُ مَرَّتَانِ فَإِمْسَاكٌ بِمَعْرُوفٍ أَوْ تَسْرِيحٌ بِإِحْسَانٍ وَلاَ يَحِلُّ لَكُمْ أَن تَأْخُذُواْ مِمَّا آتَيْتُمُوهُنَّ شَيْئًا إِلاَّ أَن يَخَافَا أَلاَّ يُقِيمَا حُدُودَ اللّهِ فَإِنْ خِفْتُمْ أَلاَّ يُقِيمَا حُدُودَ اللّهِ فَلاَ جُنَاحَ عَلَيْهِمَا فِيمَا افْتَدَتْ بِهِ تِلْكَ حُدُودُ اللّهِ فَلاَ تَعْتَدُوهَا وَمَن يَتَعَدَّ حُدُودَ اللّهِ فَأُوْلَـئِكَ هُمُ الظَّالِمُونَفَإِن طَلَّقَهَا فَلاَ تَحِلُّ لَهُ مِن بَعْدُ حَتَّىَ تَنكِحَ زَوْجًا غَيْرَهُ فَإِن طَلَّقَهَا فَلاَ جُنَاحَ عَلَيْهِمَا أَن يَتَرَاجَعَا إِن ظَنَّا أَن يُقِيمَا حُدُودَ اللّهِ وَتِلْكَ حُدُودُ اللّهِ يُبَيِّنُهَا لِقَوْمٍ يَعْلَمُونَ

"***Ин талоқ ду бор аст ва аз он пас ё ба некӯ ваҷҳе нигаҳ доштани ӯст ё ба некӯ ваҷҳе раҳо сохтанаш. Ва ҳалол нест, ки аз он чӣ ба занон додаед, чизе бозситонед, магар он ки бидонанд, ки ҳудуди Аллоҳро риоят намекунанд. Аммо ҳар гоҳ донистед, ки он ду ҳудуди Аллоҳро риоят намекунанд, агар зан худро аз шӯй бозхарад, гуноҳе бар он ду нест. Инҳо ҳудуди Аллоҳ аст. Аз он таҷовуз макунед, ки ситамкорон аз ҳудуди Аллоҳ таҷовуз мекунанд. Пас агар боз занро талоқ дод, дигар бар ӯ ҳалол нест, магар он ки ба никоҳи марде дигар дарояд ва ҳар гоҳ он мард занро талоқ диҳад, агар медонанд, ки ҳудуди Аллоҳро риоят мекунанд, руҷуашонро гуноҳе нест. Инҳо ҳудуди Аллоҳ аст, ки барои мардуме доно баён мекунад***" [2:229-230].

Зеро Аллоҳ Таоло ба мусулмонон кайфияти талоқ карданро таълим дод:

الطَّلاَقُ مَرَّتَانِ

"***Ин талоқ ду бор аст***" [2:229].

Сипас ба онҳо ихтиёр дод, ки занонро бо муомилаи зебо ва адои ҳаққашон нигоҳ доранд ё бо некӣ аз онҳо ҷудо шаванд. Сипас Аллоҳ Таоло гуфт:

فَإِن طَلَّقَهَا فَلاَ تَحِلُّ لَهُ مِن بَعْدُ حَتَّىَ تَنكِحَ زَوْجًا غَيْرَهُ

"***Пас агар боз занро талоқ дод, дигар бар ӯ ҳалол нест, магар он ки ба никоҳи марде дигар дарояд***" [2:230],

яъне таъкид кард, ки агар баъд аз ду талоқи гузашта сеюм маротиба талоқ кунад, то зан ба шавҳари дигар нарасад, баргардонидан ҳалол намешавад. Сипас Аллоҳ Таоло гуфт:

فَإِن طَلَّقَهَا فَلاَ جُنَاحَ عَلَيْهِمَا أَن يَتَرَاجَعَا

"***Ва ҳар гоҳ он мард занро талоқ диҳад, руҷуашонро гуноҳе нест***" [2:230],

яъне агар шавҳари баъдина ӯро талоқ кунад, шавҳари пешина бо никоҳи нав ва маҳри нав баргашта ба никоҳ гирифта метавонад. Фоили феъли  ба калимае, ки аз ҳама наздик истодааст, яъне ба шавҳари дуюм, ки бо лафзи  ифода карда шудааст, бармегардад. Аммо фоили феъли  ба шавҳари аввала бармегардад. Бо ибораи дигар, агар шавҳари аввала ва зан хоҳанд, дар издивоҷи дубораи онҳо ҳеҷ гуна монеа вуҷуд надорад. Аз ин рӯ, шавҳар занашро се маротиба талоқ карда метавонад. Баъд аз ду талоқ ӯ занашро аз нав ба никоҳ гирифта метавонад. Аммо баъд аз сеюм талоқ занашро, то ӯ ба шавҳари дигар нарасад, аз нав ба никоҳ гирифта наметавонад.

Талоқ дар дасти шавҳар аст, на дар дасти зан. Сабаби ба дасти шавҳар дода шудани талоқ ин аст, ки Аллоҳ Таоло ба ин ҳукм кардааст ва азбаски дар шариат ба ин иллат наомадааст, ба ҳукми мазкур иллат нишон дода намешавад. Таҳқиқи амиқи воқеи никоҳ ва талоқ нишон медиҳад, ки издивоҷ оғози ҳаёти нави заношӯӣ мебошад, бинобар ин, мард ва зан дар интихоби ҳамсари дилхоҳ ихтиёр доранд ва ҳар яки онҳо метавонад бо каси дилхоҳ издивоҷ карданро ихтиёр ё рад кунад. Лекин баъд аз издивоҷи амалӣ ва ба зиммаи шавҳар гузоштани сарварии оилаву зан ҳуқуқи талоқ кардан бояд ба

шавҳар дода шавад. Зеро ӯ сардор ва мураббии оила мебошад. Муаммо ва масъулиятҳои оила батамом ба дӯши ӯ гузошта шудааст. Бинобар ин, бекор кардани аҳдномаи оила низ бояд ба ӯ дода шавад. Зеро ҳуқуқ ба миқдори масъулият хоҳад буд. Ҳуқуқи ҷудо кардани байни зану шавҳар ба касе дода шуд, ки роҳбариро ба ӯҳда дорад. Вале ин нишон додани иллати ҳукми шаръӣ нест, балки васфи воқеи мавҷуда мебошад, зеро иллати ҳукми шаръӣ бояд танҳо иллати шаръӣ бошад, ки дар далели шаръӣ омадааст.

Илова бар ин, дар дасти шавҳар будани талоқ ва ҳуқуқи шавҳар будани талоққунӣ далолат намекунад, ки ба зан худро талоқ кардан ва аз шавҳар ҷудо шудан ҷоиз набошад. Балки ин ҳуқуқ аслан бе қайд ба ягон ҳолат мутлақ дар дасти шавҳар аст ва шавҳар метавонад бе ҳеҷ гуна сабаб низ занашро талоқ кунад. Лекин зан низ дар ҳолатҳои муайян, ки шариат ба он далел овардааст, метавонад худро талоқ кунад ва ақди никоҳро дар байни худ ва шавҳараш бекор намояд. Шариат ба зан дар ҳолатҳои зерин ҳуқуқи бекор кардани ақди никоҳро медиҳад:

1. Агар шавҳар кори талоққуниро ба зан супорида бошад. Аз рӯи ин имконият зан метавонад худро талоқ кунад. Ин зан мегӯяд: "Ман худро аз шавҳарам фалонӣ талоқ кардам" ё метавонад хитоб кунад: "Ман худро аз ту талоқ кардам". Лекин ҷоиз нест, ки ба шавҳараш гӯяд: "Туро талоқ кардам" ё "Ту талоқ ҳастӣ". Зеро агар талоқ аз тарафи зан содир гардад, на ба зиммаи шавҳар, балки ба зиммаи зан меафтад. Аз рӯи он ки Расулуллоҳ (с) ба занон ихтиёр додаанд ва саҳобагон низ ба ин иҷмоъ кардаанд, шавҳар метавонад кори талоқро ба дасти зан бисупорад;

2. Агар зан донад, ки дар шавҳараш иллате, монанди заифии ҷинсӣ ва ахтагӣ вуҷуд дорад, ки ба алоқаи ҷинсӣ монеъ

мешавад ва худи зан аз ин гуна иллатҳои монеъшаванда солим бошад. Дар ин гуна ҳолатҳо зан метавонад бекор кардани никоҳро аз шавҳараш талаб кунад. Агар ҳоким мавҷудияти ин айбро аниқ кунад, як сол мӯҳлат муқаррар менамояд. Агар дар тӯли ин муддат шавҳар бо занаш ҷимоъ карда натавонад, талаби зан қонеъ гардонида мешавад ва никоҳ бекор мешавад. Ривоят карда мешавад: "Ибни Мунзир бо вуҷуди ахта будан бо зане издивоҷ кард. Умар (р) пурсид: "Оё ба занат ин чизро гуфтӣ?" Ибни Мунзир гуфт: "На". Умар (р) гуфт: "Ба ӯ бигӯ ва ихтиёр деҳ". Тавре ки ривоят карда мешавад, Умар ба марде, ки заифии ҷинсӣ дорад, як сол мӯҳлат додааст. Агар зан донад, ки закари шавҳараш бурида ё фалаҷ шудааст, аз лаҳзаи донистан ихтиёраш дар дасти ӯст. Ба ин зан муддат муқаррар карда намешавад, зеро дар ин гуна ҳолат ба алоқаи ҷинсӣ умед нест ва интизор шудани алоқаи ҷинсӣ маъно надорад;

3. Агар пеш ё баъд аз ҷимоъи зану шавҳар аён гардад, ки шавҳар бемории хавфнок, монанди бемории махав ва песӣ, бемории зуҳравӣ ва бемории сил дорад ё сироят кардааст, ки зиндагии солим бо шавҳар мумкин нест, зан метавонад ба қозӣ муроҷиат намояд ва талаб гузорад, ки ӯро аз шавҳар ҷудо кунад. Агар мавҷудияти бемориҳои мазкур аниқ гардад ва аён гардад, ки табобат аз ин гуна беморӣ дар тӯли муддати муайян илоҷ надорад, талаби зан қонеъ гардонида мешавад. Ихтиёри зан доимист ва ба ягон мӯҳлат маҳдуд нест. Далел ин аст, ки имом Молик дар китоби "Муватто" аз Саид ибни Мусайяб ривоят кардааст: "Ҳар марде бо зане издивоҷ кунад ва ин мард девонагӣ ё дигар бемории зараровар дошта бошад, ба ин зан ихтиёр дода мешавад: агар хоҳад якҷоя зиндагӣ мекунад, дар акси ҳол ҷудо мешавад";

4. Агар баъд аз никоҳ шавҳар девона шавад, зан метавонад ба қозӣ муроҷиат намояд ва талаб гузорад, ки ӯро аз шавҳар ҷудо кунад. Қозӣ ҷудошавиро ба муддати як сол ба таъхир меафканад. Агар дар тӯли ин муддат шавҳар аз девонагӣ шифо наёбад ва зан аз фикри ҷудошавӣ барнагардад, қозӣ ба ҷудошавӣ ҳукм мекунад. Ҳадисе, ки дар "Муватто" омадааст, ба ин далел мешавад;

5. Агар шавҳар ба сафари дур ё наздик баромада, бе дарак равад ва дар ҳаққи ӯ ҳеҷ гуна хабар набошад, инчунин ба зан нафақа ёфтан барои рӯзгузаронӣ душвор гашта, ба ин кор имкон наёбад, дар ин ҳол баъд аз сарфи тамоми имконият ба ҷустуҷӯ ва пайдо кардани шавҳар зан метавонад ҷудошавиро талаб кунад. Далели ин ҳадиси зерини Пайғамбар ( дар бораи занест, ки ба шавҳараш гуфтааст:

"Маро таом деҳ, дар акси ҳол аз худ ҷудо кун". Ин ҳадисро Доруқутнӣ ва Аҳмад овардаанд. Ин ҷо таом надодан иллати ҷудошавӣ мебошад;

6. Агар бо вуҷуди сарватманд будан аз парастории занаш сар печад ва зан барои рӯзгузаронӣ нафақаи заруририро аз боигарии шавҳараш гирифта натавонад, дар ин ҳол зан метавонад талоқро талаб кунад. Қозӣ бе ягон мӯҳлат бояд дарҳол никоҳро бекор кунад. Зеро Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

"***Занат аз касонест, ки метавонад бигӯяд: "Маро таом деҳ, дар акси ҳол аз худ ҷудо кун***".

Ин ҳадисро Доруқутнӣ ва Аҳмад овардаанд. Умар (р) ба мардоне, ки мутлақо ба назди занонашон намеоянд, чунин мактуб навиштааст: "***Ё нафақа диҳед, ё талоқ кунед***". Саҳобагон аз ин хабардор буданд ва инкор накардаанд. Пас ин иҷмои онҳо мебошад;

7. Агар дар байни зану шавҳар низоъ ва носозгорӣ ба вуҷуд ояд, зан метавонад ҷудошавиро талаб кунад. Ба қозӣ воҷиб аст, ки аз хешовандони шавҳар як нафар ҳакам ва аз хешовандони зан як нафар ҳакам таъин кунад. Маҷлиси оилавӣ шикояти ҳар яки онҳоро мешунавад ва ба ислоҳ кардан кӯшиш мекунад. Агар илоҷи ислоҳ кардан набошад, худи ҳамин маҷлис, аз рӯи он ки зарур медонад, онҳоро ҷудо мекунад. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

**وَإِنْ خِفْتُمْ شِقَاقَ بَيْنِهِمَا فَابْعَثُواْ حَكَمًا مِّنْ أَهْلِهِ وَحَكَمًا مِّنْ أَهْلِهَا إِن يُرِيدَا إِصْلاَحًا يُوَفِّقِ اللّهُ بَيْنَهُمَا**

"***Агар аз ихтилофи миёни зану шӯй огоҳ шудед, доваре аз касони мард ва доваре аз касони зан баргузинед. Агар он дуро қасди ислоҳ бошад, Аллоҳ миёнашон мувофиқат падид меоварад***" [4:35].

Дар якум ҳолат шариат ба зан ҳуқуқи худталоқкуниро дод ва дар ҳолатҳои дигар ҳуқуқи талоқ талаб карданро дод. Воқеи ҳолатҳои мазкур нишон медиҳад, ки дар нигоҳи Шореъ зан дӯсти шавҳар дар ҳаёти оилавӣ мебошад ва зарари ҳар гуна нохушие, ки дар хона содир мешавад, ба мисли шавҳар ба зан низ мерасад. Пас барои халосӣ аз бадбахтие, ки ба сари оила омадааст, ҳуқуқи бекор кардани никоҳро аз тарафи зан кафолатнок гардонидан зарур аст. Бинобар ин, Шореъ ҳангоми аз байн рафтани осудагии оилавӣ занро ба ҳамзистӣ бо шавҳар маҷбур накард ва дар ҳолатҳое, ки аниқ шудани вуҷуд надоштани имкони ҳамзистӣ ё осудагии оилавӣ ба зан ҳуқуқи бекор кардани никоҳро дод.

Аз ин аён мегардад, ки Аллоҳ Таоло ҳуқуқи талоқ карданро ба мард додааст. Зеро ӯ дар болои зан роҳбар ва масъули оила мебошад. Ба зан ҳуқуқи талаб кардани бекоркунии никоҳ дода шудааст, то ки дар зиндагии худ бадбахт набошад,

оилае, ки ҷойи осудагӣ ва осоиштагӣ аст, ба ҷойи бадбахтӣ ва изтироб табдил наёбад.

Аммо дар хусуси иллати машрӯъ гардонидани талоқ таваққуф намоем, чунон ки пештар зикр кардем, нусуси шаръӣ ба талоқ иллат нишон надодааст ва талоқ иллат надорад. Лекин воқеи машрӯъ гардонидани талоқ, кайфияти машрӯъ гардонидани талоқ нисбат ба издивоҷ ва корҳоеро, ки аз ин сар мезанад, метавон баён кард. Воқеи никоҳ нишон медиҳад, ки никоҳ барои ташкили оила ва таъмини осоиштагии оила ба вуҷуд омадааст. Зеро агар коре содир гардад, ки ба осоиштагии оила таҳдид меандозад ва вазъият то андозае расад, ки ҳамзистӣ ғайриимкон гардад, дар ин ҳол зану шавҳар бояд воситае дошта бошанд, ки барои ҷудо шудан аз он истифода баранд. Ҷоиз нест, ки яке аз онҳо ё ҳар дуи онҳо дар ин гуна ҳолат ба ҳамзистӣ маҷбур карда шавад. Аллоҳ Таоло талоқро машрӯъ гардонид ва гуфт:"***Ин талоқ ду бор аст ва аз он пас ё ба некӯ ваҷҳе нигаҳ доштани ӯст ё ба некӯ ваҷҳе раҳо сохтанаш***" [2:229], то ки бадбахтӣ дар оила доимӣ набошад ва осоиштагии оилавӣ дар байни мардум бардавом бошад. Агар дар оила бо сабаби номувофиқати табиати зану шавҳар ё ҳодисае, ки ҳаёти онҳоро вайрон мекунад, ин осоиштагӣ аз байн равад, дар ин ҳол ба ҳар ду имкон дода шавад, ки ин осоиштагии оилавиро бо шахси дигар барпо карда тавонанд. Вале Ислом бадбинӣ ва писанд наафтиданро сабаби талоқ нагардонид, балки зану шавҳарро ба ҳамзистии накӯ фармуд ва гарчи бад бинад ҳам, бо сабр ва гумони "шояд дар ин некӣ бошад" ба ҳамзистӣ ҳавасманд гардонид. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

**وَعَاشِرُوهُنَّ بِالْمَعْرُوفِ فَإِن كَرِهْتُمُوهُنَّ فَعَسَى أَن تَكْرَهُواْ شَيْئًا وَيَجْعَلَ اللّهُ فِيهِ خَيْرًا كَثِيراً**

"***Ва бо онон ба некӯӣ рафтор кунед. Ва агар шуморо аз занон хуш наёмад, чӣ басо чизҳо, ки шуморо аз он хуш намеояд, дар ҳоле ки Аллоҳ хайри касире дар он ниҳода бошад***" [4:19].

Мардонро ба истифодаи воситаҳое, ки занонро аз якравӣ бозмедорад, фармуд. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَاللاَّتِي تَخَافُونَ نُشُوزَهُنَّ فَعِظُوهُنَّ وَاهْجُرُوهُنَّ فِي الْمَضَاجِعِ وَاضْرِبُوهُنَّ

"***Ва он занонро, ки аз нофармонияшон бим доред, андарз диҳед ва аз хобгоҳашон дурӣ кунед ва бизанедашон***" [4:34].

Ҳамин тавр, ба истифодаи тамоми воситаҳои нарм ва ғайринарм фармуд, то муаммоҳоеро, ки дар байни зану шавҳар рух медиҳад, ба тарзе ки дар байни онҳо ва талоқ монеа мешавад, ҳал кунад. Агар муомилаи накӯ фоида надиҳад ва воситаҳои сахттар низ нафъ наоранд, гарчи кор ранги дигар гирифта, бадбинӣ, нописандӣ ва якравӣ ба дараҷаи низоъ ва ҷанҷол расад ҳам, Ислом бо эътибори қадами дуюм талоқро муқаррар накардааст. Балки бо вуҷуди пурзӯрии тангӣ дар байни ҳар ду барои ислоҳ ва созиши миёни зану шавҳар фармуд, ки аз хешовандони ҳар ду ҷониб ҳакам таъин карда шавад. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَإِنْ خِفْتُمْ شِقَاقَ بَيْنِهِمَا فَابْعَثُواْ حَكَمًا مِّنْ أَهْلِهِ وَحَكَمًا مِّنْ أَهْلِهَا إِن يُرِيدَا إِصْلاَحًا يُوَفِّقِ اللّهُ بَيْنَهُمَا إِنَّ اللّهَ كَانَ عَلِيمًا خَبِيرًا

"***Агар аз ихтилофи миёни зану шӯй огоҳ шудед, доваре аз касони мард ва доваре аз касони зан баргузинед. Агар он дуро қасди ислоҳ бошад, Аллоҳ миёнашон мувофиқат падид меоварад, ки Аллоҳ донову огоҳ аст!***" [4:35].

Агар ин ду вакил ба ислоҳ ва созиши миёни зану шавҳар қодир нашаванд, баъд ин кӯшишҳо илоҷи дигари ислоҳу

созиши миёни онҳо намемонад. Зеро ҳисси дохилии онҳо ҷуз ҷудошавӣ чизи дигарро қабул намекунад. Акнун ҷуз талоқ чораи дигар намемонад. Шояд аз талоқ онҳо осоиштагии оилавиро ёбанд ва бо талоқ ин гуна муаммоҳо барҳам ёбад. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَإِن يَتَفَرَّقَا يُغْنِ اللّهُ كُلاًّ مِّن سَعَتِهِ وَكَانَ اللّهُ وَاسِعًا حَكِيمًا

"***Ва агар он ду аз якдигар ҷудо шаванд, Аллоҳ ҳар дуро бо камоли фазли хеш бениёз созад, ки Аллоҳ кушоишдиҳанда ва ҳаким аст!***" [4:130].

Лекин ин талоқ низ дар байни зану шавҳар имконият гузошт ва онҳоро батамом аз ҳам ҷудо накард. Балки баъд аз якум ва дуюм талоқ ба онҳо ҳуқуқи аз нав никоҳ карданро дод. Зеро якум ва дуюм талоқ баъзан дар қалби зану шавҳар баъд аз талоқи якум бори дуюм ва баъд аз талоқи дуюм бори сеюм ба азнавсаркунии ҳаёти оилавӣ рағбат пайдо мекунад. Аз ин рӯ, шариат талоқро бо се маротиба талоқ кардан муқаррар намуд. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

الطَّلاَقُ مَرَّتَانِ فَإِمْسَاكٌ بِمَعْرُوفٍ أَوْ تَسْرِيحٌ بِإِحْسَانٍ

"***Ин талоқ ду бор аст ва аз он пас ё ба некӯ ваҷҳе нигаҳ доштани ӯст, ё ба некӯ ваҷҳе раҳо сохтанаш***" [2:229],

то ки зану шавҳар дар натиҷаи гӯшандозӣ ба қалби худ ва бозгашт ба тақвои Аллоҳ, ки дар қалбашон ҷойгир шудааст, ҳаёти оилавиро аз нав сар кунанд. Аҷаб нест, ки ба пайдо кардани роҳату осудагӣ ва осоиштагии оилавӣ, ки пеш ёфта натавонистаанд, кӯшиш намоянд. Бинобар ин, Ислом ба шавҳар рухсат додааст, ки баъд аз якум ва дуюм талоқ

занашро аз нав ба никоҳ гирад. Инчунин Ислом ба зану шавҳар воситаеро муҳайё намуд, ки ба онҳо барои гӯшандозӣ ба қалбашон, андешаи дубора дар бораи ҷудошавӣ ва андешаи аз пештара ҷиддитар имкон диҳад. Зеро муддати иддаро баъд аз талоқ бо муддати се ҳайз муқаррар намуд. Ин муддат тақрибан се моҳро ташкил медиҳад. Ё агар ҳомила бошад, муддати иддаро то таваллуд шудани кӯдак муқаррар намуд. Дар тӯли ин муддат масъулияти таъмини маскан ва парастории занашро ба шавҳар супорид ва аз хона рондани зани иддадорро то охири ин муддат манъ кард. Ин барои наздик кардани қалбҳо ва пок гардонидани дилҳо, барои васеъ кардани роҳ дар роҳи баргаштани ду ҷониб ба якдигар ва барои ҳамзистии дубораи онҳо шароит фароҳам овардан буд. Ислом аз ин ҷиҳат дар Қуръон тавсия медиҳад. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَإِذَا طَلَّقْتُمُ النَّسَاء فَبَلَغْنَ أَجَلَهُنَّ فَأَمْسِكُوهُنَّ بِمَعْرُوفٍ أَوْ سَرِّحُوهُنَّ بِمَعْرُوفٍ وَلاَ تُمْسِكُوهُنَّ ضِرَارًا لَّتَعْتَدُواْ وَمَن يَفْعَلْ ذَلِكَ فَقَدْ ظَلَمَ نَفْسَهُ

"***Ҳар гоҳ занонро талоқ додед ва мӯҳлаташон сар омад ё ононро ба некӯ ваҷҳе нигаҳ доред ё ба некӯ ваҷҳе раҳо созед. Ва то бар онҳо зиён бирасонед, ё ситам бикунед, нигоҳашон мадоред. Ва ҳар кас, ки чунин кунад, ба хештан ситам кардааст***" [2:231].

Агар ин муомила фоида надиҳад ё баъд аз якум ва дуюм талоқ таъсир кунад, вале аздусар сеюм талоқ содир гардад, дар ин ҳол кор чуқуртар реша медавонад, печдарпечии кор меафзояд ва низоъ сахттар мегардад. Нигоҳ доштани оила он сӯ истад, мурољиат ба баргардонидани никоҳ ҳаргиз фоида намедиҳад. Такрор кардани таҷрибаи бесамар дар ин издивоҷ бе издивоҷи дигар фоида надорад. Акнун ҷуз ҷудо кардани байни зану шавҳар ва издивоҷи дигар чораи дигар вуҷуд

надорад. Бинобар ин, сеюм талоқ чораи қатъии ҳалкунанда муқаррар гардид. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

فَإِن طَلَّقَهَا فَلاَ تَحِلُّ لَهُ مِن بَعْدُ حَتَّىَ تَنكِحَ زَوْجًا غَيْرَهُ

"***Пас агар боз занро талоқ дод, дигар бар ӯ ҳалол нест, магар он ки ба никоҳи марде дигар дарояд***" [2:230].

Баъд аз талоқи сеюм, то зан ба шавҳари дигар расида, ҷимоъ накунад ва барои эҳсоси пурраи заношӯӣ "мазаи ӯро мард ва мазаи мардро ӯ начашад", шавҳари пешина ин занро ба никоҳи худ гирифта наметавонад. Зан, агар издивоҷи дуюмро низ дар таҷриба бинад ва дар издивоҷи дуюм лаззату ҳаловати издивоҷи аввалаaро наёбад, сипас аз шавҳари дуюм ҷудо шавад, дар ин ҳангом зани мазкур барои баргашт ба ҳамзистӣ бо шавҳари аввалааш имкон пайдо мекунад. Зеро бо шавҳари дуюм ҳаёти заношӯиро аз сар гузаронид, бори дуюм дар таҷриба дид ва ҳар дуро бо ҳам муқоиса намуд. Агар акнун аз нав ҳамзистиро ихтиёр кунад, пас дидаву дониста ихтиёр кардааст. Бинобар ин, Шореъ ба зан, баъд аз он ки ба шавҳари дигар расида, бо ӯ ҳамхобагӣ мекунад ва сипас аз ӯ ҷудо мешавад, баргаштро ба шавҳари пешинаи худ, ки ӯро се маротиба талоқ кардааст, ҳалол гардонид. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

فَإِن طَلَّقَهَا فَلاَ تَحِلُّ لَهُ مِن بَعْدُ حَتَّىَ تَنكِحَ زَوْجًا غَيْرَهُ

"**Пас агар боз занро талоқ дод, дигар бар ӯ ҳалол нест, магар он ки ба никоҳи марде дигар дарояд**" [2:230],

сипас дар худи ҳамин оят гуфт:

فَإِن طَلَّقَهَا

"***Ва ҳар гоҳ он мард занро талоқ диҳад***" [2:230],

яъне шавҳари дуюм ӯро талоқ кунад:

فَلاَ جُنَاحَ عَلَيْهِمَا

***"(ба ҳар ду) гуноҳе нест"*** [2:230],

яъне ба зане, ки аз шавҳари дуюм талоқ карда шудааст ва шавҳари аввалаи ӯ:

أَن يَتَرَاجَعَا

"***руҷуашонро***" [2:230],

яъне дар баргашти ҳар яки онҳо ба ҳамсари худ бо сабаби никоҳ гуноҳе нест.

Корҳое, ки кайфияти машрӯъ гардонидани талоқ роҳ нишон додааст, ҳамин аст. Ҳамин тавр, ҳикматҳои бузург дар машрӯъ гардонидани талоқ, тариқати машрӯъ гардонидан, кайфияти талоқ кардан ва нигоҳ ба ҳаёти иҷтимоӣ барои кафолати издивоҷу зиндагии осоишта равшан мегардад. Агар ин осоиштагӣ аз байн равад ва ба баргардонидани он умед намонад, дар ин ҳол ин зану шавҳарро ҷудо кардан зарур аст. Бинобар ин, Аллоҳ Таоло талоқро машрӯъ гардонид. Мо ҷиҳатҳои онро баён кардем.

# *НАСАБ*

Ҳикмати илоҳӣ тақозо кардааст, ки зан мавзеи ҳомила ва тавлиди тифл бошад. Бинобар ин, зан бояд танҳо бо як мард издивоҷ кунад. Ба зан издивоҷ бо беш аз як мард манъ карда шудааст. Бо якчанд мард издивоҷ кардани зан манъ карда шудааст, то ки ҳар як фард дорои имконияти донистани наслу насаби худ бошад. Шариат ба мустаҳкам гардонидани наслу насаб эътибори калон дода, ҳукми онро пурра баён намудааст.

Камтарин муддати ҳомила шаш моҳ ва муддати одатии ҳомила нӯҳ моҳ аст. Баъд аз шаш моҳ ва беш аз ин муддат баъд аз издивоҷи мард занаш таваллуд кунад, кӯдак фарзанди ин мард аст. Дар ин хусус Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"***Кӯдак аз они бистар аст***".

Ин ҳадиси муттафақун алайҳ аз тариқи Оиша (р) ривоят карда шудааст. Хулоса, зан дар давраи зани шавҳараш будан ва баъд аз муддати бештар аз шаш моҳи никоҳашон таваллуд кунад, ин кўдак фарзанди ҳамин шавҳар мебошад.

Вале занаш баъд аз шаш моҳ ё муддати беш аз он кўдак таваллуд кунад ва аниқ гардад, ки ин кўдак аз шавҳараш нест, шавҳараш метавонад бо якчанд шарт, ки ёфт шудани онҳо зарур аст, ин кўдакро рад кунад. Агар шартҳои мазкур ёфт нашаванд, рад кардани шавҳар арзише надорад. Хоҳ бихоҳад ва хоҳ на кўдак аз они ўст. Шартҳо чунин аст:

**Якум:** Кўдаке, ки падараш бо даъвои "ин кўдак аз насли ман нест" эътироф намекунад, бояд зинда таваллуд шавад. Зеро насаби кўдаке, ки мурда таваллуд шудааст, рад карда намешавад ва ҳукми шаръӣ ба инкор кардани кўдаке, ки мурда таваллуд шудааст, татбиқ карда намешавад;

**Дуюм:** Падар бояд ошкоро ё бо ягон ишора иқрор нашавад, ки ин кўдак фарзанди ў мебошад. Агар ошкоро ё бо ягон ишора иқрор шавад, ки ин кўдак фарзанди ўст, баъд аз ин инкор кардани насаби кўдак мумкин нест;

**Сеюм:** Инкор кардани кўдак дар вақт ва ҳолатҳои муайян бояд ба вуқўъ ояд, яъне дар вақти таваллуд, дар вақти харидани чизҳои зарурӣ барои таваллуд, дар вақти хабар ёфтани шавҳар аз таваллуди занаш ҳангоми дар хона набудани шавҳар. Ҷуз вақт ва ҳолатҳои мазкур инкор кардани насаби кўдак ба эътибор гирифта намешавад. Аз ин рў, агар зан кўдак таваллуд кунад ва шавҳар бо вуҷуди имкони инкори кўдак инкор накунад, кўдак аз насаби ин мард ба ҳисоб меравад ва минбаъд падар ба эътироф накардани кўдак ҳақ надорад. Дар ҳолате ки падар таваллуд шудани кўдакро медонад ва дорои имкони эътироф накардани кўдак мебошад, ба падар ихтиёр дода мешавад.

Агар баъд аз донистани таваллуд шудани кӯдак бо вуҷуди имкон доштан ба инкори кӯдак инкор накунад, кӯдак аз насаби ин мард ба ҳисоб меравад. Зеро Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

"***Кӯдак аз они бистар аст***".

Агар падар даъво кунад, ки таваллуд шудани кӯдакро надонистааст ва бигӯяд, ки ӯ дар маконе, ки эҳтимоли бехабар мондан вуҷуд дорад, масалан дар маҳаллаи дигар ё дар шаҳри дигар, қарор доштааст, мумкин аст рост гӯяд. Азбаски қоидаи асосӣ – нодонӣ вуҷуд дорад, ин падар сухани худро бо қасам тасдиқ мекунад. Агар шавҳар бо занаш дар як ҳавлӣ қарор дошта бошад, наметавон ӯро ростгӯ номид. Зеро дар ин ҳолат бехабар мондани ӯ мумкин нест. Агар шавҳар бигӯяд: "Таваллуд шудани кӯдакро донистам, вале надонистам, ки ба инкор кардани кӯдак ҳақ дорам" ё "Ба инкори кӯдак ҳақдор будани худро донистам, вале надонистам, ки бояд дарҳол инкор кунам", ин даъвои ӯ қабул карда мешавад. Ӯ монанди мардуми омӣ мумкин аст инро надонад. Масалан, шахсе, ки Исломро ба наздикӣ қабул кардааст, аҳкоми зиёдро намедонад. Бинобар ин, нодонии ин падар ҳамчун узр пазируфта ва ба даъвои ӯ гӯш дода мешавад. Агар надонистан кори ғайриимкон бошад, нодонии падар ҳамчун узр пазируфта намешавад;

**Чаҳорум:** Баъд аз инкор кардани кӯдак бояд лаънат хонд ё бо воситаи лаънат хондан кӯдакро инкор кард. Агар бо лаънатхонии комил кӯдакро инкор кунад, танҳо ҳамин вақт кӯдак аз насаби мард ба ҳисоб намеравад.

Агар чаҳор шарти мазкур ёфт шавад, кӯдак аз ғайри насаби падар ба ҳисоб рафта, ба модараш дода мешавад. Чунон ки Ибни Умар ривоят кардааст:

"***Дар замони Расулуллоҳ (с) марде бо занаш лаънатхонӣ кард ва кӯдакашро инкор кард. Расулуллоҳ (с) ин зану шавҳарро аз ҳам ҷудо карда, кӯдакро ба модар доданд***".

Ин ҳадисро Бухорӣ ривоят кардааст. Агар шартҳои инкор кардани кӯдак ёфт нашавад, кӯдак инкор карда намешавад ва аз насли шавҳар ба ҳисоб меравад. Ин кӯдак дорои тамоми ҳуқуққҳои писарӣ мебошад. Дар боло аз ҳолати пайдоиши ихтилоф дар хусуси аз шавҳар будани кӯдаки навзод сухан рафт. Агар дар байни зану шавҳар дар бораи кӯдак таваллуд кардани зан ҷанҷол сар занад, яъне зан даъво кунад, ки дар аснои заношӯӣ аз шавҳараш кӯдак таваллуд кардааст, аммо шавҳар кӯдак таваллуд кардани занашро инкор кунад, зан даъвои худро бо гувоҳии як зани мусулмон исбот мекунад. Дар ин гуна ҳолат гувоҳии як зан кифоя мекунад. Бо гувоҳии як зане, ки шартҳои гувоҳӣ дар ӯ ёфт мешавад, метавон таваллуд шудани кӯдакро исбот кард.

## *ЛИОН (11)*

Калима (лион) аз калимаи (лаъана) иштиқоқ карда шудааст. Зеро ҳар яки зану шавҳар ҳангоми панҷум маротиба гувоҳӣ додан мегўяд, ки агар дурўғгў бошад, ба ў лаънат бод. Ояти зерини Аллоҳ Таоло ба ин асос мебошад. Аллоҳ Таоло мегўяд:

وَالَّذِينَ يَرْمُونَ أَزْوَاجَهُمْ وَلَمْ يَكُن لَّهُمْ شُهَدَاء إِلَّا أَنفُسُهُمْ فَشَهَادَةُ أَحَدِهِمْ أَرْبَعُ شَهَادَاتٍ بِاللَّهِ إِنَّهُ لَمِنَ الصَّادِقِينَ وَالْخَامِسَةُ أَنَّ لَعْنَتَ اللَّهِ عَلَيْهِ إِن كَانَ مِنَ الْكَاذِبِينَ وَيَدْرَأُ عَنْهَا الْعَذَابَ أَنْ تَشْهَدَ أَرْبَعَ شَهَادَاتٍ بِاللَّهِ إِنَّهُ لَمِنَ الْكَاذِبِينَ وَالْخَامِسَةَ أَنَّ غَضَبَ اللَّهِ عَلَيْهَا إِن كَانَ مِنَ الصَّادِقِينَ

**"Ва касоне, ки занони худро ба зино муттаҳам мекунанд ва шоҳиде ҷуз худ надоранд, ҳар як аз онҳоро чаҳор бор шаҳодат аст ба номи Аллоҳ, ки аз ростгўён аст. Ва бори панҷум бигўяд, ки лаънати Аллоҳ бар ў бод, агар аз дурўғгўён бошад. Ва агар он зан чаҳор бор ба Аллоҳ савганд хўрад, ки он мард дурўғ мегўяд, ҳад аз ў бардошта**

**мешавад. Ва бори панҷум бигӯяд, ки хашми Аллоҳ бар ӯ бод, агар мард аз ростгӯён бошад**" [24:6-9].

Абӯдовуд аз Ибни Аббос (р) ривоят мекунад:

"***Ҳилол ибни Умайя яке аз се саҳобае буд, ки Аллоҳ тавбаашонро қабул кардааст. Ӯ, вақте ки бегоҳӣ аз киштзор бармегашт, пай бурд, ки дар ҳузури занаш марде ҳаст. Кори ҳар дуро бо чашмонаш дид ва бо гӯшаш шунид. То субҳидам ин мардро безобита накард. Сипас ба ҳузури Расулуллоҳ (с) рафт ва гуфт: "Ё Расулаллоҳ, вақте ки ба назди аҳли худ омадам, дар ҳузури ӯ мардеро ёфтам. Бо чашми худ дидам ва бо гӯши худ шунидам". Расулуллоҳ (с) ин хабари ӯро кареҳ диданд. Ҳилол ба аҳволи ногувор афтод. Он гоҳ оят нозил шуд. Аллоҳ Таоло гуфт: "Ва касоне, ки занони худро ба зино муттаҳам мекунанд ва шоҳиде ҷуз худ надоранд, ҳар як аз онҳоро чаҳор бор шаҳодат аст ба номи Аллоҳ, ки аз ростгӯён аст" [24:6]. Сипас Расулуллоҳ (с) сабук нафас кашиданд ва гуфтанд: "Эй Ҳилол, шод бош! Аллоҳ ба ту шодӣ ва сабукӣ арзонӣ дошт". Ҳилол гуфт: "Аз Парвардигор Таборака ва Таоло дар ҳақиқат ҳамин чизро умед карда будам". Расулуллоҳ (с) гуфтанд: "Ӯро (зани Ҳилолро) ба наздам биёред". Зани Ҳилолро оварданд. Расулуллоҳ (с) ба ӯ оятҳоро тиловат намуданд. Ҳар дуро огоҳ карданд ва хабар доданд, ки азоби охират аз азоби дунё сахттар ва вазнинтар мебошад. Ҳилол гуфт: "Қасам ба Аллоҳ, ки ман рост гуфтам". Занаш гуфт: "Ӯ дурӯғ гуфт". Расулуллоҳ (с) гуфтанд: "Бигзор, ҳар ду бо ҳам лаънатхонӣ кунанд". Ба Ҳилол гуфта шуд: "Гувоҳӣ деҳ". Ӯ дар бораи ростгӯии худ ба номи Аллоҳ чаҳор маротиба гувоҳӣ дод. Вақте ки навбати панҷум гувоҳӣ омад, ба Ҳилол гуфта шуд: "Эй Ҳилол, аз Аллоҳ битарс. Азоби дунё***

***аз азоби охират сабук аст. Ин кор ба ту азобро воҷиб мегардонад". Ҳилол гуфт: "Аллоҳ, чунон ки бо сабаби ин кор маро аз дарра хӯрдан нигоҳ доштааст, барои ин кор маро азоб намедиҳад". Сипас панҷум маротиба гувоҳӣ дод, ки агар аз дурӯғгӯён бошад, ба ӯ лаънати Аллоҳ бод. Сипас ба зани Ҳилол гуфтанд: "Гувоҳӣ деҳ". Ӯ чаҳор маротиба гувоҳӣ дод, ки шавҳараш аз дурӯғгӯён мебошад. Вақте ки навбати панҷум гувоҳӣ омад, ба ӯ гуфтанд: "Аз Аллоҳ битарс. Азоби дунё аз азоби охират сабук аст. Ин кор ба ту азобро воҷиб мегардонад". Ӯ каме хомӯш истод. Сипас гуфт: "Қасам ба Аллоҳ, ки қавмамро шарманда намекунам" ва панҷум маротиба гувоҳӣ дод, ки агар шавҳараш аз ростгӯён бошад, ба ӯ ғазаби Аллоҳ бод. Баъд аз ин Расулуллоҳ (с) онҳоро аз ҳам ҷудо карданд ва ҳукм намуданд, ки шавҳар ба ин зан хона ва таом намедиҳад***".

Агар мард бо суханони "***зино кардӣ***" ё "***эй зинокор***" ё "***дидам, ки зино мекунӣ***" занашро бадном карда, ба ин даъвои худ далелу ҳуҷҷат оварда натавонад ва ба худ лаънат низ нахонад, ба ӯ татбиқ кардани ҳад лозим мегардад. Агар ӯ ба худ лаънат хонад, вале занаш лаънат нахонад, ба занаш ҳад татбиқ карда мешавад. Зеро Аллоҳ Таоло мегӯяд:

عَنْهَا الْعَذَابَ أَنْ تَشْهَدَ أَرْبَعَ شَهَادَاتٍ بِاللَّهِ إِنَّهُ لَمِنَ الْكَاذِبِينَ

"***Ва агар он зан чаҳор бор савганд хӯрад, ки он мард дурӯғ мегӯяд, ҳад аз ӯ бардошта мешавад***" [24:8].

Азобе, ки аз ин зан дафъ карда мешавад, ҳадди зино барои марди зандор ва зани шавҳардор аст. Зеро вақте ки Ҳилол ибни Умайя занашро бадном карда, дар ҳузури Пайғамбар (с) аз кори занаш хабар дод, занашро оварданд. Ҳар ду бо якдигар лаънат хонданд. Ин яке аз ҳолатҳои хос аст, ки зино бо он исбот карда мешавад. Ин ҳолатест, ки шавҳар занашро

бо зинокорӣ бадном мекунад. Агар шавҳар лаънат хонад, вале занаш лаънат нахонад, даъво исботи худро меёбад. Агар зан низ лаънат хонад, даъво исботи худро намеёбад. Агар зан аз лион сар печад, исбот мегардад, ки ӯ зино кардааст ва бо сабаби лаънат хондани шавҳараш ба ин зан татбиқ кардани ҳад воҷиб мегардад.

Агар ҳар ду лаънат хонанд ва ҳоким онҳоро аз ҳам ҷудо кунад, акнун онҳо ҳеҷ гоҳ якҷоя шуда наметавонанд. Ин зан ба марди мазкур абадан ҳаром мегардад. Зеро Пайғамбар (с) лаънаткунандагонро аз ҳам ҷудо кардаанд. Молик аз Нофеъ ва Нофеъ аз Ибни Умар ривоят мекунад:

"Дар замони Расулуллоҳ (с) марде аз болои занаш даъво кард ва лаънат хонда, кӯдаки навзоди занашро инкор кард. Пайғамбар (с) онҳоро аз ҳам ҷудо карданд ва кӯдакро ба зан доданд". Саҳл ибни Саъд ривоят мекунад:

"***Аз ҳам ҷудо кардани зану шавҳари лаънатхонанда ва ҳеҷ гоҳ якҷоя нашудани ҳар ду қонун аст***".

Ин ҳадисро Абӯдовуд ривоят кардааст. Ҷудошавӣ бо сабаби лион ҷудошавиест, ки абадан ҳаром гардонида шудани никоҳро тақозо мекунад. Гарчи шавҳар худро ба дурӯғгӯ барорад ҳам, ин зан акнун ба ӯ ҳалол намегардад. Вале шавҳар аз даъвои худ баргашта, худро дурӯғгӯ барорад, ба ӯ ҳад татбиқ карда мешавад ва хоҳ пеш аз лион худро дурӯғгӯ барорад ва хоҳ баъдтар кӯдак аз насаби ӯ ба ҳисоб меравад.

Лионе, ки ҳангоми сарпечии зан аз лион ба ин зан татбиқ кардани ҳадро воҷиб мегардонад ва шавҳарро аз татбиқи ҳад нигоҳ медорад, ба тарзи зайл аст. Шавҳар дар ҳузури ҳоким мегӯяд: "Ба номи Аллоҳ гувоҳӣ медиҳам, ки ин зан зино кард" ва ба занаш ишора мекунад. Агар занаш дар ин ҷо ҳузур надошта бошад, шавҳар бо гуфтани ному насаби ин зан чаҳор

маротиба гувоҳӣ медиҳад. Пеш аз гувоҳии панҷум таваққуф намуда, ба ӯ гуфта мешавад: "***Аз Аллоҳ битарс. Ин кор азобро ба ту воҷиб мегардонад. Азоби дунё аз азоби охират сабук аст***". Агар ӯ панҷум маротиба гувоҳӣ додан хоҳад, мегӯяд: "***Агар дар бадном кардани занам бо зино аз дурӯғгӯён бошам, ба ман лаънати Аллоҳ бод***". Занаш чаҳор маротиба гувоҳӣ медиҳад: "***Ба номи Аллоҳ гувоҳӣ медиҳам, ки ӯ дурӯғ мегӯяд***". Пеш аз гувоҳии панҷум таваққуф намуда, монанди мард тарсонида мешавад. Агар ӯ панҷум маротиба гувоҳӣ додан хоҳад, мегӯяд: "***Агар дар бадном кардани ман бо зино шавҳарам аз ростгӯён бошад, ба ман ғазаби Аллоҳ бод***". Агар кӯдак дошта бошанд, дар лион кӯдак зикр карда мешавад. Шавҳар мегӯяд: "***Ба номи Аллоҳ гувоҳӣ медиҳам, ки ӯ зино кард ва ин кӯдак кӯдаки ман нест***". Зан мегӯяд: "***Ба номи Аллоҳ гувоҳӣ медиҳам, ки ӯ дурӯғ гуфт ва ин кӯдак кӯдаки ӯст***".

Кайфияти лион ва лафзи ҷумлаҳои он ҳамин аст. Аз ин рӯ, агар зан кӯдак таваллуд кунад ва шавҳараш гӯяд, ки "***ин кӯдак аз ман нест***" ё "***ин кӯдаки ман нест***", ба шавҳар ҳад татбиқ карда намешавад, зеро ин бадном кардан нест. Агар шавҳар ҳангоми пурсида шудан гӯяд, ки "***ӯ зино кард ва ин кӯдакро аз зино таваллуд кард***", ин бадном кардан ба ҳисоб меравад ва бо лион исбот карда мешавад. Агар шавҳар гӯяд, ки "***гуфтан мехостам, ки кӯдак ба ман монанд нест***" ё "***бо шубҳа ҷимоъ карда будам, кӯдак аз они касест, ки ҷимоъ кардааст***" ё сухани монанди инро гӯяд, ба шавҳар ҳад татбиқ карда намешавад. Кӯдак аз насаби ӯ ба ҳисоб меравад, зеро ӯ занашро бадном накардааст. Дар ин гуна мавридҳо лион татбиқ карда намешавад, зеро шарти лион бадном кардан мебошад.

# ВАЛИГИИ ПАДАР

Падар, азбаски роҳбар, сардор ва нозири оила мебошад, бояд валии оила бошад. Бинобар ин, ӯ валии фарзандон аст. Ӯ ба писару духтарони хурду калони худ, ки мукаллаф нестанд, аз ҷиҳати ҷону мол валӣ мебошад, гарчи фарзандони хурд дар зери парастории модар ё хешовандони модар бошанд ҳам.

Шахс ё хурдсол, ё калонсол мешавад. Шахси калонсол ё оқил, ё ғайриоқил мешавад. Агар шахси калонсол оқил бошад, ҳеҷ кас аз ҷиҳати ҷону мол ба ӯ валӣ шуда наметавонад, балки ӯ дар корҳо худаш валӣ аст. Лекин ҳуқуқи валигӣ дар падар боқӣ мемонад. Агар шахс хурдсол бошад ё калонсоли ғайриоқил бошад, ки маҷнун ё маъюб аст, ба худ валӣ шуда наметавонад, зеро ӯ аз ин оҷиз аст. Бинобар ин, падараш ба ӯ

валӣ мешавад. Модом ки ин шахс хурдсол ё беақл бошад, валигии мазкур идома меёбад. Агар кӯдаки хурдсол ба балоғат расад ё кӯдаки калонсол аз ҷунун ё маъюбӣ шифо ёбад, ба ӯ валигӣ кардан ба охир мерасад. Ӯ акнун ба кор худаш валӣ мешавад. Боқӣ мондани валигии падар бар ҳар ду мандуб ва мустаҳаб аст, зеро ҳаққи падар ба валигӣ доимист.

## *КАФОЛАТИ ТИФЛ*

Кафолати тифл фарз аст, зеро ӯ, агар тарк карда шавад, ҳалок мегардад. Ин аз қабили "ҳифзи ҷон" аст, ки Аллоҳ онро воҷиб гардонидааст. Аз ин рӯ, ҳифзи тифл аз ҳалокат ва ҳолатҳои ҳалокатовар воҷиб аст. Илова бар он ки кафолати тифл фарз аст, ин кор ба ҳаққи хешовандӣ низ тааллуқ дорад, зеро тифл ба кафолат ҳақ дорад. Ҳам воҷиб ва ҳам ҳақ ба ин кафолат тааллуқ дорад. Кафолат ҳаққи ҳар як тифл ва ҳаққи ҳар касест, ки Аллоҳ кафолати тифлро ба ӯ воҷиб гардонидааст. Кафолат ба парастор, вақте ки ӯ барои нигоҳубини тифл таъин карда мешавад, фарз мегардад. Аммо ҳуқуқи касе, ки Аллоҳ ба ӯ кафолатро воҷиб гардонидааст, дар гирифтани ин кафолат на умумӣ, балки хосси касест, ки ба ин кор шоиста аст. Аз ин рӯ, касе, ки тифл дар назди ӯ зоеъ гашта, ҳатман ба ҳалокат рӯбарӯ мешавад, ба кафолат ҳақ надорад. Илова бар ин, тифл ва маъюб ба парасторӣ ҳақ надоранд, зеро ҳар яки онҳо ба парасторӣ қодир нест ва

худаш ба кафолати каси дигар мӯҳтоҷ аст. Пас чӣ тавр ба каси дигар кафил шуда тавонад? Ҳамин тавр, кафолати касе, ки тифл дар назди ӯ зоеъ мегардад, пазируфта намешавад, хоҳ бо сабаби беэътиборӣ ба тифл бошад, хоҳ бо сабаби саргармӣ бо кори монеи парасторӣ ва хоҳ бо сабаби мавсуфият бо сифате, монанди фисқ. Масалан, касе, ки тифлро бо тарбияи фосид ба воя мерасонад, зеро фасод аз ҳалокат эътибор карда мешавад. Илова бар ин, кафолати кофир пазируфта намешавад, ки парастории модари кофир ба тифли худ аз ин мустасност.

Дар ҳолати кафолати тифл назар карда мешавад. Агар тифл калонсол бошад, ки дар ин синну сол ашёро дарк карда тавонад, муомилаи модарро аз муомилаи падар фарқ карда тавонад, аз синни шикмакӣ гузашта бошад, дар ин гуна ҳолат ба тифл ихтиёр дода мешавад ва кадомеро аз падару модар интихоб кунад, ба ҳамин кас дода мешавад. Аҳмад ва Абӯдовуд аз Абдулҳамид ибни Ҷаъфар ва Абдулҳамид аз падараш ва падараш аз бобояш Рофеъ ибни Синон ривоят кардаанд:

"Вақте ки Рофеъ мусулмон шуд, занаш Исломро напазируфт. Занаш ба ҳузури Пайғамбар (с) омад ва: "Ин духтари ман ва ӯ дар синни ширмакӣ аст" ё монанди инро гуфт. Рофеъ низ гуфт: "Ин духтари ман аст". Пайғамбар (с) ба Рофеъ гуфтанд: "Ту ба ин ҷониб биншин", ба занаш гуфтанд: "Ту ба ин ҷониб биншин" ва сипас гуфтанд: "Ӯро ба назди худ хонед". Духтарак ба сӯи модар рӯ овард. Пайғамбар (с) гуфтанд: "Парвардигоро, ӯро ҳидоят кун". Он гоҳ духтарак ба сӯи падар рӯ овард ва Рофеъ ӯро ба даст гирифт". Аҳмад ва Насоӣ низ ин ҳадисро бо лафзҳои дигар, вале бо ҳамин маъно, ки дар ин ривоят омадааст, ривоят кардаанд.

Агар тифл хурдсол бошад, ки дар ин синну сол ашёро дарк карда натавонад, муомилаи модарро аз муомилаи падарро фарқ карда натавонад, хоҳ дар синни ширмакӣ бошад ва дар атрофи ширмакӣ, яъне аз ин син хурдтар ё калонтар, лекин ба он наздик бошад, ба тифл ихтиёр дода намешавад, балки ба модараш дода мешавад. Ин аз рӯи мафҳуми ҳадиси Рофеъ ибни Синон мебошад, ки дар боло зикр гардид. Зеро ба парастории тифл модар аз ҳама бештар ҳақ дорад. Дар хусуси манъ кардани модар аз парастории тифл нусусе наомадааст. Ин ҷо наметавон гуфт, ки кафолат валигӣ мебошад ва кофир бар мусулмон валӣ шуда наметавонад. Зеро воқеи кафолат ин аст, ки кафолат парасториву хидмат аст ва ҳаргиз валигӣ нест. Пас аҳкоми валигӣ ба он мутобиқ нест.

Модар, вақте ки талоқ карда мешавад, ба кафолати тифл ва маъюбу маҷрӯҳ аз ҳама бештар ҳақ дорад. Аҳмад ва Абӯдовуд аз Абдуллоҳ ибни Амр ибни Ос ривоят мекунанд:

"***Зане ба Расулуллоҳ (с) гуфт: "Ё Расулуллоҳ, ин писарам аст. Ӯро дар батнам бардоштаам, аз синаам маконидаам, дар оғӯши худ нигоҳ доштаам. Падараш мехоҳад, ки маро талоқ диҳад ва ӯро аз ман гирад". Расулуллоҳ (с) гуфтанд: "Модом ки издивоҷ накунӣ, ту ба ӯ бештар ҳақ дорӣ***"".

Ибни Абӯшайба аз Умар ривоят мекунад:

"***Умар Уммуосимро талоқ кард ва ба назди ӯ омад. Осим дар зери парастории модараш буд. Умар хост Осимро аз модараш гирад. Ҳар ду кӯдакро кашмакаш карданд, ҳатто кӯдак ба гиря даромад. Сипас ҳар ду ба назди Абӯбакри Сиддиқ рафтанд. Абӯбакр гуфт: "То вақте ки кӯдак ба воя расида, ба ихтиёр кардан қодир мегардад, парасторӣ, оғӯш ва бӯйи модар барои кӯдак аз ту беҳтар аст***"".

Агар модар бо сабаби норасоии шартҳои мазкур ё баъзеи ин шартҳо, монанди шавҳардор ё маъюбу маҷрӯҳ будан ва ё дигар, аз аҳли парасторӣ набошад, пас кӯдак бемодар ба ҳисоб меравад. Ҳуқуқи парасторӣ ба касе мегузарад, ки дар ҳақдорӣ баъд аз модар меистад. Агар падару модар аз аҳли парасторӣ набошанд, парасторӣ ба касоне мегузарад, ки баъд аз падару модар ҳақ доранд. Дар ин ҳолат кӯдак бепадару бемодар ба ҳисоб меравад. Модар ба парасторӣ аз ҳама бештар ҳақ дорад, сипас модари модар, агар модар якчанд модар дошта бошад, наздиктарини онҳо, зеро онҳо занонест, ки яқинан кӯдак таваллуд кардаанд. Пас онҳо ба ҷои модаранд. Сипас падар, сипас модарони падар, сипас падаркалон, сипас падаркалони падар ва модарони ӯ, гарчи меросхӯр набошанд ҳам. Зеро онҳо бо сабаби хешовандӣ ба ҷумлаи касоне дохил мешаванд, ки ба парасторӣ шоистаанд. Агар падарон ва модарон ба охир расад, ба хоҳарон мегузарад. Хоҳари аз як падару модар муқаддам гузошта мешавад. Сипас хоҳари аз як падар, сипас хоҳари аз як модар меистад. Хоҳар, барои он ки аз парасторон ба ҳисоб меравад, аз бародар муқаддам гузошта мешавад. Инчунин хоҳар аз марде, ки ба дараҷаи ӯст, муқаддам гузошта мешавад. Агар хоҳар набошад, бародари аз як падару модар шоистатар аст, сипас бародари аз як падар, сипас писарони онҳо. Вале бародари аз як модар ба парасторӣ ҳақ надорад. Агар шахсони мазкур набошанд, парасторӣ ба холаҳо мегузарад. Агар холаҳо набошанд, ба аммаҳо мегузарад. Сипас амакии аз як падару модар кӯдакро парасторӣ мекунад, сипас амакии аз як падар. Вале амакии аз як модар ба парасторӣ ҳақ надорад. Агар ин шахсон набошанд, кӯдак ба зери парастории холаҳои аз тарафи модар мегузарад, сипас ба парастории холаҳои аз тарафи падар, сипас ба аммаҳои аз тарафи падар. Аммаҳои модар кӯдакро ба зери парастории худ намегиранд, зеро аммаҳои

модар аз ҷиҳати хешовандӣ ба падари модар пайвастаанд. Падари модар ба парастории кӯдак ҳақ надорад.

Агар шахсе набошад, ки ба кафолат ҳақ дорад ё ҳама шахсон ба кафолат ношоиста бошанд, парастории кӯдак ба дигарон мегузарад. Агар шахсе, ки ба парастории кӯдак ҳақ дорад, кӯдакро парасторӣ накунад, парастории кӯдак ба шахси дигар мегузарад, вале шарт аст, ки бо дасти ӯ парастории кӯдак аниқ ба амал ояд. Зеро парастории кӯдак натанҳо ҳуқуқи парастор, балки вазифаи парастор низ мебошад. Шахсе, ки ба парасторӣ шоиста аст, танҳо ҳамон вақт ҳаққашро адо кардааст, ки вазифаи худро иҷро кунад. Танҳо он гоҳ аз парасторе, ки парасториро тарк кардааст, дар тартиби боло парасторӣ ба шахси баъд аз ӯ мегузарад. Ҳамин тавр, агар модар издивоҷ кунад, ҳуқуқи парасторӣ аз ӯ соқит мегардад. Сипас талоқ карда шавад ва ба кафилии кӯдак баргардад, ҳуқуқи ӯ барқарор мегардад. Инчунин агар хешовандоне, ки ба парасторӣ ҳақ доранд, бо сабаби ягон монеа кӯдакро парасторӣ накунанд, сипас монеъ аз байн равад, ҳуқуқи онҳо дар парастории кӯдак бармегардад.

Агар ҷамоате дар хусуси ҳақдортарин шахс ба парастории кӯдак созиш карда натавонанд, шахсе, ки ба парасторӣ бештар ҳақ дорад, афзал донista мешавад. Бухорӣ аз Барро ибни Озиб ривоят кардааст:

"***Алӣ, Ҷаъфар ва Зайд дар хусуси духтари Ҳамза хусумат карданд. Алӣ гуфт: "Ба ӯ ман бештар ҳақ дорам, зеро ӯ духтари амакам аст". Ҷаъфар гуфт: "Ӯ духтари амакам ва холааш ҳамсари ман аст". Зайд гуфт: "Ӯ фарзанди бародарам аст". Расулуллоҳ (с) духтаракро ба холааш ҳукм карданд ва гуфтанд: "Хола ба ҷойи модар аст***"".

Дар боло масъалаҳо оид ба кӯдаки хурдсол, ки барои эмин мондан аз ҳалокат ба кафолат мӯҳтоҷ аст, мавриди баррасӣ

қарор гирифт. Агар кӯдак дорои имконияти беҳоҷат шудан аз кафолат бошад, бо сабаби беҳоҷат будан иллати ба кафолат гирифтани ӯ аз байн меравад. Бо сабаби аз байн рафтани иллат ҳукм, яъне воҷибияти ба кафолат гирифтани ӯ ва ҳуқуқи кафилии хешованд низ аз байн меравад. Дар ин гуна ҳолат нигоҳ карда мешавад. Агар шахсе (масалан, модаре), ки ба кафолатгирӣ ҳақ дорад, кофир бошад, кӯдак аз ӯ гирифта шуда, ба шахсе дода мешавад, ки дорои ҳуқуқи валигии кӯдак мебошад. Зеро ин ҷо воқеи кӯдак на кафолат, балки валигии ӯ мебошад. Аллоҳ Таоло мегӯяд:

وَلَن يَجْعَلَ اللّهُ لِلْكَافِرِينَ عَلَى الْمُؤْمِنِينَ سَبِيلاً

"***Ва Ӯ ҳаргиз барои кофирон ба зиёни мусулмонон роҳе накушудааст***" [4:141].

Аз рӯи ин оят, кофир валигӣ карда наметавонад. Дар ҳадиси Расулуллоҳ (с) низ ҳамин чиз таъкид гардидааст:

"***Ислом олӣ мегардад, ҳеҷ чиз аз он олӣ шуда наметавонад***".

Ин ҳадисро Доруқутнӣ овардааст. Ин ҳукм умумӣ мебошад ва ҳукме наомадааст, ки онро хос гардонад. Азбаски кӯдак аз парастор беҳоҷат аст, ҳадиси хоскунанда оид ба парасторӣ ба ӯ мувофиқ намеояд. Агар шахсоне (масалан, падару модар), ки ба кафолат ва валигӣ ҳақ доранд, мусулмон бошанд, ба писарак ё духтараки хурдсол ба интихоби каси дилхоҳ аз падару модар ихтиёр дода мешавад. Кӯдак ба шахсе дода мешавад, ки кӯдак ӯро интихоб мекунад. Ҳадиси зерин, ки Аҳмад, Ибни Моҷа ва Тирмизӣ аз Абӯҳурайра ривоят кардаанд, ба ин далел мебошад:

"***Расулуллоҳ (с) ба кӯдак ихтиёр доданд, ки ба кӯдак каси дилхоҳро аз падару модар интихоб кунад***".

Абӯдовуд ривоят мекунад:

"***Зане омад ва гуфт: "Ё Расулаллоҳ, шавҳарам мехоҳад писарамро бигирад. Писарам барои ман аз чоҳи Абӯиноба об мекашонад". Расулуллоҳ (с) гуфтанд: "Ҳар ду ба кӯдак қуръа партоед". Шавҳари ин зан гуфт: "Ба кӯдак ҷуз ман кӣ бештар ҳақ дорад?" Пайғамбар ( гуфтанд: "Ин падарат ва ин модарат. Аз дасти каси дилхоҳ аз байни онҳо бигир". Кӯдак аз дасти модараш гирифт ва ҳамроҳи ӯ рафт***". Байҳақӣ ривоят кардааст, ки Умар ба тифл дар интихоби каси дилхоҳ аз падару модар ихтиёр додааст. Инчунин аз рӯи гуфтаи ӯ, Алӣ ба Аммора Ҷаромии ҳафтсола ё ҳаштсола ихтиёр додааст, ки каси дилхоҳро аз модар ва аммааш интихоб кунад. Аз рӯи далели равшани ҳадисҳои мазкур, агар падару модар дар хусуси фарзандонашон кашмакаш кунанд, ба тифл ихтиёр додан воҷиб аст. Тифл кадомеро аз онҳо интихоб кунад, ҳамроҳи ҳамон кас хоҳад шуд. "Қуръа партофтан" дар ривояти Абӯдовуд омадааст, аммо дар ривояти Насоӣ ва дар ривоятҳои дигар наомадааст. Бинобар ин, ривояти мазкур ба ҳолате, ки дар тифл имконияти интихоби яке аз падару модар мавҷуд намешавад, талқин карда мешавад. Ихтиёр ва интихоб ба синни муайян маҳдуд карда намешавад. Инро ҳоким бинобар хулосаи мутахассисон муқаррар мекунад. Агар мутахассисон гӯянд, ки "тифл ба кафолат, яъне парасторӣ мӯҳтоҷ нест" ва ҳоким ба ин қаноат ҳосил кунад, ба тифл ихтиёр дода мешавад. Дар акси ҳол тифлро дар ҳузури шахсе, ки ба парасторӣ ҳақ дорад, мегузоранд. Аз рӯи гуногунии ҳолати фарзандон муносибат низ гуногун мешавад. Тифле гоҳо дар синни панҷсолагӣ аз кафолат беҳоҷат мешавад, аммо тифли дигар дар синни нӯҳсолагӣ низ аз кафолат беҳоҷат шуда наметавонад. Бинобар ин, воқеи тифл аз ҷиҳати мӯҳтоҷ будан ё набудан ба эътибор гирифта мешавад.

# *СИЛАИ РАҲИМ (12)*

Аллоҳ Субҳонаҳу ва Таоло, вақте ки аз асабияти ҷоҳилона (тарафкашии ҷоҳилона) боздошт, аз табдил ёфтани асабияти қабилавӣ (тарафкашии қабилавӣ) ба робитаи байни фарзандони Уммати Ислом ва аз ҳукмрон гаштани ин робита дар алоқаҳои мусулмонон низ боздошт, вале ба пайванди наздикон ва хешовандон фармуд. Ҳоким ва Ибни Ҳиббон аз тариқи Ториқи Муҳорибӣ овардаанд, ки Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

"Дасти атокунанда олист ва аз касе оғоз кун, ки дар зери парастории туст: модар, падар, хоҳар, бародар ва сипас наздикони дигар". Дар ҳадиси муттафақун алайҳ Асмо бинти Абӯбакр (р) гуфтааст:

"Дар замони аҳди Қурайш, ки онҳо бо Пайғамбар (с) аҳд баста буданд, модарам, ки мушрика буд, ба ҳузурам омад. Аз Пайғамбар (с) фатво пурсидам: "Модарам омадааст ва

хоҳишманд аст". Пайғамбар (с) гуфтанд: "Бале, бо модарат мулоқот кун"".

Ислом наздиконро ба ду тақсим мекунад: қисмати якум наздиконе, ки ҳангоми вафот кардани шахс мерос гирифта метавонанд ва қисмати дуюм улуларҳом (хешовандони дигар). Касоне, ки дар мерос ҳақ доранд, соҳибони ***фуруз (13)*** ва ***асабаҳо (14)*** мебошанд. Аммо улуларҳом хешовандони ғайри ин ду мебошанд, ки дар мерос саҳм надоранд ва асаба ба ҳисоб намераванд. Ин гуна хешовандон даҳ синф аст: тағо, хола, падаркалони модар, фарзанди духтар, фарзанди хоҳар, духтари бародар, духтари амакӣ, амма, амакии модар, писари тағо ва давомдиҳандаи ҳар яки онҳо. Аллоҳ ба ин касон аз мероси шахс мутлақо саҳм ҷудо накардааст, вале ба пайванд ва некӣ бо тамоми наздикон фармудааст. Ҷобир (р) ривоят кардааст, ки Пайғамбар (с) гуфтаанд:

"***Агар нафаре аз шумо фақир бошад, аз худ оғоз кунад. Агар зиёдатӣ кунад, ба оилааш диҳад. Агар зиёдатӣ кунад, ба наздиконаш диҳад***".

Ин ҳадисро Ибни Ҳиббон ва Ибни Хузайма ривоят кардаанд. Абӯайюби Ансорӣ ривоят кардааст:

"***Марде омад ва пурсид: "Ё Расулаллоҳ, дар бораи амале хабар диҳед, ки маро ба ҷаннат дарорад!" Қавм низ гуфтанд: "Он чӣ гуна амал аст? Он чӣ гуна амал аст?" Пайғамбар (с) гуфтанд: "Аллоҳро мепарастӣ, чизеро ба Ӯ шарик намесозӣ, намозро барпо мекунӣ, закотро мепардозӣ ва бо хешовандон мепайвандӣ***"".

Ин ҳадисро Бухорӣ овардааст. Ислом ба пайванди хешовандӣ фармудааст. Дар ин ва дигар ҳадисҳо, ки дар хусуси пайванди хешовандӣ омадаанд, баён карда нашудааст, ки аз онҳо танҳо улуларҳом ё ҳар кас, ки ба хешовандони шахс дохил мешавад,

қасд карда шудааст. Аз ҳадисҳо умумият намоён мегардад. Пас онҳо ҳас касро аз хешовандон, хоҳ хешованди маҳрам бошад, хоҳ хешованди номаҳрам, хоҳ асаба бошад, хоҳ хешованди модарӣ, дар бар мегиранд. Зеро ба ҳамаи онҳо калимаи хешовандон рост меояд. Дар хусуси пайванди хешовандӣ якчанд ҳадис ворид шудааст. Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

"***Қатъкунандаи хешовандӣ ба ҷаннат дохил намешавад***".

Ин ҳадисро Муслим аз тариқи Ҷубайр ибни Мутъим овардааст. Дар ҳадиси муттафақун алайҳ, ки Анас ибни Молик ривоят кардааст, Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

"***Ҳар кас фарохии риқзаш ва таъхири мӯҳлаташро хоҳад, бо хешовандон бипайвандад". "Таъхири мӯҳлаташ***" ба маънои таъхири аҷалаш мебошад. Абӯҳурайра ривоят кардааст, ки Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

"***Аллоҳ халқро офарид. Вақте ки аз офариниши он фориғ шуд, хешовандӣ гуфт: "Мақоми касе, ки аз қатъи хешовандӣ паноҳ мепурсад, чӣ гуна аст?" Аллоҳ гуфт: "Агар бо касе, ки бо ту мепайвандад, бипайвандам ва аз касе, ки аз ту канда мешавад, канда шавам, оё розӣ мешавӣ?" Хешовандӣ гуфт: "Бале". Аллоҳ гуфт: "Ин барои туст!" Сипас Расулуллоҳ (с) гуфтанд: "Агар бихоҳед, ин оятро бихонед:***

فَهَلْ عَسَيْتُمْ إِن تَوَلَّيْتُمْ أَن تُفْسِدُوا فِي الْأَرْضِ وَتُقَطِّعُوا أَرْحَامَكُمْ

***"Оё агар ба ҳукумат расидед, мехоҳед дар замин фасод кунед ва пайванди хешовандиятонро бибуред" [47:22]***".

Ин ҳадис муттафақун алайҳ ва лафз аз они Бухорӣ мебошад. Расулуллоҳ (с) гуфтаанд:

"***Восил инъомдиҳанда нест, балки восил касест, ки хешовандиро ҳангоми қатъ гаштани он мепайвандад***".

Ин ҳадисро Бухорӣ аз тариқи Абдуллоҳ ибни Амр овардааст. Ин ҳама ба ташвиқи пайванди хешовандӣ далолат мекунад. Силаи раҳим андозаи пайванд ва дӯстиро, ки Аллоҳ дар байни ҷамоати исломӣ, дар пайванди наздикон бо ҳамдигар ва дар ҳамкории байниҳамии ин наздикон машрӯъ гардонидааст, инчунин андозаи инояти шариатро дар танзими ҷамъшавии зану мард, танзими алоқаҳое, ки аз ин ҷамъшавӣ ба миён меоянд ва танзими корҳое, ки аз ин алоқаҳо сар мезананд, нишон медиҳад. Пас шариати исломӣ бо аҳкоме, ки аз ҷиҳати иҷтимоӣ дар ҷомеа машрӯъ гардонидааст, беҳтарин низоми иҷтимоӣ барои инсон мебошад.

--------------------------------------------------------------------------------------------------------------------------

**1 худороии зан дар назди мардони номаҳрам ва берун аз хона**
**2 гиряи баланд ба мурда**
**3 маконидан**
**4 машварат**
**5 издивоҷ**
**6 худороии зан берун аз хона ва дар назди мардони номаҳрам**
**7 хонадоршавӣ, никоҳ**
**8 аз дунё даст кашидан, тарки дунё намудан**
**9 ғуломе, ки озод карда шудааст**
**10 таваллудшавӣ**
**11 лаънатхонӣ**
**12 пайванди хешовандӣ**
**13 шахсоне, ки дар мерос ба саҳми муайян ҳақ доранд**
**14 хешовандони мардина аз ҷониби падар ва фарзандони писарӣ**